ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

ISSN 2308-3662

# ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ

(Маҷаллаи илмию методӣ)

# НАУКА И ИННОВАЦИЯ

(Научно-методический журнал )

№1-2 2015 (12)

**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФИ**
**АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТ РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ**
**АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА**

МАҶАЛЛАИ ИЛМИЮ МЕТОДӢ СОЛИ 2012 ТАЪСИС ЁФТААСТ
НАУЧНО - МЕТОДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 2012 ГОДУ

**Шӯрои таҳририя:**
**Редакционная коллегия:**

***Исрофилниё Ш.Р.*** *– сармуҳаррир, доктори илмҳои филологӣ, профессор*
***Туронов С.Ш.*** *– муовини сармуҳаррир, номзади илмҳои педагогӣ*

***Ҳайати таҳририя:***
***Члены редколлегии:***

***Саидов Н.С.*** *– доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Раҳимӣ Ф.-*** *академики АИ ҶТ, профессор*
***Мирбобоев Р.-*** *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
***Каримова И.Х.*** *– академики АТТ, профессор*
***Лутфуллоев М.*** *– академики АТТ, профессор*
***Қодиров Қ.Б.*** *– академики АТТ*
***Маҳмадҷонов О.*** *–доктори илмҳои филологӣ , профессор*
***Камолова С.Ч.*** *– номзади илмҳои педагогӣ*
***Абдулазизов В.*** *- номзади илмҳои филологӣ*
***Амонов Н.-*** *номзади илмҳои равоншиносӣ*
***Байзоев А.М.*** *– номзади илмҳои филологӣ*
***Шоев Р.*** *– номзади илмҳои филологӣ*
***Котибова Ш.-*** *номзади илмҳои педагогӣ*
***Салторова Ҳ .*** *– номзади илмҳои педагогӣ*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.

**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, 2015**
**Институт развития образования, 2015**

## МУНДАРИҶА
## СОДЕРЖАНИЕ

### *ИННОВАТСИЯИ ПЕДАГОГӢ*
### *ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ИННОВАЦИЯ*

***САИД НУРИДДИН САИД, ИСРОФИЛНИЁ Ш.Р.***
Маорифи Тоҷикистон дар замони Истиқлол …………………………………………………

***ТУРОНОВ С., САТТОРОВА Ҳ.***
Маориф дар сиёсати Президенти мамлакат ……………………………………………….

***РАДЖАБОВ М., САТТОРОВА Ҳ.***
Баҳодиҳӣ ба сифати таҳқиқотҳои педагогии муҳаққиқони
Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ ……………………………………………………..

***АМОНОВ Н.Қ.***
Хусусиятҳои психологии низоми баҳодиҳии садхола ………………………………..

***ИМОМНАЗАРОВ Д.,КУЧАКШОЕВД.***
Татбиқи нақшаҳои таълимӣ - воқеият ва мушкилот ……………………………….....

***МАҲКАМОВ Д., АСАДУЛЛОЕВ Р.***
Хусусиятҳои миллӣ дар раванди татбиқи низоми кредитии таҳсилот
дар муассисаҳои миёнаи касбӣ …………………………………………………………….

***ҒУЛОМОВА Н.***
Тарбияи экологии кӯдакон аз сӯи хонавода ………………………………….………

***МАҶИДОВА Б., ҲАМИДОВ У.***
Нафъи корбарӣ аз модули таҳсилоти фарогир-инклюзивӣ дар муассисаҳои
таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон …………………………………………………......

***АБДУРАШИТОВ Н.***
Психологичексие причины трулностей в детско-родительских отношениях
у подростков- правонарушителей в условиях их пребывания в
республиканской специальной школе г. Душанбе …………………………………………

***ҚОДИРОВ Ш.***
Таҷрибаи ҷаҳонии иштироки волидон дар идоракунии муассисаҳои таълимӣ …………

***КОТИБОВА Ш.***
Инновационные методы подготовки ребенка к школе в частных
дошкольных учреждений …………………………………………………………………….

***ЛУТФУЛЛОЕВА П.***
Использование информационно-коммуникационных технологий
на уроках английского языка ………………………………………………………………

***МИРБОБОЕВА Б., КУЧАКШОЕВ Д.С.***
Ҳамкории оила ва муассисаҳои таълимӣ дар рушди фаъолияти хонандагон
дар раванди омӯзиши техника ва технологияи муосир ………………………………….

***АБДУРРАҲМОНОВА Ш.***
Тарбияи эстетикии наврасон ……………………………………………………………….

***ТОШБОЕВА З.Р., ШУКУРОВА З.Р.***
Технологияи педагогӣ – ҳамчун воситаи инкишофи дарки хониши
хонандагони хурдсол ………………………………………………………………………..

***САИДИБРОҲИМОВ Ш.***
Оташ- рамзи нур, рӯшноӣ, муҳаббат ва якдилӣ дар фалсафаи наврӯз .............................

***ИСОЕВА Д.Э.***
Дарки баъзе хусусиятҳои хонандагони наврас ……………………………………………

***АБДУРАШИТОВ Н., БОБОЁРОВ Х.***
Масаъалаи танзими фаъолияти психологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ..

***САИДИБРОИМОВ С.***
Миграционная процесс как фактор экономические и социальное ………………………

*ДЖОНМАХМАДОВА Г. Ш.*
Основные инновации обучения русскому языку в общеобразовательном учреждении при использовании тестирования ……………………………………………..
*НЕЪМАТОВ М.*
Самостоятельных работ в малокомплектной школе ………………………………………
*ВАЛИЗОДА С.*
Роҳҳои ташаккул ва инкишофи нутқи мураттаби мактаббачагони хурдсол ……………
*ЗИЁЕВ Қ.*
Этикаи ҳарбӣ ва машқи саф ……………………………………………………………………..
*БОБОХОНОВ Х.*
Тарзҳои самарабахши ташкил кардани имтиҳоноти марҳилавӣ ва ниҳоӣ дар низоми кредитӣ барои муассисаҳои миёнаи касбӣ ……………………………………..
*САТТОРОВ А.*
Ақлро дар мулки бадан монанди чӯпон дидам… ………………………………………..
*БОБОЁРОВ Х.*
Номутаносибии функсионалии нимкурраҳои майнаи сар натиҷаи суст шудани омӯзиши хонанда дар рафти таълим ……………………………………………………………
*СУЛТОНОВ М.*
Маълумот оид ба тифлопедагогика ………………………………………………………………
*АМОНОВА М.Н.*
«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва хештаншиносии миллӣ ………………………………..
*ХАЛИМОВ ДЖ.М.*
Организация семейных прогулок и ее роль в формировании культуры поведения…………………………………………………………………………

***МАТЕМАТИКА***
***МАТЕМАТИКА***

*КОДИРОВ Б.Р.*
Воспитание культуры поведения будущих учителей математики ………………………….
*ШАРИПОВ Б.У.*
Формирование элективных курсов в математическом цикле …..……………………………
*ЗУБАЙДОВ У.*
Асосҳои илмию амалии стандарти фанни химия дар синфҳои 8-11 ……………………..
*ФАЙЗИЕВ И. Д, НОРМАТОВА Д.М., ФАЙЗИЕВ З. И.*
Стандарти давлати маълумот, воридшави ва инкишофи он дар таълими физика ………
*ДАВЛАТОВ А., УМАРОВ У.С.*
Методҳои (умумии) тадқиқотии илмии дарк кардан, фаҳмидан ё воқиф шудан дар курси физикаи мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ дар низоми нави кредитӣ ……………………………………………………………………………..
*ТАҒАЙНАЗАРОВ С., ҚАМБАРОВ У, АБДУЛЛОЕВ И.*
Гузориши масъалаи программасозии хаттии фосилавӣ ва нишонаи оптималии он ……
*НОРОВ Қ., РАЗЗОҚОВ А., СОБИРОВА Г.*
Исботи нобаробариҳо бо методи индуксияи математикӣ ……………………………………
*ДАВЛАТОВ А.*
Усули тадбиқи методҳои муқоисакунӣ ва монандкунӣ дар раванди таълими физика ….
*БОБОНИЁЗОВА Г. А.*
Омӯхтани мавзӯи «Майдони электрӣ» дар робита бо офати табиии «Раъду барқ» (дар синфи 8) ………………………………………………………………………
*УМАРОВ У. С.*
Таълими фанни «Физика» дар синфи VIII тибқи стандарти нави таҳсилот ………………
*КАРИМОВА Ф., АБДУМАНОНОВ А.*
Истифодаи маводҳои маҳал ҳангоми гузориши саволҳо аз физика ………………

***ТАЪРИХ***
***ИСТРОИЯ***

***САЙФУЛЛОҲИ МУЛЛОҶОН***
Ҷуғрофияи таърихии Рай дар рӯзгори Закариёи Розӣ ……………………………………….

***АСОЕВ САБЗААЛӢ***
Тахористони тибқи маълумоти «Баҳр-ул-асрор»-и Ибни Валӣ ……………………………

***САНГОВ Р.***
Табиби ҳакиму тавоно …………………………………………………………………………

***ЗАБОНШИНОСӢ***
***ЛИНГВИСТИКА***

***НОРМАТОВ М.***
Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ………………………………………………………..

***ЭКОЛОГИЯ***
***ЭКОЛОГИЯ***

***ЗУЛФОНОВ Б.***
Экология ва ҳалли мушкилоти экологӣ ..........................................................................

***ОЛИМОНИ МО***
***НАШИ УЧЁНЫЕ***

***АМОНӢ С.***
Пири моро лаҳни гуфтораш базеб ……………………………………………………..

# МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

***САИД НУРИДДИН САИД,***
*вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*доктори илми фалсафа, профессор,*

***Ш.Р. ИСРОФИЛНИЁ,***
*директори Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ,*
*доктори илми филология, профессор*

Дар ҳама давру замон, новобаста ба сохти давлат инсоният ҳамеша ба илму маориф ниёзманд будааст ва бузургони ҳама қавму миллатҳо барои равнақи ин пешаи саодатовар кӯшидаанд. Ҳукумати Тоҷикистони тозаистиқлол беш аз ҳама соҳаҳо ба маориф таваҷҷуҳ дорад.Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ҳар як вохӯрии Сарвари кишвар бо аҳли зиё, ки чун суннати хуҷаста дар арафаи Наврӯз барпо мегардад, бо пешниҳоду дархостҳои нав ба нав, ки дар боло бурдани руҳияи худшиносӣ ва созандагӣ мусоидат мекунад, натиҷагирӣ мешавад. Дар ин вохӯриҳо Раҳбари давлат таваҷҷуҳи зиёиёнро ба мавзӯоте ҷалб намуд, ки бо рӯҳияи созандагии миллат тавъам буд. Яке аз масоиле, ки бештар диққати Президенти кишварро ба худ ҷалб намудааст, масъалаи мактабу маориф аст. Ба қавли эшон, ***«пешрафти минбаъдаи Тоҷикистон ба рушди маорифи миллӣ ва беҳдошти заминаи таълим вобаста аст».***

Дур намеравем, дар ибтидои қарни гузашта маорифпарварони мо барои он ки миллатро аз забунию хорӣ ва қашшоқию ҷаҳолат наҷот бахшанд, ба ислоҳи маориф даст зада, усулу шеваҳои нави таълимро ҷорӣ карданӣ шуданд. Дар ин ҷода чандин нафари онҳо ҷони худро аз даст доданд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ кормандони маориф соҳиби имтиёзҳо буданд ва муаллимон аз ҷабҳаи ҷанг бозпас хонда шуданд, то маориф фалаҷ нагардад. Хисороти соҳаи иқтисодро метавон дар зарфи 15-20 сол ҷуброн кард, аммо барқарорсозии соҳаи маориф солиёни зиёдро тақозо мекунад. Панҷ соли ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ маорифи моро фалаҷ сохт, ки хисороти маънавии он то ҳол эҳсос мегардад. Шукри Худо, соҳаи маориф сол то сол беҳтар мегардад, вале ин таҳаввулот ҷавобгӯйи талаботи замон нест. Аз ин рӯ, Сарвари давлат дар ҳар як суханрониҳояшон ба ин нукта ишора мекунанд, ки ***«мактаби мо бояд дар асоси таҷрибаи ғании суннатҳои миллӣ ва дастовардҳои педагогикаи муосир ба роҳ монад шавад».***

Истиқлолияти миллӣ барои тараққиёти рӯзафзуни тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, ба вижа соҳаи илму маориф, шароит ва имконоти басо мусоид фароҳам овард. Бо ин ҳамаи рукнҳои ҳаёти иҷтимоӣ – сиёсӣ, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, тиб фарҳанг, пеш аз ҳама, бар асоси мактабу маориф рушд меёбад. Яъне, ҷумлаи онҳое, ки бо сиёсат, иҷтимоъ, иқтисод, фарҳанг ва ғайра сару кор мегиранд, ё ба таъбири дигар, ҳамаи онҳое, ки ҷомеаи пешрафтаи инсонӣ месозанд, ихтироъ мекунанд, бозёфту кашфиёт ба миён меоранд, неъматҳои моддию маънавӣ меофаранд, дар мактаб дониш мегиранд. Бинобар ин, тараққиёт дар ҳар як ҷомеаи инсонӣ, пеш аз ҳама, ба тараққиёти маориф вобаста мебошад. Аз ин ҷост, ки сиёсати давлати соҳибистиқлоли мо, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама, ба рушду равнақи маориф нигаронида шудааст. Маориф яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва тақдирсози ҳаёти ҷомеа, ояндаи ҳар як миллат ва кишвар ба шумор меравад. Рушд ва нашъунамои ҳар як мамлакат ба таълим ё маориф робитаи қавӣ дорад. Пешрафти ҷомеаро бидуни рушди ҳамаҷонибаи илм ва таълим тасаввур кардан имкон надорад, зеро ҳеҷ чиз ба ҷомеа бештар аз таҳсилот таъсир расонида наметавонад. Ҳаллу фасли масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа, пеш аз ҳама, ба вазъи маориф вобаста мебошад. Аз ин ҷост, ки дар сиёсати давлат дар соҳаи идораи илм ва таълим пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои сифатан нав ба вуҷуд омаданд. Ин муносибатҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон, амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Дар ҳама даврахои ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон маориф такягоҳи боэътимоди давлат будааст. Бинобар ин, низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбияи инсони фаъоли созандаи давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро вазифаи асосии худ мешуморад.

Низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар фаъолият мекунад ва рушд меёбад. Татбиқи бомуваффақият ва судманду натиҷабахши таълим ба он вобаста аст, ки мактабҳои миёнаи умумӣ то ба кадом дараҷа вазифаҳои худро ба ҷо меоранд. Сиёсати имрӯзаи таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таълимиро ба дараҷаи сифатан нав мебарорад. Олимони тоҷик кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ барои волидон ва фарзандон боэътибор, барои кӯҳансолон мояи ифтихор, барои давлат ва ҷомеа судманду манфиатовар бошад.

Маориф муҳимтарин воситаи рушди ҷомеаи инсонӣ буда, бобати баланд бардоштани дараҷаи ахлоқии ҷомеа ҳиссаи беназир мегузорад. Бавижа, дар шароити кунунӣ, ки Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон давлати мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эътироф шудааст, аҳамияти калон дорад. Бинобар ин, давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд. Аз ҷумла, Президенти кишвар дар мулоқот бо аҳли зиё чунин ишора намуданд: «***Низоми маориф яке аз муҳимтарин низомҳои замони мост. То даме ки дар сохтори таҳсилот тағйироти куллӣ ба амал наояд, мо дар рушди фарҳанг ва маориф ба дараҷаи дилхоҳ расида наметавонем***».

Маорифи Тоҷикистон дар замони истиқлолияти давлатӣ шебу фарози худро дорад. Бо пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ҷумҳурии тобеи он яке паси дигар мустақилияти худро эълон доштанд. Аз ҷумла, Тоҷикистон 9-сентябри соли 1991 истиқлолият ба даст овард ва бо эълон намудани мустақилият ба мушкилоти зиёде дучор гардид. Сохтор ва дурнамои сиёсати Иттиҳоди Шуравӣ чунон таҳрезӣ шуда буд, ки ҷумҳуриҳои собиқ пурра ба марказ тобеъ буданд ва дар танҳоӣ наметавонистанд рушд намоянд. Тамоми соҳа аз Маскав идора мегардид, ҳатто нақшаи таълим ва муҳтавои китобҳои дарсиро барои макотиби Тоҷикистон Маскав таъйину тасвиб мекард.

Тоҷикистон, ки аслан аз ҷамоҳири камрушд ва дорои мушкилоти зиёди иқтисодию иҷтимоии Шӯравӣ буд, бо пошхӯрии он ба вазъияти сангинтар гирифтор гардид. Бедории шуури миллӣ ва қувваҳои демократие, ки баъд аз бозсозии гарбачёвӣ дар Тоҷикистон фаъол шуда буданд ва мехостанд як давлати комилан миллие созмон диҳанд, баъзе давлатҳои хориҷиро, ки ба ҳеҷ вақт Тоҷикистонро озоду мустақил дидан намехостанд, ба шур овард. Дахолати аз ҳад афзуни қувваҳои муайяни хориҷӣ бо ҳамдастии баъзе гурӯҳҳои сиёсию иҷтимоии дохили кишвар, ки манфиатҳои худро аз манофеи миллат боло медонистанд, боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гардид.

Дар арафаи эълони Истиқлолият бо қарори раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 августи соли 1991 лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба табъ расида, ба муҳокимаи умум пешниҳод гардад. Бо сабаби сар задании ҷанги шаҳрвандӣ муҳокимаи ин лоиҳа хеле тӯл кашид.

Новобаста ба вазъияти ноороми ҷумҳурӣ 27 декабри соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба мавқеи иҷро гузоштани Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» дар иҷлосияи ХУ111-и Шӯрои Олӣ қабул гардид. Воқеан, бо вуҷуди камбудию норасоииҳо ин нахустин қонуни миллӣ дар бораи маориф буд, ки аҳли маорифи кишварро ба ояндаи нек умедвор сохта буд. Дар ин марҳилаи сарнавиштсоз маорифчиён ба қадри имкон раванди низоми таълимро вобаста ба қонуни нав ба роҳ монданд. Мувофиқи талаботи қонуни қабулгардида ба мазмуну муҳтавои нақшаву барномаҳои таълим тағйирот ворид гардид ва таълими фанҳои наве, монанди «Алифбои ниёкон», «Таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ», «Санъат ва меҳнат» дар муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монда шуд.

Ҷанги шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама, ба соҳаи маориф зарба зад ва имкон надод, ки ислоҳоти оғозшуда амалӣ гардад. Ҳазорон мактабу кӯдакистонҳо, омӯзишгоҳҳо ғорат ва хароб карда шудаанд. Зиддиятҳои дохилӣ дар баъзе ноҳияҳо боиси қатъ гардидани

дарс дар мактабҳо гардид, баъзе омӯзгорон кушта шуданд, баъзеҳо фирор карданд, молу мулки мактабҳо ба ғорат рафтанд. Раванди низоми таълиму тарбия дар ҳама зинаҳои таҳсилот вайрон гардида буд.

Ҳукумати Тоҷикистон дар иҷлосияи XV1-уми Шӯрои Олӣ, ки ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, аз нав барқарор карда шуд. Аммо пешорӯйи Ҳукумати нав садҳо мушкилот қарор дошт, ки яке аз онҳо барқарорсозии соҳаи маориф буд. Дар ҳамин давраи хеле мушкилу печида ва тақдирсоз Эмомалӣ Раҳмон Сарвари кишвар интихоб гардиданд. Илова бар ҳалли он ҳама мушкилоти сиёсӣ, таъмини сулҳи саросарӣ ва ба низом даровардани сохторҳои давлатӣ, ба по рост кардани иқтисодиёти кишвар ва монанди инҳо, соҳаи маориф аз мадди назари Савари давлат дур намонд, зеро ба қавли эшон ***«Маориф омили муҳимтарини наҷоти миллат ва таҳкими давлат аст. Аз ин рӯ, инкишофи соҳаи маориф ҳадафи стратегии сиёсати давлати Тоҷикистон мебошад».***

Бо кӯшиши Ҳукумати Тоҷикистон аз нимсолаи аввали соли 1993 дар муассисаҳои таълимӣ дарсҳо шурӯъ шуданд ва минбаъда дар аксари таълимгоҳҳо ҷараёни таҳсил ба роҳ монда шуд.

Таъмири мактабҳои валангоршуда, баргардонидани гурезаҳо ва ба таълим фаро гирифтани фарзандани онҳо аз амалиҳои аввалияе буд, ки Ҳукумати навтаъсис дар он шароити вазнин иҷро намуд. Оҳиста-оҳиста мактабҳои харобгардида барқарор гардиданд, маводи таълимӣ харидорӣ шуд ва омӯзгорон ба мактаб ҷалб гардиданд. Новобаста ба ҳама кӯшишҳо, бино ба сабаби сатҳи пасти зиндагӣ ва набудани шароити мусоит, норасоии кадрҳои омӯзгорӣ дар соли таҳсили 1997-98 35% бачагони сини мактабӣ ба таҳсил фаро гирифта нашуданд.

Дар ин давра, бино ба сабаби даргириҳои дохилӣ, кӯдакони зиёде ятиму бесарпаноҳ монда буданд. Ҳукумат гарчанде дар вазъияти вазнини иқтисодӣ қарор дошт, барои фаро гирифтани ин кӯдакон бо фармони Сарвари давлат дар аксари шаҳру навоҳиҳои ҷангзада мактаб-интернатҳо таъсис дода шудаанд. Соли 1998 48 адад мактаб-интернатҳо таъсис дода шуданд, ки 13-тои он мақоми ҷумҳуриявӣ доштанд. Маҳз дар ҳамин давра масъалаи ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакони маъюб ва иллати ҷисмонидошта аз ҷониби Сарвари давлат ба миён гузошта шуд. Аз тамоми манотиқи ҷумҳурӣ кӯдакони маъюб ҷамъ оварда, ба онҳо шароити зиндагиву таълим фароҳам оварда шуд.

Бо роҳбарӣ ва дастгирии Сардори давлат маорифи кишвар рушд кард ва ба навгониҳои зерин муваффақ шуд:

1.Истиқолияти давлатӣ ва арзи вуҷуд кардани давлати миллии тоҷикон ба тамоми соҳаҳои зиндагии мо, аз ҷумла, низоми маорифамон таъсири мусбат расонд. Маориф дар кишварамон самти асосӣ ва стратегӣ эълон шуда, омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат эътироф гардид.

2.Методологияи маориф тамоман тағйир ёфта, асоси онро на идеологияи ягон ҳизб ё созмони ҳукмрон, балки фалсафаи бумии мардуми тоҷик, назарияи маърифат, хуҷҷатҳои тақдирсози замони истиқлол Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи мактаби миллӣ, Консепсияи миллии таҳсилот, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ғояҳои ватандорию ватандӯстӣ, ваҳдат ва ифтихори миллӣ ташкил медиҳад.

3.Сохтори мактаби таҳсилоти умумӣ бетағйир монда бошад ҳам, дар таркиби он намудҳои нави таълимгоҳҳо (литсей, гимназия, мактабҳои хусусӣ, саҳҳомӣ) ва дар таркиби муассисаҳри таҳсилоти олӣ коллеҷ, бакалавр, магистратура, таълимгоҳҳои олии гуногуни давлатию ғайридавлатӣ, ватанию хориҷӣ арзи вуҷуд карданд.

4.Навгонии ҷиддӣ дар мазмуни таҳсилот (маълумот) ворид гардид. Нақшаҳо ва барномаҳои нави таълим, китобҳои дарсии насли нав, фанҳои нав, ихтисосҳои гуногуни нав руйи кор омаданд. Дар робита бо тақозои замон стандарти давлатии таҳсилот пешниҳод гардид.

5.Дар саросари мамлакат мактабҳои озмоишӣ (пилотӣ) ба кор сар карданд, ки мақсаду вазифаҳои онҳо хеле доманадор буда, аз тарзи нави маблағгузорӣ то омӯзишҳои гуногуни фаъолро фаро мегиранд.

6. Дар робита бо шароити иқтисоди бозорӣ дар соҳаи маориф созмонҳои гуногуни хориҷӣ ба фаъолият оғоз намуданд, сарватмандону хайрхоҳони ватанию хориҷӣ мактабу

таълимгоҳҳо сохта, барномаҳои муносиб ва мувофиқакардаашонро мавриди татбиқ қарор доданд.

7. Дар фаъолияти мактаб ва муаллимон муносибат ба технологияи навҷӯии таълим, аз қабили таълими ҳамгиро, тафриқа ва омӯзишҳои фаъол арзи вуҷуд карданд, мактабҳо бо техникаи навтарини компютерӣ таҷҳизонида шуданд.

8. Мақсад, вазифа ва мазмуни тарбияи насли наврас, аз ҷумла тарбияи миллии онҳо тамоман тағйир ёфт. Созмонҳои нави талабаҳо, рамзҳои нав, даъват, хитобаҳо, шиорҳо ва шеъру сурудҳои замонавӣ ба миён омаданд.

9. Коллеҷу омӯзишгоҳҳо, донишкадаю донишгоҳҳои педагогӣ, ки миқдори онҳо сол то сол меафзояд, саъю талош доранд, ки усул, тарз ва воситаҳои нисбатан муассири тарбияи кадрҳои ояндаи педагогиро дарёбанд, онҳоро ба фаъолияти минбаъда беҳтару хубтар омода созанд.

10. Дар ҷумҳурӣ озмунҳои гуногун: «Мактаби сол», «Мураббии сол», «Муаллими сол», озмун аз рӯйи фанҳои гуногун, озмуни донишҷӯён аз рӯйи фанҳои дақиқ, озмуни иншо, «Рӯдакихонӣ», «Шоҳномахонӣ», «Ҳофизхонӣ» ва ғайра ҷорӣ гардиданд, ки дар натиҷа даҳҳо омӯзгорони шоиста ва хонандагону донишҷӯёни лаёқатнок дарёфт шуданд.

11.Дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф ва назди идораҳои (шуъбаҳои) вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ шуъбаҳои он таъсис ёфтаанд. Нақши ин департамент ва шуъбаҳои он дар муайян намудани мақому сохти таълимгоҳҳо ва баҳо додан ба фаъолияти онҳо басо муҳим аст.

12.Бори аввал дар кишвар муассисаи нави илмӣ-Академияи таҳсилоти Тоҷикистон арзи вуҷуд кард, ки вазифаи он таъмини илмию методии мактабҳо, таҳқиқи афкори педагогии ниёгон, педагогикаи халқӣ, омӯхтан ва паҳн намудани таҷрибаи судбахши педагогии ватанию хориҷӣ мебошад.

13.Агар пештар тамоми аҳли маориф дорои 2-3 рӯзномаю маҷалла бошанд, имрӯз даҳҳо нашрияи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ба мардум хизмат мерасонанд, ҳатто баъзе таълимгоҳҳо соҳиби нашрияҳои худ мебошанд.

14.Имрӯз тафаккури аҳли ҷомеа, аз ҷумла падару модарон, ба нафъи таълиму тарбияи фарзандонашон тағйир меёбад. Онҳо нисбатан фаъол гардида, ҳатто, омодаанд, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ хадамоти пулакии маорифро дастгирӣ намоянд.

15.Дар соҳаи маориф Ҷоизаи давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардид.

Ба ҳамин минвол, бо кӯшиши Ҳукумати Тоҷикистон вазъи соҳаи маориф беҳтар гардид ва сатҳи сифати таълим рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Дигаргуниҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии фарҳангие, ки дар солҳои 1999-2000 дар Тоҷикистон ба амал омаданд, раванди демократикунонӣ ва таҳкими сулҳу ваҳдатро қавитар намуда, обрӯю эътибори кишварро дар арсаи байналхалқӣ афзуданд.

Таҷлили бошукӯҳи 1100 солагии давлати Сомониён дар соли 1999 таконе дар пешрафти илму маорифи тоҷик буд. «Дар ин сол корвони маърифатии Вазорати маориф ба аксари шаҳру наҳияҳои кишвар сафар карда, ба аҳли маорифи ин маҳалҳо ба ҷуз ёрии методию амалӣ бо дастгирии созмонҳои байналхалқӣ ва аз ҳисоби маблағгузориҳои ғайрибуҷавии бисёршабака ба андозаи 25 миллион рубл кӯмаки моддӣ (ба шакли ашёи хониш, аз ҷумла, китоб дафтар, ручка, мизу курсӣ тахтаи синфӣ, бӯр, маводи хӯрокворӣ, либосу пойафзол ва ғайра) расонид» (Дирӯз ва имрӯзи маориф Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳ. 97).

Яке аз масъалаи асосии соҳаи маориф таъмини хонандагон бо китоби дарсӣ ба ҳисоб меравад. То соли 2000 асосан китобҳои дарсӣ барои синфҳои ибтидоӣ, монанди «Алифбо», «Забони модарӣ» ва «Математика» ба миқдори хеле кам нашр шуда буданд ва бештар китобҳои дарсии замони Шуравӣ истифода мешуданд. Барои нашри китобҳои дарсӣ на муаллифон омода буданду на маблағи казоӣ барои чопи онҳо мавҷуд буд. Соли 1999 танҳо 9 номгӯйи китоби дарсӣ бо теъдоди 780000 нусха ба нашр расида буду бас. Соли 2000 низ вазъияти нашри китобҳои дарсӣ чандон беҳ набуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли ин масъала 16,5 млн.сомонӣ ҷудо намуд. Аз ин ба баъд китобҳои дарсӣ бо диди нав ва бо сифати хуб ба нашр расиданд.

Дар даврони Истиқлол бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон китобҳои дарсии “Алифбо”, “Китоби хониш”, “Инкишофи нутқ”, “Талаффуз барои кӯдакони ношунаво ва шунавоияшон суст”, “Забони модарӣ” синфҳои 1-2, “Математика” синфҳои 1-2,

“Русская речь" синфи 2, “Букварь” синфи 2 барои хонандагони нобино, мактабҳои ёрирасон ва зиёда аз 21 барномаи фаннию маводи гуногуни таълим нашр гардиданд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади дастгирии оилаҳои камбизоат ва расонидани ёрии амалӣ ба ҷавонони минтақаҳои дурдасти мамлакат, бахусус духтарони деҳот таҳсили онҳоро дар макотиби олии кишвар тариқи квотаи Президентӣ ба роҳ монд. Тайи солҳои 1997-2014 14718 нафар донишҷӯён тариқи квотаи президентӣ таҳсил намуданд.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2006 №197, «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» ҷиҳати тақвияти ҳифзи иҷтимоии мутахассисони ҷавони соҳаи маориф ва ҷалби онҳо ба фаъолияти омӯзгорӣ барои се соли аввали фаъолияти омӯзгорони ҷавоне, ки дорои таҳсилоти олии касбии омӯзгори ҳастанд ва дар намудҳои гуногуни мактабҳои таҳсилоти умумӣ кор мекунанд аз 01.01.2007 имтиёзҳои зерин муайян карда шуданд:

- бе навбат ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони хонаи истиқоматӣ;
- дар ноҳияҳои кӯҳистон вобаста ба имконияти ноҳия ҷудо кардани қитъаи замин барои боғдорӣ ва полезкорӣ;
- додани қарзҳои имтиёзнок барои хариди чорвои калони ширдеҳ, ё бунёди 20 оилаи занбӯри асал.

Бо мақсади ба роҳ мондани намуди нави алтернативии таҳсилоти томактабӣ бо қарори мушовараи Вазорати маориф 1 декабри соли 2009, «Дастуруламали намунавии Маркази инкишофи кӯдакон» тасдиқ гардид.

Бо шарофати Истиқлолияти миллӣ имрӯз (соли 2015) дар ҷумҳурӣ 527 муассисаи томактабӣ, 1031 марказҳои инкишофи кӯдакон фаъолият доранд, ки аз онҳо 465 тоашон дар тобеияти Вазорати маориф ва илм ва 62-тои дигар дар тобеияти дигар вазоратҳо ба таълиму тарбия машғуланд.

Ҳукумат ба хотири рушди зинаи таҳсилоти томактабӣ октябри соли 2005 «Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010»-ро қабул намуд. Қабули ин Барнома кормандони соҳаи маориф ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро водор сохт, ки ҷиҳати таҳкими пояи моддӣ-техникӣ, аз нав сохтану барқарор кардан ва боз гардонидани иншоотҳое, ки бо сабабҳои гуногун фурӯхта шуда буданд, чораҳои амалӣ андешида, дар фаъол шудани муассисаҳои томактабӣ ва омода намудани атфол ба мактаб саҳмгузорӣ намоянд.

Бо мақсади ба низом даровардани фаъолияти муассисаҳои томактабӣ «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ» - бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи августи соли 2007 тасдиқ гардид. Бори нахуст дар даврони Истиқлолият «Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ» омода шуд, ки он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 июли соли 2009 ба тасвиб расид.

Ҷиҳати беҳбудӣ бахшидан ба фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар даврони истиқлолият як қатор корҳои назаррас анҷом дода шуд. Барои як рукни устувори таҳсилот қарор гирифтани ин зина Ҳукумати ҷумҳурӣ шароити хуб фароҳам оварда, бароиислоҳоти он заминаи мусоид муҳайё намуд. Дар ин давра шумораи мактабҳо зиёд гардида, мактабҳои типи нав сохта ба истифода дода шуданд. Чунин намуди мактабҳо дар ҷумҳурӣ ба 170 расонида шуд, ки аксарияти онҳоро гимназия, литсей ва мактабҳои хусусӣ ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, сохта ба истифода додани гимназия ва литсейҳои хусусӣ низ афзуд.

Бо мақсади дастрасии технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Барномаи компютеркунонии мактабҳои маълумоти ҳамагонии асосӣ ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2007 ва 2007-2010”-ро тасдиқ намуд, ки он асоси таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо компютерҳо гардид. Аз ҳисоби фонди эҳтиётии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мактабҳои вилоятҳои Суғду Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе бо техникаи компютерӣ таъмин гардиданд.

Пайвастшавии муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар ба шабакаи байналмилалии интернет низ яке аз самтҳои асосии фаъолияти Ҳукумат ва Вазорати маориф ва илм ба ҳисоб меравад. Дар ин самт корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд. Ҳоло қисмати бештари муассисаҳо ба ин шабака пайваст гардиданд.

Айни ҳол (соли 2015) дар ҷумҳурӣ 3836+9 муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ аз ҷумла, 456 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, 577 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ва 2601 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 85 гимназия, 65 литсей, 5 мактаб-кӯдакистон, 22 мактаб –интернати кӯдакони ятим, 2 мактаб-интернати кӯдакони ношунаво, 3 мактаб-интернати санаторӣ, 1 мактаб-интернат барои бачагони шунавоияшон суст ва деркаршуда, 4 мактаб-интернати кӯдакони нобино ва биноияшон суст, 1 мактаб-интернати низомаш махсус (полиомиелит), 1 мактаби махсус (душвортарбия), 4 мактаб-интернати ёрирасон (кӯдакони ақлан носолим), 2 мактаб-интернати мусиқӣ, 1 мактаб-интернати варзишӣ ва 6 мактаб интернати бачаҳои лаёқатманд дар хизмати кӯдакону наврасони кишваранд.

Ба хотири ҷавобгӯ намудани таълиму тарбияи насли наврас ва ба сатҳи умумибашарӣ наздик сохтани низоми таҳсилот бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05. 2010, №207 Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Рушди низоми таҳсилот яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ буда, аҳли маориф ҷиҳати тарбия ва таълими насли соҳибмаълумот ва соҳибихтисос ҳамвора талош меварзанд.

Самти дигар фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон вобаста ба талаботи бозори меҳнат корҳои азнавсозии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолона ба роҳ мондани он ташкил мекунад. “Бинобар сабаби аз байн рафтани зарурат ба омӯзиши касб аз рӯйи ихтисосҳои тракторист-мошинист ва ронанда 50%-и тайёр намудани кадрҳо аз рӯи ин ихтисосҳо ихтисор гардида, таълими 20 ихтисоси ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат ба роҳ монда шуд. Дар 17 омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ тайёр намудани кадрҳо аз рӯйи ихтисосҳои соҳаҳои хоҷагии халқ ба роҳ монда шуда, дар раванди таълими ин муассисаҳо барнома ва нақшаҳои нави таълимӣ ворид гардида, курсҳои омӯзиши касбҳои коргарии менеҷер ба роҳ монда шуданд.” (Дирӯз ва имрӯзи маорифи Тоҷикистон, саҳ.101).

Новобаста ба ин тадбирҳо, таҳсилоти ибтидоии касбӣ бояду шояд рушд намеёфт, зеро норасоӣ ва камбудиҳои зиёде дар ин соҳа ба назар мерасид. Яке аз чунин норасиҳо ҳанӯз ҳам таҳия нашудани Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ ва Қонун дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба шумор мерафт ва таъсиси шаклҳои нави муассисаҳои таълимӣ, аз қабили коллеҷ ва литсей, омӯзиши кадрҳо аз рӯйи ихтисосҳои сохтмонӣ, тиҷоратӣ ҳамчун ихтисосҳои талаботи бозори меҳнат дар канор монда буд. Назорат аз болои таҳияи барномаҳои нави таълимӣ, таҳлили амиқи роҳу усулҳои корҳои тарбиявӣ дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ низ суст гардида, алоқа бо хизматрасониҳои иҷтимоӣ коста шуда буд.

Ба хотири ислоҳи ин камбудиҳо бо супориши Ҳукумат вазоратҳои дахлдор дар як муддати кӯтоҳ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ” ва дигар санадҳои дахлдор таҳия намуданд, ки баъд аз тасдиқ гардидани он беҳбудие дар ин соҳа ба амал омад.

Бо назардошти афзоиши аҳолӣ ва зиёд гардидани ниёзи мардум ба муассисаҳои томактабию муассисаҳои таълимӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра теъдоди муассисаҳои соҳаи омӯзгорӣ, махсусан омӯзишгоҳҳои омӯзгориро афзун намуд.

Барои таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ (1991), Мастчоҳ (1991), Ҷиргатол (1995), шаҳри Роғун (1995) ва ғайра муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии соҳаи омӯзгорӣ таъсис дода шуд. Дар натиҷа шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии соҳаи омӯзгорӣ ба 14 адад расонида шуд.

Бо файзи Истиқлол дар ҷумҳурӣ на танҳо мазмуни таҳсилот тағйир ёфт, балки муассисаҳои таълимӣ ба худ шакл ва мазмуни нав касб карданд ва ба талаботи ҷаҳони муосир мутобиқ гардонида шуданд. Бо ин мақсад омӯзишгоҳҳо ва техникумҳо тадриҷан ба коллеҷҳои мустақил ва сохтории муассисаҳои таҳсилоти олӣ табдил дода шуданд. Омӯзишгоҳҳои омӯзгории шаҳрҳои Душанбе Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва Хуҷанд (1999) ба коллеҷҳои сохтории муассисаҳои таҳсилоти олӣ табдил шуда, нақша ва барномаҳои таълимии онҳо таҷдиди назар гардид ва ба курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олӣ мувофиқ гардонида шуданд.

Тайёр намудани мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои фанҳои табиию риёзӣ (математика, математика-информатика) гуманитарию ҷамъиятӣ (забони тоҷикӣ, забони русӣ, забони англисӣ, таърих) роҳандозӣ гардид.

Дар ин давра, дар муассисаҳои соҳаи тиб низ тағийроти куллӣ ба амал омад. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 1999 омӯзишгоҳҳои тиббии шаҳрҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Хуҷанд ва шаҳри Душанбе ба коллеҷҳои тиббӣ табдил дода шуданд.

Имрӯз дар миқёси ҷумҳурӣ (соли 2015) 60 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ 60 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолият менамоянд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардоштиислоҳоти соҳа ва талабот ба мутахассисон дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ихтисосҳои нав кушод, дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд бошад, аспирантура ва шӯъбаи ғоибонаро таъсис дод.

Бо мақсади танзими фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии ин зинаи таҳсилот «Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Тартиби таҳия, тасдиқ ва мавриди истифода қарор додани Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Стандарти давлатии маълумоти олии касбӣ» коркарду таҷдиди назар шуда аз нав таҳия шуданд.

Боиси зикр аст, ки соли 2015 дар ҷумҳурӣ 38 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҷумла, 14 донишгоҳ, 14 донишкада, 1 консерватория, 4 муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, 5 филиали МТОК фаъолият мебаранд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон баробари пешрафти соҳаи маориф ба инкишофи илм низ таваҷҷуҳ намуда, дар бисёр вохӯрӣ ва суханрониҳояшон бо зиёиён ба ин масъала эътибори ҷиддӣ дода, ба Ҳукумат барои ҷудо намудани маблағ барои рушди илм ва тайёр кардани мутахассисони илмӣ дастурҳои мушаххас доданд. Ин буд, ки муносибат ба илм дар кишвар дар муддати кӯтоҳ тағйир ёфт ва майли ҷавонон боз аз нав ба илм бештар гардид. Дар муддати кӯтоҳ сафи аспирантону докторантон афзуд. Новобаста аз ин, миқдори ҳимоякунандагони рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ҳоло ҳам дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашуда буд. Ҳукумати мамлакат бо мақсади таҳкими илму маориф дар ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» (1998) ва як қатор созишномаҳо, аз қабили «Оид ба ҳамкории илмию техникии ҳайати иштирокчиёни давлатҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил», «Дар бораи робитаи бевоситаи Иттиҳоди давлатҳои мустақил оид ба ҳамкории илмию техникӣ», «Оид ба якҷоя истифодабарии объектҳои илмию техникӣ аз тарафи иштирокчиёни Иттиҳоди давлатҳои мустақил», «Созишномаи байни Ҳукумати Федератсияи Россия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмию педагогии тахассуси олӣ», «Созишномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати таҳсилоти умумӣ ва касбии Федератсияи Россия оид ба таҳсилот» ва ғайраро ба тасвиб расонид.

Рушду нумӯи илм, ки аз рӯзҳои аввали Истиқлолият оғоз ёфта буд, дар ин давра боз ҳам беҳтар гардид. Ба пешрафти соҳа, пеш аз ҳама, таҳияи ҳуҷҷатҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ ба кормандони муассисаҳои илмии тобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони илмию педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ», Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 (2006), «Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020» (2010), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» (2010) ва ғайра мусоидат кард. Қабули санадҳои зикршудаву созишномаҳои мазкур омили пешрафти соҳаи илм дар кишвар гардид.

Ҳар сол дар доираи созишномаҳои ба имзорасида байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазоратҳои дахлдори кишварҳои хориҷӣ барои таҳсили шаҳрвандони тоҷик дар донишгоҳҳои Федератсияи Руссия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Туркия, Ҷумҳурии Чехия, Ҷумҳурии Мисри Араб,Ҷумҳурии Словакия, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Полша, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Кипри Шимолӣ, Украина, Япония,

Туркманистон, Италия ва Кореяи Ҷанубӣ  шумораи муайяни бурсияҳои таҳсил ҷудо карда мешавад. Айни замон дар зиёда аз 20 давлати хориҷӣ 12386 нафар  ҷавонони тоҷик таҳсил менамояд.

Бо мақсади дар оянда ба танзим даровардани таҳсили шаҳрвандони Љумҳурии Тољикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориљї 2 сентябри соли 2008 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тољикистон «Дар бораи таъсиси Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тољикистон – «Дурахшандагон» ба имзо расид. Ин тадбири саривақтии сарвари давлат имконият медиҳад, ки ҷавонони болаёқат баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти олии кишвар дар муассисаҳои таҳсилоти олии давлатҳои  пешқадами ҷаҳон таҳсил карда, мутахассисони варзида ба камол расанд.

Аз соли 2010 то 2014 шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва курсҳои забономӯзӣ дар хориҷи кишвар таҳсил менамоянд, ба тариқи зайланд: Федератсияи Руссия 2879 нафар, Хитой 1947, Қазоқистон 823 нафар, Ҷумҳурии Белорус 290 нафар, Украина 356 нафар, Ҷумҳурии Исломии Эрон 152 нафар, Малайзия 183 нафар, ИМА 12 нафар, Туркманистон 10 нафар, Япония 17, Кипр 48 нафар ва Полша 34 нафар  таҳсил менамоянд.

Истиқлоли кишвар ва таъсиси давлати миллии тоҷикон ба тамоми соҳаҳои зиндагӣ, илмию фарҳангӣ, аз ҷумла рушди педагогикаи навин заминаи хуб гузошт. Улуми педагогӣ бо таваҷҷуҳ ба арзишҳо ва ҳуввияти миллӣ самтҳо ва стратегияи худро мушаххас кард ва бо ҳамин соҳаи маориф афзалиятнок ва стратегӣ эълон гардид. Методологияи навини педагогика куллан тағйир ёфт. Асоси асноду дастурҳои замони истиқлолро ғояҳои ватандорию ватандӯстӣ, ваҳдат ва ифтихори миллию умумибашарӣ ташкил доданд. Навгонии ҷиддии дар мазмуни педагогика ворид гардида, нақшаю барномаҳои нави таълимӣ, фанҳои нав ва тахассусҳои гуногун рӯйи кор омаданд.

Бо таъсиси Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Пажӯҳишгоҳи рушди маориф  ба яке  аз  зерсохторҳои муҳимми он табдил гардид, ки вазифаи он баргузорӣ ва анҷоми пажӯҳишҳо доир ба риштаҳои илми педагогӣ, таъмини маводи илмию  методии муассисаҳои таълимӣ, таҳқиқи афкори педагогии ниёгон ва омӯхтану паҳн намудани таҷрибаи пешқадами  омӯзгорону  муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Таъсиси Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва бознигарии сохтори Пажӯҳишгоҳи он худ нишонгар ва зодаи истиқлоли Тоҷикистон аст. Дар муддати  23  соли истиқлол педагогикаи тоҷик фарозу  нишебҳоро паси сар намуд ва ҳоло бунёди миллию истиқлолии он қавӣ гардидааст, ки метавон аз манзари истиқлол онро беҳтарин дастовардҳои миллии кишвар ҳисобид.

Дар замони Истиқлолият ҷиҳати бунёди муассисаҳои нави таълимӣ ва таҷдиду барқароркунии таълимгоҳҳои мавҷуда дигаргуниҳои зиёде ба амал омада, бевосита бо дастгирии давлат дар миқёси кишвар  биноҳои  ҳозиразамон сохта ба истифода дода мешаванд. Маблағгузории давлатии соҳаи маориф сол ба сол афзоиш меёбад. Масалан, дар соли 2014 барои рушди соҳаи маориф  беш аз 2,5 миллиард сомонӣ  ҷудо шуда бошад, соли 2015 ба ин хотир ҷудо намудани 3 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар Паёми навбатии Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23.01.2015) беш аз ҳама соҳаҳо ба соҳаи маориф таваҷҷуҳ  зоҳир карда шуд. Бино ба таъкиди Раҳбари давлат, Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади рушди босуботи соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд. Президенти мамлакат ҳар як зинаи таҳсилот, аз муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ сар карда, то муассисаҳои таҳсилоти  олии кишварро ҷудогона мавриди арзёбӣ қарор дода, дастовардҳо ва рушди онҳоро зикр намуданд ва барои рушди минбаъдаи соҳа вазифаҳои нав гузоштанд. Дар Паёми Сарвари давлат бори дигар хотирнишон гардид, ки *“**дастгирии соҳаи маориф ва баланд бардоштани мақоми омӯзгор, дар навбати аввал, аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки аҳли маориф дар рушди неруи инсонӣ саҳми бевосита дошта, яке аз қувваҳои пешбаранда ва фаъоли ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад ва гузашта аз ин, пешрафти тамоми  соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат ба сатҳи рушди маориф вобастагии мустақим дорад**”*.

Барқарор ва таъмиру азнавсозии мактабҳо, сохтани мактабҳои замонавӣ ва ҷиҳозондани онҳо бо васоити техникии муосир ба зинаи аввали ислоҳоти маориф вобаста буд. Аз соли 2012 сар карда давраи дуюми ислоҳоти соҳаи маориф шурӯъ шуд, ки бештар ба мазмуну муҳтавои таҳсилот вобаста аст. Такмилу таҳияи нақшаи таълим, барномаи таълим, стандартҳои фаннӣ, навиштани китобҳои дарсӣ барои насли нав, таҳияи "Раҳнамои омӯзгор" барои ҳар як фан, гузаштан ба низоми бисёрхолаи баҳогузорӣ аз он ҷумлаанд. Солҳои охир китобҳои дарсӣ шаклан ба сифати баланд чоп шуда бошанд ҳам, муҳтавои онҳо ҷавобгӯйи талаботи замони муосир нестанд, ки чандин тақризҳои нашршуда ба ин гувоҳӣ медиҳанд. Воқеан, ***«китоби дарсӣ бояд донишу малакаи пешиниён ва руҳи замони муосирро фаро гирифта, барои даҳсолаҳо навишта шавад».***

Дар партави Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо ислоҳоти куллиеро дар соҳаи маориф ба роҳ мондем, ки яке аз самтҳои он таҷдиди назар намудан ба нақшаву барнамаҳои таълим ва навиштани китоби дарсӣ барои насли наву методикаи таълим ва таълифи китоб барои муаллимон аз ҳама фанҳои омӯхташаванда мебошад. Мо то кунун зинаи аввали ислоҳоти маорифро паси сар кардем: сохтмону азнавсозии макотиб, таҷҳизонидан ва компютеркунонӣ, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо мутахассисон. Зинаи аз ҳама муҳим ва масъулиятнок тоза шурӯъ шудааст, яъне баланд бардоштани сифати таҳсилот. Барои даст ёфтан ба ин мақсади олӣ мо чанд вазифаи муҳим дар пеш дорем:

**1. Таҳияи нақшаи нави таълим.**

Нақшаи нави таълим вобаста ба талаботи замони муосир аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии таълимии методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, бо иштироки васеи коршиносон аз Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, устодони донишгоҳу донишкадаҳо ва дигар муассисаҳои тобеи вазорат мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ҳоло нусхаи ниҳоии он барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

**2. Таҳияи барномаи мукаммали таълим.**

Дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф бо ҷалби мутахассисон барои ҳар як фанни таълимӣ вобаста ба нақшаи нави таълим барномаи мукаммали таълим коркард шуда истодааст. Муаллифони барномаи таълим вазифадор шуданд, ки барои ҳар як соати таълимӣ барномаи муфассал нависанд. Дар барномаи бояд ҳар як мавзӯъ вобаста ба соати таъйиншуда коркард шуда, ҳадаф ва мақсади тадриси он муайян гардад.

**3. Таҳия ва нашри стандартҳои фаннӣ.**

Айни ҳол доир ба 136 фанни таълимӣ стандартҳои фаннӣ таҳия шуданд, ки дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф бо ҷалби мутахассисони аз донишгоҳу донишкадаҳо мавриди таҳриру такмил қарор доранд. Дар стандарти фаннӣ тамоми ҷузъияти фан, аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сар карда, то технологияи таълиму таъминоти моддию техникии фан муайян мегардад.

**4.Таъйини беҳтарин методикаи таълими фанҳо.**

Яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани сифати таълим ин таъйини беҳтарин методикаи таълими фан мебошад. Вазорати маориф ва илм ба Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва дигар донишгоҳу донишкадаҳои омӯзгорӣ супориш дода, ки мавзӯъҳои тадқиқотии аспирантон ва унвонҷӯёни улуми педагогиро бештар ба методикаи таълим равона кунанд ва дар ин самт бештар тадқиқот анҷом диҳанд. Бояд методикаи таълими тамоми фанҳо мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гиранд.

**5. Омода намудани раҳнамои таълим, яъне китоб барои муаллим.**

Мутаассифона, бештари омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба китоби хонанда қаноат мекунанд, хусусан дар деҳоти дурдасти кӯҳистон, ки ба интернет ва маводи таълими иловагӣ дастрасӣ надоранд. Вазорати маориф ва илм тасмим гирифтааст, дар баробари озмуни китоби дарсӣ барои насли нав, барои навиштани «Раҳнамои омӯзгор» низ озмун эълон кунад. Дар китоби «Раҳнамои омӯзгор» бояд тамоми маълумоти иловагӣ доир ба ҳар як мавзӯъ оварда шавад, то муаллим тавонад илова бар китоби хонанда маводи иловагӣ дошта бошад.

Амалӣ шудани вазифаҳои таъйиншуда метавонад сифати таҳсилро баланд бардорад ва барои тайёр намудани кадрҳои соҳибкасби ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳони муосир замина муҳайё намояд.

Хулоса, маорифи Тоҷикистон дар замони Истиқлол чи аз ҷиҳати сохтор ва чи аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво комилан тағйир ёфта, низоми муназзамеро касб кард, ки асоси онро ормонҳову суннатҳои миллати тамаддунофари мо ташкил медиҳад. Маорифи тоҷик дар даврони Истиқлол зери партави ғояи ваҳдати миллӣ ва консепсияи таҳсилоти миллӣ ва бо сиёсати маорифпарваронаи пешвои миллат- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба комёбиҳои назаррасе ноил гардид.

**Китобнома**:


1. Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар зарфи 23-соли Истиқлолият ба табъ расидаанд.
2. Таъкидҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон доир ба маориф ва маънавиёт. -Душанбе: Ирфон, 2011.
3. Раҳмонов А. А., Расулов А.Б., Қодиров Қ. Б., Афзалов Х.С. Дурӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2011.
4. Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин. -Душанбе: Саҳбо, 2006.
5. Ҳисоботи оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014 ва вазифаҳо барои соли 2015


## МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ


***САИД НУРИДДИН САИД***
***ИСРОФИЛНИЁ Ш.Р.***



Дар мақола сухан асосан дар партави Паёми Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи маориф роҳандозӣ гардидааст. Яке аз самтҳои он таҷдиди назар намудан ба нақшаву барнамаҳои таълим ва навиштани китоби дарсӣ барои насли наву методикаи таълим ва таълифи китоб барои муаллимон аз ҳама фанҳои омӯхташаванда мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон то кунун зинаи аввали ислоҳоти маорифро паси сар кард: бунёду азнавсозии муассисаҳои таҳсилот, таҷҳизонидан ва компютеркунонӣ, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо мутахассисон. Зинаи аз ҳама муҳим ва масъулиятнок тоза шурӯъ шудааст, яъне баланд бардоштани сифати таҳсилот. Барои даст ёфтан ба ин мақсади олӣ чанд вазифаи муҳим дар пешниҳод шудааст, ки хонанда метавонад аз он баҳра гирад.



***Калидвожаҳо**: маорифи Тоҷикистон, замони Истиқлол, стандарт, барномаҳои таълимӣ, китоби дарсӣ, ислоҳот.*


## БАҲОДИҲӢ БА СИФАТИ ТАҲҚИҚОТҲОИ ПЕДАГОГИИ МУҲАҚҚИҚОНИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН


***РАҶАБОВ М.,***
*Донишкадаи давлатии забонҳои*
*Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*
***САТТОРОВА Ҳ.**,*
*Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ*


Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҳамчун маркази илмию таҳқиқотӣ масъалаҳои мубрами илми педагогика ва асосҳои илмию методии омӯзиши фанҳои таълимиро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, инчунин масоили афкори педагогикаи миллӣ ва инноватсиониро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор медиҳад. Пажӯҳишгоҳ ҳамкории илмию таҳқиқотиро бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зерсохторҳои он, Вазорати фарҳанг Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи

илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждани̅, Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон, Ассосиатсияи психологони Тоҷикистон, марказҳои дастгирии рушди маориф, донишгоҳу донишкадаҳои тахассусию омӯзгори̅, коллеҷу омӯзишгоҳҳо, марказҳои такмили ихтисоси кормандони маориф ба роҳ мондааст.

Пажӯҳишгоҳ таҳқиқотҳои бунёди̅, амали̅ ва технологияи таълими фанҳоро соли 2014-ро дар асоси самтҳои зерин роҳандози̅ намудааст:

- мутобиқгардонии мазмуни таҳсилот дар муассисаҳои томактаби̅, муассисаҳои таҳсилоти ибтидои̅ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми̅ дар асоси дастовардҳои муосири илмҳои педагоги̅ ва психологи̅;
- назария ва амалияи равандҳои инноватсиони̅ дар мазмуни таҳсилот, технологияи таълими фанҳои филологию дақиқ;
- ташаккул ва рушди равандҳои инноватсиони̅ дар системаи демократикунонии таҳсилоти касбии Тоҷикистон;
- рушди ибтикороти педагоги̅, ташаккули низоми кредити̅, роҳандозии таълими он дар муассисаҳои тахсилоти олии касби̅ ва баъдидиплом̅и;
- беҳдошти таълиму тарбияи кӯдакони имконияташон маҳдуд;
- пажӯҳиши вазъи рушди мактаб (синфҳо)- и камнуфус;
- гузариш ба низоми таҳсилоти миёнаи умумї (12-сола) дар Љумҳурии Тољикистон: зарурат, мушкилот ва чашмдошт;
- омӯзиш ва таҳқиқи̅ низоми 100 хола дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми̅;
- тайёр кардани кадрҳои илми̅ ва илмиву педагоги̅ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №308, аз 02.07.2008с.);
- роҳу усулҳои таҳияи барномаҳо ва лоиҳаҳо, барқарор намудани муносибатҳои судманд бо созмонҳои давлативу ғайридавлатї ва муҳаққиқони хориљї.

Вожаи «квалиметрия» аз лотини̅ qualitas – сифат (ё ин ки quails – чигуна аз рӯи сифат) ва юнони̅ melreo – чен мекунам. Аз ин бармеояд, ки квалиметрия –арзёби̅ ё ин ки баҳодиҳи̅ ба сифати пажӯҳишҳои педагоги̅, ҳамчун шохаи мустақили илмшиноси̅ -ин арзёбии сифати маҳсулот бо усулҳои худ рушди илм, маҳсулнокии олимон, сифат ва самараи корҳои илмию таҳқиқотиро мавриди арзёби̅ қарор медиҳад. Бояд қайд намоем, ки мақоми арзёбии сифати пажӯҳишҳо хеле васеъ ва доманадор аст. Сарҳади арзёбии сифати пажӯҳишҳо аз рӯи коркарди ченакҳои мушаххас, методҳои миқдорию сифатии баҳодиҳи̅ ба дурнамои мазмуну мундариҷаи илм ва самтҳои асосии он, самаранокии таҳқиқотҳои илми̅ – педагоги̅ ва сифати корҳои илми̅ – педагоги̅ дараҷаи навигари̅, муҳимият, аҳамияти назарявию амалии натиҷаҳои ба даст омадаро муайян мекунад, равона шудааст. Аз ин рӯ, мо кӯшиш намудем, ки ба сифату миқдори корҳои илмию тақиқии ходимони илмии Пажӯҳишгоҳ дар соли 2014 ба анҷом расидааст баҳогузори̅ намоем.

**Ҳадафи таҳқиқот:** Баррасии ҳисоботи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ дар соли 2014 ва муайян намудани вазифаҳои ходимони илми̅ барои соли 2015.

**Мавод ва усули таҳқиқот:** Ҳисоботи солонаи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ дар соли 2014, маҷаллаи илмию методи̅ «Илм ва инноватсия» №1-2 (7-8), 2014, №3-(9),2014, № - 4(10), 2014, методҳои миқдорию сифатии баҳодиҳи̅.

**Таҳлил ва натиҷагири̅:**

*Оид ба Барномаи тайёр кардани кадрҳои илми̅ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2009-2015 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, №296)* зикр кардан бомаврид аст, ки дар моҳи сентябри соли 2014 дар қайди шуъбаи аспирантура ва докторантураи Пажӯҳишгоҳ 221 нафар қарор доранд, ки аз он 25 нафарашон аспирантони ватани̅, 4 нафарашон аз ҶИЭ, 5 нафар докторант ва 137 нафар унвонҷӯй мебошанд, ки аз он 44 нафарашон шаҳрвандони хориҷи̅ мебошанд.

Дар соли 2014, 16 нафар докторант, аспирант ва унвонҷӯёни муассиса рисолаи номзадии хешро ҳимоя карданд. Аз ин шумора 6 нафарашон шаҳрвандони хориҷи̅, 8 нафарь шаҳрвандони ватани̅ ва 2 нафар бо рисолаи доктори̅.

Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар соли 2014 таҳқикро аз рӯйи 6 мавзӯи фармоишӣ роҳандозӣ намудааст:

**Лоиҳа:** "Мутобиқгардонии мазмуни таҳсилот дар муассисаҳои томактабӣ ва мактаби ибтидоӣ дар асоси дастовардҳои муосири илмҳои педагогӣ ва психологӣ". (2011-2015). **РКД 0102ТД930.**

**Роҳбари лоиҳа: академики ААТ, д.п.н. Шарифзода Ф.**

Дар раванди пажӯҳиш усулҳои таълим ва омӯзиши интерактивӣ, тарзу равишҳои гуногуни ҳамкории калонсолон ва кӯдакони синну соли гуногун мавриди таҳқиқ қарор гирифта, доир ба тарбияи ватандӯстӣ ва хештаншиносии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ дастуру раҳнамо таълиф карда шуд. Роҳҳои инкишофи тафаккур ва мустақилияти кӯдакон дар рафти машғулият, ташаккули қобилияти эҷодии онҳо муайян карда шуд. Мавҷудияти маводи таълимию методӣ, сифати таълиму тарбия ва донишгирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифт. Ҳамзамон, методологияи таҳқиқи инкишофи нутқи мураттаби кӯдакони синни калони мактабӣ муайян карда шуд.

Натиҷаҳои пажӯҳиш дар стандарту барномаҳо, дастури илмию методӣ ва мақолаҳои илмӣ инъикос гардиданд. Ҳамоҳангсозии КИТ бо ВКД ҶТ, ВМИ ҶТ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ, Ассосиатсияи психологони Тоҷикистон (АПТ), Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон сурат гирифт. 45 мақола,8 дастури илмӣ, методию таълимӣ ба табъ расид.

***Лоиҳа:*** " Заминаҳои психологӣ ва педагогии ташаккули шахсияти кӯдак дар шароити ислоҳоти низоми таҳсилот дар заминаи дастовардҳои муосири илми психология". ). (2011-2015). **РКД 0102931.**

**Роҳбари лоиҳа: акад. ААТ, д.п.н. Қодиров Қ..**

Тариқи пурсишнома ва суҳбатҳои инфиродӣ сабабҳои даст ба ҷиноят задани наврасону ҷавонон, оворагардӣ ва аз дарсу мактаб гурехтани онҳо муайян карда шуда, доир ба пешгирии амалҳои номатлуб "Барномаи давлатии пешгирии ҳолатҳои каҷрафторӣ, косташавии ахлоқи наврасону ҷавонон ва майнӯшию тамокукашии наврасону ҷавонон" таҳия гардид. Роҳнамои фаъолияти Ассотсиатсияи волидону омӯхзгорон дар тарбияи ахлоқии наврасону ҷавонон мураттаб гардид. Ҳамоҳангсозии КИТ бо ВКД ҶТ, ВМИ ҶТ ва зерсохторҳои он, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сурат гирифт.

**Лоиҳа:** "Ташаккули шахсияти хонандагон тавассути варзиш, меҳнат ва санъат". (2011-2015). **РКД 0102ТД930.**

**Роҳбари лоиҳа: акад. ААТ, д.п.н. Зубайдов У.**

Сабабҳои паст гардидани маънавиёт, ахлоқ ва ба сигоркашӣ майл намудани наврасон, ғайримақсад истифода шудани воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз тарафи хонандагон равшан карда шуда, ҷиҳати ташаккулу пешгирии амалҳои ғайриахлоқӣ ва самаранок истифода кардани технологияи муосир ба роҳбарияту омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таълимӣ тавсияҳо пешниҳод гардид. Ҳамчунин дар муассисаҳои таълимӣ як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ ва таълимии умумимактабӣ доир ба ин масъала баргузор карда шуд. Ҳамоҳангсозии КИТ бо ВМИ ҶТ ва зерсохторҳои он, Вазорати мудофиаи ҶТ, Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон, марказҳои варззишии ҷумҳурӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ сурат гирифт. 11 мақола, 1 китоби дарсӣ ва 2 дастур нашр гардид.

**Лоиҳа**: "Ташаккул ва рушди равандҳои инноватсионӣ дар системаи демократикунонии таҳсилоти касбии Тоҷикистон". (2011-2015). **РКД 0102ТД933.**

**Роҳбари лоиҳа: д.п.н., проф. Сулаймонӣ С.**

Тарзу усулҳои фаъолияти ибтикорӣ (инноватсионӣ) бо назардошти низоми демократикунонии таҳсилот пешниҳод гардиданд.

Бобати рушди равандҳои инноватсионӣ ва фаъолиятҳои инноватсионӣ дастуру мақола ва тавсияҳо таълиф гардиданд. Назарияи илмию педагогӣ ва психологии ташаккули фаъолиятҳои инноватсионӣ коркард карда шуд. Натиҷаи пажӯҳиш дар рисолаи илмӣ,дастурҳои методӣ ва мақолаҳои илмӣ инъикос ёфта, дастраси ниёзмандон гардид. Ҳамоҳангсозии КИТ бо ВМИ ҶТ ва зерсохторҳои он, марказҳои инноватсионӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ ва паркҳои технологӣ сурат гирифт. 6 дастури таълимӣ ва 16 мақола ба табъ расид.

**Лоиҳа:** “Асосҳои назариявии стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва технологияи электронии таълими фанҳои табиию риёзӣ дар шароити таҳсилоти 12 – сола”. (2011-2015). **РКД 0102ТД934.**

**Роҳбари лоиҳа: акад. ААТ, д.п.н. Каримова И.Х.**

Бо супориши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаю барномаҳои таълимии амалкунанда мавриди таҳлил, таҳрир, коркард қарор гирифта, ҷиҳати муккамал шудани санадҳои зикршуда, мулоҳиза, тавсия ва пешниҳодоти мутахассисон ба Вазорати маориф ва илм ирсол карда шуд. Ҳамчунин мувофиқатии китобҳои дарсӣ бо барномаю нақшаҳои таълим таҳлил ва муқоиса гардид. Натиҷаи пажӯҳиш дар рисолаи илмӣ,дастурҳои методӣ ва мақолаҳои илмӣ инъикос ёфта, дастраси ниёзмандон гардид. Ҳамоҳангсозии КИТ бо ВМИ ҶТ, донишгоҳу доникадаҳои тахассусию омӯзгорӣ, коллеҷу омӯзишгоҳҳо, марказҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф сурат гирифт. 18 мақола, 8 дастури методӣ ба табъ расид.

**Лоиҳа:** «Назария ва амалияи равандҳои инноватсионӣ дар мазмуни таҳсилот, технологияи таълимии фанҳои ҷомеашиносӣ ва филологӣ».(2011-2015). **РКД 0102ТД934.**

**Роҳбари лоиҳа: д.и.ф., проф. Исрофилниё Ш.**

Мутобиқшавии хонандагон ба низоми нави таҳсилот аз ҷумла, истифодаи санҷишҳои тестӣ дар муассиса, рейтинг ба дониши хонанда мавриди озмоиш қарор гирифта, намунаи тестҳои фаннӣ аз фанҳои ҷомеашиносию филологӣ ва барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва хонандагон таҳия шуд. Дар робита ба мавзӯъ омилҳои бад шудани ҳусни хати хонандагон таҳқиқ гардида, пиромуни ҳусни хати хуб тавсия ва мақолаҳо ба табъ расонида шуд.

Ҷиҳати татбиқи мавзӯъ дастурҳои таълимию методии: “Афкори равоншиносию ахлоқии Абӯалӣ ибни Сино”, “Ворид шудан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот”, “Маҳорати касбии омӯзгорони ҷавон”, “Теоретические основы проблемы повышения качества профессиональной подготовки школьников средствами педагогического тестирования”, “Критическое мышления и его использования в преподовании английского языка” ва “Арзишҳои навин дар мазмуни таҳсилоти томактабӣ”, “наследие Носира Бухорои и развитие любовно-мистической газели в14 веке” ба табъ расиданд. Дар ин замина дарсҳои муосир ва кушод бо истифода аз усулҳои ҷадиди таълим дар муассисаҳои таълимии озмоишӣ баргузор гардид. Натиҷаи пажӯҳишҳо дар дар китобҳо, дастурҳо, низомнома ва мақолаҳои илмӣ инъикос гардидааст. Ҳамоҳангсозии КИТ бо ВМИ ҶТ зерсохторҳои он, АИ ҶТ, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди ҲҶТ, донишгоҳу доникадаҳои тахассусию омӯзгорӣ, коллеҷу омӯзишгоҳҳо, марказҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф сурат гирифт. 23 мақола,4 дастури методӣ, 2 китоб ва1 монография аз нашр баромад.

**Натиҷаи пажӯҳишҳо:**

Бояд тазаккур дод, ки доир ба нақшаи кории Пажӯҳишгоҳ дар соли 2014 ва доир ба иҷрои бандҳои марбути барномаю стратегия ва консепсияҳои давлатӣ аз тарафи ходимони илмӣ дар Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон корҳои илмӣ- таҳқиқии мубрамро роҳандозӣ намуда **натиҷаи пажӯҳишҳо** дар монографияҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, низомномаҳо ва мақолаҳои илмию методӣ, баргузории чорабиниҳои илмию методӣ аз қабили конфронсҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва ВАО инъикос гардидааст.

Ходимони илмии Пажӯҳишгоҳ бо мақсади гузаронидани таҳқиқоту озмоиш роҷеъ ба амалӣ намудани нақшаи кори Пажӯҳишгоҳ ва иҷрои фармоишҳои ВМИ ҶТ, АТТ дар муассисаҳои таълимӣ зиёда аз 31 сафари корӣ анҷом доданд:

-Дар асоси фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон №363 аз 21.02.2014 (Оид ба таъсиси гурӯҳи корӣ) аз 24 то 28.02.2014 дар муассисаҳои таълимии №№4,6,11 ва 61-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе вазъи таълиму тарбия, таъминоти кадрӣ, китобҳои дарсӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, фаъолияти иттиҳодияҳои методӣ ва иҷрои барномаҳои давлатӣ санҷида шуд. Натиҷаи санҷиш ба ВМ ва ИҶТ пешниҳод гардид.

-тибқи фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон №243 аз 10.02.2014 аз 08.04. то 13.04.2014 ба вилояти Суғд сафар карда, баргузории рейтингҳои сифати дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии вилоятро мавриди омӯзиш

ва таҳқиқот қарор доданд. Маълумотномаи натиҷаи санҷишро бо лоиҳаи қарори Мушовараи ВМ ва ИҶТ (дар моҳи майи соли 2014 ) таҳия ва ба ВМ ва ИҶТ манзур намуданд.

-аз 28.04.то 03.05.2014 ходимони илмии шуъба Абдусатторова М. ва Ҷонмаҳмадова Г. бо фармоиши Президенти АТТ №25 аз 17.04.2014 рафти татбиқи «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши фанҳои забони русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014»- ро мавриди санҷиш қарор дода, аз натиҷаи санҷиш ба унвони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва АТТ маълумотнома пешниҳод карданд.

-ходимони илмӣ Лутфуллоева П. ва Ҷонмаҳмадова Г. Аз 15.05.2014 то 28.05.2014 дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ тренинги «Хониши босифат»-ро гузарониданд.

-Имомназаров Д., Зиёев Қ. Сатторов А. бо фармоиши Вазири маориф ва илми ЧТ ба мӯҳлати 5 рӯз ба Вилояти Мухтори Бадахшон бо мақсади муайян намудани вазъи таълиму тарбия сатҳи дониш,маҳорат ва малакаи хонандагони муассисаҳоир таҳсилоти умумии вилоят.

-Имомназаров Д.,Сатторов А. бофармоиши Вазири маориф ва илмиба мӯҳлати 5 рӯз ба ноҳияи Турсунзода ва Шаҳринав бо мақсади муайян намудани вазъи таълиму тарбия сатҳи дониш,маҳорат ва малакаи хонандагон.

-Имомназаров Д., Лаблабонов мувофиқи фармоиши Вазири маориф ва илми баҳри муайян намудани вазъи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе бо мақсади муайян намудани вазъи таълиму тарбия сатҳи дониш,маҳорат ва малакаи хонандагон ба муҳлати 5-рӯз.

-Имомназаров Д., Сатторов А.,Зиёев Қ бо фармоиши Вазири маориф ва илм ба вилояти Хатлон бо мақсади муайян намудани вазъи таълиму тарбия сатҳи дониш,маҳорат ва малакаи хонандагон.

-Имомназаров Д., Сатторов А., Зиёев Қ. бо фармоиши Вазири маориф ва илм ба мӯҳлати 5 рӯз ба вилояти Суғд бо мақсади муайян намудани вазъи таълиму тарбия сатҳи дониш,маҳорат ва малакаи хонандагон.

-Имомназаров Д. бо фармоиши Вазири маориф ва илмиба мӯҳлати 4 рӯз Мактаби байналмилалии Президантии шаҳри Душанбе, литсейҳои Президентӣ шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо мақсади муайян намудани вазъи таълиму тарбия сатҳи дониш,маҳорат ва малакаи хонандагон.

-Маҳмадҷонов О, Абдулазизов В., Шарифов М. тибқи фармоиши Вазири маориф ва илми ҶТ бо мақсади гузаронидани олимпиадаи ҷумҳуриявии мактаббачагон доир ба фанҳои гуманитарӣ дар ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон ва ноҳияи Ҳисор сафарбар гардидаанд.

- Имомназаров Д. Маҳкамов Д. бо фармоиши Вазорати маорифи ҶТ ба мӯҳлати ба Вилояти МКБ бо мақсади санҷиши вазъи таълиму тарбия сатҳи дониш,маҳорат ва малакаи хонандагон.

- Зиёев Қ. О. тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санҷиши вазъи таълиму тарбия, сатҳи дониши хонандагон дар ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон.

- Зиёев Қ. О.тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04. 2014, № 832 рӯзҳои 05.05.2014 - 10.05.2014 санҷиши вазъи таълиму тарбия, сатҳи дониши хонандагон ва татбиқи Барномаҳои давлатӣ дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд сафарбар гардиданд, аз натиҷаи он маълумотнома ба ВМ ва илми ҶТ манзур гардид.

***Дар соли 2014 фаъолияти табъу нашри кормандони илмӣ ба таври зерин арзёбӣ мешавад:***

***1.Мақолаҳои илмӣ-омавӣ- шумора, ҷузъӣ чопӣ...***

***2. Мақолаҳои илмӣ-методӣ- шумора, ҷузъӣ чопӣ...***

***3.Дастурҳои методӣ- номгӯй (выходные данные)***

***4. Дастурҳои илмӣ номгӯй (выходные данные)***

***5.Китобҳои дарсӣ (выходные данные)***

***6.Монография (выходные данные) Масалан,*** Раҷабов М.21 мақолаи илмӣ-методӣ 7 ҷузъи чопӣ)

1.Исследовательские навыки в наукометрии.- Душанбе: Ирфон, 2014.- 160с.

2.Квалиметрия педагогических исследований таджикских учёных в период государственной независимости Таджикистана.- Душанбе: Ирфон, 2014.-226с.

3.Диссертационные исследования в контексте наукометрии.- Душанбе: Ирфон, 2014.- 144 с.

4.Разработка научных работ в русле диссертационных исследований в Таджикистане.- Душанбе: Ирфон, 2014.- 160 с. (43,1 ҷ.чопӣ).

Ҷамъ-50,1 ҷузъӣ чопӣ).

***Эзоҳ: гайр аз мақолаҳо номгӯи китобу дастурҳоро пурра навиштан даркор аст. Ё ин ки конкретно шуъбаю бахшҳоро таҳлил кунем................Тибқи нақшаи кории Пажӯҳишгоҳ, барномаҳои давлатии соҳавӣ. Берун аз нақшаи корӣ.***

***Шумо маводро таҳлил карда равон кунедва боз такмил медиҳем.***

- **- китоб ва монография – 209, 08 ҷ.ч.**
- **- дастурҳои таълимию методӣ- 265, 00 ҷ.ч.**
- **- рисолаи илмӣ – 146, 03 ҷ.ч.**
- **- суханронӣ дар телевизион ва радио-54**
- **- иштирок дар семинару конференсия ва мизи мудаввар -71**

**Хулоса:**

**Китобнома:**


1. МаводиШӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2015. 335 саҳ.
2. Ҳисоботи солонаи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ дар соли 2014, маҷаллаи илмию методӣ «Илм ва инноватсия» №1-2 (7-8), 2014, №3-(9),2014, № - 4(10), 2014


**Аннотатсия ****

**Калидвожаҳо:**

## ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ НИЗОМИ БАҲОДИҲИИ САДХОЛА


***АМОНОВ Н.Қ.,***

*мутахассиси пешбари илмии*

*шуъбаи «Педагогика ва психология»,*

*номзади илми психология*


Паи солҳои охир аз тарафи педагогҳо кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки ба воситаи роҳу усулҳои гуногун дар раванди дарси таълимӣ хонандагонро фаъол гардонанд ва диққати онҳоро ба мазмун ва мундариҷаи дарс ҷалб намуда, сифати таълим беҳтар карда шавад. Зеро, низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии кишвар эътироф гардидааст. Вобаста ба ин аз ҷониби вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти соҳаи маориф пайгирона ва собитқадамона ба роҳ монда шудааст. Дуруст аст, ки имрӯз масъалаи таъмини сифати баланди таълим ва тарбияи ҷавонони дорои дониш, маҳорат ва малакаҳои касбӣ дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва меҳнатдӯстӣ ба таври дилхоҳ нест. Бинобар ин, масъалаи баланд бардоштани сифати таълим имрӯз аз муҳимтарин мушкилоти соҳаи маориф ба шумор меравад ва саъю талоши вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бештар ба ҳалли ҳамин масъала равона гардидааст. Такмили низоми баҳодиҳӣ низ маҳз ба хотири тадбиқи шаффофият ва ҳаққонияти арзёбии дониш, маҳорат, малакаю рафтори хонандагон, инчунин ба ин васила мусоидат намудан ба беҳтар шудани сифати таълиму тарбия дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона гардидааст.

Имрӯзҳо олимон ва мутахассисони Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар асоси фармони вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03. 11. 2014 сол таҳти № 2429 бо мақсади озмоиш ва дарёфти афзалияту

бартарии низом ва меъёрҳои нави баҳодиҳии бисёрхола ба дониш, маҳорат, малака ва рафтори хонандагон амал карда истодаанд. Бо ин мақсад аз тарафи Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шартномаи ҳамкорӣ баста, мутахассисон бо кормандони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вохӯриҳо ва семинарҳо гузарониданд. Дар баробари ин нақшаи гузаронидани дарсҳои кушодро низ тартиб доданд. Мувофиқи ин нақша роҳбарият ва муаллимони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебояд синф, хонандаҳоро ба дарси кушод омода намуда, дар паси партаҳо нишаста, дарси кушодро мушоҳида намуда, оид ба низоми баҳодиҳии садхола дониши амалӣ пайдо намоянд. Аз ин рӯ, яке аз мутахассисони Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мебоист, дарси кушодро гузаронаду устодони дигар дарсро мушоҳида намуда, бо тарзи нави баҳодиҳӣ шинос шаванд.

Мувофиқ ба ин нақшаи ҳамкорӣ ман дар дарси кушоди ходими калони илмии шуъбаи «Педагогика ва психология» Исоева Д.Э. иштирок намудам. Дарс аз ибтидо бо шинос намудани хонандагон ва дигар иштирокчиён бо тарзи нави баҳодиҳӣ, яъне низоми баҳодиҳии садхола оғоз гардид.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи баҳодиҳӣ дар раванди таълим ва тарбия роли муҳим мебозад. Дар сурати вайрон намудани меъёр ва қоидаҳои баҳодиҳӣ дар байни устод ва шогирдон ҳиссӣ нафрат ва муносибатҳои манфӣ пайдо шуданаш имкон дорад. Дар масъалаи меъёрҳои баҳодиҳӣ бошад, дар байни психологҳо мулоҳизарониҳои гуногун ба чашм мерасад, ки дар кадом лаҳза ин меъёрҳо бояд хотирасон карда шаванд. Меъёрҳои баҳодиҳиро метавон дар ибтидои иҷрои супориш, дар байн ва дар охир ба шогирдон пешниҳод намуд. Тадқиқотҳои психологҳо нишон медиҳанд, ки беҳтарин лаҳзаи баён намудани меъёрҳои баҳодиҳӣ ин дар ибтидоӣ гузориши супориш мебошад. Дар ибтидоӣ иҷрои амал ба шогирдон пешниҳод намудани меъёри баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки шогирдон ба кори худ баҳо диҳанд, яъне тарафҳои мусбӣ ва манфии кори кардаашонро дарк намоянд. Кори кардаи худро таҳлил ва таркиб намуда, ба имконот ва ғайрати худ баҳои объективӣ диҳанд. Чунин тарзи ташкили баҳодиҳӣ ба хонандагон нишон медиҳад, ки онҳо худашон метавонанд сифати давомот ва хониши худро муайян намоянд. Дар ин сурат, баҳои гирифтаи хонанда характери субъективӣ гирифта наметавонад, зеро хонандагон метавонанд мустақилона ба кори кардаашон баҳодиҳӣ намуда, аз устоди худ барои баҳои паст гузоштанаш домангир нашаванд.

Дар масъалаи баҳодиҳӣ психологҳо бисёр тадқиқот гузаронида, ақидаронӣ намуданд, ки сарчашмаи асосии фаъолии хонандагон дар раванди фаолияти таълимӣ мебошад. Элконин Д.Б. қайд менамояд, ки «муайян намудани меъёрҳои баҳодиҳӣ ва ба шогирдон расонидани онҳо дар ташаккули мароми ҳамкорӣ таъсирӣ ҷиддӣ мерасонад». Ба ақидаи Д.Б. Элконин муаллим бояд ба диққати ҳар як шогирд расонад, ки кадом баҳо барои чӣ ва кадом муваффақиятҳо гузошта шудааст.

Ҳамин тавр, дар раванди дарси Исоева Д.Э. хонандагон аз роҳу усулҳои нави баҳогузорӣ огоҳ шуда, бо як завқи баланд иштирокчии ин машғулият шуданд. Исоева Д.Э. ба хонандагон фаҳмонид, ки барои иштирок дар дарс онҳо соҳиби 20 хол мегарданд. Барои пурра иҷро намудани вазифаи хонагӣ соҳиби 30 хол, саволгузорӣ 5 хол, бозиҳои дидактивӣ-фанӣ 10 хол, тартиб додани масъалаҳо 20 хол гирифта метавонанд. Боз дар рафти машғулият барои ҷавоби дуруст ба савол ё супориши додашуда боз метавонанд 15 холи дигарро соҳиб шаванд. Умуман, ҷамъи ҳамаи холҳои гирифташуда 100 холро бояд дар бар бигирад.

Шартҳои хол гирифтанро фаҳмонида, Исоева Д.Э. ба ҳалли мисолу масъалаҳо оид ба мавзӯӣ имрӯза шурӯъ кард. Ба тахтаи синф 2-3 нафар хонандаҳоро даъват намуда, ба хонандагони дигар супоришҳои алоҳидаи фардиро дар шакли варақа тақсим намуд. Саволу супоришҳое, ба хонандагон дода мешуд, мазмунан такрори мавзӯҳои гузашта буда, хонандагонро омода менамуданд, ки бештар ба мантиқи супориш диққати махсус диҳанд. Масалан супориши аввал чунин буд: «Дар тақсимча 5 дона тухм буд. Ин 5 дона тухмро ба 5 нафар чи хел бояд тақсим кард, ки дар тақсимча як дона тухм монад». Бояд қайд намуд, ки мантиқи ин супоришҳои додашуда, аз як тараф диққати хонандаро ба дарс ҷалб мекунаду аз тарафи дигар барои инкишофи фикронии хонандагон мусоидат хоҳанд кард.

Мувофиқи дастовардҳои илми психология /1/, /3/, /4/, тавассути устувор ба мазмун ва мундариҷаи дарси таълимӣ равона кардани диққати хонанда имкон пайдо мешавад, ки сафи хонандагони сустхонро кам намоем. Дар асарҳои илмии психологҳои машҳур ба мисли Галперин П.Я., Амонашвили Ш.А. ва дигарон низ қайд карда мешавад, ки ба воситаи ба мазмун ва мундариҷаи дарс ҷалб намудани диққати хонандагон, муаллим метавонад шумораи хонандагони сустхонро кам карда, сафи аълохонҳоро бештар гардонад.

Ҳамин тавр, тадқиқотҳои психологӣ /2/, /3/, /4/ нишон медиҳанд, ки сарчашмаи азхуднамоии фани таълимӣ ва ташаккули маҳорати фикронии хонандагон ин устувории диққат ба дарс мебошад. Боиси қайд аст, ки асоси физиологии устувории диққатро устуворӣ ва доимо ивазкунии манбаҳои оптималии ҳаяҷон дар протсесси фаъолият ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, барои нигоҳдории устувории диққат бояд таассуроти хонандагонро дар дарс бо роҳи истифодаи асбобҳои айёнӣ гуногунранг намоем, намудҳои гуногуни фаъолиятро ба якдигар иваз кунем, масъалагузориҳои шаклан гуногунро истифода барем, ки инҳо фаъолии тафаккур ва шавқу ҳаваси онҳоро бедор менамояд. Бояд таъкид намуд, ки гуногунрангии таъсирбахшиҳо бояд бо мақсад ва мазмуни дарс мувофиқат кунанд. Дар ин ҳолат бояд дар объекти диққат тарафҳои гуногуну нави онро кушода диҳем, нисбати он саволҳои нав ба нав гузорем ва дар ин замина амалҳои навро иҷро намоем - ин ҳама ба нигоҳдории устувории диққати хонанда ёрӣ мерасонад. Оид ба ин масъала Добринин Н.Ф. таъкид мекунад, ки барои бодиққат шудан фақат чашм наканда, ба предмет нигаристан кифоя нест, балки он бояд аз назари гуногун дида баромада шавад ва идроки онро гуногуншакл бояд кард. /1/

Илова бар ин ҳама, дар давоми дарс Исоева Д.Э. ҳар замон супоришҳои иҷро кардаи хонадагонро санҷида истода, ба ҷавоби онҳо хол медод. Дар баробари ин, муаллима мекӯшид бештар ба хонандаҳое навбати ҷавоб доданро диҳад, ки даст боло карданду камтар ҷавоб гардониданд. Умуман, Исоева Д.Э. кушиш мекард, ки ҳама хонандагон имконияти баробари ҷавоб додану холи баланд гирифтанро доро шаванд. Инчунин, муаллима параллел ба раванди дарс холҳои ҷамъшудаи хонандагонро ҳисоб карда истода, хонандагонро боз ба фаъолии бештар даъват мекард. Зеро фаъолӣ шарти асосии ба мақсадрасӣ буда, тавассути он дар хонандагон дониш, маҳорат ва малакаҳои зарурииро ташаккул додан мумкин аст.

Бояд қайд намуд, ки чунин тарзи дарсгузаронӣ ва ин низоми баҳодиҳии садхола, як амали нави дидактикӣ буда, маҳорат ва малакаи баланди педагогиро талаб менамояд. Новобаста аз ин мушкилиҳо, ин низоми баҳодиҳии садхола мувофиқи талаби ин замон аст. Ин низоми баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки хонандагон пурра диққати худро ба мазмун ва мундариҷаи дарси таълимӣ равона намуда, мунтазам фаъол бошанд. Хонандаҳо шоҳиди он мешаванд, ки чӣ хел бо фаъолии худ ба холи баландтарин сазовор шудан мумкин аст. Бо забони дигар гӯем, хонанда мақсади худро дида истода, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ба ин мақсади худ ноил гардад. Ҳамин тавр, дар дарси кушоди Исоева Д.Э. хонадагон бо фаъолии намунавии худ исбот намуданд, ки чӣ гуна низоми баҳодиҳии садхола дар фаъолгардонии шогирдон муфид ва самарабахш аст. Бо истифода аз ин усули баҳодиҳӣ имконият пайдо мегардад, ки сафи хонандагони диққатпарешон, пассив ва аз дарс бехабарро, ки боиси сустхонии онҳо мешавад, кам карда шумораи фаъолон ва аълохонҳоро бештар гардонем.

**Китобнома:**


1. Акимова М.К., Козлова В.Т. Неуспевающие дети. – М., 1991. - 215с.
2. Беляускайте Р.Ф. Рисуночные пробы как средство диагностики развития личности ребенка – М. 1987. – 173с.
3. Блонский П.Т. Школьная успеваемость. Избранные произведения. – М. 1987. – 418с.
4. Божович Е.Д. Психологическая коррекция учебной работы школьников. – М. 1987. – 342с.

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СИСТЕМЫ СТО БАЛЬНОГО ОЦЕНИВАНИЯ

*АМОНОВ Н.Қ.*

Последние годы со стороны Правительства и Министерство образования и науки Республики Таджикистан делаются многое по направлению улучшения качество обучения в общеобразовательных школах республики. С этой целью в Институт развития образования Академии образования Таджикистана проводятся исследования и адаптации системы сто бального оценивания. Проводя показательные занятия и осуществляя системы сто бального оценивания, сотрудники ИРО АОТ демонстрировали, что в процессе преподавания по этой системе уровень активность и знания учащихся становятся выше и занятия проводятся на много интереснее, привлекательнее для учащихся. Подобные уроки могут стать причиной улучшения качество обучения учащихся.

***Ключевые слова:*** *урок, ученики, учитель, системы сто бального оценивания, активность, качество обучения и т.д.*

## PSYCHOLOGICAL SPECIFICATIONS OF HUNDRED SCORE ASSESSMENT SYSTEM

*AMONOV N.*

Recent years the Government and the Ministry of Education and Science of the Republic Tajikistan have implemented major activities to improve the quality of teaching and learning in secondary education schools. In this regards the Education Development Institute of Education Academy of Education of Tajikistan conducts studies and pilots hundred score assessment system. Through demonstrative lessons IED EAT experts defined that teaching and learning process became more interesting and students' levels of knowledge, involvement and interest increased while hundred score system was applied. Similar lessons would support the improvement of students' learning quality.

***Keywords***: *a lesson, pupils, the teacher, hundred score assessment systems, activity, quality of learning and etc.*

## ТАТБИҚИ НАҚШАҲОИ ТАЪЛИМӢ - ВОҚЕИЯТ ВА МУШКИЛОТ

***ИМОМНАЗАРОВ Д.,***
*мудири шуъбаи таҳсилоти миёнаи умумии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТ Т*

***КУЧАКШОЕВД.,***
*ходими калони илмии шуъбаи таҳсилоти миёнаи умумии ПРМ*

Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ асоси муҳтавои ҳуҷҷатҳоеро, ки мазмуни таҳсилотро муайян менамоянд, ташкил медиҳад. Яке аз ин гуна ҳуҷҷатҳо нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маҳсуб ёфта, он дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти пешрафти илми муосир, педагогика ва психология, ва таъмини беҳдошти саломатии хонандагон таҳия мегардад. Дар нақшаҳои мазкур миқдори соатҳою номгӯйи фанҳои таълимӣ тибқи Стандарт пешбинишуда аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, тақсимоти соатҳои омӯзишии онҳо дар давоми сол, ҳафта дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ вобаста ба забони таҳсил барои ҳар як фанни таълимӣ нишон дода мешавад.

Нақшаи такягоҳии таълими амалкунанда барои ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона буда, муассисаи таълимӣ дар сурати зарурат

нақшаҳои таълимии хешро тибқи он таҳия менамояд ва барои тасдиқ мувофиқи муқаррарот ба мақомоти болоии соҳа пешниҳод месозад.

Шакли асосии нақшаҳои таълимӣ: нашқаҳои таълимии такягоҳӣ, базавӣ, нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии мушаххас ва ғайра мебошанд.

Таълимгоҳҳо (мактабҳои таҳсилоти умумӣ, литсей, гимназия, мактабҳои хусусӣ) метавонанд яке аз заминаҳои нақшаи таълимро, ки дар асоси нақшаи таълимии такягоҳӣ тартиб дода шудааст, интихоб намуда,мувофиқи шароит ва имконият аз доираи соатҳои умумии нақшаи такягоҳӣ набаромада, нақшаи таълимии худро мураттаб созанд ва баъди тасдиқ дар шӯъба ва ё Вазорати маориф ва илм мавриди истифода қарор диҳанд.

Мақсади асосии нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пеш аз ҳама баланд бардоштани сифати таҳсилот, қонеъ гардонидани талаботи шахс нисбат ба ҳифзи донишҳои замонавӣ, ҷорӣ намудани таълими равиявӣ бо назардошти омодагии хонандагон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ба амал баровардани дифференсиатсияи тахассусӣ дар зинаи мухталифи таҳсилот арзёбӣ мегардад.

Барои самаранок амалӣ намудани ин мақсад дар нақшаҳои таълимӣ омӯзиши фанҳо аз рӯи равия ва дар дохили равия зерравияҳои соҳавӣ пешниҳод гардидааст, ки он аз синфи 10 пешбинӣ гардидааст, ки дар аксари кишварҳои ҷаҳон мавриди амал қарор дорад.

Гимназия, литсей ва муассисаҳои таълимии махсус (барои хонандагони болаёқат), ки заминаи хуби таълимӣ, базаи моддӣ - техникӣ ва кадрӣ доранд, метавонанд, хонандагонро аз синфи 5 ва 7 ба равияҳо гурӯҳбандӣ намоянд.

Таълими равиявӣ ҳамчун як намуди махсуси таълими тафриқавӣ (гурӯҳбандии фанҳо аз рӯи равия) ва фардикунонии таълим мебошад, ки сохт, мазмуни таҳсилот ва ташкили раванди таълимро дар зинаи сеюми таҳсилот фаро мегирад. Аз ин рӯ, ҳангоми гурӯҳбандии хонандагон ба равияҳо майлу рағбат,сатҳи дониш, малака, истеъдод, қобилиятҳои зеҳниии онҳо ба инобат гирифта мешавад. Албатта, гурӯҳбандии синфҳо ба равияҳо ба миқдори синф ва шумораи хонандагон низ вобастагӣ дорад.

Мактабҳое, ки ду синфҳои мувозӣ (паралелӣ) доранд,тибқи нақшаи таълимии базавӣ (замимаҳо нишон дода шудаанд) хонандагонро дар онҳо ба равияҳо ҷудо намудан амри воқеӣ арзёбӣ мегардад.

Литсей, гимназияҳо, муассисаҳои таълимии махсус барои хонандагони болаёқат ва муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ метавонанд хонандагонро ба зерравияҳо гурӯҳбандӣ намоянд. Гузашта аз он, мудирони шӯъбаҳои маориф, директорони мактаб, литсей, гимназия ва муассисаҳои таълимии намуди нав (барои хонандагони болаёқат) вазифадор карда шудаанд, ки дар асоси қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 03.2009, №4/24, «Дар бораи тасдиқ намудани Нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли хониши 2008-2009 ва солҳои минбаъда», нишондоду тавзеҳоти он ва мактуби дастурии Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 06/3-941 аз 12 августи соли 2013 бо назардошти имконот ва захираҳои кадрӣ таълими равиявӣ ва дар дохили он гурӯҳбандӣ ба зерравияҳо таъмин намоянд.

Ҳамзамон, бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Сарвари давлат дар бисёр шаҳру ноҳияҳо мактабҳои намуди нав (литсей, Мактабҳои Президентӣ, гимназияҳои давлатию ғайридавлатӣ) ва мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва таълимгоҳҳои ғайридавлатӣ сохта ва ба истифода дода шудаанд, ки шароиту имконияти амалӣ намудани нақшаҳои таълимии замонавӣ дар онҳо муҳайё гардидааст. Ва бо назардошти захираи кадрӣ, кушодани равияҳои нав дар онҳо тибқи муқаррарот иҷозат дода шуда, хонандагон тибқи қобилияти зеҳнӣ,шавқу завқ ва интихоби бошууронаи касбиояндаи хеш таҳсили худро дар онҳо идома бахшида истодаанд, ки дар шароити бозори меҳнат ва рушди илми муосир хеле муфид ва арзишманд арзёбӣ мегардад.

Ҳамзамон дар нақшаи таълимии базавӣ теъдоди соатҳои бахшҳои давлатӣ ва мактабӣ муқаррар карда шуда, тақсимбандии қисмати соатҳои Бахши мактабӣ одатан ба салоҳияти мактабҳои таҳсилоти умумӣ (тибқи қарори Шӯроҳои педагогӣ) вогузор карда шудааст.

Аммо, мутаассифона, таҳқиқоти татбиқи нақшаҳои таълимӣ нишон медиҳад, ки тахминан аз 85 ҳазор соатҳои бахши мактабӣ, ки аз буҷети кишвар маблағгузорӣ карда

мешаванд, тахминан 30- 40 ҳазори ин соатҳо тақсим шуда, дар соли хониши равон истифода бурда мешаванду халос. Соатҳои боқимондаи бахши мактабӣ бо фориғболии дирекорон ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ дар захира нигоҳ дошта шуда, хонандагон аз истифодаи онҳо дар канор мондаанд.

Таносуби миқдори соатҳои қисмати давлатӣ тибқи нақшаҳои амалкунанда дар синфҳои 5-11 аз 89 то 92%, дар синфҳои 1-4 аз 90 то 91%-ро ташкил медиҳад. Ба соатҳои қисмати мактабӣ бошад, аз 8 то 11% дар синфҳои 5-11 ва аз 9 то10 % дар синфҳои 1-4 тибқи нақшаи таълимии амалкунанда соатҳо ҷудо гардидаанд. Соатҳои алоҳидаи қисмати мактабӣ, ки дар нақшаи такягоҳӣ (базавӣ) нишон дода шудаанд, барои омӯзиши чуқури фанҳои таълимӣ истифода бурда мешаванд,ки миқдори онҳо хеле кам (1 соатӣ дар баъзе синфҳо) мебошад.

Падидаи дигари номатлуби замони муосир дар самти татбиқи нақшаҳои таълимии амалкунанда, ки ба сифати таҳсилот ва сатҳи камолоти маънавии хонандагон таъсири манфӣ мегузорад, ин аз меъёр зиёди хонандагон дар синҳо маҳсуб ёфта, имрӯзҳо шумораи онҳо дар баъзе синфҳои таълимгоҳҳои алоҳида аз 26 то 49 ва баъзан аз он ҳам зиёд ташкил медиҳад, он бештар ба таълимгоҳҳои намуди нави давлатӣ ва баъзе муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки иҷозатномаҳо (литсензия)-и пешбурди машулиятҳои иловагии пулакӣ гирифтаанд,бештар тааллуқ дорад. Новобаста ба он, ки директорони ин муассисаҳои таълимӣ аз дахолати мақомотҳои гуногуни шаҳру ноҳияҳо ба озмуни қабули хонандагон арз менамоянд, вале дар аксар маврид сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани ин ҳолатҳо танҳо омилҳои зерин буда метавонанд:

- мавқеи фаъол надоштани мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (шуъбаҳои молия) дар кушодани синфҳои мувозӣ (паралелӣ) дар сурати аз 30-35 нафар зиёд будани хонандагон дар синфҳо ва ба ҳамин васила дар захира нигоҳ дошатни соатҳои таълимӣ;
- манфиати иқтисодии муассисаи таълимӣ, аз ҷумла литсейу гимназияҳо (хонандагони зиёд - маблағи зиёд):
- хароҷоти ками маблағ аз суратҳисоби муассиса (ба ҷойи ду синфи 24, 20, 18 нафарӣ - як синфӣ бо миқдори 49,40,36 нафарӣ хонандагон дар онҳо) аз ҳисоби нигаҳдошти миқдори ками омӯзгорон.

Гузашта аз он, ***бо сабаби нарасидани синфхонаҳо*** (дар як баст фаъолият менамоянд ва қабули хонандагони аз меъёр зиёд) дар бисёр муассисаҳои таҳсилоти умумӣ,аз ҷумла литсейу гимназия, гимназия - парваришгоҳҳо хонандагон ба зергурӯҳҳо ҷудо карда намешаванд ва соатҳои зиёди нақшаи таълимӣ барои таълиму тадрис пешбинишуда ба манфиати хонандагон равона карда намешаванд.

Душвории дигар татбиқи нақшаи таълимӣ ин ***интихоби таълим дар равияҳо*** мебошад, ки ба он низ аз ҷониби масъулини шуъбаи маориф ва ҳам сарварони таълимгоҳҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда намешавад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки шумораи зиёди муассисаҳои таълимии кишвар ба таҳсил дар равияҳо миқдори ками хонандагонро фаро гирифтаан, бахусус дар равияи табию математикӣ.

Бояд қайд намуд, ки ин омил дар шароити гузариш ба санҷиши сатҳи дониши хонандагон тариқи саволномаҳои тестӣ ва дар маҷмӯъ баҳри омода намудани хонандагон ба дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фазои мусоидро фароҳам оварда наметавонад.

Ҳамзамон, тақсимбандии соатҳои **Нақшаҳои таълимии мазкур** дар соли равон дар таълимгоҳҳои кишвар асосан дуруст роҳандозӣ гардида бошанд ҳам, норасоиҳои муайян дар ин самт ба мушоҳида мерасанд, аз ҷумла:

- ***дар тақсимбандии соатҳои бахши мактабӣ*** дар бисёр муассисаҳои таълимӣ мактуби дастурии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба нақшаҳои таълимӣ” аз 12.08.2013 дар интихоби баъзе фанҳои таълимӣ батаври зарурӣ ба эътибор гирифта намешавад. Маслан, дар тақсимоти соатҳои бахши мактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба фанни таърихи х/тоҷик**,** технология (касбу ҳунар), фанни забони тоҷикӣ ва забони русӣ дар зинаи дуюми таҳсилот (равияи муқаррарӣ) ҷудо карда шудааст, ки боиси таассуф аст.

Сабабҳои асосии он ба фикри директорони муассисаҳои таълимӣ инҳоянд:

- аз меъёр зиёд будани сарбории омӯзгорон, ё баръакс кам будани он;

- аз ҳисоби соатҳои бахши мактабӣ зиёд намудани сарбории омӯзгорони алохида (онҳое,ки сарбории кам доранд);

Сабабҳои воқеӣ инҳоянд:

- теъдоди зиёди омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба интихоби таълим дар равияҳо таваҷҷуҳ надоранд, зеро дар таҳияи нақшаҳои тақвимӣ, дастрас намудани манбаъҳои иттилоотӣ (китобҳои дарсӣ) ба душвориҳо рӯ ба рӯ мегарданд;

- дар интихоби таълим дар равияҳо шуъбаи маориф ва ҳам директорони таълимгоҳҳо низ мавқеи фаъолро ҳанӯз ишғол накардаанд;

- ба эътибор нагирифтани ниёз ва зарурати хонандагон ба таълим дар равияҳо ва тавассути он дарёфт намудани мавқеи хеш дар шароити бозори меҳнати рақобатпазир ва рушдёбанда ва ғайра.

Ҳамзамон, бо мақсади истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва наздик гардидан ба фазои ягонаи таҳсилот нақшаҳои таълимии нав тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф таҳия мегарданд, ки дар омода намудани хонандагон ба мактаби таҳсилоти олии касбӣ бештар саҳми арзанда гузошта метавонанд.

Нақшаи таълимии базавӣ баробарии муайян байни донишҳои табиию риёзӣ ва гуманитарӣ бо баъзе бартарии донишҳои сикли фанҳои гуманитарӣ дар зинаи якум, дуюм ва одатан дар зинаи сеюми таҳсилот таъмин менамояд. Ҳамзамон, бояд иброз намуд,ки дар мактабҳои равияи табиию риёзӣ баъзе пешравиҳо дар дониши табиию риёзии хонандагон алакай мушоҳида карда мешавад, ки он ҳоло ҳам дар сатҳи зарурӣ нест. Бояд қайд намуд,ки бартарии таҳсилоти гуманитарӣ дар ду зинаи таҳсилот аз он ҷиҳат қобили кабул аст,ки маҳз фарҳанг ва маълумоти гуманитарӣ ***асоси ташаккули шахсиятро*** дар ин зинаҳо таъмин менамояд, бартарии мазмуни таҳсилоти табиию илмӣ бошад, дар синфҳои 10-11 бештар ба назар мерасад, зеро зарурат ва имконияти омода намудани хонандагон ба фанҳои табиию математикӣ дар шароити имрӯзаи таҳсилот ва рушди бемайлони техникаю технология ба маротиб афзудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки таносуби қисматҳои (блоки) фанҳои таълимӣ (омӯхташаванда) аз ҳисоби қисмати нақшаи таълими равиявӣ барои хонандаи мушаххас метавон тағйир дод. Ин нақшаи таълимӣ нисбати нақшаҳои дигари амалкарда ба хонандагон имконияти озоди интихоби машғулиятҳо ва озодии ташаббус дар коркарди курсҳои нав аз ҷониби худи мактабҳо (бахусус, гимназияю литсейҳо) таъмин месозад. Ба қатори норасоиҳои нақшаҳои таълимии базавӣ ва нақшаҳои зиёди дар асоси онҳо таҳиягардида метавон танҳо қисмати ***фанҳои табиию риёзӣ***, гурӯҳи фанҳои ***“Санъат”*** ворид намуд. Норасоиҳои мазкурро роҳбарнони таълимгоҳҳо дар муассисаҳои таълимӣ метавонанд аз ҳисоби интихоби таълим дар равияҳо бартараф намоянд.

Проблемаи синтез ва то ҳадди имкон ***ҳамгиро*** намудани соҳаҳои таҳсилот дар самти донишҳои гуманитарӣ ва табиию илмӣ, нигаронидани таваҷҷуҳи хонандагон-хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаю олии касбӣ ба таълими ҳамгирою тафаккури глобалӣ ва дарки оламы маънавӣ, идеяҳо, мақсадҳои олӣ, шаклҳои нигаҳдошт ва тағйирпазирии оқилонаи муносибат манфиатовар маҳсуб меёбад.

Дар бораи он бо боварии устувор академик Н.Н.Моисеев чунин менависад: «Дар шароити муосир сатҳ ва мазмуни таҳсилот бояд дар навбати аввал аз ҳисоби ҳамгиро намудани ***донишҳои гуманитарӣ ва табиию математикӣ*** фарох гардад. Вақти он расидааст, ки инсоният бояд харобазори байни ду «ҷамоат» -гуманитарӣ ва табиию илмиро бартараф созад. Ӯ қайд мекунад, ки «*бояд омӯзишро на ба соҳаи мушаххаси илм, фанни таълимӣ равона намуд, балки системаи донишомӯзӣ, омӯзиши нозукиҳои фанҳои алоҳидаи таълимӣ бояд лаҳзаҳою қисматҳои он гарданд ва дар баъзе зинаҳои таҳсилот мавқеи устуворро касб намоянд. Барои мо дар он солҳо ин гуна зина фанни физика ба ҳисоб мерафт, вале на физикаи факту далелҳои алоҳида, балки модели физика. Акнун ин гуна далел метавонад фанни экология гардад*».

Дар ҳаллу фасл намудани ин мушкилот инчунин омӯзгорон-таҷрибакорон (курсу дарсҳои ҳамгиро, сайёҳатҳои комплексӣ, таълими таълими тафриқа) ва олимон (Ф.Шарифзода, М.Лутфуллоев., У.Зубайдов, В.А.Иннатьева, И.Т. Суравегина, Л.В.Тарасов, А.В.Хуторский ва ғайра) фаъолият менамоянд ва бо боварии том метавон

гуфт, ки новобаста ба омода набудани омӯзгорон дар роҳандозии сакмарабахши он ин мушкилот (проблема) дар муҳлати муайяни вақт ҳаллу фасли худро ҳатман меёбад.

Таваҷҷуҳи хосаи хешро ба нақшаҳои таълимии муассисаҳои кишвар мушовири бьайналмилалӣ М. Агранович зоҳир намуд, ӯ аз ҷумла дар маърӯзаи таҳлилии худ «Системаи таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (чанд вақт пеш) ба муқоисаи сатҳи давомнокии соли хониш дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва сохтори нақшаҳои таълимии кишвар дар муқоиса бо баъзе кишварҳои хориҷӣ диққати моро равона сохт. Муаллиф иқрор мегардад, ки нишондодҳои дақиқи оморӣ дар бораи баъзе мамлакатҳои Осиёи марказӣ, аз ҷумла Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон оид ба сатҳи давомнокии барномаҳои таълимӣ ва таъсири онҳо ба сифати дониш то ба имрӯз гирд оварда нашудаанд. Аз ин рӯ, нишондиҳандаҳои омории гирдовардаи муаллиф оид ба муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо нишондодҳои омории Россия ва мамоликҳои Иттиҳоди ҳамкорӣ ва рушди муносибатҳои иқтисодии Аврупо (ИҲРМИ) мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Аз рӯи хулосаи М. Агранович ҳаҷми сарбории ҳафтаинаи хонандагони синни 7-15 солаи мамолики ИҲРМИ, Россия нисбати сарбории хонандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар буда,таносуби он дар муқоиса бо нақшаҳои таълимии Россия 17% ва мамолики ИҲРМИ то 25% кам арзёбӣ мегардад. Ба фикри муаллиф таносуб ва тафовути ин нишондодҳо, хусусан дар зинаи якуми таҳсилот, бештар назаррасанд. Ҳаҷми сарбории нақшаҳои таълимии таҳсилот ва тавассути он мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, ки хонандагон дар синни 7-10 солагӣ дар ин зина дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз худ намоянд, қариб аз 3/2 ҳисса нисбати мамоликҳои ИҲРМИ кам арзёбӣ мегардад. Ба фикри номбурда тафовут дар ҳаҷми сарбории ҳафтаинаи нақшаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои пешин нисбати мамлакатҳои номгирифта то андозае кам назаррас бошад ҳам, ба он идҳои бешумор дар давоми соли хониш таъсир мерасонанд.

Дар таҳлилҳои олими номбурда нишон дода шудааст,ки дар Тоҷикистон таваҷҷуҳи бештар ба омӯзиши фанҳои хониш, хат, адабиёт ва забонҳои хориҷии муосир зоҳир карда шуда, дар муқоиса бо мамолики ИҲРМИ ба омӯзиши фанҳои ***санъат ва тарбияи ҷисмонӣ*** дар нақшаи таълимӣ камтар соатҳои дарсӣ ҷудо шудаанд, ин далел то андозае дуруст мебошад, вале он дар мамлакатҳои дигар низ қариб ҳамин гуна аст (нигаред, ба нақшаҳои таълимии имрӯзаи Россия ва дигар кишварҳои ҳамсоя).

Албатта, баъзе таҳлилҳои овардаи муаллиф баҳсталаб буда, воқеиятро дар худ инъикос карда наметавонанд. Масалан, дар нақшаи таълимии Федератсияи Россия ва соири кишварҳои ҳамсоя тафовут дар соатҳои ба фанҳои табиию риёзӣ ва гуманитарӣ ҷудошуда нисбати ҷумҳурии мо қариб ба назар намерасанд ё худ ин тафовутҳо ҳаҷман хурд буда, ба сифати таҳсилот тағйироти ҷиддӣ ворид сохта наметавонанд (нигаред, ба нақшаҳои таълимии амалкунандаи кишварҳои дуру наздик).Тафовути воқеии нақшаҳои таълимии Федератсияи Россия аз Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз ҳисоби бахши соатҳои пешбинишудаи минтақа (регион) ва федератсия ва то андозае аз ҳисоби афзалияти на он қадар назарраси соатҳои фанҳои табиию риёзӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо аз буҷет маблағгузорӣ карда мешаванд.

Ҳамзамон, ходимони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷараёни татбиқи нақшаҳои таълимии солҳои таҳсили 2012-2013, 2013—2014, сифати таҳияи нақшаҳои таълимӣ ва тақсимоти соатҳои дарсӣ, аз ҷумла соатҳои бахши мактабӣ ва машғулиятҳои иловагиро дар мактабҳои озмоишӣ, бахусус гимназияю литсейҳо, мактабҳои хусусӣ,мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода, қайд менамоянд, ки аксари таълимгоҳҳои мазкур нақшаҳои таълимии муассисаи худро дуруст таҳия намудаанд. Вале бояд қайд намуд,ки дар баъзе таълимгоҳҳо, бахусус, мактабҳои намуди нав дар ҷадвали дарсҳои машғулиятҳои иловагӣ (маблағгузорӣ аз ҳисоби падару модарон) миқдори соатҳои дарсӣ илватан дар як ҳафта дар баробари дарсҳои асосӣ аз 8 то 12 соатӣ фанҳои таълимии интихобшуда гузошта шудаанд, ки масруфияти (сарбори) -и хонандагонро аз меъёри муайяншуда зиёд намудаанд, ки ба сифати таҳсилот ва сатҳи дониши хонандагон ба таври дилхоҳ таъсир расонида натавонистааст (бештар ин таълимгоҳҳо бо 2-3 хонанда-довталаби олимпиада сару кор мегиранд). Сифати таҳсилот аз ҳисоби зиёд намудани соатҳои таълимӣ баланд нарафтааст (агар теъдоди тамоми хонадагони муассисаи таълимии мушаххасро гиред).

Баръакс, чунин тарзи ташкили раванди таълиму тарбия хонандагонро ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ҳам рӯҳӣ хаста манамояд.

Дар “Нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умуми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли хониши 2015-2010” пешбинӣ намудани омӯзиши фанни табиатшиносӣ (дар синфҳои 1,2,3,4) иқдоми муфид арзёбӣ гардида, он, ***аввалан,*** то андозае ба коҳиш додани таносуби омӯзиши фанҳои дақиқ нисбат ба фанҳои ҷамъиятию гуманитарӣ ва баробар намудани ҳаҷми сарбории ҳафтаинаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷуҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар давлатҳои ҳамсоя мусоидат карда метавонад. ***Баъдан,*** бо ворид намудани таълими фанни мазкур имконияти аз байн бурдани фарқи омӯзиши бештари фанҳои забони модарӣ, адабиёт ва забонҳои хориҷии муосир дар муқоиса бо мамолики Аврупо ва Руссия ба миён меорад. ***Сеюм,*** таълими фанни табиатшиносӣ имконияти ташаккули қобилиятҳои зеҳниро тавассути омӯзиши физика, вале на физикаи факту далелҳои алоҳида, балки модели физика бештар мегардонад.

Дар варианти дигар лоиҳаи “Нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли хониши 2015-2020” ба имконияти ҳамгиро таълим додани забони тоҷикию хониш дар синфҳои 1-4 ва ***ҳамгиро*** намудани соҳаҳои таҳсилот таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир карда нашудааст. Дар ин самт ба саросемагӣ ва даст кашидан аз таҷрибаи истифодаи таълими ҳамгиро ҳамчун яке аз шохаҳои таълими босифат (инноватсионӣ) ба манфиати хонандагон ва ҷомеа нахоҳад буд.

Натиҷаи пажӯҳиш нишон медиҳад, ки таълими ҳамгиро воқеан раванди инноватсионӣ арзёбӣ гардида, имрӯз дар ҷараёни он натанҳо ба таълим, балки ба ҷустуҷӯи заминаҳои такмили роҳҳои омодасозии шахсияти баркамолу соҳибмаълумот баҳри рушду нумуи ҷомеа таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир карда мешавад.

Мусаллам аст, ки таҳсилоти босифат асоси рушди ҳамаҷонибаи инсон ва тавассути он ҷомеаро таъмин месозад. Мавқеи таҳсилоти босифат, аз ҷумла таълими ҳамгиро, дар ҷомеаи рушдёбанда ба маротиб афзудааст.

Омӯзиш ва пажӯҳиши натиҷаи татбиқи таълими ҳамгиро,аз ҷумла дастовард, мушкилот ва чашмдошти он дар давоми чандин солҳо идома ёфта истодааст. Албатта, дар раванди таҳқиқ ба асосҳои назариявии таълими ҳамгиро, зарурати ҳамгиросозии фанҳои хониш, имло, грамматика ва инкишофи нутқи хонандагони синфҳои I-IV, мазмуни таълими ҳамгиро ва меъёрҳои интихоби он, принсипҳои таълими ҳамгиро, масъалаҳои назариявӣ ва амалии он низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд.

Далелҳо собит месозанд,ки дар шароити таълими ҳамгиро имконияти бештар фароҳам оварда мешавад, ки иттилооти илмӣ - назарӣ дар китобҳои дарсӣ мухтасаран пешниҳод гардад, то ки шогирдон асосан донишҳои амалии нутқи гуфторӣ ва навишториро аз худ намоянд. Баробари ин дар китобҳои дарсӣ порчаҳои адабиёти классикӣ ва муосир бо мақсади ташаккули худшиносӣ, маънавиёти миллӣ ва ҷаҳонфаҳмии илмӣ оварда шудаанд, ки ҳамчун намунаҳои забони адабии тоҷик дар инкишофи нутқи хаттӣ, рушди маҳорати хониши ифоданоки шогирдон саҳми арзанда гузошта тавонанд.

Ҳамзамон таълими ҳамгиро пеш аз ҳама дар ташкили низоми таълим ва ҷустуҷӯи тарзҳои ҷамъбасти дониши хонандагон инъикос меёбад. Ҳамгиро раванди алокамандии илмҳост ва он шакли олии инъикоси алоқаи байни фанҳо дар зинаи сифатан нави таълим арзёбӣ мегардад.

Дар нақшаҳои таълимии амалкунанда ба литсейу гимназияҳои давлатию хусусӣ, мактабҳои Президентӣ, муассисаҳои таълимии махсус барои хонандагони болаёқат, мактабҳои ғайридавлатӣ, ки заминаи хуби таълимӣ, базаи моддӣ - техникӣ ва кадрӣ доранд, имконияти интихоби таълим дар равияҳо ба хонандагон аз синфи 5 ва 7 дода шудааст, аммо бояд қайд намуд, ки дар ин зина, гарчанде таълимро равиявӣ номгузорӣ намоянд ҳам, воқеан таҳияи онҳо дар асоси Нақшаҳои таълимии амалкунанда (равияи умумӣ) сурат гирифта, дар аксари онҳо танҳо соатҳои ***Бахши мактабӣ*** ба таълими фанҳои гуногун илова карда мешаванд. Аз ин лиҳоз чунин нақшаҳои таҳиягардидаи таълимии зинаи дуюми таҳсилот ба таълим дар равияҳо тааллуқ дошта наметавонанд. Зеро бояд қайд намуд, ки дар сурати ташкил намудани таълим аз рӯи равияҳо барои зинаи дуюми таҳсилот (синфҳои 5-9) бояд интихоби фанҳо ва таносуби ҷамъи соатҳои таълимӣ ақалан 60% ба 40% ё 70% ба 30% -и Нақшаи таълимии заминавӣ (базавӣ)- и

муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (замимаи 1)- ро ташкил дода тавонад.

Дар лоиҳаи нақшаҳои таълимии мазкур самти афзалиятноки ***зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ*** омӯзиши фанҳои табиию риёзӣ, гуманитарию ҷамъиятӣ пазируфта шуда, дар ин зина таълимӣ равиявӣ ва тахассусӣ пешбинӣ гардидааст, ки тавассути он ба хонандагон шароиту имконияти мусоиди таҳсил мувофиқи майлу рағбат, сатҳи дониш, малака, истеъдод, қобилиятҳои зеҳнӣ пешбинӣ гардидааст.

Таҳқиқот нишон медиҳад,ки дар мусссисаҳои таҳсилоти умумие, ки мутахассисони соҳибкасбу маълумотдор мерасанду сарварони масъулиятшинос доранд, бобати татбиқ ва таҳияи нақшаҳои таълимӣ тамоми чораҳоро андешида, тибқи талаботи замон онҳоро таҳия менамоянд ва ба манфиати хонандагон равона месозанд.

Мулоҳизаю, андешаҳои омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дигар мутахассисони соҳа оид ба нақшаҳои таълим мухталифанд ва онҳоро метавон ба се гурӯҳ тақсим намуд:

- гурӯҳи якум бар ақидаанд, ки теъдоди саотҳои ин ё он фанро дар нақша бояд зиёд кард (*худашон мутахассис ё муаллифи китоби дарсии ин фанҳоянд ва танҳо дар ҳамин ақидаанд, дигар андешаҳоро қабул надоранд);*

- гурӯҳи дуюм иброз медоранд, ки миқдори соатҳои таълимии фанҳои алоҳида (*худашон мутахассисс ё муаллифи китоби дарсии ин фанҳо нестанд*) дар нақша зиёд аст;

- гуруҳи сеюм пешниҳод менамоянд, ки таълими қоидаҳои ҳаракати роҳ, мудофиаи граждании, тарбияи тарзи ҳаёти солим ва ғайра (*баъзеи онҳо муаллифони китобҳои мазкур буда, гурӯҳи дигари онҳо тамоми мушкилоти хаётро тавассути мактабу омӯзгор ҳаллу фасл карданианд*) ба нақшаи таълимӣ ворид карда шаванд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд,ки пешниҳодҳои дигар низ арзи вуҷуд доранд,ки чунинанд:

1. Вобаста ба имконият дар сурати мавҷуд будани синфҳои мувозӣ дар синфҳои 10-11 ба таври ҳатмӣ таълими равиявӣ ҷорӣ намудан аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.
2. Азбаски захираи луғатдонии хонандагон дар шароити кам гардидани муҳити муошират ба забони русӣ ва нарасидани омӯзгорони ин забон дар синфҳои талимашон ба забони ғайрирусӣ (тоҷикӣ, узбекӣ, қирғизӣ) ба сифати таҳсилоту сатҳи дониши хонандагон таъсири худро гузошта истодааст,дар чунин шароит ба зергуруҳҳо ҷудо намудани хонандагон дар ин дарсҳо мувофиқи матлаб хоҳад буд.

Мусаллам аст,ки танҳо бо зиёд намудани миқдори соатҳои таълимӣ баланд бардоштани сифати таҳсилот ва ташаккули камолоти маънавии хонандагон ғайриимкон арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, аз зиёд намудани соатҳои дарсӣ даст кашида, бештар ба омӯзиши салоҳиятнок (арзишманд) рӯ овардан дар шароити замони муосир амри воқеист.

## *КИТОБНОМА***

## *РЕАЛИЗАЦИИ УЧЕБНЫХ ПЛАНОВ - РЕАЛЬНОСТИ И ТРУДНОСТИ*

***ИМОМНАЗАРОВ Д.***
***КУЧАКШОЕВ Д.***

В статье даётся научное обоснование целесообразности использование действующего учебного плана в общеобразовательных и новых типов школ Республики Таджикистан, а также обращает внимание руководителей школ на имеющиеся трудности в распределения школьных компонентов, предусмотренном данным учебным планом.

***Ключевые слова***: *стандарт, образование, успеваемость, обучения, опорные, предпосылки, составление,требование, знания, профиль, эффективное, подгруппа, гуманитарный, отрасль, факты, нормы, нагрузки, доступности, трудности, выбор, нужды.*

## REALIZATION OF CURRICULA, OBJECTIVITY AND DIFFICULTY

*IMOMNAZAROV D.*
*KUCHAKSHOEV D.*

In the article the scientific ground of expediency is given the use of operating curriculum in general and new types of schools of Republic of Tajikistan, and also author of dive attention on present difficulties in correct distributions of the school components envisaged by this curriculum.

***Keywords:*** *standard, education, progress, pre-conditions, drafting, requirement, knowledge, profile, effective, sub-group, humanitarian, industry, facts, norms, loading, to availability, difficulty, choice, needs.*

## ХУСУСИЯТҲОИ МИЛЛӢ ДАР РАВАНДИ ТАТБИҚИ НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ ДАР МУАССИСАҲОИ МИЁНАИ КАСБӢ

***МАҲКАМОВ Д., АСАДУЛЛОЕВ Р.,***
*ходимони илмии*
*Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ*

Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ оид ба омӯзиши роҳҳои дар амал татбиқ намудани низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ пайваста корҳои тадқиқотӣ мебарад. Ба омӯзиш ва роҳандозии ин масъала ду шуъбаи ПРМ сару кор дорад, ки яке аз он ба роҳёфти низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои олии касбӣ ва дуюмаш ба ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ машғул мебошанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ низомномаи гузаштани муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбиро омода намуда барои дар амал татбиқ намудан ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Шуъбаи мазкур дар мушовираи декабри соли 2013-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маърӯза дар бораи «Роҳандозии низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва монеаҳои он» баромади фарогир намуда, тарзу усулҳои тадбиқи онро равшан гардонид.

Баҳри осон гардонидани ҷараёни гузариш ба низоми кредитии таҳсилот ва воридгардидани таҳсилоти касбӣ ба фазои ҷаҳонӣ дар муассисаҳои такягоҳӣ чандин семинару мизҳои мудавар аз ҷониби ходимони шуъба баргузор гардонида шуданд.

Омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи иттилооти мавҷуда дар бораи низоми кредитӣ дар баъзе мактабҳои олии Қазоқистон ва Қирғизистон моро ба хулосае овард, ки ҳар яке аз ин низомҳо афзалият ва камбудиҳои худро доро мебошанд. Истифодаи онҳо бе ворид намудани тағйироту иловаҳо бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ, маданӣ ва психологии ин ё он мамлакат болоравии сифати таълимро таъмин карда наметавонанд.

Хусусиятҳои зерин ҳолати кунунии инкишофи соҳаи маорифро дар ҷодаи таҳсилоти касбӣ дар ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос мекунад:

- дониши мукаммал надоштани довталабон пас аз хатми мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ;
- омили асосии он паст буданизаминаи моддию техникии бисёр мактабҳо, нарасидани муаллимони баландтахассус(хусусан дар деҳот) мебошад;
- ин омил ба мактабҳои касбӣ имконият намедиҳад, ки қабули донишҷӯёнро дар сатҳизарурӣба роҳ монанд;
- мавҷуд набудани бозори меҳнати ба талаботи муосир мувофиқ, ки ҳавасмандии касбомӯзиро дар ҷавонон ба вуҷуд орад;
- сатҳи пасти музди меҳнати ҳайати устодону мутахассисон, ки ба маҳдудияти имконияти молиявии мактабҳои касбӣ вобаста аст;
- мавҷуд набудани ҳавасмандии устодон нисбат ба пайдо намудан ва истифода бурдан аз шаклҳоифаъолу самарабахши таълим.

Дар шароити муосир дар рафти сафарҳои хизматӣ дар муассисаҳои ибтидоӣ ва

миёнаи касбӣ дарк карда мешавад, ки аксари омӯзгорон назарашон нисбати низоми кредитии таҳсилот ва раванди демократикунонии таълим ва тарбия чандон хайрхоҳона нест. Баъзан даъво мекунанд, ки даст кашидан аз тарзи таълим ва тарбияи Шӯравӣ гӯё хато бошад. Аз чунин таълим ва тарбияи маъмурӣ фармонфармои бояд кайҳо даст мекашидем. Беҳтарин тарз ва усули таълим ва тарбия гузаштан ба низоми кредитии таҳсилот мебошад, ки озодӣ ва соҳибихтиёриро дар интихоб таъмин менамояд. Танҳо ин тарзи таълим вақт ва меҳнати зиёдтарро аз устодон талаб менамояд ва донишҷӯёнро баҳри ба даст овардани натиҷаҳои хуб масъул менамояд. Намегузорад, ки корҳои мустақилонаи донишҷӯён зери роҳбарии устодон ба таври рӯякӣамалӣ гардад. Лекин мутаассифона имрӯз дар муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ баъзанҳодисаҳои номатлуб аз қабили порагирӣ, ришвахӯрӣ, маҳалачигӣ ва баҳои ғайри воқеӣ додан ба дараҷаи дониши донишҷӯён болоравии сифати таълимро таъмин карда наметавонад.

Бо назардошти хусусиятҳои миллӣвакам кардани таъсири онҳо ба сифати таълим, мо бояд модели таҳсилоти миллии худро, ки бо технологияи кредитии таълим асос ёфтааст, таҳия намоем.

Ин модел (тамсила)аз низомҳои таҳсилоти амрикоӣ ва аврупоии кредитӣ бо чунин ҷиҳатҳо фарқ мекунад:

- Сатҳи пасти дониши қисми зиёди дохилшавандагони мактабҳои ибтидоӣ, миёна ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба эътибор гирифта, давомнокии семестр на 14 ё 15 ҳафта, тавре дар Амрико ва Аврупо маъмул аст, дар Тоҷикистон ба 16 ё 17 ҳафта муқаррар карда шудааст. Мӯҳлати ҳафтаҳои иловагӣбарои пурра намудани сатҳи дониши донишҷӯён аз фанҳои забони модарӣ, русӣ, англисӣ ва инчунин аз риёзиёт ва технологияи компютерӣистифода мешавад;

- як воҳиди санҷиш ( кредит)-ро мо баробари 16 соати академӣ (ҳар як соати академиро баробари 50 дақиқа) қабул намудаем. Аз он 8 соаташ барои дарсҳои аудиторӣ (лексия, дарсҳои амалӣ ва озмоишӣ) ва 8 соати дигар барои кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устодон ҷудо карда мешавад;

- барои роҳ надодан ба ташкил ва ҷараёни рӯякии кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устодон соатҳои барои ин амал ҷудошудаҳатман дар ҷадвали дарсӣ дарҷкарда мешаванд.Рафти иҷроиши онҳо аз тарафи деканат ва офиси бақайдгирии раванди низоми кредитӣ назорат карда мешавад;

- бо мақсади таъмини баҳогузории воқеъӣ ба сатҳи дониши донишҷӯён ва роҳ надодан ба ҳодисаҳои номатлуб, аз ҷумлаи коррупсия салоҳияти кафедра ва деканатҳо баланд бардошта шудааст ва ҳамеша боло меравад;

-баҳри беҳтар намудани тайёрии донишҷӯён ба санҷишҳо, тартиби супоридани имтиҳону санҷишҳо ба таври алтернативӣ дар компютер аз рӯи тестҳои пешакӣ таҳияшуда гузаронида мешавад. Санҷишу имтиҳонҳои ҷамъбастӣ дар доираи нақшаи таълимӣаз ҳар як фан тибқи комиссия аз ҳисоби мутахассисонпешбинӣ карда шудааст;

Бо назардоштитағйироту иловаҳои зикршуда,Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёриюҳуқуқӣ ва маводҳои таълимӣ-методиро, ки ба низоми кредитии таҳсилот мансубанд ва башароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқанд,таҳия ва пешкаш намудааст.Гузариш ба ин низоми нави таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 2005 дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва донишгоҳи технологии Тоҷикистон оғоз гардида буд. Ҳоло бошад ба ин низоми таҳсилот қариб тамоми мактабҳои олии касбии Тоҷикистон гузаштаанд ва гузаштанашон ҳатмӣ мебошад.Имрӯз зиёда аз 19 мактаби миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми кредитии таҳсилот гузаштааст ва дар асоси талаботҳои он корро ба роҳ мондаанд.

Дар марҳилаи аввали татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни таълим мо бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ гардидем. Ин мушкилот пеш аз ҳама дармувофиқакунонии нақшаҳои таълимӣ ба технологияи кредитӣва стандартҳои амалкунандаи давлатии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ихтиссосҳои алоҳида мушоҳида мегардид. Икдоми навоварӣ ва ҷаҳонишавии ҷараёни таълим аз тарафи Вазорати Маориф ва илмиҶумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфт, ки дар стандартҳои амалкунандаи таҳсилоти олӣ, хусусан дар қисмати аз нав дида баромадани ҳаҷми соатҳои муқарраршуда, инчунин таносуби фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ мушоҳида

мегардад. Ин таносуб дар нақшаҳои таълимии таҳияшуда, ки ба технологияи кредитии таълим асос ёфтааст, мувофиқан 70% ва 30%-ро ташкилмедиҳад.

Ҳадафи асосии гузариш ба низоми кредитии таҳсилот таъмини болоравии сифати таълим ва сатҳи маърифатнокии донишҷӯён мебошад. Дар баробари вазифаҳои асосие, ки дар панҷқисми Баёния (декларатсия)-и Болония дарҷ ёфтааст, ба таъмини болоравии сатҳи сафарбаршавии донишҷӯёну устодон, интихоби озодонаи самти таҳсилот, эътирофи дараҷаҳои академӣ ва касбии мактабҳои олӣ аҳамияти махсус дода шудааст.

Ба ақидаи мо, низоми амалкунандаи аккредитатсияи давлатии мактабҳои таҳсилоти касбӣ,дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар чумҳуриҳои Осиёи Марказӣтаъмини болоравии сатҳ ва сифати таҳсилотро то ба дараҷаи мактабҳои олии Аврупо кафолат додан намебошад. Аз ин лиҳоз, марҳила ба марҳила воридшавии мактабҳои касбии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ба фазои ягонаи аврупоии таҳсилот ба мақсад мувофиқ аст. Бояд тамоми тадбирҳои мавҷударо биандешем, монеаҳои мавҷударо бартараф намоем, то ки низоми кредитии таҳсилот дар ҷумҳурӣ ҳам самараи дилхоҳ ба бор оварад ва Тоҷикистон ба фазои таҳсилоти касбии ҷаҳонӣ ворид гардад. Аминам, ки ин тадбир дасту пои мутахассисони моро кушода, бо онҳо барои фаъолияти меҳнатӣ дар мамлакатҳои дилхоҳашон имкон медиҳад. Аз тарафи дигар, обрӯи мактабҳои касбии Тоҷикистон баланд гардида, ҷавонони мамлакатҳои хориҷӣ майли дар онҳо таҳсил кардан пайдо менамоянд, ки ин тадбири беҳтарин дар баланд шудани имкониятҳои иқтисодии мактабҳои касбӣ мегардад.

Дараҷаи академию касбӣ ва дипломҳои мактабҳои касбие, ки аз аккредитатсияи минтақавӣ гузаштаанд, дар ҳудуди тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ эътироф карда мешавад.

Дар марҳилаи дуюм,беҳтарин мактабҳои касбие, ки аз аккредитатсияи минтақавӣ гузаштаанд, аз тарафи Вазорати маориф ва илмиҷумҳурӣ барои аз аккредитатсияи аврупоӣ гузаштан тавсия дода мешаванд.

Бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи ҳавасмандии мактабҳои касбӣ, барои гузаштан аз аккредитатсияи аврупоӣ, ба ҳукми қонун даровардани эътирофи дипломҳои мактабҳои касбии аз аккредитатсияи аврупоӣ гузашта дар ҳудуди тамоми давлатҳое, ки Баёнияи Болонияро ба имзо расонидаанд, аз аҳамият холӣ нест.

Ба ақидаи мо, татбиқи амалии гуфтаҳои мазкур болоравии сифати таълимро таъмин намуда, рафти воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба фазои ягонаи аврупоии таҳсилот метезонад. Набояд фаромӯш кард, ки низоми кредитии таҳсилот барои Тоҷикистон чизи нав нест. Ин низоми таҳсилот пеш аз инқилоби октябр дар мактабҳои кӯҳнаи тоҷик ҷорӣ буд.Дар мактабу мадрасаҳо аз рӯи қобилият ва малака шахси толибилмоне таҳсил менамуданд, ки барномаро сари вақт аз худ намуда, дар мӯҳлати муқаррарӣсабақҳоро ҳазм намуда, дар мӯҳлати муқараргардида онро хатм менамуданд. Боз хонандагоне ҳам буданд, ки аз сустии хотира, маҳорату малака ва аз бар карда натавонистани барномаи таълимӣ таҳсили онҳо солҳои зиёд тӯл мекашид.

Агар ба таври ҷамъбастӣ ва хулосавӣ ба низоми кредитӣбаҳо диҳем, маъно ва муҳтавои он баланд бардоштани сифати тайёрии касбии наслинаврас дар асоси талаботҳои ҷаҳонишавӣ мебошад.

**Китобнома:**

1. Сангинов Н. С., Салимов Н. С., Низоми кредитии таҳсилот (дастури таълимию методӣ барои мактабҳои олӣ).– Душанбе: Ирфон, 2005.

2. Абдыгаппоров С.Б., Ахметова Г.К., Ибатулин С.Р., Мырзалиев А.А., Омирбаев С.М. Основы кредитной системы обучения в Казахстане- Алматы - 2004.

3. Найт Д., Сужикова Б., Раисова А., Муравьев Н. Интеграция в мировое образовательное пространство повышение качество обучения в ВУЗах на основе системе кредитных часов. Душанбе -2004.

4. Гоголин Ф. Интеграция России в Болонский процесс М.2005. 4. Кредитная система высшего образования-М.Известия. №24 (57).

5. Двухступенчая модель и кредитная система в высшем образовании США и Западной Европы: Опыт для постсоветских стран.

аннотатсияҳои русиву англисӣ нест**

## ТАРБИЯИ ЭКОЛОГИИ КӮДАКОН АЗ СӮИ ХОНАВОДА

***ҒУЛОМОВА Н.,***

*муаллими калони кафедраи таҳсилоти томактабии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Айнӣ*

Инсоният ҳамон вақт инсон гардид, вақте ки шарақ-шарақи баргҳо, суруди малахак, шилдироси ҷӯяки баҳорӣ, хониши паррандаҳо, оромии шабро шунид ва то кунун ҳазор солаҳо боз ин мусиқии дилнавози табиатро мешунавад.

Яке аз самтҳои муҳим дар ҷодаи мусоидат ба ҳалли масъалаи ҳифзи табиат - бурдани кори тарбиявӣ бо насли наврас ба ҳисоб меравад.Шинос намудани кӯдакон бо табиати диёри маҳбуб, яке аз вазифаҳои муҳими волидон низ дониста мешавад.

Мавриди гуфтанист, ки дар раванди азхудкунии донишҳо ва ҳосил кардани маҳоратҳо бобати тарзи муносибат бо олами набототу ҳайвонот дар кӯдакон сифатҳои шахсӣ ташаккул меёбанд. Кӯдаконро аз рӯзҳои аввали ҳаёт, на танҳо одамону ашёҳо, балки табиати рангину гуворо бо гуногуншаклӣ ва зебогии худ ба худ мекашад. Табиат ба рӯҳ ва дилу дидаи кӯдак, ба ҳиссиёт ва олами маънавии ӯ таъсир расонида, барояш шавқу завқ ва хурсандиҳои беканор ато менамояд. Ба назари кӯдак чунин менамояд, ки гӯё вай бори аввал табиати гирду атрофро дида истодааст, гӯё паррандагон барои вай месароянд ва ҳашаротҳо мепаранду меҷаҳанд. Ана ҳамин тавр кӯдакон бори аввал табиатро идрок мекунанд, онро дӯст медоранд ва ҳисси кунҷковиашон бедор мешавад.

Онҳо ҳама чизро худашон мустақилона фаҳмида гирифта наметавонанд. Дарки пурраи зебоиҳои табиати атрофашонро эҳсосу идрок намудан, донистани сирру асрори он бо мадади калонсолон, падару модарон ба кӯдакон муяссар мегардад. Калонсолон шавқу ҳаваси кӯдаконро нисбат ба зебогиҳои табиат дастгирӣ намуда, онҳоро барои боз ҳам бештар фаҳмидан ҳавасманд менамоянд ва табиатро ҳамчун воситаи муҳими тарбияи ҳисси зебоипарастӣ истифода мебаранд. Агар калонсолон якҷо бо кӯдакон ба ҳайрат оянду ба онҳо, на танҳо табиатро тамошо кардан, балки дидани зебогии онро омӯзанд, кӯдакон боз ҳам зиёдтар мехоҳанд табиатро донанду фаҳманд.

Мувофиқи “*Рангинкамон*” – барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ шиносоӣ бо табиат аз гурӯҳи хурдсолон пешбинӣ шудааст[5, 6]. Кӯдакон дар ҳар як сайругашт имконият пайдо мекунанд, ки донишҳои гирифтаашонро мустаҳкам намуда, боз бо чизҳои нав шинос шаванд. Кӯдаконро бояд бо чизҳои аҷоибу ғароиби табиат шинос намуда аз бӯйи муаттари гулҳо ва зебогии онҳо ҳаловат бурданро омӯзонем. Дарки табиат ба инкишофи сифатҳои маънавӣ – зиндадилӣ, зиракӣ, муносибати хайрхоҳона ва эҳтиёткорона доштан ба ҳамаи мавҷудоти зинда ёрӣ медиҳад.

Мебояд ҳаминро гуфт, ки агар кӯдак табиатро дӯст дорад, ҳаргиз ба харобшавии он роҳ намедиҳад, яъне гулу гулзорро поймол намекунад, лонаҳои паррандагонро намешиканад, ҳайвонотро озор намедиҳад. Кӯдакон ба воситаи мушоҳида сабабҳои баамалоии ҳодисоти табиат ва алоқамандии онҳоро фаҳмида мегиранд. Ба ибораи дигар, табиат, ба тарбияи фикрии кӯдакон, инкишофи тафаккури мантиқӣ ва нутқи онҳо мусоидат мекунад. Агар волидон дар кӯдакон нисбат ба табиат шавқу рағбат бедор кунанд, он гоҳ дар онҳо лаззати бадеӣ пайдо мешавад. Дар ин маврид кӯдакон, натанҳо зебогиро мебинанд, балки худашон онро меофаранд.

Муҳаббат ба табиат, муносибати эҳтиёткорона ба он, ғамхорӣ ба мавҷудоти зинда, натанҳо шавқу ҳаваси донистагирии кӯдаконро бедор менамояд, инчунин дар дили онҳо эҳсоси ватанпарастӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтироми калонсолон ва ҳифзи олами атрофу сарватҳои онро тарбия менамояд. Аз ин рӯ, вазифаи муҳими волидон бедор кардани ҳисси муҳаббат нисбати табиати диёри азиз, пайдо кунонидани хоҳиши ҳифз ва сабзонидани растаниҳо, меҳру муҳаббат доштан ба ҳамаи мавҷудоти зинда дар дили фарзандон мебошад. Ин вазифа танҳо ҳамон вақт амалӣ мегардад, ки агар кӯдакон оид ба табиат донишҳои оддитарин дошта бошанд.

Мо аслан одат кардаем, ки аз доманакӯҳҳова кӯҳсорон дастаи гулҳо, шохчаҳои дарахтон, ҳаргуна меваҷот ва ҳайвоноти гуногунро гирифта бошем. Ин ҳам дар ҳолест, ки моромебояд, баръакс ҳамин хел инсонеро тарбият намоем, ки ӯ гулҳоро наканда аз онҳо ҳаловат барад, талаботи на танҳо гирифтан аз табиат, балки ба вай доданро дошта бошад, ҷавобгариро нисбат ба тақдири ҳамаи чизҳои зиндаи рӯи замин эҳсос кунад.

Мавриди зикр аст, ки маданияти экологии одамон, муносибати оқилонаи байниҳамдигарии онҳо бо табиат аз фарҳанги волои ҳар як нафар, аз соҳиб будан ба дараҷаи баланди донишҳои экологӣ вобаста аст. Экология муносибатҳои байниҳамдигарии мавҷудоти зинда ва муҳити иҳотакардаи онҳоро меомӯзад.

Тарбияи экологӣ ба ҳама зарур аст. Бе татбиқи ин раванд, махсусан нисбатани афроди хурдсол иҷрои талаботе, ки дар моддаи 44-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, роҷеъ ба ӯҳдадории ҳар як шахс дар ҳифзи табиат[2] амалӣ шуданаш ғайриимкон аст. Аз ин ҷост, ки ӯҳдадориҳои шаҳрвандии волидон оид ба татбиқи тарбияи экологӣнисбати фарзандони худ пайдо мешавад. Зимнан, решаҳои рафтори маданӣ намудан дар табиат, на танҳо дар кӯдакистон ва мактаб, балки дар навбати аввал дар оила гузошта мешавад.

Ба назар чунин менамояд, ки табиат ва зебогии вай доимӣ бошад. Магар ҳамин тавр аст? Шахсе танаи борики сафедорро шикаст, бойчечакро аз решааш барканд, паррандаи дар лонабударо тарсонид – ана бо ҳамин бешазор зебогиашро гум кард. Оёсухан танҳо атрофи зебогист? Дар рӯи замин як гул, як дарахт, як парранда кам шуд. Барои табиатро ҳаққонӣ муҳофизат кардан ва дӯст доштан, вайро донистан лозим аст. Табиатро надонистан сабаби муносибати бераҳмоназоҳир кардан нисбат ба мавҷудоти зинда мегардад. Баъзан кӯдак метавонад шохчаро шиканад, қурбоққаро бо чӯб занад, гамбускро бо пой пахш кунад, мӯрчахонаро вайрон кунад, вале дар ин асно ҳатто пайхас намекунад, ки бо ин гуна рафторҳо ба табиат зарари калон мерасонад.

Тарбияи экологии кӯдакон дар хонавода аз шинос намудан бо растаниҳо ва ҳайвоноти маҳал, алоқамандии онҳо бо муҳити гирду атроф оғоз ёфта, инчунин бо роҳи хондани китобҳо андар боби табиат, ташкил кардани мушоҳидаи тағйиротҳои мавсимӣ дар ҳаёти растаниҳо ва ҳайвонҳо, гузаронидани озмоишҳои начандон зиёд бо растаниҳо ва ҳайвонот дар шароитҳои гуногуни хонадонамалӣ мегардад.

Дар кӯдакон аз синни 3 то 7-солагӣ хотираи маъногӣ ва диққати ихтиёрӣ ба ташаккул ёфтан сар мекунад. Кӯдакон дар ин синну сол тадқиқотчиёни хурданд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки ҳама чизро ба даст гиранду бодиққат тамошо кунанд. Манбаи асосии шавқу ҳаваси онҳо олами растаниҳо ва ҳайвонот мегарданд. Ана ҳамин тавр, дар назди волидон худ аз худ вазифа пайдо мешавад, то ки ҳаҷми ҳарчӣ бештари донишҳоро дар бораи табиат ба фарзандонашон дода бошанд. Ба саволҳои кӯдакон ҷавоб дода, шавқу ҳавасе, ки дар бораи табиат дар онҳо пайдо шудааст, хубтараш дастгирӣ карда, дар онҳо хоҳиши мустақилона ёфтани роҳҳои ҳалли вазифаҳои

пайдошударо бедор кунанд. Кӯдаконро ҳамроҳи худ ба сайругашти обанбор бурдан хеле фоиданок аст. Чӣ қадаре, ки ин корҳо зиёдтар анҷом дода шаванд, ҳамон қадар хубтар аст. Ҳар як вақти холиро истифода баред, бо кӯдак ба саҳрову, доманакӯҳ ва обанбор равед.

Дар аснои сайругашт зарур аст, ки диққати кӯдаконро ба зебогиҳо ва хусусиятҳои фаслҳои сол, дароз ё кӯтоҳ шудани рӯзҳо, ҳарорати ҳаво (гарм, сард, беҳад гарм, беҳад сард) равона кунем. Бениҳоят мақсаднок аст, ки ба хурдтарак офтоб, моҳтоб, ахтарон ва ҳодисаҳои ба онҳо вобаста, аз қабили фурӯ рафтану баромадани офтоб, тағйир ёфтани шакли моҳро нишон диҳем. Ба кӯдакон, инчунин мушоҳида кардани баамалоии раъду барқ, умуман ҳодисаҳои табиат басо шавқовар аст.

Диққати кӯдаконро дар як вақт ба алоқамандии байни мавсимҳо ва ҳолати растаниҳо, чунончӣ: баҳорон дар дарахтон ва буттаҳо муғҷаҳо пайдо мешаванд, растаниҳо гул мекунанд, тирамоҳ давраи хазонрезӣ ва ҳосилғундорӣ, зимистон бошад, дарахтон ва буттаҳо бебарг шуда, дар ҳолати оромӣ қарор меёбанд, равона кардан лозим аст. Дар вақти сайругашт кӯдаконро оҳиста-оҳиста ба шинохтани дарахтону буттаҳои паҳнгашта (санавбар, коҷ, арча, булут, сафедор, маҷнунбед) омӯзонидан лозим. Кӯдакон бояд дарахтони сӯзанбаргро аз паҳнбарг фарқ карда тавонанд, инчунин дарахтонро аз рӯи ранги танаашон, шакли баргҳояшон шинохта тавонанд. Ҳамчунин дар мавсими хазонрез кӯдакрозарур аст, ки сохти баргҳоро нағз тамошо кунад ва яктогӣ аз барги дарахтон гирифта, онҳоро аз рӯи шаклашон бо ҳам муқоиса намояд. Чаро ки ин муқоисакуниҳо барои дар хотир гирифтани номи дарахтон бисёр ёрӣ медиҳад.

Ҳанӯз аз айёми хурдсолӣ кӯдакон бояд донанд, ки дарахтон ва буттаҳоро шикастан мумкин нест, зеро ҷони онҳо дард мекунад, аз сӯи дигар дарахту буттаҳои вайроншуда хеле суст калон мешаванд.

Ҳангоми сайругашт дар боғ, ё гулгашт кӯдаконро бо растаниҳои гуногуни ороишӣ шинос намуда, диққати онҳоро ба гул кардани онҳо, ранги гулҳо, бӯйи онҳо, ба баъзе хусусиятҳои сохташон равона кардан амри зарурист. Бигузор кӯдак дар ҳар як сайругашт ягон хел растании ороиширо шиносад. Ба кӯдакон бояд таъкид кард, ки дар боғ, ё гулгашт ягон чизро кандан мумкин нест. Албатта аз назди гули зебое, ки якумин бор гул кардааст, гузаштан душвор аст. Бинобар ин, ҳатман ба кӯдакон растаниҳоро нишон дода, номи онҳоро гуфта аз зебогиашон мафтун шуданро дар шароити табиӣ омӯзонидан лозим аст.

Барои қаноатманд намудани шавқу ҳавас ва талаботҳои эстетикии кӯдакон аз се – ҳафт дона гул дастагули начандон калон сохтан мумкин аст. Аммо бояд донист, ки мавриди чидани гулҳо қисми теризаминии онҳоро муҳофизат кардан зарур аст,яъне онҳоро аз решаашон кандан нашояд.

Агар кӯдаконро ба чиндани растаниҳои шифобахш ҷалб намоем,қаблан бо онҳо сӯҳбат гузаронидан: растаниҳои шифобахшро номбар кардан, ҳар кадоми онҳоро бо қисмҳои ҷудогонаашон (гул, барг, поя) нишон додан, бо шароити зисташоношно сохтан ҳатмист. Ба кӯдак,албатта дар хусуси кадом қисми растаниро мечинанд, чӣ тавр мечинанд ва барои чӣ онро истифода мебаранд, маълумот додан шарт аст. Кӯдакон бояд ҳама тарзу воситаҳои барояшон дастраси муҳофизати растаниҳои шифобахшро донанд. Дар рафти ҷамъоварии гиёҳҳои шифобахш аз ҳама муҳимаш он аст, ки ба қисми зеризаминии онҳо осеб нарасад.

Волидонро зарур аст, ки дарнасли худ одати эҳтиёткорона муносибат карданро ба табиат ҳосил намоянд. Худи волидон бо тарзи рафторашон дар табиат барои

фарзандон намуна бошанд. Ба кӯдакон таъкидан ёд диҳанд, ки шохча ва баргҳои буттаю дарахтонро ҳаргиз накананд.

Табиист, ки дар шароити Тоҷикистон қисми корҳо оид ба маълумотдиҳӣ роҷеъ ба табиат ва татбиқи тарбияи экологии хурдсолон дар оила, дар мисоли шуғл варзидан ба корҳои хоҷагидории деҳот мегузарад. Аз ин рӯ, якҷо бо кӯдакон ба боғ рафта, ба онҳо дарахтон, тана, барг, гул, меваашон,тарзи чиндани онҳо, тарзи нигоҳубинирастаниҳо ва ба афзоишу инкишофашон чӣ таъсир доштани ин амал, аз тағйиротҳои мавсимӣ вобастагӣ доштани инкишофи онҳоронишон додан басо хубу манфиатбахш аст. Ҳамзамон бо ин, мавриди ёдоварист, ки дар ин асно мо набояд бо мушоҳидакории ғайрифаъоли кӯдак қаноат кунем. Балки дар ин радиф ба ӯ супоришҳои содда додан аз аҳамият холӣ нест, монанди: коштани тухмӣ, ниҳол шинонидан, ҷӯякҳоро об додан ва ғайраҳо. Дар дохили хона ҳам, албатта растаниҳои хонагӣ бошанд ва кӯдакромебояд водор сохт, то ки аз паси равнақи онҳо пайваста назорат бурда нигоҳубинашонро низба ҷо орад. Дар охири фасли зимистон дар назди тиреза ташкил кардани полез низ ва дар он коштани пиёз, сирпиёз, шибит ва ҳоказобобати таъмини болобурди маърифати экологии кӯдакон ёрирасон хоҳад буд.

Баъзан бо кӯдакон метавонем мушоҳида кунем, ки дар шохчаҳое, ки дар об гузоштаанд, чӣ тавр баргҳо мебароянд, гоҳ вақтҳо ин шохчаҳо реша мебароранд,ки дар аввали баҳор онҳоро мумкин аст ҳамроҳ бо фарзанди худ дар берун ва ё дар тубакҳо шинонем. Бешак растаниеро, ки бевосита худи кӯдак шинонидааст, ҳамеша нисбаташ эҳтиёткорона муносибат мекунад[1, 35].

Албатта на ҳамаи волидон аз донишҳои биологӣ бархӯрдоранд ва қонуниятҳои табиатро ба таври даркорӣ медонанд, бинобар ин ба онҳо зарур аст, ки мустақилона дониши худро атрофи илми биология ва дар ин баробар оид ба роҳҳои муҳофизати табиат пурра ва васеъ гардонанд.

Баъди бо кӯдакон ба табиат баромадан дар ҷараёни мушоҳидаи растаниҳо, ё ин ки ҳайвонот яккатор саволҳо аз сӯи хурдсолон хоҳу нохоҳ бароямон пайдо мешаванд. Дар навбати худ моро лозим аст ҷавоби онҳоро ба рӯзҳои дигар намонда, дар худи ҳамон рӯз фаҳмонида бошем ва дар ин ҷода адабиёти лозима корагир мешавад. Ҳини сайругашт бо кӯдакон худи волидон ба ҳамаи мавҷудоти табиат, ки онҳоро иҳота кардаанд, бояд эҳтиёткорона муносибат кунанд ва кӯдаконро низ ба зоҳирсозии чунинтарзи рафторомӯзанд.

Боварӣ дорем, ки дар натиҷаи ин ҳама тадбирҳо ва роҳандозии дурусти тарбияи экологӣ замоне, ки тарбиятгирандагони мо ба воя мерасанд, нисбат ба табиат ҳисси ғамхорона пайдо мекунанд ва ҳамаи мавҷудоти зиндаро дар рӯи замин муҳофизат хоҳанд кард. Бигузор паррандаҳо озод парвоз кунанд, ҳашаротҳо паридаю ҷаҳида гарданд. Бигузор растаниву алафҳои наканда моро хурсанд намоянд. Бигузор ин олами сабзу хуррам ҳамин тавр зебо бимонад, чӣ тавре ки мо онро аз пешгузаштагони худ қабул намудаем.

**Китобнома:**

1. Шиносоии кӯдакон бо табиат. /Мураттибон: Б. Маҷидова., Н. Ғуломова. – Душанбе: Маориф, 1992.
2. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2003.
3. Маҷидова Б. , Ғуломова Н. Кӯдакон ва олами паррандагон. – Душанбе, 2004.
4. Нарзуллоева М., Ғуломова Н. Шинос намудани кӯдакони синни томактабӣ бо фаслҳои сол. – Душанбе, 2006.

5. Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ “Рангинкамон”. / Зери назари Л.Иматова, Б.Маҷидова, Т.Девонашоева, Н.Кокова. – Душанбе: Сифат, 2013.

## ЭКОЛОГИЧЕСКОЕВОСПИТАНИЕ ДЕТЕЙСО СТОРОНЫ СЕМЬИ

***ҒУЛОМОВА Н.***

В статье рассматривается значение природы в формирование различных психических особенностей детей, в том числе в пробуждение у них эстетического чувства.Отмечается, что роль семьи в реализации этого процесса несравнимо. Поэтому рассмотрение методов и способов осуществления экологического воспитания детей дошкольного возраста в семейных условиях представляется актуальной темой дня.Кроме того, необходимость практического осуществления этого процесса со стороны родителей благодаря эффективности экологических знанийнаправленных на защитурастительного и животного мира и в целом живой природы со стороны детей, представляется полезным.

***Ключевые слова:****природа, дети, экологическое воспитание, развитие, родители, знания, растения, животные, защищать, семья.*

## ENVIRONMENTAL EDUCATION OF CHILDREN FROM THEIR FAMILIES

***GULOMOVA N.***

The article discusses the importance of nature in the formation of various mental characteristics of children, including the awakening of their aesthetic sense. Notes that the role of the family in the realization of this process is incomparable. Therefore, consideration of the methods and techniques of environmental education of preschool children in the family environment seems a hot topic of the day. In addition, the need for practical implementation of this process on the part of parents due to the effectiveness of environmental knowledge to protect flora and fauna and wildlife in general by children, it seems useful.

***Keywords:*** *nature, children, environmental education, development, parents, knowledge, plants, animals, protect the family.*

## НАФЪИ КОРБАРӢ АЗ МОДУЛИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР – ИНКЛЮЗИВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***МАҶИДОВА БИБИҲАФИЗА,***
*доктори илмҳои педагогӣ,*
*профессори Донишгоҳи давлатии*
*омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

***ҲАМИДОВ УМЕД,***
*муҳаққиқи риштаи педагогика,*
*ходими илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи*
*Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

Муассисаҳои таҳсилотӣ дар шароити гузаштан ба муносибатҳои нави бозоргонӣ ва ба вуҷуд омадани равандҳои гуногуни таълиму тарбиявӣ ба маҷмӯи мураккаби хизматрасониҳои иҷтимоӣ, психологӣ ва педагогӣ мубаддал гардида истодаанд, ки самтҳои асосии пешрафти онҳоро талаботи ҷомеаи муосир муайян менамояд.

Бо баробари ба вуҷуд омадани муассисаҳои таҳсилотии типпи нав - кӯдакистонҳои оилавӣ ва хусусӣ, кӯдакистон-мактаб, кӯдакистон-гимназия, гимназия, литсей, мактабҳои хусусӣ, мактаб-интернатҳо барои бачагони болаёқат, шабакаҳои таҳсилоти иловагӣ, таҳсилоти махсус ва ғайраҳо, ки онҳо ба системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидаанд, зарурияти истифодаи модулҳои гуногуни таҳсилотӣ ба

миён омад. Бояд тазаккур дод, ки ҳамаи ин муассисаҳои таҳсилотӣ асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии худро доранд, ки онҳо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», Низомнома ва Оинномаҳои тасдиқгардидаи онҳо аз тарафи идораву ташкилотҳои ваколатдор ифода гардидааст[7, с. 47].

Модули таҳсилоти фарогир дар ҷаҳон бо номи инклюзия, ё худ таҳсилоти инклюзивӣ маълум аст. Он кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсус барои таълим, таҳсилот, маълумотгирӣ ва соҳиби касбу ҳунар гардидан доштаро дар бар мегирад [7, 14]. Асоси меъёрӣ-ҳуқуқии он аз ҳуҷҷатҳои байналмиллалии аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида, мисоли: «Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак» (1989), «Созишнома оид ба ҳуқуқи маъюбон» ва ғайраҳо бармеояд. Ҳукумати Тоҷикистон майлу хоҳиши худро ба ҷонибдории таълими инклюзивӣ дар Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф дар солҳои 2006-2015 (ВМ, 2005) қисман иброз доштааст. Тоҷикистон ҳамаи 6 (шаш) созишномаро дар бораи ҳуқуқҳои инсон, ки бевосита ба сиёсат нисбати кӯдакони имконияташон маҳдуд дахл доранд, ба тасвиб расонидааст.

Ҳуқуқҳои кӯдак ба таҳсил ва маълумотгирӣ, аз он ҷумла кӯдакони имконияташон маҳдуд ва дорои талаботи махсус, чун шаҳрванди кишвар дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ (моддаи 41), Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» (моддаи 23), Кодекси оила, Қонун дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон ва қонунҳои дигар кафолат дода мешаванд. Дар ин замина қонун ташкил намудани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мактаб-интернатҳо ва синфҳои махсусро пешбинӣ менамояд, ки дар онҳо хизмати тиббии дахлдор дастрас мебошанд.

Зарурияти истифодаи модули таҳсилоти инклюзивӣ дар Тоҷикистон аз инҳо бармеояд:

1. Дар қонунҳои ҶТ ва ҳуҷҷатҳои муҳими соҳаи маориф таъкид карда шудааст, ки давлат новобаста аз миллат, забон, ҷинс, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ ва вазъи иҷтимоию саломатӣ барои ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқҳои баробар ва имкониятҳоро оид ба гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ кафолат медиҳад.

2. Солҳои охир теъдоди кӯдакони имконияташон маҳдуд афзоиш ёфта истодааст, ки дар асоси риояи принсипи баробарҳуқуқӣ ба таҳсил ниёз доранд.

3. Бо сабаби набудани шароит, вазъи пасти иқтисодӣ, нарасидани мутахассисон, барномаҳои махсуси таълимӣ, китобҳои дарсӣ, маводҳои таълимию методӣ, таҷҳизотҳои махсус (мизу курсиҳо ва ғайра) на ҳамаи кӯдакони соҳиб ба имконоти маҳдуд ва дорои талаботи махсуси таълимӣ ба муассисаҳои таҳсилоти махсуси томактабӣ, мактабҳои махсус, синфҳои махсуси фарогир (инклюзивӣ) фаро гирифта мешаванд. Инчунин то имрӯз маълумоти омории махсус оид ба теъдоди бачагони маъюб вобаста ба нуқсонҳои ҷисмонӣ, равонӣ, бозмонии инкишофи рӯҳӣ (ЗПР) ва намуди бемориҳои марбут ба имкониятҳои маҳдуд мунтазам пешкаш карда намешавад.

4. Модули таҳсилоти инклюзивӣ, на танҳо фарогирии бачагони нуқсондорро ба таълимгирӣ дар назар дорад, инчунин он ба таълим фарогирӣ ва ба ҳисобгирии хусусиятҳои фардии бачагони лаёқатмандро низ дар назар дорад, ки на ҳама вақт талаботҳои ин гурӯҳи бачаҳо низ қонеъ гардонида мешаванд.

5. Мувофиқи маълумоти оморӣ дар ҳудуди Тоҷикистон аққалиятҳои этникии зерин ба сар мебаранд: *ӯзбекҳо* (15,3%), *қирғизҳо* (1,1%), *русҳо* (1,1%), туркманҳо, тоторҳо, қазоқҳо ва ғайраҳо, ки на дар ҳамаи минтақа (ва ё маҳалли зисти онҳо, махсусан дар деҳоти дурдаст) имконияти ташкил намудани таҳсил бо забони модарии онҳо вуҷуд дорад. Ба онҳо омӯхтани забони расмии давлатӣ – забони тоҷикӣ ҳатмӣ буда, ташкил намудани синфҳо бо модули таҳсилоти инклюзивӣ имконият медиҳад, ки раванди маълумотгирӣ ва касбу ҳунаромӯзии минбаъдаи онҳо таъмин гардад.

6. Ворид намудани модули таҳсилоти инклюзивӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ имконият медиҳад, ки андеша, фикр, муҳокимаронӣ ва хуруфотпарастии мардум нисбати маъюбон чун ҳодисаи нангин, мушкилоти зиёдатӣ барои оилаву ҷомеа, шахсони нодаркор ва ғайраҳо то андозае бартараф гардад ва сатҳи маърифати ҳуқуқии ин тоифаи афрод нисбати ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худ баланд гардад.

7. Амалӣ гардонидани модули таҳсилоти инклюзивӣ ва аз тарафи омӯзгорон, мутахассисон, роҳбарони муассисаҳои таҳсилотӣ (бо мададу дастгирии волидон, ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ) ташвиқу тарғиби он имконият медиҳад:

- дар насли ҷавони имрӯза ҳисси меҳру шафқат, раҳмдилию дилсӯзӣ, инсонгароӣ ва таҳаммулпазирӣ нисбати ҳамсолони солиму маъюби худ ташаккул ёбад;

- кӯдакони имконияташон маҳдуд ва дорои талаботи махсуси таълимгиридошта дар муассисаҳои таҳсилотӣ бо ҳамсолони солими худ дар якҷоягӣ тарбия гиранд, таҷрибаи иҷтимоиро аз худ намуда, дар ҷомеа мавқеи худро чун шаҳрванди баробарҳуқуқи ҷомеа ишғол намоянд.

8. Таҳсилоти якҷоя бо ҳамсолони солим ба бачагони имконияташон маҳдуд ва дорои талаботи махсуси таҳсилотӣ имкон медиҳад, ки монеаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодиро бартараф намуда, аз заминаҳои инкишофи равонию ҷисмонии худ истифода баранд, ба қувваю имкониятҳои худ боварӣ ҳосил намоянд, барои минбаъд кору фаъолият кардан ва зиндагии сазовор омода гарданд.

Таълиму таҳсилоти кӯдакони имконияташон маҳдуд тибқи низоми амалкунандаи маориф дар давраи Шӯравӣ вобаста ба нуқсонҳои ҷисмонию равонӣ, қатъиян гурӯҳбандӣ шудаанд. Дар ташкил намудани таҳсилоти махсус барои кӯдакони норасоии узвҳои шунавоӣ, биноӣ, нутқронӣ, бозмондагии инкишофи рӯҳӣ (ЗПР) дар кишвар ин гурӯҳбандӣ имрӯз ҳам риоя карда мешавад, лекин муассисаҳои таҳсилоти махсус қудрату тавоноии фарогирии ҳамаи кӯдакони имконияташон маҳдудро надоранд. Зеро онҳо дорои мушкилотҳои худ мебошанд:

- набудани омори аниқ оид ба теъдод ва намуди бемориҳои марбут ба имкониятҳои маҳдуд;

- суст будани заминаҳои пулию молӣ ва таъминоти кадрӣ бо мутахассисон;

- набудани системаи ягонаи ташхис ва бурдани корҳои ислоҳӣ, тиббӣ, педагогӣ, психологӣ;

- дар маркази ноҳияҳои хурд ва деҳоти дурдаст зиндагӣ кардани хонаводаи ин қабил кӯдакон (73,3% аҳолии кишвар дар деҳот ба сар мебаранд);

- хоҳиш надоштани волидайн ба таҳсил ва зиндагии дур аз муассисаҳои таълимии махсус;

- ба умеди «беҳбудии фарзанд дар доираи ҳамсолони солим» кӯшиш намудани волидон оид ба таҳсилот ва тарбия дар кӯдакистон ва муассисоти таҳсилоти умумӣ;

Ин ҳама душвориҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ба он водор мекунанд, ки барои таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд ва дорои талаботҳои махсуси таълимгирӣ дар баробари кӯдакони солим дар муассисаҳои таҳсилотӣ шароити мувофиқ барои таҳсил муҳаё карда шавад. Ворид намудани модули таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ), - ин ташкил кардани гурӯҳ / синфҳо барои кӯдакони сустбин, камшунав, гирифтори иллатҳои рӯҳист, ки яке аз шаклҳои ҳамгироӣ (интегратсия) ва истифодаи роҳу усулҳои махсуси таъсиррасонӣ дар асоси ба ҳисобгирии хусусияту имкониятҳои фардӣ ва бурдани кори тафриқавӣ дар раванди таълиму тарбия аст.

Чунин модули таҳсилотиро амалӣ гардонидан аз ҳар ҷиҳат имконият медиҳад, ки мувофиқ ба тақозои замони муосир дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳон модули нави хизматрасониҳои таълиму тарбиявӣ, равонӣ-тиббӣ, равонӣ-ислоҳӣ ва ғайраҳо ба миён оварда шуда таълими босифат, баҳодиҳии дуруст ба эҳтиёҷот ва имкониятҳои кӯдакон роҳандозӣ гардад.

**Китобнома:**


1. Ин ҷаҳон аз мо низ ҳаст. Дастурамал барои волидон. – Душанбе, 2006.
2. Конвенсия (Аҳднома) оид ба ҳуқуқҳои кӯдак аз 29 ноябри с.1989.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». – Душанбе, 2004.
4. «Понятие инклюзиного образования» // Образование для всех: пути интеграции. – Саратов: гос.тех.ун-в, 2003. – С. 69-78.
5. Тавзеҳи сиёсати миллӣ дар соҳаи маорифи Тоҷикистон. Талабагони дорои талаботи махсус ва имкониятҳои махсус. – Душанбе, 2009.

6. Явская, Смирнова Е.Р. «Инвалидность и семья: ресурсы и барьеры в повседневной жизни» // Государственная семейная политика. – М., 2004. – С. 112-122.
7. Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ). / Таҳтиназ. Байзоев А.. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 224 с.
8. Маҷидова Б. ва диг. Асосҳои таҳсилоти фарогир. – Душанбе, 2013. – 244 с.

## ЗНАЧИМОСТЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МОДУЛЬ ИНКЛЮЗИВНОГО ОБУЧЕНИЯ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***МАДЖИДОВА Б.***
***ХАМИДОВ У.***

Так как модуль инклюзивного обучения, как знак признания принципа гуманизма и равноправия членов общества в приобретении образования, как один из систем образования является относительно новым явлением, без понимания его сути и важность внедрения того невозможно. Поэтому в статье авторы попытались, чтобы после разъяснения фразы модуль инклюзивного обучения с приведением некоторых чисел и достоверных фактов, рассмотреть и напоминать о значимости и необходимости внедрения этой со всех сторон полезной для общество образовательной системы в настоящих условиях страны.
***Ключевые слова:*** *модул, инклюзивное обучение, дети с ограниченными возможностями, обучение, образовательные учреждение, система, возможность.*

## THE IMPORTANCE OF THE USE OF INCLUSIVE EDUCATION MODULE IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***MAJIDOVA B.***
***HAMIDOV U.***

Since the module of inclusive education as a sign of recognition of the principle of humanism and equality of members of society to acquire education as one of education systems is a relatively new phenomenon, without understanding its nature and importance of the implementation of the impossible. Therefore, in the article, the authors attempted to clarify the phrase after the module inclusive education to bringing some of the numbers and the true facts to consider and remind about the importance and the need to implement this on all sides useful for the society of the educational system in the present circumstances of the country.
***Keywords:*** *module, inclusive education, children with disabilities, training, educational institution, a system feature.*

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ПРИЧИНЫ ТРУДНОСТЕЙ В ДЕТСКО-РОДИТЕЛЬСКИХ ОТНОШЕНИЯХ У ПОДРОСТКОВ-ПРАВОНАРУШИТЕЛЕЙ В УСЛОВИЯХ ИХ ПРЕБЫВАНИЯ В РЕСПУБЛИКАНСКОЙ СПЕЦИАЛЬНОЙ ШКОЛЕ Г. ДУШАНБЕ

***АБДУРАШИТОВ Н. Ф.,***
*зав. отделом педагогики и психологии*
*Института развития образования АОТ*

Проблема противоправного поведения подростков является одной из центральных психолого-педагогических проблем. В настоящее время детское правонарушение – явление, распространенное в Таджикистане и это представляет серьезную угрозу общественной безопасности.

Изменения социально – экономической ситуации в Таджикистане, произошедшие за годы гражданской войны (1992-1997 гг.), привели к негативным последствиям в

различных социальных сферах жизни. Социальная ситуация развития в этих гадов характеризовал как кризисная в экономической, политической, духовной жизни таджикского общества. Особенно тяжело оказалось подрастающему поколению. На поведение подростков влиял все аспекты ситуации в стране, и эти факторы создал благоприятные условия для развития отклонений в поведении подростков. Среди молодежи усилился нигилизм, демонстративное и вызывающее поведение, в крайних формах стали проявляться жестокость и агрессивность. Резко увеличилось преступность среди подростков. Одной из тенденций в жизни общества стало изменение института семьи, следствием чего является неуклонный рост количества детей с противоправным поведением.

Также следует сказать и о нравственной стороне жизни. За эти годы широкое распространение получили неконтролируемый детский труд, компьютерные игры и порнография, расширился прокат видеофильмов эротического и порнографического содержания, который провоцировал подростков на противоправные действия, в том числе совершения преступлений на сексуальной почве.

Таким образом, увеличилось число несовершеннолетних правонарушителей, оказавшихся в трудной жизненной ситуации. Наибольшую склонность к поведению подростки, проживающие в неблагополучных семьях, с напряженными отношениями между членами семьи низкой заботой о воспитании детей. Поэтому можно отметить, что почти все психологические и социальные проблемы детства замыкаются на проблеме семейного благополучия или неблагополучия. Наиболее острые социальные проблемы, такие как: безнадзорность, бродяжничество, недисциплинированность, жестокость, преступность, несовершеннолетних и уж тем более – социальное сиротство связано с проблемой семейного неблагополучия. А также выросло рост родители не выполняющих полноценно свои воспитательные функции, не справляющихся с внутрисемейными проблемами, противоречиями и не осознающих в полной мере их серьезность.

Однако, родители не ищут помощи у психологов и педагогов, считая свою семью вполне благополучной. Для них правонарушение, совершённое их ребенком - полная неожиданность, событие, не имеющее причин. Они могут видеть причину во влиянии улицы, школы, но очень редко в собственных ошибках в воспитании. Поэтому проблемы таджикской семьи выходят на поверхность, становятся заметными не только для специалистов, но и для широкого круга общественности.

Семья и, происходящие в ней, детско-родительские взаимоотношения занимают важное место в социальной структуре любого народа. Они представляют собой исторически возникшую, сформировавшуюся форму и способ организации человеческого общежития. Она является важнейшей средой формирования личности любого подростка и ключевым звеном в профилактической работе с детьми, находящимися в конфликте с законом.

Однако, работа с семьей на современном этапе усложнилась и требует новых форм и методов, новых подходов. Воспитательная функция семьи серьезно нарушена, она задавлена проблемой выживания, поиском средство к существованию, значимость семьи поколебалась. Отношения детей и родителей свернуты до минимума. Образ жизни семьи во многом связан с её материальным положением, но, даже имея хороший материальный достаток, многие семьи переживают духовный кризис в межличностных отношениях, как между супругами, так и в отношениях с детьми.

Детско-родительских отношений, являющихся подсистемой многообразных семейных отношений, очень актуальная проблема для современной семьи. В психолого-практической литературе практически отсутствуют исследования, посвященные нормализации детско-родительских отношений подростков находящихся в учреждении закрытого типа.

Роль семьи в обществе и жизни человека несравнима по своему значению ни с какими другими социальными институтами. На протяжении длительного времени и играет одну из определяющих ролей в формировании ребенка, однако, на каждом возрастном этапе роль и значение семьи меняются и имеют свои специфические особенности. Семья, в силу глубокой специфичности ее воздействия на ребенка служит обязательным фактором нормального воспитания. Ребенок, воспитывающийся без

участия семьи, в гораздо большей мере подвержен опасности одностороннего развития, чем дети, которые являются членами семейных коллективов [9, с. 80], [11, с. 5].

Детско-родительские отношения – одна из значимых сфер отношений подростков. Нуждаясь в родителях, и их поддержке, в их мнении, подростки испытывают желание быть самостоятельными, равными с ними в правах. То, как сложатся взаимоотношения в этот трудный период, зависит главным образом от детско-родительских отношений, сложившихся в семье, и возможностей родителей перестроиться – принять чувство взрослости своего ребенка.

На протяжении всего периода взросления родители являются для ребенка чрезвычайно значимыми людьми. При этом по отношению к ребенку взрослые выступают, по мнению И.С. Кона, в разных «ипостасях». По мере взросления соотношение этих функций и их психологическая значимость изменяются [6, 123].

Термин «детско-родительские взаимоотношения» известен в науке и позволяет объяснить феномен взаимодействия подростков и их родителей. Проблема детско-родительских отношений рассматривается в рамках клинико-психологических и социологических исследований [1], [3], [4], [5], [10], [12].

В психологических исследованиях семьи ключевое значение имеет проблема межличностных отношений, прежде всего отношений между детьми и родителями в подростковом возрасте [5], [12]. Именно этот период развития ребёнка детско-родительские отношения вступают в особенно ответственную фазу, когда перестраивается и структурируется вся система внутрисемейных отношений подростка и его родителей. Это обусловлено не только возрастными признаками, но и теми социальными процессами, которые наблюдаются в современном таджикском обществе.

Отношение подростка к родителям является одной из сторон структуры взаимоотношений в семье. Эти отношения представлены на различных уровнях психики подростка и влияют на многие сферы его повседневной жизни. Член семьи, и прежде всего родители, играют самую главную роль в достижении подростком идентичности и, как правило, являются самыми значимыми для других. Именно образы значимых людей и взаимоотношений с ними определяют самосознание и поведение подростка.

Отношение родителей с подростками-правонарушителями нередко сводятся к запретительным, даже карательным мерам воздействия, которые не только не устраняют причин отклоняющегося поведения, но напротив, способствуют развитию подростков аффективных состояний, приводящих к общественно – отрицательным поведенческим актам и формам поведения.

С наступлением подросткового периода эмоциональная дистанция между родителями и ребенком все более увеличивается и это способствуют дальнейшему развитию его самостоятельности и формированию его идентичности. Однако при всем этом нельзя сказать, что у подростков происходит отчуждение от родителей. На вопрос, где они чувствуют наибольшую защищенность, ответ «в семье» встречается почти так же часто, как и ответ «среди друзей» [8, 124].

В Таджикистане в настоящее время система профилактики представляет 2-х уровневую модель: учреждения, осуществляющие первичную профилактику (средние школы, детский центры и т.д.) и осуществляющие вторичную (непосредственную) профилактику (спецшкола, специальной профессионально-технической училище и детские колонии). По решение инспекции по делом несовершеннолетних, комиссиям по правам ребенка и решение суда, по ходатайству ОВД, либо по постановлению прокуратуры дети, находящиеся в конфликте с законом, после совершения правонарушений могут быть направлены в исправительные учреждения системы образования.

Республиканская специальная школа г. Душанбе работает на основе «Типового положения о специальной школе», утвержденного Министерством образования Республики Таджикистан. Она является единственным в республике воспитательно-образовательным учреждением закрытого типа для подростков-правонарушителей. Подавляющее большинство воспитанников – дети из социально-неблагополучных семей, сироты или социальные сироты, не имеющие места жительства. Специфичность этого контингента учащихся этой школы заключалась в том, что там собирается так называемые трудные дети и подростки-правонарушители, не поддающиеся

педагогическому воздействию в условиях обычной общеобразовательной школы, а также второгодники и неуспевающие, не имеющие устойчивых трудовых навыков и интереса к учебе, в большинстве своём отрицательно относящиеся к любому виду труда [2].

Организация учебно-воспитательной деятельности в специальных учреждениях имеет ряд особенностей:

- она санкционирована, то есть предусматривается определенные санкции общества, а именно, принуждение в применении мер воспитательного воздействия к несовершеннолетним и изоляция от общества, а следовательно, на первых порах у воспитанников вызывает сопротивление с их стороны;

- она является видом социально-коррекционной деятельности, так как включает в себя: работу по формированию изменений в психике подростков, разрушение ранее сформированных мотивов, ценностей, стереотипов, имеющих асоциальную направленность;

- в оценке результативности имеет во многом вероятностный, прогностический характер. Оказание помощи подросткам в достижении уровня психологической зрелости, который позволил бы им вступать во взаимоотношения с другими людьми, не вымещая на них свои собственные страдания и лишения [2] .

Анализ научной психолого-педагогической и учебно-методической литературы в Таджикистане свидетельствуют о недостаточной разработанности основных подходов к преодолению отрицательных черты характера и созданию условий гармонизации детско-родительских взаимоотношений и системы семейной адаптации детей, находящихся в учреждениях закрытого типа.

В данном случае, применение традиционных методов обучения и воспитания в новых условиях не позволяют решить в полной мере задачи, стоящие перед системой образования и воспитания.

На наш взгляд, недостаточно изучен вопрос об особенностях внутрисемейных отношений и согласованности или разобщенности родительских воспитательных установок, связанных с поведением подростка.

Таким образом, перед нами стоит задача изучения тех факторов семейных взаимоотношений, которые порождают отклоняющееся поведение подростка. Анализ этих внутренних связей позволит увидеть феномен противоправного поведения подростков в комплексе порождающих его условий, разработать методы диагностики, предупреждения и коррекции отклонений в поведении подростков. Такая работа позволить оказать действенную психологическую помощь, основанную на научных данных тем семьям, родителям и подросткам, которые в этой помощи нуждаются.

Для получения соответствующих данных был использован «Метод серийных рисунков и рассказов в психологической диагностике и консультировании детей и подростков». Актуальность разработки метода серийных рисунков и рассказов обусловлена необходимостью формирования новых процедур, которые одновременно могли бы решать задачи психологического исследования и задачи психологического воздействия на психику человека в лечебных и профилактических целях, способствуя, тем самым, сближению клинической психодиагностики и психотерапии. Этим требованиям в полной мере отвечает метод серийных рисунков и рассказов, который можно рассматривать и как проективную психодиагностическую, и как арт-терапевтическую технологию [7].

У несовершеннолетних правонарушителей наблюдаются различные психические аномалии: задержка психического развития, эмоциональные расстройства, нарушение адаптации и др. У многих подростков значительно изменена эмоциональная сфера и нечувствительность к страданиям других. Одновременно отмечается эмоциональная неуравновешенность, склонность к неадекватной ситуации, эмоциональным реакциям. Часто отмечаются также негативные изменения волевых качеств. А также, они остро нуждаются в поддержке со стороны родителей, специалистов.

У таких подростков выявлено такие черт характера, как отрицательные так и положительный (см. табл. 1).

*Талица1.*

**Проявление отрицательных черт характера подростка**

| **ОЧХ** | **Методики** | | | | | | | | | | **ОЧХ** | **Методики** | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| Обидчивость | | * | | | | * | | * | | | Глупость | | | | | | * | | | | |
| Легкомысленно | * | | | | | | | | * | * | Тупость | | | | | | * | | | | |
| Нецелеустремле | * | | | * | | | | | | | Ленивост | | * | | | * | | | | | |
| Агрессивность | * | * | * | * | * | * | * | * | * | * | Замкнуто | | | | * | | | | * | | |
| Неуклюжий | * | | * | | | | * | | | | Грубость | * | | | * | | | * | | | |
| Медлительнос | * | * | | * | | * | | * | | | Злость | | | | | | | | | | |
| Неотзывчивост | | | * | | * | | * | * | * | | Фантазер | * | | | * | | | * | | | |
| Несправедливос | | * | | * | | * | | | | | Жестокос | | * | | | * | | * | | | |
| Недобросовест | | | | * | * | * | | | | | Заносчив | * | | | * | | | | | | |
| Непослушность | | * | | | | * | | * | | * | Хитрость | * | * | * | * | * | * | * | * | | * |
| Нестарательнос | | | | | * | * | | | | | Больной | * | * | | * | * | * | * | * | | |
| Невыносливос | * | | | * | | | | | * | | Ранимост | * | * | * | * | * | * | * | * | | |
| Бесчувственнос | | | * | | | | * | | | | Жадность | * | * | * | | | * | | | | |
| Неприветливос | | * | | | | | | * | | | Лживость | | * | | | * | | | | | |
| Бездеятельност | * | * | * | | * | * | | | | | Упрямос | | | * | | | | | * | | |
| Тревожность | * | * | * | * | * | * | * | * | | * | Болтливо | * | * | | * | | * | | | * | * |
| Вспыльчивость | * | * | | | | * | * | | | | Капризн | | | * | | | | * | | | |
| Эгоистичность | * | * | | | * | | * | * | | * | Слабость | * | * | * | | * | * | * | * | * | * |
| Нерешительно | | | | | | | | | * | | Вредност | * | | | * | | | | | | |
| Неряшливость | * | | * | | | * | | * | | | Не учится | | | * | | | * | | | | |
| Нестарательнос | | | | | | | | | | | Трусливо | | | | | * | | | * | | |
| Задиристый | * | * | * | * | | * | * | * | * | | Грустност | * | | | * | | | * | | | |
| Нетерпеливост | * | | | * | * | | | * | | | Нежность | | * | | | * | | | | * | |
| Недисциплиниро | | * | * | | | * | | | | | Нервность | | * | | * | | * | | * | | |
| Чувствительност | * | * | * | | * | * | * | * | * | | Воровство | | | * | | * | | * | | | |
| Невыносливос | | | | | | | | | | | Скрытно | * | | | | | * | * | | | |
| Бесхитростность | | * | | | * | | * | | | | Подпольн | | * | | * | | | | * | | |
## УСУЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ОМОДАГИИ КӮДАКОН БА МАКТАБ ДАР МУАССАҲОИ ТОМАКТАБИИ ХУСУСӢ

***КОТИБОВА Ш.***

Дар мақола қайд мегардад, ки соҳаи таҳсилоти томактабии Ҷумҳурӣ босуръат инкишоф меёбад. Дар ҷумҳурӣ намудҳои нави муассисаҳои томактабӣ ба монанди кӯдакистонҳои оилавӣ, марказҳои инкишофи кӯдакон, гурӯҳҳои омодагӣ ба мактаб ва ғайра бояд амал намоянд. Яке аз чунин муассисаҳои томактабӣ кӯдакистонҳои хусусӣ мебошанд. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додаст, ки роҳу усулҳои инноватсионии омода намудани кӯдаконро ба мактаб дар муассисаҳои томактабии хусусӣ пешниҳод намояд.

***Калидвожаҳо:*** *ташаккулёбӣ, омодагӣ, мактаб, таҳсилоти томактабӣ, барнома, кӯдак, самаранок.*

## INNOVATIVE METHODS OF PREPARATION OF THE CHILD TO SCHOOL IN PRIVATE PRESCHOOL CENTRE'S

***KOTIBOVA SH.***

Domestic system of preschool education actively there are new kinds of preschool centre's and new organizational forms of preschool education. In republic family, house, corporate kindergartens, the preschool minicenters, children's academies, groups of short-term stay, group of preschool preparation, preschool educational groups on the basis of schools, the centre's of game support of the child, service of the early help, инклюзивные groups, advisory points for parents and children, round-the-clock kindergartens, seasonal kindergartens, the regional centre's of preschool education and pedagogical agencies … should operate. Unfortunately we have some of them. For example, private kindergartens, the state kindergartens, departmental kindergartens and the centre's of development of the child.

***Keywords:*** *shaping, readiness, school, preschool formation, program, child, efficiency.*

# ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА УРОКАХ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

*ЛУТФУЛЛОЕВА П.*,
*Институт развития образование АОТ*

Роль английского языка в образовательной системе Таджикистана укрепилась и возросла. Об этом свидетельствует и Указ Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона об улучшении преподавания русского и английского языков в образовательных учреждениях, и "Государственная программа совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на 2004-2014 годы", которая продлена сейчас до 2020 года. Само появление этого документа говорит о том, что государство в полной мере осознаёт необходимость через систему образования, в целом, и через качественное языковое обучение, в частности, обеспечить достойную жизнь и свободное развитие каждого члена своего общества. Указ, программа и ряд других правительственных документов подтверждают, что менталитет таджикского народа всегда отличался лояльностью, толерантностью, уважением к иноязычным людям, к культурам других народов. Во введении к документу справедливо отмечается, что знание русского и английского языков, повышение их престижа в современном таджикском обществе не причиняет и не может причинить ущерба государственному языку, поскольку "хорошее владение иностранным языком невозможно без глубокого знания родного языка."

Мы живем в такие времена, когда стремительное развитие информационно-коммуникационных технологий порождает ряд радикальных изменений в нашей жизни, в том числе и в образовательном процессе. Позиции английского языка в мире как лидирующего средства международного общения связаны, прежде всего, со стремительным развитием высоких технологий, экономики. Это усиливает мотивацию учащихся общеобразовательной школы, желающих изучить английский как основной язык межгосударственного общения, научных исследований. В настоящее время иностранные языки, в первую очередь английский, требуются исключительно функционально, для использования в разных сферах жизни общества в качестве средства реального общения с людьми из других стран.

Одной из основных целей уроков иностранного языка является формирование коммуникативной компетенции, т.е. способности и готовности осуществлять иноязычное межличностное и межкультурное общение. Как считают современные ученые (Е.С. Полат), чтобы сформировать коммуникативную компетенцию недостаточно насытить урок условно-коммуникативными или коммуникативными упражнениями, важно предоставить учащимся возможность мыслить, решать какие-либо проблемы, рассуждать над возможными путями решения этих проблем, с тем, чтобы дети акцентировали внимание на содержании своего высказывания, чтобы в центре внимания была мысль, а язык выступал в своей прямой функции – формирования и формулирования своих мыслей.

Основная идея подобного подхода к обучению иностранному языку, заключается в том, чтобы перенести акцент с выполнения различного вида упражнений на активную мыслительную деятельность учащихся, требующую для своего оформления владения определенными языковыми средствами. Коммуникативный подход способен подготовить учащегося к спонтанному общению на иностранном языке.

В методике преподавания иностранных языков известны разные средства развития коммуникативных способностей, наш опыт связан с применением информационных технологий. Однако, возникает вопрос: как использовать потенциал информационно-коммуникационных технологий для развития иноязычной коммуникативной компетенции обучающихся, как ввести в урок английского языка новые технологические средства оптимально и органично, придав занятию зрелищность, эмоциональную окраску и не сломав при этом его логическую структуру?

В своей опытно-поисковой работе мы исходили из того, что в случае использования разных вариантов сочетания информационных технологий как способа решения коммуникативных задач можно добиться оптимизации учебного процесса,

результатом которого будет являться овладение учащимися навыками устной речи, активизации и стимулирования их познавательной деятельности и повышения качества успеваемости.

Мы разработали и апробировали несколько типов уроков, в основу классификации которых заложили принципы:

– “от простого к сложному”: постепенного усложнения используемых элементов информационно-коммуникационных технологий;

– учета возрастных особенностей детей, степени владения ими языковыми средствами;

– индивидуализации и дифференциации обучения.

**Первый тип** занятия в компьютерном классе – обычный урок по теме, когда компьютер используется в демонстрационном режиме. **Компьютерные презентации** могут быть включены в урок на всех этапах работы с учебным материалом. Например, урок “Мои летние каникулы” направлен на закрепление и активизацию лексического материала, что сопровождается показом презентации о разных видах отдыха, правилах построения и использования предложений с выражением уверенности и вероятности. Заключительным этапом урока является ролевая игра, в которой собеседники должны убедить друг друга выбрать тот или иной вид отдыха, это задание обучающиеся выполняют также с опорой на слайд. Преимущества очевидны: наглядность (анимация и красочное оформление), возможность многократного использования.

**Второй тип** – урок с использованием **электронных учебников и компьютерных программ**. Применяются электронные учебники (“Профессор Хиггинс”), CD-диски, а также компьютерные программы игрового характера для младших школьников и учащихся пятых классов (“Занимательный английский для детей”, “Учите английский” для начинающих), интерактивный учебник “Правильный английский без скучных правил” для детей 10-12 лет. Электронные учебники позволяют самостоятельно изучать материал урока, выполнять тренировочные упражнения на его активизацию, проходить тесты на выявление уровня усвоенного материала. Причем некоторые электронные учебники содержат тесты разноуровнего характера, учащийся с каждым разом старается справиться с заданиями более высокого уровня. И оценивает учащегося в таких случаях не учитель, а компьютер. Учитель заботится о создании благоприятных условий для развития индивидуальности учащихся, для самостоятельной работы, о выработке самооценки у обучаемых, о комфортной среде обучения.

Электронные учебники и компьютерные программы продуктивно используются при введении, закреплении и активизации учебного материала. Электронные учебники и компьютерные программы нагляднее и привлекательнее для детей, чем их учебники. Их использование повышает мотивацию и познавательный интерес учащихся. Такое представление нового материала способствует более глубокому и эффективному его усвоению, осознанию, развивает память, расширяет словарный запас и воображение.

На уроках в 5-7 классах ребята с интересом изучают фонетические особенности английского языка, читают за диктором стихотворения, скороговорки, диалоги, пишут диктанты. После прослушивания и проговаривания диалогов вслух по заданной теме, разбора новых лексических единиц и речевых клише ребята составляют в парах или группах подобные высказывания (диалоги), имея возможность вернуться к электронному учебнику, прослушать диалоги вновь, обратить внимание на произношение отдельных слов и на интонационные особенности предложений. Ребятам предоставляется возможность самостоятельно мыслить, решать какие-либо проблемы, рассуждать над возможными путями решения этих проблем.

**Третий тип** урока с использованием ИКТ включает в себя **работу в сети Интернет**. Интернет является одним из лучших инструментов обучения, который может быть включён в учебный процесс.

Однако, существует одна проблема: как учителю обезопасить обучающихся от излишней, порой недостоверной информации. Получив задание найти факты, биографии, фото в Интернете, ребенок пускается в плавание по огромному информационному морю. И рискует в этом море “утонуть”. Поэтому прежде чем давать задание, связанное с поиском информации, ее обработкой и оформлением, учителю

необходимо в начале самому и конечно же заранее его подготовить. Тогда будет легче объективно оценить трудоемкость работы и, что немаловажно, выяснить достоверность информации по этой теме.

Используя сеть Интернет на уроках и дома, учащиеся могут самостоятельно искать материалы по темам занятий и для подготовки проектов, готовиться к сдаче экзаменов и сдавать их. Учителя же в свою очередь могут найти в сети все необходимые материалы для подготовки к урокам (справочный материал, упражнения с разными типами заданий, кроссворды, головоломки, материал для проведения викторин, олимпиад, внеклассных мероприятий по предметам). Для учителей иностранных языков Интернет – источник аутентичных материалов (текстов на языках, аудиозаписей с речью носителей языка).

Интернет предоставляет возможность не только обучаться в иноязычной среде, но и совершать виртуальные путешествия по странам изучаемого языка. Во время таких “поездок” ученики вынуждены пользоваться иностранным языком для достижения своих целей. Виртуальное путешествие дает возможность самому получить дополнительную информацию, сделать самостоятельный вывод о каком-либо памятнике культуры, явлении и событии. Кроме того, такая форма работы обладает мощным мотивирующим фактором. Игра в путешествие снимает чувство страха перед общением с носителем языка, помогает привыкнуть к аутентичным материалам.

Предлагаемая классификация уроков не является единственно возможной. Попытка показать виды деятельности педагога и учащихся на конкретных примерах еще не завершает многообразия форм, методов и приемов, используемых на уроках английского языка с применением информационно-коммуникационных технологий. Ведь в системе работы одного учителя зачастую сливаются воедино множество концепций и подходов к организации обучения: и метод проектов, и интенсивное обучение, и технология полного усвоения знаний и др. Поэтому все вышесказанное подтверждает мысль о возможности использования в системе работы одного учителя различных технологий, концепций и подходов к организации обучения.

Внедрение информационных технологий в образовательный процесс – это требование, предъявляемое к современному учителю, призванному сделать все возможное для модернизации образования и реализации социального заказа. Использование персонального компьютера – это не цель обучения, а средство для реализации творческих идей и учителя, и учеников.

Однако всегда следует помнить о том, что при использовании информационно-коммуникационных технологий нужно быть очень аккуратным, чтобы за зрелищностью не ушли на второй план суть материала, его научность.

Разумеется, что никакие новые технологии не смогут заменить учителя на уроке, ведь только учитель может правильно организовать учебный процесс, предложить учащимся работу в разных режимах, определить цель занятия, которая должна быть достигнута, направить учащихся на ее достижение и помочь им. Ничто не может заменить удовольствие и радость общения учителя и детей. А компьютер – это средство, инструмент, дополнительная возможность в руках учителя организовать учебный процесс так, чтобы обучающимся было интересно на уроке, чтобы они активно принимали в нем участие, чтобы были достигнуты те цели и задачи, которые ставит учитель, начиная урок.

Применяя на уроках и во внеурочное время вышеназванные технологии и методические приемы, мы смогли добиться значительного повышения мотивации обучающихся к изучению английского языка, язык становится предметом высокой степени привлекательности, мы получаем хорошее владение материалом, достаточно высокую успеваемость, достойно принимаем участие в конкурсах и олимпиадах различного уровня. Участие в олимпиадах и конкурсах различного уровня, обучение в летних школах помогает обучающимся наработать позитивный жизненный опыт, успех, пережитый публично, ставший результатом напряжения физических и психических сил личности.

За последние два года результатом нашей работы по применению информационно-коммуникационных технологий стало заметное продвижение учащихся в овладении коммуникативными навыками. Это проявилось:

– в развитии речевой компетенции. Так, обучающиеся начальных классов умеют рассказывать о себе, семье и друге, составлять описание предмета или картинки в объеме до 10 фраз. Ученики среднего звена владеют навыками написания личного письма объемом до 60-80 слов. Обучающиеся старших классов умеют составить полилог из 8-10 фраз;

– в развитие социокультурной компетенции – приобщении обучающихся к культуре, традициям и реалиям страны изучаемого языка в рамках тем и ситуаций общения, формировании умения представлять свою страну, ее культуру в условиях иноязычного межкультурного общения с использованием Интернет-технологий и созданием мультимедийных проектов;

– в развитии языковой компетенции (овладение знаниями, умениями и навыками);

– в развитии компенсаторной компетенции (умения выйти из положения в условиях дефицита языковых средств при получении и передаче информации в результате увеличения объема лексических единиц);

– в развитии учебно-познавательной компетенции (умения ориентироваться в современной иноязычной информационной среде и использовать их в своей практической деятельности).

Таким образом, компьютерные технологии становятся неотъемлемой частью школьного образования, что позволяет детям создать что-то свое, интересное, современное и получить необыкновенно интересный материал и полезный опыт.

Пример одного урока:

**Путешествие в «Страну английского языка»**

«Путешествие» проводится на параллели 3-х (или 4-х) классов. Все ученики являются пассажирами поезда, который отправляется в путешествие по английскому языку. Каждый класс занимает свой поезд, который останавливается на разных станциях. Дети сами придумывают свои опознавательные знаки, но в каждом из них есть свой машинист с полоской на голове “driver”, который ведет весь класс по станциям. Чтобы поезда «не сталкивались» в пути, каждому классу выдается “train table”, в котором написаны все названия станций в определенном для каждого класса порядке. В путевом листе также указывается время стоянки каждого поезда, количество полученных баллов и подпись «начальника станции»(ответственного учителя).

**Ход игры**

Teacher: Dear friends, today you are passengers of this train. We are going to travel to English . The train is leaving. Good voyage!

**Station 1: “Musical”**

Отгадайте мелодию и спойте песню на английском языке. Используются песни, изученные в течение года.(“What is your name?”, “I see green, I see yellow”, “I am a pupil”, “Hello, how are you?”, “Head and shoulders”, “Alouette” etc.) На этой станции ответственным является учитель музыки, который включает музыку без слов, а дети вспоминают песню и исполняют ее на английском языке. Если не могут отгадать песню, им предлагают исполнить другую.

**Station 2: “Phonetics”**

Прочитайте слова в транскрипции.

Например: [spu:n], [tri:], [plein], [faiv], [sta:], [kwi:n], [fa:m], [bo:l], [blu:], [boks]

**Station 3: “Reading”**

Проверяется техника чтения на время (1 минута). Один из учеников, выбранный командой, получает листок со словами или с текстом в зависимости от класса. Ученику дается одна минута на подготовку, затем по команде учителя он начинает читать. Подсчитывается количество слов, прочитанных за одну минуту и выставляется балл. Например: Ship, egg, bus, book, queen, star, horse, name, sit, yes, mug, cook, feed, park, port, cake, stone, little, bench, jump, good, sheep, farm, floor, plate, nose, big, bell, sun, wood, lake, bone, fish, pen, tulip, pupil, that, these, moon, bird, purse, king, morning, yellow, weak, beak, ball, day, boy, out. Если ученик заканчивает чтение слов, а учитель не останавливает его, он начинает читать слова с самого начала.

**Station 4: “Poetical”**

Расскажите любое стихотворение на английском языке.

**The dog**

I have a dog. His name is Pat.
He can do this, he can do that.
Look at my dog! Tricks he can do.
I love my dog. He loves me too.

**What I can do**

I can skip and play football,
Hockey, tennis, basketball.
I can jump and I can run,
I can have a lot of fun.

**Station 5: “Grammatical”**

1) Употребите правильно глагол to be (am/is/are)

1 I …a pupil.
2 You … from England.
3 My dad … tall and strong.
4 My mum … very good.
5 This dog … fat.
6 We …big.
7 Pete and Bob … students.

2) Найдите и исправьте ошибку.

1 Ann and Mike is pupils.
2 We English are.
3 I have five book.
4 They has two stars.
5 What is your names?
6 I see one dogs.
7 Pete run in the park.

**Station 6: “Lexical”**

Продолжите список слов (устно) по следующим темам:
1. dog … 2. red … 3. read …
Можно приготовить картинки на пройденные темы или предложить сыграть в «снежный ком», «отгадай слово» или другие игры на повторение лексики.

**Station 7: “Riddles”**

Отгадайте загадки.

1. I live in a hot country.
I am big.
I give people milk.
I have a hump ( горб) on my back
What am I? (a camel)

2. The teachers writes
On me with chalk, (мел)
My face is black,
I cannot talk,
What am I? (a blackboard)

**Station 8: “Dialogue”**

Побеседуйте на заданную тему, например, «Знакомство», «в магазине», «в зоопарке»

**Station 9: “Conversation”**

Составьте рассказ по картинке.
Например: “I see a dog. Its name is Rex. Rex is big and good. It is red. Its nose is black. The dog is under the desk.. It’s a good dog. This is its bone. Rex is happy. I like the dog.

**Station 10: “Crossword”**

Найди 10 слов, обозначающих цвета. (любой другой кроссворд на изученные темы)

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

В конце игры подсчитываются баллы и награждаются победители


**Литературы:**

1. Мухитдинов И.В. Презентации Microsoft Power Point на уроках иностранного языка: Всероссийская научная школа для молодёжи «Управление информационными ресурсами образовательных, научных и производственных организаций»/ сборник материалов. – Магнитогорск, 2009.
2. Матвеева Ю.В., Ведерникова А.В. Информационно-коммуникативные технологии в новой школе: Всероссийская научная школа для молодёжи «Управление информационными ресурсами образовательных, научных и производственных организаций»/ сборник материалов. – Магнитогорск, 2009.
3. Лисичкина Т.А., Плотникова Л.А., Сельментова Ю.В., Колосс Н.М. Использование инновационных технологий на уроках английского языка: Материалы НПК «Совершенствование качества обучения иностранному языку». – Казань: РИЦ «Школа», 2007.
4. Полат Е.С. Некоторые концептуальные положения организации дистанционного обучения иностранному языку на базе компьютерных телекоммуникаций // Иностранные языки в школе, 2005. — №4 — С. 6-11


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА УРОКАХ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА


***ЛУТФУЛЛОЕВА П.***



В статье говорится об эффективности использования информационно – коммуникационных технологий на уроках английского языка. Автор статьи даёт подробный анализ об использовании ИКТ на уроках, а также рекомендует внедрение информационных технологий в образовательный процесс.



***Ключевые слова:*** *информационно – коммуникационные технологии, образовательный процесс, технология, компьютер, коммуникативные способности.*


*Анотатасия - тоҷикию англисӣ***

## ҲАМКОРИИ ОИЛА ВА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ТЕХНИКА ВА ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР


***МИРБОБОЕВА БИБИВАХӢ,***
***КУЧАКШОЕВ Д.С.,***
*Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи*
*Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*


Раванди ҷаҳоншавии ҷамъияти иттилоотӣ дар ҷомеаи муосир яке аз ғояҳои бартаридоштаи пешқадами асри XX1 ба шумор меравад, ки онро бе рушди фарҳанги илмию техникӣ тасаввур кардан душвор аст.Илму фарҳанг дар ҳама давру замон вуҷуд дошта, вобаста ба шароит ва талаботи он даврон амал менамояд. Агар ба рушди илму фарҳанги гузаштаи башарият назар андозем, аён мегардад, ки тараққиёти кишварҳо вобаста ба илму фарҳанг будааст. Дараҷаи пешрафти илму фарҳанг боз дар он зоҳир мегашт, ки тавассути он халқу миллат дар ҷаҳон шӯҳратманд мегардид. Бо туфайли сайю кӯшиш ва ташаккул ёфтани маводи технологияи иттилоотии коммунмкасионӣ муҳиту маъвои нави иттилоотӣ ва фаъолият намуданро барои ташаккули ҷамъияти иттилоотии саноатӣ пайдо намуд. Самти минбаъдаи рушди истеҳсолот ва техникаю технологияро дар ҷаҳони муосир маҳз ҳамин раванди инноватсионӣ муайян намуда, техникаю технологияи инноватсиониро ба миён овард. Дар натиҷаи ин иқтисодиёт, аз

ҷумла , истеҳсоли ашёи хом ва фурӯши мол, фаъолияти бонкҳо ва навгониҳои дигар ба муносибатҳои байналмилалии ҷаҳони муосир таъсир расониданд.

Ниҳоят, техника батадриҷ ба тамоми паҳлуҳои фаъолияти ҷомеаи инсонӣ ворид гардида, сабаби асосии ба тайғирот ва дигаргуниҳо дучор омадани соҳаи маориф ва низоми таълим гардидааст. Аз ҷумла, мавриди истифода қарор гирифтани технологияи муосир ва таъмин шудани муассисаҳои таълимӣ бо дастовардҳои навини техникӣ ба ворид намудани ислоҳоти куллӣ дар соҳаи маорифу фарҳанги кишвар, бо ин восита ташаккул додани тафаккури техникии насли наврас ва такмил ёфтани фарҳанги техникии мардумро ба миён овард.

Ин андешаҳо моро водор месозад, ки ба мазмуни таҳсилот дар соҳаи маориф аз назари зарурати технологӣ назар кунем, то кӯдакон ва наврасони имрӯза ҳамзамон ба рушди минбаъдаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамқадами дастовардҳои технологии ҷаҳони мутамаддин ба ҳаёт ва фаъолият тайёр карда шаванд.

Ин амал тақозо менамояд, ба тайёр намудани иқтидори кадрӣ барои ҳалли масъалаҳои илмю амалӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ зарурати ба роҳ мондани омӯзиши асосҳои технологияи муосирро аз мактабҳои ибтидоию миёна сар карда то таълимгоҳҳои миёнаю олии касбӣ диққати ҷиддӣ диҳем. Донише, ки наврасон дар раванди фаълоияти таълимӣ, дар мактаб ба даст меоранд, бояд ҳавасманкунанда бошанд, дар акси ҳол майлу рағбати эшон нисбат ба омӯзиш коста мегардад. Донишомӯзон танҳо ҳамон вақт ҳавасмандӣ ҳосил мекунанд, ки агар аҳамияти донишҳоро дар оянда дарк кунанд.

Танҳо бо роҳи омӯзиш хонандагон фаҳмиши техникӣ, муносибати дурусти дигаргунсозии ашё, нерӯ ва ахбор, баҳо дода тавонистан ба фаъолияти техникӣ, фаҳмиши илм ва фазои техникӣ, таъсири технология ба ҷомеа ва муҳити атрофро хуб дарк карда, онро дар оянда дар ҳаёт ва фаъолияти меҳнатии худ татбиқ карда метавонанд. Омӯзиши самараноки илму техника, донишҳои гуманитарӣ ва истифодаи дурусти онро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон танҳо таҳсилоти технологии ҳатмии мактаб таъмин карда метавонад. Аз тарафи дигар, танҳо таҳсилоти технологӣ аз таълими меҳнат бо мазмуни амиқи худ фарқияти калон дорад, ки дар омӯзиши донишҳои табиатшиносӣ ва гуманитарӣ ёрии бениҳоят судмандро расонида метавонад ва бо ин роҳ фаъолияти эҷодии техникӣ ва технологии хонандагонро баланд мебардорад.

Сохтани модулҳо ва барномаҳои таҳсилоти технологӣ оид ба фанҳои таълимӣ ва татбиқи онҳоояндаи шогирдонро боварибаш мегардонад. Тавре, ки таҷрибаи ҷаҳонии таҳсилоти ҷавонон дар соҳаи таҳсилоти технологӣ нишон медиҳад, омӯзиши техника ва технологияи муосир шарти зарурии низоми таҳсилоти умумии хонандагони мактаб баҳри азхуд намудани асосҳои илми лоиҳакашӣ, ихтироот ва тайёр намудани маҳсулот ба ҳисоб меравад.

Дар мамолики мутараққии ҷаҳон технологияро ҳамчун фанни таълимӣ истифода мебаранд ва омӯзиши онро аз кӯдакистонҳо сар карда, то ба анҷом расидани таълим дар мактаб ба роҳ мондаанд.

Дар замони муосир татбиқи дастовардҳои илмию техникї ва технологияи навин дарёфти донишҳои нав, равандҳои љаҳонишавї ва пешравиҳои илму техникаро тақозо менамояд.Дар ин росто компютеркунонии таълим яке аз масъалаҳои муҳими дидактика ба шумор рафта, фаъолияти дарккунии хонандагонро баланд мебардорад.

Тоҷикистон , ки узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонист, имрӯзҳо баҳри ташаккул ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар талош аст. Зарурат ба дониши нав, саводнокии иттилоотӣ, маҳорати мустақилона гирифтани дониш сабаби пайдо гардидани намуди нави маълумот мебошад, ки дар ин навгониҳо технологияи иттилоотӣ мақоми низомофар ва нақши ҳамгироиро иҷро менамояд. Ворид намудани технологияи иттилоотӣ-комуникасионӣ дар раванди таълим ба сифати васоиди таълиму тарбия ҳамчун воситаи идоракунии раванди таълим ва таъмин гардонидани фаъолияти касбии омӯзгорон ба шумор меравад.

Компютер дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ бояд як қисмати бой гардонидан ва дигаргун сохтани муҳити ташаккулдиҳандаи фаннӣ арзёбӣ гардад. Бо истифода аз компютер дар муддати хеле кӯтоҳ чунин масъалаҳо ба монанди бой

гардонидани таркиби луғавии забон, ташаккули соҳаи грамматика, мукаммал намудани самти овозии нутқ, ташаккули равонии нутқ ва инкишофи ҳушёрии орфографӣ ҳалли худро меёбанд, ки ин барои баланд бардоштани саводнокӣ мусоидат менамояд. Бо ин роҳ шавқу рағбати хонандагон ба раванди таълим зиёд гардида, малакаи худназораткунӣ ва фаъолияти мустақилонаи онҳо инкишоф меёбад.

Академик Файзулло Шарифзода вобаста ба» иттилоотсозии таҳсилот қайд менамояд, ки дар ин раванд бояд чунин талабот ба назар гирифта шавад:

- таҳаввули методологияи мавҷудаи таҳсилот аз ҳисоби афзалияти технологияҳои нави иттилоотӣ, яъне имконоти тасаввуроти аёнию босамар бо истифодаи тасвир ва овоз,роҳ ёфтан ба захираҳои иттилоотӣ.

- пайдарҳамӣ ва муттасилии таҳсилоти компютерӣ дар зинаҳои таълим: аз таълими томактабӣ то мактаби олӣ.Бо дастгирии компютерии ҳамаи мавзӯъҳо ва фанҳо раванди таълими муттасилро таъмин кардан мумкин аст.

- таъмини интихоби озоди усул,услуб, сабк ва воситаҳои таълим бо мақсади ошкор сохтани қобилияти фардӣ ва эҷодии хонандагон дар омезиш бо фаъолияти дастаҷамъии онҳо бар асоси технологияҳои иттилоотӣ ва низоми телекоммуникатсионӣ.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки гузариш аз низоми кӯҳнаи таълим ба таълими афзалиятнок метавонад ба ташаккули фазои иттилоотии таҳсилоти миллӣ такя намояд.Танҳо таҳсилот метавонад ҳамчун пойдевори фарҳанги нави иттилоотӣ хизмат кунад. Фаҳанги иттилоотӣ албатта, бо низоми донишҳо дар равандҳои иттилоотӣ, технологӣ маҳдуд намешавад ва бояд вазифаи фаъоли дигаргунсозии муносибат ба чаҳонро дар бар гирад. Фарҳанги иттилоотӣ, ҳамчун заминаи ҷомеаи иттилоот бояд имрӯз ташаккул ёбад».

Ин падида моро водор менамояд, ки вобаста ба талаботи замон аз имкониятҳои мављуда истифода намуда, роҳҳои самарабахши истифодаи дастовардҳои илму техникаро љустуљӯ намоем.

Зарурати омӯзиши амиқи фарҳанги техникӣ ва технологӣ дар низоми таҳсилоти умумӣ аз як тараф донишҳои техникӣ, ҷаҳонбинии технологӣ ва фарҳанги технологии хонандагонро васеъ гардонад, аз тарафи дигар онҳоро дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, садоқати шаҳрвандю ватанпарварӣ, ҷаҳонбинӣ, инсодӯстӣ ва идроки дурусти касби худ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ тарбия менамояд.Донишҳои техникӣ ва технологӣ наврасонро ба роҳе ҳидоят менамоянд, ки бо идораи техникаи инноватсионӣ, ҳалли душвориҳои техникӣ, равнақи қобилияти эҷодӣ ва ташаббускорӣ алоқаманд мебошад.

Тараққиёти босуръати илм, талаботи ҷаҳони муосир, ҷомеа ва замон масъалаи ташаккули донишҳои зеҳнии наврасону ҷавононро ба миён мегузорад. Ҷамъбасти донишҳои зеҳнӣ ба муҳассилин имкониятҳои фарохро ба вуҷуд оварда, нисбати фаъолияти худ боварибахш будани донишҳоро тақозо менамояд.

Ҳамон вақт азхудкунии донишҳою фаҳмишҳо зоҳир мегардад, ки агар толибилм мустақилона фикр ронда, мустақилона кор карданро омӯзад. Яке аз муҳимтарин шартҳои такмили ташаккули донишҳои зеҳнии толибилмон такмили шаклу усулҳои таълим мебошад, ки бо ин роҳ қобилияти равонии хонандагон ҳамаҷониба инкишоф ёфта, донишҳои зеҳнӣ ва маҳорату малакаи онҳоро ташаккул медиҳад.

Дарсҳо бо истифода аз технологияи иттилоотӣ на танҳо раванди таълимро таъсирбахш менамоянд, балки ҳавасманкунӣ ба таълимро низ баланд мебардоранд. Ин роҳ имконият медиҳад, ки хонандагон аз тамоми нозукиҳои технологияи навин огоҳ гашта, ҳамчун сарчашмаи таълим аз он ғизои маънавї гиранд ва фарҳанги истифодаи технологияи муосирро дуруст дарк намоянд.

Бояд тазаккур дод, ки нақши донишҳои зеҳнӣ дар ташаккли ҷаҳонбинии илмии хонандагон ниҳоят калон аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки инкишофи тафаккури эҷодӣ дар ҳама гуна намудҳои фаъолияти амалии кӯдак зарур буда, яке аз воситаи муҳими ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон мегардад. Аз ин ҷост, ки мактаб бояд ба шогирдонаш мустақилона фикр ва амал кардан, ба вазъият ва ҳалли масъалаҳо муносибати эҷодӣ карданро омӯзонад. Ҳалли ин масъалаи мазкур муносибат ва истифодаи роҳҳои нави таълимро талаб менамояд.

Бояд гуфт, ки ин корҳо пеш аз ҳама роҳи воридшавиро ба муҳити иттилоотӣ мекушояд. Барои омӯзгор вақти холигиро баҳри такмил додани дониши тахассусӣ,

тадқиқи мавзӯъҳои илмӣ ва сӯҳбатҳо оростан бо шогирдонро фароҳам месозад. Бинобар ин, яке аз роҳҳои ба ин раванд воридгардии ҷомеаи мо тарбияи насли наврас , мутахассисони ҷавон ва бархурдор кардани онҳо аз дастовардҳои муосири илму техника мебошад. Зери мафҳуми техника на танҳо восита ва олотҳои сохтаи инсонро баҳри равиш ва суръат бахшидани раванди истеҳсолот, истеҳсоли маҳсулот ва бо ин васила қонеъ гардонидани талаботи моддию маънавӣ фаҳмид, балки иҷрои дурустии кор, баррасии мантиқии фикр, истифодаи самараноки воситаиҳои техникӣ, муносибати оқилона ба табиат ва муҳити иҷтимоӣ, ҳунари иҷро кардани нақш, дуруст тарҳрезӣ кардан ва ба низом даровардани речаи корӣ, коркарди маҳсулот , парвариши анвоъи зироат, обод кардани боғу растаҳо ва ғайраро таҷассумгари паҳлӯҳои ҷудогонаи техника метавон пазируфт.

Компютер яке аз омилҳои тавоно барои кори эҷодии хонандагон ба шумор меравад. Бо ин роҳ кӯдакон донишҳои навро ҷустуҷӯ намуда, эҷодкор, пуртоқат, суботкор ва меҳнатдӯст мегарданд.Барномаи компютерӣ барои эҷод намудани тасвирҳои гуногуни намоишдиҳӣ бо ҳамроҳии овоз, ки барои мусоидат намудан баҳри дар амал татбиқ намудани роҳҳои самарабахшии аёният дар таълим ёрӣ мерасонанд.

Нишон додани слайдҳо дар экранҳои калон ин яке аз беҳтарин мавод барои аёниятҳо мебошанд, ки барои шавқовар гузаронидани дарсҳо истифода бурда мешаванд. Бо туфайли техникаи муосир ва методҳои беҳтарини таълимии омӯзгорон ҳар як хонанда имконият пайдо мекунад, ки дар олами дониш саёҳат намояд. Яъне мисли он, ки чӣ тавр ӯ дар саҳнаи бозӣ бо ягон бозии шавқовар саёҳат мекунад, ин барои ташаккули дарки мустақилонаи фаъолияташ шавқмандию тавоноии нав медиҳад.

Рушд ва пешравии љаҳони муосир бо ду љанбаи асосї, ки яке ба илму техника ва технология, дигаре маънавиёт, ахлоқ ва пос доштани анъанаҳои ниёгон аст, сахт марбут мебошад. Рушди техника ва технология бе маънавиёт амалї нахоҳад шуд. Тоҷикистон , ки узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонист, имрӯзҳо баҳри ташаккул ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар талош аст.

Зарурат ба дониши нав, саводнокии иттилоотӣ, маҳорати мустақилона гирифтани дониш сабаби пайдо гардидани намуди нави маълумот мебошад, ки дар ин навгониҳо технологияи иттилоотӣ мақоми низомофар ва нақши ҳамгироиро иҷро менамояд. Ворид намудани технологияи иттилоотӣ-комуникасионӣ дар раванди таълим ба сифати васоиди таълиму тарбия ҳамчун воситаи идоракунии раванди таълим ва таъмин гардонидани фаъолияти касбии омӯзгорон ба шумор меравад.

Бинобар ин сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониаш вохурӣ бо омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Донишгоҳи давлатии Тиҷорати Тоҷикистон хеле бамаврид таъкид карданд: «Имрӯз дар ҷаҳон рушди илму техника ва технология, ҷараёни корҳои инноватсионӣ суръати рӯзафзун пайдо карда истодааст. Ва табиист, ки мо низ аз ин раванди пешрафту тараққиёти ҷаҳони мутамаддин дар канор буда наметавонем». Сарвари давлат маорифро асоси рушду тарақиёти давлату миллат маънидод намуда, рушду нумӯи ҷомеа, таъмини амнияти ҷомеаю давлат ва ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, татбиқи дастовардҳои техника ва технологияи муосирро бевосита ба рушди соҳаи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таълиму тарбияи хонандагону донишҷӯён вобаста мешуморад.

Дар шароити ҳозра омӯхтани технологияи навин, ки асоси касбомӯзии насли љавон ба шумор меравад, низ дунболагири ҳамин мақсад аст. Касбомӯзии талабагон дар асоси пурзӯр кардани омӯзиши самтҳои техника ва технологяи муосир амалӣ карда мешавад. Ҳадафи асосї он аст, ки мо љавонони болаёқатро дар соҳаи технология пайдо намуда, фаъолгардонии раванди таълимро бо истифодаи технологияи замонавї ба роҳ монем.

Вазъи имрӯзаи ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон тақозо дорад, ки волидон ба таълиму тарбия ва инкишофи шахсияти кӯдакони хеш бо диди нав, муносибати нав, андешаю афкори нав чун фарди соҳибҳуқуқ ва мустақили ҷомеа назар намоянд. Дар ин росто оила ҳамчун таҳкурсии устувор барои ҷомеаи бузурги инсонӣ шинохта шудааст. Аъзоёни оила дар инкишофи равобити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва рушду нумӯи ин ҷомеа нақши бунёдӣ доранд. Яъне муҳити ташаккулдиҳандаи қобилияту истеъдоди инсонӣ,

забон, тафаккур, ирода, шавқу ҳавас, урфу одат, ахлоқ анъана, расму ойин ва ғайраҳо ба ҳисоб меравад. Хусусан, таълиму тарбияи дурусти фарзанд дар оила қарзи аввалиндарачаи падару модар дониста мешавад. Муҳити тарбия, чаҳонбинӣ, ақлу одоб ва дунёи маънавии падару модар аввалин сарчашмаест, ки кӯдак аз он ғизои маънавӣ мегирад. Бинобар ин, волидонро зарур аст, ки ба тарбияи фарзанди хеш аҳамият дода, ӯро аз чаҳони илму хирад бархурдор намояд. Кӯшиш намояд, ки фарзандаш аз омӯхтани донишҳои замонавӣ, ки имрӯз чаҳони мутамаддин ба он ниёз дорад, дар канор намонад.

Дар шароити имрӯза ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои волидон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» нишон дода шудааст. Бинобар ҳамин волидонро мебояд, ки ба таълиму тарбияи фарзандашон ҷиддӣ машғул шаванд.

Вақте ки кӯдак ба дунё меояд, инкишофи шахсияти ӯ дар доираи падару модар таъмин мегардад, ҳар як амали дар муҳити атроф рӯйдодаро инъикос мекунад ва ба таъсиротҳои муҳит ҷавоб медиҳад. Дар ин замина волидонро зарур аст, ки муҳити тарбияи хонаводагиро мувофиқи мақсад чун давоми фаъолияти мактаб, тибқи анъанаҳои миллӣ ва тақозои ҷомеаи муосир ташкил намоянд. Танҳо раванди ҳамкории омӯзгорон ва волидон метавонад бомуваффақият масъалаи ташаккули шахсияти мактаббачагонро ҳал намояд.

Ҷараёни ҳамкории оила бо муассисаҳои таълимӣ бояд волидонро барои фаъолона иштирок намудан дар раванди таълиму тарбия ва берун аз он тарғиб намояд.

Маҳз бо кӯшишу талоши волидон сатҳи тафаккур ва донишандӯзӣ, одобу рафтор, муошират ва худшиносии фарзандон ташаккул меёбад. Бинобар ин, дар шароити кунунӣ маъсулияти тарбият ва таълими наврасон ва ҷавонон асосан бар дӯши оила ва мактаб вогузор гардидааст.

Ба комёбӣ ноил гардидани кӯдак дар мактаб аз кӯшиши волидон хеле вобаста аст. Аз ин рӯ, мактаб дар робита ба масъалаи ҳамкорӣ бо волидон дар назди худ вазифа гузорад, ки дар робита чунин самтҳои асосии фаъолияти ҳамкориро амалӣ созад:

- - фазои маърифатии ҳаёт;
- - дастгирии солимии ҷисмонии таълимгирандагон;
- - ташаккули нерӯи эҷодӣ;
- - дастгирии кӯдакони болаёқат;
- - дастгирии иҷтимоӣ ва тадбирҳои пешгирии беназоратӣ.

Ҳамин тавр, дар ҳамкорӣ ҷаҳонбинӣ, хулқу атвор, муносибат, муошират, меҳру муҳаббат, тафаккури зеҳнӣ, меҳнатдӯстӣ ва нерӯи эҷодии хонандагон дар заминаи омилҳои воқеӣ ташаккул меёбанд.

**Китобнома:**


1. Апатова Н.В. Информационные технологии в школьном образовании.-М.: Школа-Пресс, 2002.
2. Горц.Н.А Применение информационных технологии на уроках. Материалы конф. « Школа и компьютер» - М,-2004.
3. Иванова Н.Л., Бобыева М.А., Заводилкина О.В. «Воспитание детей в семье в контексте социальных изменений»- Начальная школа. 2004 №3.
4.Лутфуллоев М. Шарафномаи миллат.- Душанбе, «Сарпараст», 2003.
5.Маҳмадшарифи Рустам. Ҷавонон, технология ва асри XXI.-Душанбе-2009.
6.Қодирова Қ.Д. Тарбияи меҳнатии ҷавонон.-Душанбе 1988.
7.Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ.- Душанбе, 2010, 545с.
8.Шмелев. А Детская болезнь компьютерного всеобуча – Информатика и образование, -М,1996.
9.Отахонов М. Тайёр кардани муаллимони фанҳои умумитехникӣ.
10.Эмомалӣ Раҳмон. Донишу маърифати техникӣ-таконбахши рушди маориф. – Душанбе -2009.

## СОТРУДНИЧЕСТВО СЕМЬИ И УЧЕБНЫЕ УЧРЕЖДЕНИИ В РАЗВИТИИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ТЕХНИКИ И СОВРЕМЕННОЙ ТЕХНОЛОГИИ

***МИРБОБОЕВА БИБИВАХӢ,***
***КУЧАКШОЕВ Д.С.***

В статье отмечено об использовании технических и коммуникационных средств, их огромную роль в обеспечении процесса обучения и позволяющиеся учащимися для приобретения знаний использовать технические средства.

Ознакомление учеников с научными основами современных технологий наряду с глубокими знаниями по естественным, точным и общественными наукам, также помогают ученикам познать природу, духовных ценностей современности, подготовить их к труду и жизни в современных условиях.

***Ключевые слова****: семья, учащихся, преподаватель, воспитание, личность, разумное отношение, творческие навыки, инновационный процесс, техническая культура, техническое обучение, техническое мышление, техническое просвещение.*

**АНОТ. АНГЛ.*****

## ТАРБИЯИ ЭСТЕТИКИИ НАВРАСОН

***АБДУРРАҲМОНОВА Ш.,***
*ходими калони илмии ПРМ АТТ*

Фанни суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таълимӣ на танҳо вазифаи зебоипарастӣ, балки барои баланд бардоштани ҳисси даркнамоӣ, маърифати инсонӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон таъсир расонида, маънавиёти онҳоро бой мегардонад. Тарбияи зебоипарастӣ ба қобиляти даркнамоӣ таъсири хуб расонида, дарк намудани асарҳои мусиқӣро барои хонандагон осон мегардонад.

Ба ақидаи педагоги бузурги рус В.А.Сухомлинский. «Оила аввалин муҳите, ки инсон бояд офаридани некиро омӯзад». Тарбияи зебоипарастӣ дар оила зери садои мусиқӣ, сурудан, расм кашидан, бозиҳои шавқовари кӯдакона амалӣ карда мешавад. Шиносонидани кӯдак ба санъат ва мусиқӣ ҳар чӣ барвақттар оғоз ёбад, ҳамон қадар хуб аст. Имрӯзҳо барономаҳои зиёде барои инкишофи барвақтии кӯдак амал менамоянд, ки модарон меоваранд аз дусолагӣ кӯдаконро ба ин марказҳои эстетикӣ баранд, то онҳо тавонанд аз мусиқии мавзун баҳравар шаванд. Вале шарт нест ва умуман на ба ҳамаи модарон шароит даст намедиҳад, ки ба ин курсҳо ва марказҳо кӯдаконашонро биёранд. Модарон метавонанд оҳанги дилнишину оромкунандаро дар хонаи худ ҳангоми бозӣ ё ин ки хоб рафтани кӯдак истифода баранд. Фаромуш набояд кард, ки мусиқии орому дилнишини классикӣ ба оромию осудагии кӯдак таъсири амиқ мерасонад. Ҳатто кӯдаке, ки бо овози баланд гиря мекунад бо шунидани мусиқии дилнишин ором шуда, хоб меравад.

Кӯдаконро аз хурдсолӣ ба шунидани шеър, афсона, суруд ва мусиқӣ ҷалб намудан хело муфид аст, зеро онҳо қобилияти баланди фаҳмиш ва дарки мусиқиро доранд. Дар аввал нақл намудани афсонаҳои соддаю фаҳмо, шеърҳои бачагона, мусиқии ҷолиб пешкаши кӯдакон намуда, ба ҳамин васила завқи онҳоро бедор кардан зарур аст.

Китобҳои рангини шеъру афсона низ диққати кӯдакро ба худ бештар ҷалб менамояд, бинобар ин беҳтараш асарҳои адибони шинохта, ки барои кӯдакон бо забони соддаю фаҳмо ва шавқовар эҷод менамоянд бояд пешкаш гарданд. Хонандагони синни хурди мактабиро бо адабиёти классикӣ шинос намудан лозим аст, вале мазмуни асар ё шеър душворфаҳм набошад, чунки метавонад майлу хоҳиши наврасро ба хондан коста созад.

Ба воситаи санъати мусиқӣ тарбия намудани завқи эстетики хонандагон ба падару модарон тавсия дода мешавад, чунки ҳисси зебоипарастӣ дар ҳама кӯдак вуҷуд дорад ва на ҳама пардару модар тарбияи эстетикии кудакро дар оила дуруст ба роҳ мемонад. Волидайнро боварӣ кунонидан лозим аст, ки ҳар як шахсият ҳисси зебопарастӣ ва

қобилияти рушди эстетикиро дорад. Ба рушди қобилияту завқи кӯдакон калонсолон бояд диққати махсус дода, онро равнақ диҳанд. Қайд намудан ба маврид аст, ки муваффақияти тарбияи эстетикии кӯдак аз кӯшишу ғайрати падару модар вобастагии зиёд дорад.

Суруд хондан ба кӯдак барои инкишофи ӯ таъсири мусбӣ мерасонад, бисёр масъалаҳои ба талаффузи кӯдак дахлдоштаро рафъ месозад инчунин нуқсонҳои равониро аз байн мебарад. Бинобарин аз оғози хурдсолӣ бояд ҳар як шахс мусиқии форам гуш намуда, суруд хонад. Барои ин бояд волидайн барои кӯдак шароит фароҳам оварад. Модарон агар баъзан ба кӯдаки худ сурудҳои кӯдаконаро зам-зама кунанд, мусиқиро шунавонанд ва ба дасти онҳо баландгӯякро диҳанд –кофист.

Дар тарбияи эстетикӣ санъати тасвирӣ низ аҳамияти калон дорад. Расмкаширо ба кӯдакон аз хурдӣ бояд омӯзонид. Барои кӯдакони хурдсол рангҳое интихоб кардан лозим аст, ки завқи онҳоро ангеза диҳад ва ба рангубор намудани расмҳо роҳнамун созад. Барои кӯдакони сину соли каме калонтар бошад бастаи рангҳо, қаламҳо, альбом ва мӯқалам пешниҳод кардан лозим аст.

Муаллим бояд аз волидайн савол диҳад, ки фарзанди шумо кадом намуди санъати тасвириро дӯст медорад (кашидани симои одам ё парранда, ҳайвонҳо ё табиат, хонаҳои баландошёна ё варзишгоҳ, қаҳрамонони филми тасвирӣ ё мошину самолёт ва ҳ.) Шиносоӣ бо санъати тасвирӣ ҷаҳонбинии кӯдакро бой ва васеъ мегардонад. Кашидани ҳамаи ин манзараҳо, дарк намудани зебогии табиат, олам мебошад. Сарчашмаи кашидан расмҳо, зебогии муҳити атроф ва тахаюли афсонавии шахсият, ки бо диди худ тасаввур менамояд, мебошад.

Бояд гуфт, ки баъзан падару модарон ба расми кашидаи фарзандонашон аҳамият дода беҳад таъриф мекунанд ё баръакс бепарвоӣ мекунанд. Дар ин бора педагог Г.В.Лабунский чунин изҳори ақида менамояд: «Ҳатто бо шӯхӣ, натиҷаи кори эҷодии ба ҳақиқат рост наомадани нақшҳои соддаи графики кӯдакро, масхара кардан мумкин нест». (Художественное воспитание детей в семье. М.Педагогика 1970).

Кадом модар ё падар надидааст, ки фарзанди ӯ ба қалам, ё ба қоғаз, ё ба пластилин даст дароз накарда бошад ва бо диди худ он чизро, ки мебинад тасвир кунад. Бигзор кӯдак эҷоди худро тасвир кунад (хуб ё безеб, дуруст ё нодуруст), аммо вазифаи калонсолон ин оташи эҷодро на ин ки хомуш кунанд, балки қобилияти кӯдакро барои офаридани зебоӣ инкишоф диҳанд. Хуб аст агар кӯдак дар хона кунҷи худро дошта бошад. Масалан мизи хурдакак, ки бо ҳамроҳии падараш ё бародараш якҷоя сохтанд. Ин чизҳо ҳамааш бо як диди нозук ҷо ба ҷо гузошта шуда бошанд, ки илҳоми кӯдакро бедор кунад. Аз аввали кор агар бо тартиб нигоҳ доштани ин воситаҳоро ёд диҳем, кӯдак ба ҳамин тартиб омӯхта шуда, дар оянда як инсони покизакор ва бомаърифат дар ҷомеа ба тарбия мерасад.

Бисёр хуб агар кори эҷодии кӯдакро дар назди оила, меҳмонон бо намоишнома нишон диҳем. Ин намуди кор кӯдакро рӯҳбаланд намуда, шавқу ҳавасашро зиёд мекунад. Ба падару модарон бояд гуфт, ки тез-тез ба намоишгоҳҳои кӯдакона, осорхона, толори намоиши санъати тасвирӣ, фестивал-озмунҳое, ки дар ҷумҳурӣ мегузаранд (бамисоли «Ҷӯҷаи заррин», «Офтобак», «Андалеб», «Намоиши ҳафтаи китобҳои бачагона» ва ғ.ҳ.) рафта ва пас аз тамошо ба эҷодиёти кӯда назорат кардан лозим, ки дар кӯдак чӣ қадар дигаргуниҳо шудааст.

Мусиқӣ дар тарбияи кӯдак яке аз муҳимтарин ва дурахшонтарин воситаест, ки дар тарбияи эстетикӣ нақши муҳимро мебозад. Шиносоӣ бо мусиқӣ шахсро ба олами ҳаяҷон, ҳиссиёти шодкомӣ ворид намуда ба зебопарастӣ роҳ мекушояд. Барои дари зебоипарастиро дар назди кӯдак кушодан бояд қобилияти мусиқишунавии ӯро инкишоф дод, вагарна мусиқӣ вазифаи тарбияи эстетики худро иҷро карда наметавонад.

Аммо баъзан аз тарафи калонсолон нисбат ба инкишофи кӯдак хунукназарӣ мушоҳида мегардад. Робита бо мусиқӣ тахаюлоти инсонро бедор намуда, шавқу ҳавасро фаъол мегардонад. Захираи таассуроти мусиқӣ, ки аз кӯдакистон ва оила сарчашма мегирад дар мактаб барои ворид шудан ба дарси суруд ва мусиқӣ хело ёрӣ мерасонад.

Агар аз тавлиди кӯдак нисбат ба хотираи мусиқии вай аҳамият дода шавад, дар мактаб нисбат ба суруд ва мусиқӣ кӯдак бефарқӣ зоҳир накунанд, тарбияи эстетикиаш

беҳтар мешавад. Баъзе падару модарон фикр мекунанд, ки кӯдакро шарт нест бо муискӣ шинос намудан, зеро вай агар нисбат ба мусиқӣ шавқу ҳавас дошта бошад худ аз худ пайдо мешавад. Ё гуфти мақоли халқ «Дар дег бошад ба кафлез мебарояд». Ин ҳам дуруст, аммо на ҳама кӯдак истеъдоди модарзодӣ дорад. Аммо дар ин масъала Д.Д.Достаевский мегӯяд: «Донишманд ва ҳаваскори мусиқӣ таваллуд намешавад, балки табдил меёбанд». Аз ин лиҳоз кӯдакро ҳатман ба гӯш кардани мусиқӣ омӯзондан лозим аст, маҳз бо ҳамин роҳ завқи ӯро бедор намудан мумкин аст. Аввалин таҷриба оид ба мусиқие, ки кӯдак дар оила мегирад ин суруди аллаи модар, шунидани мусиқӣ аз радио, диск ва оинаи нилгун мебошад. Назорати давомнок аз болои рушди мусиқии кӯдак нишон медиҳад, ки якҷоя гӯш кардани мусиқӣ чӣ қадар муҳим ва манфиатбахш аст. Дар кадом шакл ин ифода меёбад? Пеш аз ҳама дар суруде, ки якҷоя бо падар мехонад ё бо модар мерақсад. Дар ин ҷо хоҳиш пайдо мешавад, ки кӯдак фикр ва ҳиссиёти худро баён кунад. Барои тарбияи эстетики кӯдак ва гӯш намудани мусиқӣ волидайн суруд ё мусиқиро дуруст интихоб карданаш лозим, яъне сурудҳои бачагонаи на он қадар мураккаб, масалан : суруди «Гунҷишкак», (шеъри У.Раҷаб, оҳанги Ё.Сабзанов.), «Барфак борид», (шеър ва оҳанги Ҷ.Обидпур), «Мусича» (шеъри А.Бобоҷон, оҳанги Ҷ.Охунов., «Боронак» шеъри Ҷ.Ҳошимӣ, оҳ.Қ.Яхёев ва ғ). Пас аз шунидани суруд сӯҳбат гузаронидан лозим аст, ки ин суруд чӣ хел суруд буд, суруди шӯх ё ғамгин, рақсӣ ё лирикӣ ва ҳ. Хуб мешавад, агар роҳбари синф ё омӯзгори фанни суруд ва мусиқӣ волидайнро бовар кунонад, ки мусиқӣ чун бозию афсона дар ҳаёти кӯдак ва тарбияаш ҳатман зарур аст.

Кӯдаке, ки мусиқиро дӯст намедорад нисбат ба дигар кӯдаконе, ки бо мусиқӣ робита доранд, ақибмонда мешавад, дунёи маънавиаш беҳад камбағал аст. Барои шавқу завқи кӯдакро нисбат ба мусиқӣ бедор намудан калонсолон бояд бозиҳои шавқовари мусиқавӣ ва сӯҳбатҳо ташкил карда, дискҳои консертии бачагона, асбобҳои мусиқӣ (ба монанди дойра, най, рубоб, думбра, бозичаҳои мусиқавии клавишдор ва ғайраҳоро) харидорӣ намоянд. Ин бозиҳо дар он вақт шавқовар ва таъсирбахш мегузаранд, агар фикри кӯдакро бедор карда тавонад. Бисёр хуб аст агар кӯдак худаш нисбат ба асбоби мусиқӣ ҳавас пайдо кунад. Вақте, ки ин ҳодиса рӯй намедиҳад бо ҳикоя, шеър, суруди дилкаш ҳавасманд кардан мумкин аст.

Суруд аз ҳама беҳтарин санъати мусиқӣ аст, ки осонфаҳм мебошад. Дар аввал сурудро гӯш карда, мазмуни сурудро фаҳмидан лозим, яъне суруди шӯх аст ё ғамангез, хушхолкунанда ё тантанавӣ ва ғайра. Беҳтараш аз суруди халқӣ сар карда, баъд аз ин ба ритмика гузаштан лозим. Ба кӯдак чанд намуди ҳаракатҳои рақсро нишон додан мумкин. Дар вақти рақс бозичаҳоро (чатр, туп, пуфак, чанбарак, лента) истифода бурдан мумкин аст.

Кӯдак бояд на танҳо мазмуни асарро гӯш карда аз худ кунад ва фаҳмад, балки ғояи асарро ҳис карда тавонад. Муҳимаш чизи хондаашро таҳлил карда тавонад.

Хулоса муҳимтарин тарбияи эстетикии кӯдак суруд, мусиқӣ, хониши бадеӣ, санъати тасвирӣ ба ҳисоб меравад. Агар аз хурдӣ ба кӯдак ба тартиб нигоҳ доштани чизу чораи худро (яъне дафтар китоб, қалам, либос, пояфзол ва ғ.) ёд диҳем ин амал то охири ҳаёташ ба вай одат шуда мемонад. Аз ҳама асосаш ба гигиена ва эстетикаи кӯдак эътибор додан лозим аст, ки ба саломатии инсон ҳатман зарур аст. Гигиена саломатии физиологӣ ва эстетика саломатии равониашро таъмин менамояд. Беҳуда дар урфият нагуфтаанд, ки «Парранда дар лонааш дидагиро такрор мекунад».

**Китобнома**:


1. Эстетическое воспитание детей в семье (методические рекомендации) Ростов на –Дону 1987.
2. Эстетическое воспитание .Издательство Академии педагогических наук РСФСР. Москва 1963.
3. Айнаки мӯъҷизакор. (Афсона ва ҳикояҳо) Файзулло Шарифзода .Душанбе 2011.
4. Эстетическое и эстетическое воспитание .Соколова Н.П., Эйхе Н.С. Знание.Москва 1976.
5. Ману тарона. Ҷ.Обидпур. Душанбе «Эр-граф» 2005.
6. Шодии дил. Ҷ.Обидпур. Душанбе «Эр-граф» 2012.
7. Философия красоты. Л.Н.Столович. Москва: Политической литературы 1978.

Аннотатсия**

# ТЕХНОЛОГИЯИ ПЕДАГОГӢ - ҲАМЧУН ВОСИТАИ ИНКИШОФИ ДАРКИ ХОНИШИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

***ТОШБОЕВА З.Р., ШУКУРОВА З.Р.,***
*Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ*

Баҳри рушду такомули соҳаи маориф ва сиёсати миллӣ аз ҷониби давлат ва ҳукумати ҷумҳур як қатор қонун ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар таҳрири нав қабул гардида, сиёсати давлатро дар соҳаи маориф муайян намуданд. Ҳуҷҷатҳои тасдиқшуда баҳри рушди устувори таҳсилот дар кишвар асос гузошта, минбаъд барои таҳияи лоиҳаҳои дигар қонуну санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварданд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва омӯзгорро вазифадор кардааст, ки фаъолияти педагогӣ ва технологияи педагогии таълиму тарбияро таҷдиди назар намуда, вазифаҳои гузоштаи қонунро (масалан, «дар раванди таълиму тарбия усулҳои фаъоли таълимро ҷорӣ намудан (моддаи 38, боби 4) амалӣ гардонанд. Боби 5-и «Усулҳои фаъолияти омӯзгорӣ» моддаи 49-и қонуни мазкур муаллимро вазифадор намудааст, ки ба интихоби шакл ва усулҳои фаъолияти омӯзгорӣ вобаста ба мақсаду вазифаҳои таълим муносибати эҷодӣ зоҳир намояд [4].

Рушди босуръати илму техника, рӯйи кор омадани технологияи инноватсионӣ ва ҷаҳонишавии низоми таҳсилот таъсири худро бевосита ба шаклгирии муносибатҳои иҷтимоӣ мерасонад ва зарурати дар насли наврас инкишоф додани тафаккури замонавиро пеш меоварад, зеро ҷомеаи нав тафаккури навро мехоҳад. Маҳз бо назардошти ин зарурат, дар системаи таълим шаклҳои нав ба нави таълим коркард шуда, амалӣ карда мешаванд [1].

Вобаста ба тараққиёту рушди ҷаҳони имрӯза, истифодаи технологияи педагогии муосир нақши муҳим мебозад. Сарвари давлат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои худ афзалиятнокии соҳаи маорифро қайд намуда, ҳидоят менамояд, ки омӯзгорони муассисаҳои таълимии кишвар технологияҳои педагогии замонавиро истифода намуда, барои ба талаботи ҷаҳони муосир мутобиқ гардонидани сатҳу сифати таҳсилоти мамлакат азму талош намоянд.

Имрӯз усулу технологияҳои педагогии гуногуни таълим аз ҷониби олимону мутахассисони соҳаи психологияву педагогика, мисли: технологияи педагогӣ дар асоси муносибатҳои инсонпарварӣ ва демократӣ (Амонашвилӣ Ш.А., В.Ф.Шаталов, С.Н.Лысенкова, И.П.Волков); технология педагогӣ дар асоси фаъолнокии фаъолияти хонандагон (Д.Б.Эльконин, В.В.Давыдов, Л.В.Занков, В.В.Репкин, И.П.Иванов ва диг.); технологияи педагогӣ дар асоси самаранокии ташкил ва идоракунии раванди таълим (В.В.Фирсов, В.Д.Шадриков и др.) ва ғ. коркард шудаанд. Бештари омӯзгорони эҷодкору нававар технологияҳоро дар фаъолиятҳои педагогии худ татбиқ намудаанд, ки барои такмили дониши касбии кормандони соҳаи маориф ва инкишофи шахсияту тафаккури хонандагони хурдсоли синфҳои ибтидоӣ аҳамияти хоса доранд.

Таълим дар синфҳои ибтидоӣ зинаи асосии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, дар он хусусиятҳои гуногунии шахсият ташаккул меёбад, ки он дар фаъолияти ояндаи шахс нақши муҳим мебозад. Бинобар ин, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд як масъулияти баланди педагогиро ҳис намуда, тамоми чораёни таълимро дуруст ба роҳ гузорад. Таълим – ин раванди мақсаддори робитаи мутақобилаи омӯзгор ва хонанда буда, ҳадафи асосии он пешниҳоду азхудкунии дониш аст.

Таълими забон, пеш аз ҳама, ба аз худ намудани нормаи забони адабӣ, ҳосил гардидани маҳорату малакаҳо ва дар амал татбиқ намудани ин нормаҳо равона мекунад. Забони модарӣ ва хониш дар синфҳои 1-4 ҳамгиро таълим дода мешавад. Забони модарӣ тавассути маводи таълиму тарбия бояд ба: фароҳам овардани имкониятҳо баҳри инкишофи шавқу ҳаваси маърифатӣ; дарки маънии маводи шунида ё

хондашуда; риояи меъёрҳои навишт, рушди маданияти сухангӯӣ ва ғ. мусоидат менамояд.

Вазифаи муҳими омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ин бедор кардани шавқу ҳаваси хонандагон ба хониш ва мутолиаи жанрҳои асари бадеӣ мебошад. Хониш – ин тирезаест, ки кӯдак ба воситаи он ҷаҳон ва худро мешиносад. Асосҳои методикаи хониш аз ҷониби яке аз олимони машҳури рус К.Д. Ушинский кор карда шудааст. Ӯ ба омӯзгорон тавсия медод, ки жанрҳои асари бадеиро ба кӯдак ҳамчун «ба даричае, ки дар он паҳлӯҳои зиндагӣ оварда шудаанд» намоиш диҳанд. Инчунин, таъкид мекард, ки «дарки асар ба кӯдак нокифоя аст, ӯ бояд асарро эҳсос кунад».

Баҳри ҳалли мушкилотҳои омӯзишу такмили малакаи хониш олимону мутахассисони ватаниву хориҷ дастуру адабиёти зиёдро ба табъ расонданд, мисли, К.Д.Ушинский, М.Лутфуллоев, В. Г. Горецкий, Л. Ф Климанова, Л. К. Пискунова, Л. С. Геллерштейн ва ғ.

Ба хонандагон омӯзонидани хониши дуруст, равон, ифоданок ва бошуурона – яке аз вазифаҳои асосии мактаби ибтидоӣ ба шумор меравад. Дар ташаккулёбии малакаҳои хониш ҳамчун кор бо матн, масъалаҳои шавқмандкунӣ ба хониш, суръат ва тарзи хониш ҳамзамон алоқамананд. Ба ақидаи К.Д.Ушинский чӣ қадар кӯдак ба хониш зиёдтар шавқманд гардад, вай ҳамон қадар тезтар ба хониши мустақилона шурӯъ мекунад. Дар дастури методии устод М.Лутфуллоев «Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ» чор сифати хониш: хониши дуруст, равон, шуурона ва ифоданок оварда шудааст, ки ҳар як сифати хонишро устод пайдарпай шарҳ дода, барои татбиқи сифатҳои хониш машқҳо овардаанд [3].

Масъалаи ташаккули малакаҳои хониши маъноӣ дар синфҳои ибтидоӣ то ҳол қатъӣ ва ба таври дилхоҳ қарор нагирифтааст. Вохӯриҳо бо омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳанд, ки баъзе онҳо аз мақсад ва вазифаҳои ниҳоии сифатҳои хониш бехабаранд. Аз навгониву навовариҳои соҳа хабар ва дониши кофии касбӣ надоранд, ки дарсҳо якранг мегузаронд. Аммо омӯзгорони эҷодкору навовари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ вомехӯранд, ки барои ташаккули малакаи хониш методу усулҳои гуногунро истифода бурда, ба мақсадҳои худ ноил мегарданд.

Омӯзиш ва ташаккули дарки хониш дар хонандагони хурдсол бояд ба натиҷаҳои зерин: тасаввуроти аввалини асар аз рӯйи пешгуфтор ва расмҳои ҷойдошта дар асар; шарҳ ва баҳодиҳӣ ба рафтору кирдори қаҳрамонони асар; дарёфти ибораҳои образноку изҳорот ва шарҳи маънии онҳо; муайян намудани пардапайии воқеа ва таҳияи нақшаи хурди барои фаъолияти минбаъда; шарҳи мазмуни асари хондашуда ва муқоисаи он бо пешгуфтор; нақли муфассали асар ва ибрози ақидаи шахсӣ; навиштани нақли хаттӣ дар асоси асари хондашуда; ифоданок ва шуурона хондани шеър ва матн оварда расонанд.

Мақсад, вазифа ва дарки хониш дар инкишофи ҳаматарафаи шахсияти хонандагон мавқеи муҳим дорад. Дарки хониш дар фанни забони модарӣ имкониятҳоеро фароҳам меоварад, ки хонандагони хурдсол оид ба сухан ва ҳусни баён маҳорату малакаҳои зарурӣ пайдо мекунанд. Тавассути дарсҳои забони модарӣ хонандагон бо одобу ахлоқи накӯ, ҳаёти одамон, воқеаҳои таърихӣ, далерию корнамоии шахсони алоҳида, муҳити атроф ва ғ. шинос мешаванд [2].

Барои омода намудани хонандагон ба дарки хониш якчанд машқҳо тавсия дода мешаванд.

**Машқҳо барои инкишофи дарки хониш**

1. Умумият ва фарқияти калимаҳоро гӯед: *бур - бӯр, хурд – хӯрд, сум – сӯм, гул - гӯл (<u>умумият</u> – аз се ҳарф, як ҳиҷо, як садонок; <u>фарқият</u> – ҳиссаи нутқ, мазмун(исм ва феъл), тарзи навишт)* ва ғ.

*2.* Ба тариқи ивазкунии ҷойи ҳарфҳо, калима созед : *и ҷ т о к, н о а л,* **,** *р о ҳ а б - …(тоҷик), …(лона), … (баҳор).*

3. Аз ҳар як калима танҳо ҳиҷои аввал, дуввум ва охиронро гирифта, калимаи нав созед (дар қадами аввал омӯзгор намоиш медиҳад, дар қадами дуввум ва навбатӣ хонандагон метавонанд чунин мисолҳоро худ таҳия намоянд).

| ***ҳиҷои аввал*** | ***ҳиҷои дуввум*** | ***ҳиҷои охирон*** |
|---|---|---|
| *ши*ша | нав*ба*ҳор | баро*дар* |
| *но*дон | ба*ро*мад | *овоз* |
| *Вар*зоб | чо*дар* | |
| (*шиновар*) | (*бародар*) | (*Дарвоз*) |

*4.* Калимаҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намоед:

а) *харгӯш, зоғ, занбӯр, кабӯтар, хирс, гург, пашша* - … *(ҳайвонот)*, … *(ҳашарот)*, … *(паррандагон)*.

*б) қалам, пиёла, дафтар, китоб, қошуқ, ҷадвал, коса* - …*(асобҳои хониш)*, … *(асбобҳои рӯзгор)* .

*5.* Ба калимаи ҷудошуда (дар аввал истода), аз рӯйи мантиқ калимаҳои заруриро интихоб намоед:

а) *<u>Гиёҳ</u>: қоқу, бед, пудина, чинор, шибит, сафедор* – … *(қоқу, пудина, шибит)*.

*б) <u>Ҳайвони хонагӣ:</u> гов, паланг, харгӯш, гург, хирс* - … *(гов, буз, гӯсфанд)*.

*в) <u>Мева:</u> тарбуз, себ, ангур, харбуза, нок, ҳандалак* – … *(себ, ангур, нок)*.

6. Кадом ҳарф, ҳиҷо ва калимаҳо зиёдатианд, чаро?

а) *а, у, е, о, и* - … *(е – йотбарсар аст, на садонок)*.

б) *ма, ру, ло, нд, ти* - … *(нд – ҳиҷод шуда наметавона, чунки садонок надорад)*.

в) *Дарё, баҳр, ҷӯй, моҳӣ, чашма, ҳавз* - … (*моҳӣ – ҳайвони обист, калимаҳои боқимонда бошанд – манбаи обро ифода мекунанд*).

7. **Тозагӯякҳо**. Ба ҳиҷои охирини калима (ашё) ҷумла тартиб диҳед. Чунин машқ ба хонандагон имконият медиҳад, ки баъзе ҳарфу ҳиҷоҳоро бурро талаффуз кунанд. Машқи мазкур хонандагонро ба фикррронӣ ва эҷодкорӣ водор мекунад. Ҳатман ба мазмуни ҷумлаҳои омоданамудаи хонандагон бояд диққат дод ва дар ҳолати зарурӣ кӯмак намуд. Кӯшиш кардан лозим аст, ки хонандагон якдигарро гӯш кунанду ғалатҳои якдигаро ёфта, ислоҳ намоянд.

*Ра-ра-ра* - *аз бозор харидем барра.*
*Рӯ – рӯ – рӯ – Зарина дорад абрӯ.*
*Ро-ро-ро — дугонаи ман Соро.*
*Ре-ре-ре — … .*
*Ру-ру-ру — бемор мехӯрад дору.*
*Ра-ра-ра — осмон дорад ситора.*
*Ва-ва-ва — …,*
*Са-са-са — …,*
*бо-бо-бо — ….*
*Со-со-со — …*
*Ар-ар-ар — …*

*Зу-зу-зу — …*
*За –за -за — …*
*На-на-на …*
*ла –ла -ла — …*
*Ша-ша-ша — …*
*Ша-ша-ша — …*
*Чу-чу-чу — …*
*Ач-ач-ач — …*
*Оч-оч-оч — …*

8. Калимаи пошхӯрда. Аз калимаи «китобхона» калима ҷамъ намоед: …, …, …, …, (*китоб, хона, тобон, кит, хитоб, … .*).

9. Кӣ тезтар иҷро мекунад? Бо калимаҳои овардашуда ҷумла созед ва аломатҳои китобатиро гузоред. Омӯзгор метавонад калимаҳоро дар тахтаи синф нависад.

| | | |
|---|---|---|
| хунук<br>мешавад<br>ҳаво<br>дар<br>зимистон<br>фасли | аз<br>хариданд<br>модарам<br>каду<br>ва<br>бозор<br>себ<br>шалғам | кӯдакон<br>мекунанд<br>дар<br>мактаб<br>чӣ<br>кор |
| (*Дар фасли зимистон ҳаво хунук мешавад*) | (*Модарам аз бозор: каду, шалгам ва себ хариданд*) | *Кӯдакон дар мактаб чӣ кор мекунанд*? |

10. Таҳияи калимаҳое, ки бо як ҳарф фарқ мекунанд: *хона-лона-шона*, *бад-сад*, *дар-сар*, *ранг-танг*, *хол-сол-гол, хор-мор-дор*, *барқ-гарқ*, *бур-тур-бӯр*, …, … .

11. Таҳия ва хониши калимаҳои «чапана»: *дар- рад*, бо – об, *шир - риш*, *кит – тик*, рӯз – зӯр, …, …, … .

12. Ҷуфти ҳиҷоро ёбеду калима созед:

| | | |
|---|---|---|
| *мо* – таб | қа – **вон** | кай – **гур** |
| мак – **дак** | **ҳай** – *тоб* | *даф* – ҳон |
| **кӯ** - *дар* | *ки* - лам | **ан** - *тар* |

13. Калимаю ҷумлаҳои аҷоибро тарҷума намоед:

а) лфи (*фил*), пса (*асп*), ӯшг (*гӯш*), лаио (*оила*), дӯкак (*кӯдак*), … .

б) Раҳоб. Раҳоб ласиф беиоз лос сат. Ард шинаҷ зӯНавр мускана запеманд ав дурус хонандме (*Баҳор. Баҳор фасли зебои сол аст. Дар ҷашни Наврӯз суманак мепазанд ва суруд мехонанд*).

14. Фарқияти калимаҳоро гӯед: *боғбон, боғ, боғдорӣ, боғча, болға*.

15. Ҷумлаҳоро таҳлили морфологӣ намоед ва дар нақша қайд намоед:

а) Дар зимистон барфу борон борид.

б) Бародари хурдии ман ба боғча меравад.

в) Подшоҳ ба қасри худ баргашт.

г) Подшоҳ ҳокими мамлакат аст.

| | ***Исм*** | ***Сифат*** | ***Пешоянд*** | ***Феъл*** |
|---|---|---|---|---|
| а) | зимистон, барф, борон | - | дар | борид |
| б) | … | … | … | … |
| в) | … | … | … | … |
| г) | … | … | … | … |

**Китобнома:**


1. Амонов Н. Қ. Тафаккур: ташхис ва инкишоф. Душанбе, 2014. – 176 с.
2. Боронов Б. Асосҳои ташаккули малакаҳои хониши маъноӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури методӣ. Душанбе, 1994, 72 саҳ.
3. Лутфуллоев М. Осор. ҷ.4. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. – Душанбе: «Собириён», 2013, 625 саҳ.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таҳти № 1004 аз 22.07. 2013.


## ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ТЕХНОЛОГИЯ – КАК СРЕДСТВО РАЗВИТИЕ ОСМЫСЛЕННОГО ЧТЕНИЯ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ


***ТОШБОЕВА З.Р., ШУКУРОВА З.Р.***



Одна из основных задач педагога начальной школы это заинтересовать младшего школьника к чтению и анализированию художественной литературы. Сегодня со стороны ученых психологов, педагогов и творческих учителей разрабатываются новые педагогические технологии, которые направлены на развитие осмысленного чтения младших школьников. Педагогическая технология - система последовательных, взаимосвязанных между собой действий учителя и учащегося по целенаправленному развитию посредством усвоения учебного материала.



***КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА****: чтение, анализ, литература, педагогическая технология, осмысление, система, виды чтения, упражнение.*


## PEDAGOGICAL TECHNOLOGY - AS FACILITY DEVELOPMENT INTELLIGENT READING YOUNGER SCHOOLBOY


***ТОШБОЕВА З.Р., ШУКУРОВА З.Р.***



One of the primary tasks of the teacher of the grade school this interest the younger schoolboy to reading and анализированию artistic literature. Today on the part of scientist

psychologist, teacher and creative teachers are developed new pedagogical technologies, which are directed on development of the intelligent reading younger schoolboy. Pedagogical technology - a system consequent interconnected between itself action of the teacher and учащегося on goal-directed development by means of assimilation of the scholastic material

***KEYWORD**: reading, analysis, literature, pedagogical technology, comprehension, system, types of the reading, uprazhnenie.uchitelya and учащегося on goal-directed development by means of assimilation of the scholastic material.*

## ОТАШ-РАМЗИ НУР, РӮШНОӢ, МУҲАББАТ ВА ЯКДИЛӢ ДАР ФАЛСАФАИ НАВРӮЗ

***САИДИБРОҲИМОВ Шоҳзодаиброҳим,***
*муовини директори Филиали ДХТИБКСМ*
*дар ВМКБ, номзади илмҳои педагогӣ,*

Аз ҷониби Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (қатъномаи 23-юми феврали соли 2010) ба ҳайси ҷашни ҷаҳонӣ пазируфта шудани Наврӯз гувоҳи он аст, ки ниёгони мо аз замонҳои қадим ба тараннуми ахлоқ ва одоби ҳамидаи инсонӣ машғул буда, тавассути ин ҷашн низ паёми ваҳдату муҳаббат, покию саодат, зебоию нафосат ва ватандӯстию ватанпарвариро ба мардум мерасонданд.

Бо ишора ба ин анъанаи неки ниёгон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар яке аз суханрониҳояшон гуфта буданд: «Ҷашни Наврӯз барои миллати фарҳангдӯсту тамаддунсоз ва хуршедпарвари мо дар ҳама давру замон муқаддас буд. Аҷдодони мо ҳатто дар давраҳои мушкилтарини таърихӣ, ки аҷнабиён Наврӯзи Аҷамро мамнӯъ эълон карда буданд, онро чун иди зиндагисоз ва ҷавобгӯи орзуву ормонҳои деринаашон ба ҳар роҳу восита ҳифз менамуданд ва гиромӣ медоштанд» [8].

Наврӯз аз нахустин моҳ ва соли хуршедӣ дар баҳорон, замоне, ки Офтоб ба бурҷи амал интиқол меёбад ва рӯзу шаб баробар мешаванд, оғоз мешавад. Дар бораи Наврӯзи Аҷам дар "Шоҳнома"-и безаволи Фирдавсӣ ақидаҳои зиёд оварда шудаанд, махсусан, шоир зуҳури Каюмарсро бо Наврӯз пайванд медиҳад ва овардааст:

*Чу омад ба бурҷи амал Офтоб,*
*Ҷаҳон гашт бо фарру ойину об.*
*Битобид з-он сон зи бурҷи бара*
*Ки гетӣ ҷавон гашт аз ӯ яксара*

Тараннуми Наврӯзи оламафрӯз дар ашъори Ҳофизи бузург низ баланд садо медиҳад. Ҳофизи Шерозӣ менависад, ки абри озорӣ бо боди Наврӯзӣ нишонаҳои баҳор оварда, ба мардум рӯҳу илҳоми нави зиндагӣ мебахшад:

*Абри озорӣ баромад, боди Наврӯзӣ вазид,*
*Ваҷҳи май мехоҳаму мутриб, ки мегӯяд, расид.*

Оид ба таърихи ин иди бостонӣ садсолаҳо алломаҳо мисли Геродот, Газанфон, Касрой, муҳаққиқони ғарбӣ А. Кристенсен, нобиғаҳои шарқӣ Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём ва ғайра муҳаққиқонаву заррабинона сухан ронда, шубҳа нест, ки аз боби ин ҷашни ниёгон, бо мақоми байналмилалӣ гирифтанаш боз андешаҳои асосноки навтарин ба сафҳаи китоби таърих ворид хоҳанд шуд.

Дар ин мақола роҷеъ ба мавзӯи "Оташ-рамзи Нур, рӯшноӣ, муҳаббат ва якдилӣ дар фалсафаи Наврӯз", чанд андеша реи гоuaз оварда мешаванд.

Санадҳои таърихӣ аз вуҷуд доштани ҷашне бо номи Оташ дарак додаанд, ки ин ҷашн аз бозмондаҳои хеле куҳани ориёист. Эҳтимол ин ҳамон алобпараки байни чоркӯчаҳо бошад. Асли матлаб дар он аст, ки оташ рамзи Нур, барҳамзании торикӣ ва мубаддалкунандаи он ба рӯшноӣ мебошад. Гармии оташ муҳаббат дар миёни аҳли хонадон, ёру дӯст, хешу табор, хуллас, муҳаббат ба халқу миллат ва Ватан аст.

Аммо бархе аз афрод бар ин ақида низ будаанд, ки гулханафрӯзӣ нишони сеҳру ҷоду аст. Албатта ин ақида комилан нодуруст буда, оташ рамзи равшаниву муҳаббат аст. Усмон Назир овардааст: "Оташ чун манбаи равшаниву гармист. Инсонҳо аз қадим бо гулханафрӯзӣ Офтоб, гармиву нури парафкани онро ба меҳр сӯи худ мехонданд ва акнун аз ҳарорати он барои худ меҳрхонаҳо(гармидеҳҳо) месозанд" [6-114].

Воқеан, Наврӯз аз замонҳои қадим таҷассумгари нияти неку ормону орзуҳои ширини одамон будааст ва хо[ад монд. Чун решноӣ, ҳарорат дар рӯзгор ҳамеша пойдор бошад, мардум дар ҷойҳои махсус оташкадаҳо, аловхонаҳо сознон дода, [ангоми хашни идҳои мазҳабӣ, маросимҳои мавсимӣ, хосса дар ҷашни Наврӯз он ҷойҳо гулхан меафрӯхтанд. Шоир Мӯъмин Қаноат дар ин бора чунин изҳори ақида намудааст: «Пас аз фурӯ рафтани ҷаҳонтоб шаб давоми рӯз буд дар тақвими мо, зеро нури Яздониро оташи оташкада ва хонавода нигоҳ медошт. Ин ойини оташпарастӣ нест, балки оташ дар замин таҷаллии фурӯғи Аҳурамаздо аст, ки аз тариқи офтоб интиқол мешавад. Парастиши алов парастиши нури Яздонӣ аст». Ин гуфтаи Мӯъмин Қаноат, дар як шеъри донишманди араб Абунавас, ки рӯзгораш ба асрҳои ҳазораи аввали мелодӣ таалluқ дорад, ба ин маънӣ омадааст: «Наврӯз торикии шабро бо гулҳое, ки чун ситорагони тобон бар шохаҳо дурхшанд, бароямон бомдод кард».

Дар баъзе нуқоти аҳолинишини Бадахшон дар вақти пухтани таомҳои миллии Наврӯзӣ «бат» (алво) ва «боҷ» (таоми миллие, ки аз гандуми нимкӯфта тайёр мешавад) аз шом то субҳ дар оташдон афрӯхтани алов аз ҳезуми арча ва зардолуи хушк шояд аз ҳамин сабаб бошад. Оташ назди мардум аз замонҳои қадим соҳиби мақоиу манзалати хос буд ва аз унсурҳои муқаддас қарор гирифт, ки он бидуни ҷанбаи рушноиву ҳарорат доштанаш беҳтарин василаи хабаррасонӣ низ пазируфта шуда буд. Афрӯхтани оташ ба мари бурҷҳо ҷанбаи паёмдиҳанда дошт.  Дар Эрони қадим ҳафт оташкадаи машҳур будааст, ки ҳар яки онҳо ба яке аз ҳафт сайёра нисбат дода шуда, номи махсус доштаанд: Озармеҳр, Озарнӯш, Озарбавром, Озароин, Озархурдод, Озарбарзин ва Озарзардуҳишт.

Афрӯхтани гулхан дар ароафаи иди Наврӯз ва маросимҳои махсус дар бисёр кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ, ки он ҷойҳо мардуми эронитабор сукунат доранд, имрӯз ҳам барқарор аст. Масалан, донишманди афғон Латифи Пидром дар мақолаи бо унвони «Ҷашни гули сурх дар Афғонистон» навиштааст: «Аз чоршанбеи сурӣ то ин фосилаи зиёде нест. Бинобар ин, аз нимаи Исфандмоҳ омода мешаванд то ба оромиши хотир битавонанд аз ид  пазироӣ кунанд. Ва онгаҳе, то ки нахусти рӯз ва нахустин моҳи сол фаро бирасад, мардуми Афғонистон бо барафрӯхтани оташ рақсу пойкӯбӣ мекунанд».

Пас мақсади асосӣ аз афрӯхтани оташ ва парастиши он оташпарастӣ ё суннатгароӣ набуда, балки имону ихлос ба Нури Худовандӣ мебошад, ки хамеша пойдору бардавом буда, муроқиби инсону махлуқоти олам аст. Гармии оташ пойдории муҳаббаи ва дилгармӣ нисбат ба ҳамдигар мебошад. Ин суннат бояд ҳамеша идома ёфта, мазмуни ботинии худро гум накунад.

Наврӯз Оташ рамзи ҳимоятгари нишони муҳаббату садоқат ба оила, хешу табор, халқу миллат, тамаддун, забон, расму оин, фарҳангу таърих ва ватандориву ватандӯстии  миллати куҳан ва шарифи тоҷик буда, фалсафаи амиқро дорост. Фирдавсии бузург ба ин масъала чунин ишора кардааст:

*Нигоҳ дорад ойини ҷашни Садаҳ*
*Ҳамон фарди Наврӯз оташкада.*
*Ҳамон Ҳурмузу Маҳу рӯзи Меҳр*
*Бишӯяд ба оби хирад чанд меҳр.*

Аз ин абёт равшан аст, ки Фирдавсӣ оташкадаро ҳимоятгари оину анъана ва расму русум дониста, дар ҳар як машғулият истифодаи хирадро аз ҳама боло медонад. Аз ин ҷо бар меояд, ки бо истифода аз хирад арҷ гузоштан ба суннатҳои волои ниёгон ва ташаккул додану ба қадами замон мутобиқ кардани онҳо вазифаи ҳар фард аст.

Ва беҳтарин рӯзгоре, ки дидаи ҳақбин дар роҳи он интизор аст, базми Наврӯз аст. Шоири бузург омадани Наврӯзро пирӯзии рӯзгор ва ба муроду мақсуди нек расидани тамоми халоиқ медонад:

*Ки Хусрав ба ҳар кор пирӯз бод,*
*Ҳама рӯзгораш чу Наврӯз бод.*
*Ҳамасола бахти ту пирӯз бод,*
*Шабони сиёҳ бар ту Наврӯз бод*

Аввалан тибқи анъанаи неки ниёгон шоир ба мардум бо воситаи назм таманнои он мекунад, ки Наврӯз дар ҳаёти мардум пирӯзии бахт ораду ҳар рӯзи онҳо мисли Наврӯз бошад. Ва дар мисраи чорум шоир ба субҳ умед мубаддал гардидани шоми торикро

орзу мекунад, ки равшанӣ танҳо бо василаи Нур насиб мегардад. Мусаллам аст, ки шоир дар ин абёт на танҳо ба равшании зоҳир, балки равшан сохтани ботин аз торикиву ҷаҳолат ишора мекунад. Ин нукта далели ҷанбаи ахлоқӣ, тараннуми худшиносиву худогоҳии миллӣ дар ҷашни Наврӯз аст.

Анъанаи афрӯхтани оташ дар иди Наврӯз дар бархе аз нукоти Бадахшони Тоҷикистон ҳанӯз ҳам идома дорад. Рӯзи Наврӯз субҳ барвақт аз иҷро кардани маросими «Пичирон» сар мешавад. Ин маросим бо чунин тарз анҷом дода мешавад. Тахминан соати 4-5-и шаб сардори хона (мард) пеш аз ҳама аз хоб хеста, пораи ҳезум ё поруро аз берун ба хона медарорад ва дар оташдон андохта, онро дар мегиронад. Дар ин вақт бо садои баланд мегӯяд: «Шогун баҳор муборак». Яке аз аъзои хонавода, аслан кадбонуи хона дар ҷавоби ӯ «Бар рӯйи шумо муборак» мегӯяд ва бар китфи ӯ каме орд мепошад, ки сафедӣ ишора ба фоли нек аст.

Анҷом додани ин гуна анъанаҳо дар ҷашни Наврӯз насли ҷавон ва умуман тамоми инсониятро ба меҳру муҳаббат, покдилӣ, ягонагӣ, ҳамдигарфаҳмӣ даъват менамояд. Ниёгони мо бар ин ақидаанд, ки соли нав бояд бо дили соф, нияти нек ҷашн гирифта шавад, то ки то охири сол мардум хушбахту хушрӯзгор бошад. Пас ҳар касро лозим аст, ки дар анҷом додани аъмоли нек кӯшиш намояд, ахлоқи волои инсониро пешаи худ созад ва бо ваҳдату иттиҳод зиндагиро ба сар барад.

Аз ақидаҳои мардумшиносону муаррихон ва пажӯҳишҳои муҳаққиқони фолклор бармеояд, ки дар ҷашни Наврӯз ва суннатҳои марбути он оташ рамзи рӯшноӣ, покиву беолоишӣ, сулҳу осоиштагӣ, осмони соф ва некниҳодист.

Олим, шоир ва мутафаккири барҷастаи форс-тоҷик Носири Хусрав низ мақоми Нур ва рӯшноиро аз ҳама боло гузошта, фармудааст:

*Надидӣ ба Наврӯз гашта ба саҳро,*
*Ба Айюқ монанда лолаи тариро.*
*Агар лола пурнур шуд чун ситора,*
*Чаро з-ӯ напазируфт суратгариро. (С. 58)*

Шоир қайд мекунад, ки лолаи саҳро дар ҳангоми Наврӯз ба ситораи Айюқ, ки дар канори рости Каҳкашон аст ва тобону дурахшон мебошад, монанд мешавад. Пас агар лола чун ситора тобону муҷалло шуд аз ӯ суратгариро бояд омӯхт.

Ҳаким нуктадону нуктасанҷ, Носири Хусрав умри азизи худро дар Юмгони Бадахшон ба сар бурда, бо расму русум ва анъанаи мардуми Бадахшони Тоҷикистону Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз наздик ошно буд ва ҷашну маросимҳоро якҷоя бо ин мардум мегузаронд. Шояд ин ишораи шоир низ ба Наврӯзи Бадахшон бошад. Аз ин лиҳоз бо тасвир намудани зебогии Наврӯз шоир худшиносиву худогоҳӣ ва дар умум, аз ҷиҳати зоҳир ва ботин пок будани инсониятро тараннум мекунад.

Вобаста ба мақоми оташ дар Наврӯз номзади илмҳои фалсафа Ғарибшо Ғарибшоев, дар мақолаи худ «Андешае дигар андар шинохти иди Наврӯз» чунин овардааст: «Рӯҳану ҷисман тоза шудан аз ғаждиҳо ва ба бар намудани либоси нав, овардани ҷиҳози нав ба хона, хонаро аз тамоми ашё ва анҷомоти кӯҳна ва нолозим холӣ карда, дур аз хона бурда, «балоҳо рафъ» гуфта, сӯзондан, талаби ҳатмии иҷроиши Наврӯзист. Дар оташ сӯзондани ашёи нолозиму палидиҳо ба хотири пок намудани Замини муқаддас-макони сукунату рӯишҳо фаҳмида мешавад» [3-46].

Ба қавли файласуф, ҳар чини кӯхнаву нолозим мумкин аст, ки дард балоеро бо худ дошта бошад. Аммо ягона чизе, ки метавонад ин балоро рафъ кунад, оташ аст ва ин суннат имрӯз ҳам дар ҷашни Наврӯз дар Бадахшон мақому манзалати худро аз даст надодааст.

Дар маҷмӯъ, маънои зоҳирии Наврӯз хушҳолӣ ва базму тараби мардумуми мусалмон, билхусус халқи тоҷик буда, мазмуни ботини он ташвиқу тарғиби насли наврас ва ҷавонон ба меҳнатдӯстӣ, меҳмоннавозиву меҳанпарастӣ, дӯстиву иттиҳод, Ваҳдат ва якдилӣ мебошад. Ниёгони мо ба он кӯшиш мекарданд, ки мардум бояд иттифоқ бошад. Ҷашни Наврӯз исбот кардааст,ки як кас танҳо дар ҳамаи кор пирӯз шудан наметавонад. Аз ин лиҳоз дар гирди ҳам ҷамъ шуда, идҳоро мегузаронанд, меҳнат мекунанд, дороён ба ниёзмандон кӯмак мерасонанд ва иттиҳоду иттифоқ файзу баракатро зиёд мекунад.

Мардуми Бадахшони Тоҷикистон Наврӯзро фоли нек ва иди пурфайзу баракат мехонанд ва онро бо усули баланди аҳоқӣ ҷашн мегиранд. Ҳар як анъанаи он хусусияти

хоси тарбиявии худро дорад.

**Китобнома:**


**1.** А. Девонакулов, А. Алимардонов ва Ф. Бобоев (таҳия ва тадвин).-Хусрав Н. Девони ашъор ва маснавиҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома». –Душанбе-2003.- 955 с.

**2.** Абурайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия.-Душанбе 1990.

**3.** Ҷашни табиат, иди миллат ва рамзи Ваҳдат (маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба иди байналмилалии Наврӯзи фархундапай).- Душанбе - 2012, 164 с.

**4.** Носири Хусрав. «Девон».- Кобул. 1366. сах 129 (саҳифаи умумӣ)

**5.** Ризо Шаъбонӣ. Одоб ва русуми Наврӯз.-Душанбе, 2011.

**6.** Назир У. «Шукӯҳи таърих тамаддун» (нигоҳе ба суннатҳо. расму ойини идҳои тоисломӣ).-Душанбе.-2011, 114. с.

**7.** Шакармамадов Н., Шакармамадов О. «Наврӯзи Бадахшон».-Хоруғ, 2003.

**8.** Эмомали Рахмон. Образование - важнейший инструмент государственности и спасения нации. - Душанбе, Омузгор, 1.01.2006.



**Анотация ****

Огонь в Наврузе являясь символом защиты любви и верности к семье, к родственникам, к народу и нации, цивилизации, языку,обычаю и традиции,культуре и истории, патриотизма древней таджикской нации,выражает определенную философию.

***Ключевые слова:*** *Огонь, любовь,верность, патриотизм*

**Annotation****

Nawrooz Fire is a symbol of perseverance and the sign of love and commitment to family, relatives, nation, civilization, language, traditions, culture and history, patriotism and humanism that has got the philosophy of authenticity.

***Key words****: Fire, love and commitment, patriotism.*


## ДАРКИ БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ХОНАНДАГОНИ НАВРАС


***ИСОЕВА Д.Э.,***

*ходими калони илмии ПРМ-и АТТ*


Дарди дили хонанда ва ё психологияи бачаро хамон шахсе дуруст дарк карда метавонад, ки дар системаи маориф аз боғча то мактаб бо нали наврас фаъолият карда бошад. Баъзан фарзандони худи мо низ ба суханони мо гоҳ- гоҳ гӯш намекунанд, ки ин боиси ранҷиши худи мо мегардад, аммо дар ин ҳолат мо бояд аз наврас наранҷида, балки ба рафтори ӯ, ба хусусиятҳои психологии ӯ эътибор дода, мисли шахсе, ки беморасту ба табиб ниёз дорад, муносибат карда, кӯмакамонро расонем. Аз тарафи дигар, бояд хуб таҳлил намуд, ки чи гуна дар ин лаҳза мо метавонем ба кӯдак кӯмак расонем.

Барои дарки дурусти наврас мебояд дар ибтидои суҳбат ба хоҳиш ё талаби ӯ диққат диҳем. Дар ҳолатҳои аввал хоҳиши ӯро, агар имкон бошад иҷро намуда, то ба охир расидани ҳалли масъала, яъне ба мусбӣ ва ё манфӣ расидани ҳолат мо дар паҳлӯи наврас бошем. Ба наврас нишон диҳем, ки мо низ хоҳони муносибати дӯстона ва бартараф намудани нофаҳмиҳо ҳастем. Ингуна ҳолатҳо одатан дар байни хонандогони синфи 5-9-ум (яъне дар синну соли наврасӣ) рух медиҳад, ки дар хона падару модарон ҳолати ин гуна бачаро дуруст дарк накарда, баъзан бачаро сарзаниш мекунанд. Бача чунин рафторашро низ дар мактаб ва кӯча низ такрор карда меистад. Масалан, дар ҷараёни дар мактаб фаъолият намудан, ман шоҳиди он мешудам, ки волидонро барои рафтори ношоями фарзандаш ба мактаб даъват менамоем. Волидон дар ҳузури мо кӯшиш мекарданд, ки фарзандашро суханҳои қабеҳ гӯяд ва баъзан майли лату куб намудан мекунанд. Ман дар чунин лаҳзаҳо мехостам, дар байни волидон ва фарзанд бошам. Ба волидон мехостам фаҳмонам, ки бо чунин гуфтор ва рафтор мо наметавонем

рафтору амали хонандаро беҳтар намоем. Мо бояд аз хусуиятҳои психологӣ ва синну солии наврасон истифода намоем.

Дар ин синну сол тараққиёти ҷисмонӣ, психикӣ ва ҷамъиятӣ ба ҳамдигар мувофиқат намекунанд, бо суръат инкишоф ёфтани ҷисми наврасон боиси пайдоиши мушкилиҳо дар олами психикӣ мегарданд ва муайянкунандаи хусусиятҳои психикию рафтори наврасон мешавад. Дар натиҷаи инкишофи номунтаззами ҷисмии наврасон қомати онҳо бо суръати тез баланд шуда, ҳаракаташон лавандона мешавад. Инро фаҳмида, наврасон кӯшиш мекунанд, ки «…худро ғайритабии нишон диҳанд ва хусусиятҳои физологии худро пинҳон доранд. Ҳатто кинояи ночизе ба хусусиятҳои берунӣ дар наврасон боиси ба вуҷуд омадани агрессия ва ҳолатҳои аффективӣ мешавад» (3, с.26).

Худбаҳодиҳӣ дар аксарият ҳолатҳо дар шакли номуайян суръат мегирад ва ин имконият намедиҳад, ки наврас қувва ва имкониятҳои худро бо мақсад ва мушкилиҳои дар пешистода мувофиқ кунад. «Дар синни калони наврасӣ реаксияҳои эмотсионалӣ ва равияи шахсӣ дар шакли тафриқавӣ сурат мегирад: Як қатор наврасон пурра ба фаъолият дода мешаванд, баъзеи дигарашон ба олами фантазия фурӯ мераванд, қисми сеюмаш ба ҷараёни пассивона эътибор дода, танҳо зиндагии «ҳамонрӯзаро» ба эътибор мегиранд (4, с.31). Яке аз масъалаҳои муҳим ва мушкили синни наврасӣ масъалаи муносибати байниҳамдигарии онҳо ба калонсолон мебошад. Пеш аз ҳама, бо волидайн ва муаллимон. «Наврасон зуд-зуд ба дурустии суханҳо шак меоранд, нисбияти дар олами калонсолон вуҷуддоштаи меъёрҳои рафторро мефаҳманд. Аз ин ҷо талаботи психологӣ ба пасткунии обу рӯ, вайрон кардани қоида ва анъанаҳои вуҷуддошта пайдо мешавад» (3, с.67).

Аз як тараф наврас бо мустақилият кӯшиш карда, ба муқобили нобоварӣ ба қувваи худ мубориза мебарад, Аз дигар тараф, «ба мушкилиҳои нави ҳаёт рӯ ба рӯ шуда ба изтироб меояд, аз калонсолон кӯмаку ёрӣ интизор мешаванд, аммо на ҳама вақт рӯшод ошкор мекунад. Чунки яке аз хусусиятҳои асосии ин зинаи синну солӣ ба вуҷуд омадани ҳиссиёти калонсолӣ дар онҳо мебошад» (2, с.78). Гурӯҳи ҳамсолон дар наврас малакаи ҷамъиятии фаъолияти якҷояро ба вуҷуд меоваранд, талаботҳои нави иерархияи маънавии ахлоқиро ҷо ба ҷо мекунад. Фарқияти байни ҳолатҳои «тасдиқшуда» ва «инкоршуда» бисёр тез ба амал меояд. Хусусиятҳои психологии давраи гузариш дар рафтори наврас нишонаи худро мегузорад, ки онҳо метавонанд дар намуди номувофиқ зоҳир шаванд. Каҷрафторӣ дар байни наврасон тез-тез ба чашм мерасад ва метавонад дорои характери гуногун бошад: фаъолиятҳои ҳуқуқвайронкунӣ, инкоркунии тартибот ва талаботҳои вуҷуддошта, истеъмоли машрубот, шаҳватпарастӣ, кӯчагардӣ, ҷараёнҳои ғайриахлоқианд (1, с.45).

Бояд гуфт, ки омӯзгори хуби аз дастовардҳои илми психалогия бохабар, дар ибтидо бачаро ором карда истода, сипас ӯро то ба охир гӯш мекунанду ба воситаи ҳамдардӣ зоҳир намудан ва фаҳмондадиҳӣ ба худ наздик намуда, ба хатогиҳо роҳ надода, ӯро бовар мекунонад. Баъзан чунин шуданаш ҳам мумкин аст, ки наврас дар ин ҳолат якрав буда, гоҳ-гоҳ овозашро баланд карда меистад. Дар лаҳзаи мавҷуд будани нофаҳмӣ ва барои ором кардани наврас, хуб мешавад дар ин гуна ҳолатҳо яке аз волидайн бачаро ба ҷойҳои тамошобоб, ба монанди сайри боғ ва ё як пиёлаи чой берун аз хона даъват намуда, бо ӯ мисли ҷура ва ё дугона суҳбат карда, ба пешниҳоду андешаҳои наврас баҳои мусбӣ дода истода, сари масъала меоянд. Пас аз ин, наврас аз чунин холат баромада истода, устодону волидонро ва фикри онҳоро каме ҳам бошад қабул мекунад. Дар ин гуна ҳолатҳо наврас бештар ба волидайн ва ҷомеае, ки ӯро нағз дарк мекунад ниёз дорад. Омӯзгор ва ё психологи хуб бо бача бештар аз рузгорӣ бачаҳои бесаводе,ки вақти бисёрӣ худашонро дар кӯча ва ё дар интернет- кафеҳо мегузаронанд, баъдан бо онҳо чӣҳо рух медиҳад ва ё тақдирӣ онҳо бо чигуна фоҷеаҳо ба анҷом мерасад, мисолҳо оварда ба онҳо роҳи дурусти ҳаётро мефаҳмонад.

Дар урфият гуфтаанд: «Мор аз ширинзабонӣ ғазабаш паст шуда, ба хонааш пас мегардад», пас гузаштагони мо низ наслҳои худро бо тариқи муомилаи хуб, одоби одамгарӣ тарбия намуда, аз он наслҳои хуби ояндасоз ва донишмандонро ба воя расонидаанд, ки шоистаи ибрати ҳар як насли наврас мебошанд.

Сари ин масъала дастаҷамона оила, муассиса (мактаб) ва ҷомеа якҷоя шуда, ҳалли онро ёфта, бахри тадбиқи супоришҳои сарвари давлатамон Эмомалии Рахмон барои

насли наврас саҳю кӯҳшиш намоем, зеро Тоҷикистони моро аз аввал бо Рудакию Ҷомии бузургвор ва ғайраҳо шинохтаанд, боиси ифтихор мешуд то ба охир обрӯи миллати мо бо фарзандони бонангу номуси диёраш дар байни давлатҳои ҷаҳон сарбаланд гардад.

**Китобнома:**


1. Ковалев В.В. Социально- психические аспекты проблемы девиантного поведения у детей и подростков. М., 1981.
2. Колесов Д.В. Мягков П.Ф. Учителю о психологии и физиологии подростка. М., 1986.
3. Кон И. С. Психология ранней юности. М., 1990.
4. Кондрашенко В.Я. Девиантное поведение подростков, Мн.,1988.


## ПОЗНАНИЕ НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ ПОДРОСТКОВ


***ИСОЕВА Д.***



Работая преподавателем в школе часто можно встречаться с различными ситуациями в воспитании учащихся подростков. У подростков проявляется различные отрицательные поведения. Они конфликтуют с учителями и с родителями. Многие родители путем наказание стараются воспитывать своих детей. Но этот способ не является эффективным. В таких случаях, необходимо учитывать психологические и возрастные особенности подростков. На основе психологических особенностей подростков можно лучше воспитать подростков.



***Ключевые слова:*** *подростки, ученики, учитель, воспитания, отношения, родители.*


## SOME KNOWLEDGE PARTICULARY AMONG ADOLESCENTS


***ISOEVA D.***



While working as a teacher in the school can often occur with different situations in the education of students adolescents. Adolescents manifest various negative behavior. They conflict with teachers and parents. Many parents punished by trying to raise their children. But this method is not effective. In such cases, it is necessary to take into account the psychological and age characteristics of adolescents. Based on the psychological characteristics of adolescents can better educate adolescents.



***Keywords***: *adolescents, students, teacher, education, relationships, parents.*


## МАСЪАЛАИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ ПСИХОЛОГӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ


***АБДУРАШИТОВ Н.Ф.,***
*мудири шуъбаи педагогика ва психологияи*
*Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ*

***БОБОЁРОВ Х.,***
*ходими калони илмии шуъбаи*
*педагогика ва психологияи*
*Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ*


Дар моддаи 25 банди 11 Қонуни ҶТ “Дар бораи маориф” (Ташкили раванди таълиму тарбия) омадааст, ки дар муассисаҳои таълимӣ бо мақсади ташкили самараноки раванди таълиму тарбия нуқтаҳои хизматрасонии психологӣ фаъолият карда метавонад. Вале мутассифона чунин ба мушоҳида мерасад, ки дар аксарият муассисаҳои таълимию тарбиявӣ фаъолияти психолог (равоншинос) мавҷуд нест ва ё дуруст ба роҳ монда нашудааст. Дар вазифаи равоншинос шахсони тасоддуфӣ фаъолият намуда, сифати ташкили кор ва ҳуҷҷатгузорӣ дар сатҳи паст қарор дорад.

Дар раванди кор бо кӯдакон (хусусан бо хонандагони тарбияашон душвор) хусусиятҳои психологии онҳо ба инобат гирифта намешавад, ки боиси коста гардидани тарбияи насли наврас мегардад. Аз ин рӯ, танзими фаъолияти психологӣ дар соҳаи маориф, хусусан дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ниҳоят масъалаи мубрами рӯз буда, ҳалли дурандешонаи он метавонад дар давраи ислоҳоти соҳаи маориф ба баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат намояд.

Масъалаи ба танзимдарории ин ё он фаъолият пеш аз ҳама аз банақшагирӣ ва тартиб додани низомномаи махсуси корӣ оғоз мегардад. Дар баъзе муассисаҳои таълимию тарбиявии кишвар фаъолияти психолог ба роҳ монда бошад ҳам тартиби муайян надорад. То имрӯз низомномаи махсус барои танзим намудани фаъолияти психологҳои соҳаи маориф тартиб дода нашудааст. Мо аввалин маротиба кӯшиш кардем, ки мувофиқи талаботи ҷомеа нисбат ба фаъолияти психолог дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ низомномаи намунавии хадамоти психологиро дар забони тоҷикӣ тартиб диҳем.

Низомномаи мазкур дар асоси Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия шудааст.

Асосҳои меъёрию ҳуқуқии ташкили хадамоти психологиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, ва дигар санадҳои меъёрӣ ташкил медиҳад. Инчунин, дар вақти таҳияи низомнома мо ба корҳои илмию методии олимони рус Дубровина И.В. “Настольная книга школьного психолога” (1991) ва Рогов Е.И. “Настольная книга практическог психолога” (1999) такия намудем.

Мақсади асосии таҳияи Низомнома расонидани кӯмаки методӣ ба психологҳои муассисаҳои таълимию тарбиявӣ дар самти ба танзим даровардани фаъолияти психологӣ мебошад.

Низомнома аз даҳ қисм иборат буда, фаъолияти психолог (равоншинос)-ро дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (минбаъд МТМУ) танзим менамояд. Инак, барои расонидани кӯмаки амалӣ ба роҳбарият ва равоншиносони муассисаҳои таълимӣ низомномаи хадамоти психологиро манзури ниёзмандон мегардонем.

**Муқаррароти умумӣ**

**1.** Мақсади ташкили хадамоти психологӣ дар МТМУ омӯзиши равандҳои психологии хонандагон дар давраи таълим, муайян намудани шавқу ҳавас ва майлҳои онҳо ба таҳсил, сари вақт муайян кардани сабабҳои қафомонӣ дар таълим, норасогиҳо дар рафтори таълимгирандагони алоҳида, роҳҳои беҳтари бартарафнамоии онҳо мебошад. Расидан ба мақсадҳои мазкур танҳо бо донишҳои касбӣ оид ба қонуниятҳои синнусолии инкишофи психикӣ, фаъолияти психикӣ ва рафтори одам, алоқамандии онҳо аз махсусияти муносибатҳои байниякдигарии мактаббачагон бо калонсолон ва ҳамсолон, тарзу усулҳои ташкили раванди таълиму тарбия имконпазир мегардад. Равоншинос (психолог) имкониятҳои фардиро бо кӯдак пайдо намуда, сабабҳои нуқсон ва роҳҳои ислоҳи психологии онҳоро муайян мекунад. Бо ҳамин васила хадамоти психологӣ барои баланд бардоштани сифат ва самаранокии кори таълиму тарбия дар МТМУ, ташаккули шахсияти баркамол ва аз лиҳози иҷтимоӣ фаъол мусоидат карда метавонад.

2. Вазифаи хадамоти психологӣ на тақсимоти кӯдакон ба гурӯҳҳои муайян, балки ба роҳ мондани ташхиси психологӣ, инчунин ошкор намудани сабаб ва омилҳои таъсиррасон ба бавуҷудоии ин ё он хусусиятҳои рафтор ва инкишофи хонанда мебошад, то ин ки роҳҳои беҳтарин ва муносиби кор бо онҳо пайдо гардад. Хадамоти мазкур барои расонидани ёрии психологӣ ба хонандагон, омӯзгорон ва падару модарон, ҷиҳати беҳтар кардани шароити таълиму тарбия дар МТМУ ва пешгирии каҷрафтории хонандагон, бемориҳои психологӣ ва ҳифзи саломатии равонии онҳо фаъолият мебарад.

3. Равоншиноси МТМУ дар раванди фаъолияти худ Низомномаи мазкурро ҳамчун асоси кори психологӣ шуморида, мувофиқи дархостҳои маъмурияти МТМУ, муаллимон, волидон ва худи хонандагон амал мекунад.

4. Равоншинос дар чаҳорчӯбаи уҳдадориҳои худ дар ҳудуди салоҳияти касбии худ амал менамояд

5. Равоншинос дар ҳалли тамоми масъалаҳои психологии таълиму тарбия, дар ҳифзи манфиатҳои кӯдакону наврасон ва ҷавонон, инкишофи ҳамаҷонибаи онҳо саҳм мегузорад.

6. Равоншинос фаъолияти худро дар ҳамкории устувор бо ҷомеаи омӯзгорон ва маъмурияти МТМУ ба роҳ мемонад. Дар ин раванд, барои таъмини самаранокии хадамоти психологӣ муҳим аст, ки ҳар як омӯзгор аз доираи масъалаҳои психологии таълиму тарбия огоҳ бошад, то тавонад дар назди психолог дуруст масъалагузорӣ намояд. Дар навбати худ, психологро мебояд оид ба масъалаҳои педагогика, дидактика ва назарияи тарбия маълумоти муккамал дошта бошад. Ҳамдигарро пурра намудани мавқеъҳои омӯзгор ва равоншинос ҳангоми кор бо хонандагон, ҳамкории зичи онҳо дар ҳамаи давраҳои кор бо мактаббачагони алоҳида шарти асосӣ ва муҳими таъмини фаъолияти хадамот ба шумор меравад.

7. Фаъолияти хадамоти психологӣ дар МТМУ на танҳо ба ташхиси сабабҳои психологии ин ё он махсусиятҳои инкишофи шахсият ва ақлонии хонандагон, балки инчунин ба пешгирӣ ва бартарафнамоии вайроншавиҳои гуногуни психологӣ марбут аст.

8. Хадамоти психолгиро дар МТМУ мутахассисоне амалӣ менамоянд, ки дорои маълумоти олии психологӣ бошанд, инчунин омодагии умумӣ ва махсуси психологиро дар соҳаҳои психологияи кӯдакона, психологияи синнусолӣ ва педагогӣ, ташхис ва ислоҳнамоии психологӣ соҳибанд. Дар маҷмуъ, ба ҳайси равоншиноси МТМУ бояд мутахассисе фаъолият кунад, ки дар соҳаи психологияи умумӣ, синнусолӣ ва психологияи бачагона соҳиби маълумоти зарурии касбӣ бошад.

**Мазмуни хадамоти психологӣ дар МТМУ:**

– омӯзиши психологии хонандагон барои таъмини раҳёфти фардӣ бо онҳо дар тамоми давраи таҳсилот;

– таъмини инкишофи мукаммали шахсият ва ақлонии кӯдак дар ҳар як давраи синнусолӣ, мутобиқати муваффақонаи кӯдак ба талаботи таълим, ҳангоми қабул гаштан ба синфи якум ва гузариш ба зинаҳои навбатии таҳсилот (аз таҳсилоти ибтидоӣ ба миёна ва аз он ба таҳсилоти умумӣ);

– ташхиси хусусиятҳои психологии хонандагон ва дар асоси ин хусусиятҳо ба роҳ мондани ҷараёни таълим ва тарбия;

– пешгирӣ ва бартарафнамоии ихтилолҳо дар инкишофи шахсият ва ақлонии хонандагон;

– ба роҳ мондани ҷараёни илмии интихоби касб ва ташхиси майлу завқи хонандагон;

**Самтҳои кори психологӣ дар МТМУ:**

*I. Корҳои ташхисӣ*

Ин самти фаъолияти хадамоти психологӣ дар МТМУ ба муайян- намоии сабабҳои вайроншавиҳои психологӣ дар таълиму тарбияи хонандагон равона гаштааст. Кори ташхисӣ метавонад бо хонандагони алоҳида, гурӯҳи хонандагон ва синфҳо гузаронида шавад.

Равоншиноси муассиса метавонад ҷанбаҳои зеринро ташхис намояд:

– омодагии психологии кӯдакро ба таҳсилоти ибтидоӣ;

– ҳангоми гузариш аз таҳтилоти ибтидоӣ ба таҳтилоти умумии асосӣ ва аз он ба таҳсилоти миёнаи умумӣ;

– сабабҳои психологии сустхониро (сустхонии умумӣ ва аз рӯйи фанҳои алоҳида);

– сабабҳои бадахлоқ ва беинтизомии хонандагон;

– махсусиятҳои ақлонӣ, шахсиятӣ ва эмотсионалии кӯдаконро, ки ба ҷараёни муътадили таълиму тарбия ва ташаккули шахсияти аз лиҳози иҷтимоӣ фаъол монеъ мегарданд;

– вайроншавии муносибатҳои байниҳамдигарии хонандагонро бо ҳамсолон;

– қобилият, шавқу завқ ва майли хонандагонро ошкор намуда интихоби касбро назорат мебарад

– муносибатҳои байниҳамиро дар гурӯҳ;

– вайроншавии муносибати хонанда ва омӯзгор, коллективи синф ва омӯзгор ва ғ.

*II. Корҳои пешгиринамоии психологӣ*

Самти мазкури кори хадамоти психологии МТМУ ба омӯзиши психологии хонандагон бо мақсади таъмини раҳёфти фардӣ дар раванди таълиму тарбия бо онҳо, пешгирии душвориҳо дар инкишофи шахсият ва ақлонии онҳо нигаронида шудааст. Кори пешгиринамоии психологиро бо хонандагони алоҳида, гурӯҳи хонандагон ва синфҳо ба роҳ мондан мумкин аст.

Дар раванди корҳои пешгиринамоии психологӣ чорабиниҳои зерин амалӣ мешаванд:

1. Омӯзиши махсусияти ақлонӣ, шахсият, эмотсионалию иродавии хонандагон, шавқу ҳавас ва майлҳои онҳо;

2. Равоншинос дар қабули кӯдакон ба мактаб иштирок намуда:

– омӯзиши омодагии психологии онҳоро ба таҳсилоти ибтидоӣ ташхис менамояд ва зимни ин ихтилолҳои (нуқсонҳои психологӣ) имконпазирро дар кӯдак муайян намуда, ислоҳ менамояд;

– ба мураббиёни кӯдакистонҳо, баҳри бартарафнамоии норасогиҳо дар омодагии кӯдак ба таҳсилоти ибтидоӣ усули гузаронидани машғулиятҳоро пешниҳод мекунад;

– дар якҷоягӣ бо муаллимон барномаи кори инфиродиро бо кӯдакон бо мақсади мутобиқати беҳтари онҳо ба муассисаи таълимӣ ва таъмини инкишофи ҳамаҷонибаю мутавозин дар раванди таълим мураттаб месозад.

Ҳангоми гузариши кӯдакон аз таҳсилоти ибтидоӣ ба умумии асосӣ ва аз он ба таҳсилоти миёнаи умумию ва касбӣ кӯдаконро таҳқиқ карда, дар ҳамкорӣ бо муаллимон ва устои моҳир барномаи кори инфиродиро бо дарназадошти омодагии фардиашон ба таълим дар давраҳои нав ба нави таҳсилот мураттаб месозад.

*III.Корҳои ислоҳӣ*

Самти кори ислоҳӣ ба бартарафнамоии ихтилофҳо дар тарбия ва таълими хонандагон алоқаманд аст. Ислоҳнамоӣ метавонад бо хонандагони алоҳида, гурӯҳи хонандагон ва синфҳо гузаронида шавад.

Барномаи ислоҳнамоӣ қисматҳои психологӣ ва педагогиро дар бар мегирад. Қисмати психологиро психолог ба нақша гирифта, амалӣ мегардонад. Қисмати педагогиро равоншинос ва омӯзгори муассиса, иҷрояшро омӯзгорон ва волидон бо кӯмаки равоншинос якҷоя амалӣ мегардонанд.

Ислоҳнамоии психологӣ танҳо дар мавридҳое амалӣ гардонида мешавад, ки ихтилолҳои (нуқсонҳои психологӣ) муайянгардида натиҷаи осеби органикии системаи марказии асаб ва ё бемории психикӣ набошанд. Дар ҳолатҳое, ки психолог аз характери патопсихологӣ ё дефектологӣ доштани вайроншавиҳо гумон мебарад, ӯ ба волидон барои муроҷиат намудан ба муассисаҳои дахлдор тавсия медиҳад.

*IV. Корҳои машваратӣ*

Ҳангоми амалигардонии корҳои машваратӣ психологи муассиса вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

1. Машварати психологӣ бо маъмурияти муассиса, омӯзгорон ва волидон аз рӯи масъалаҳои психологии таълим ва тарбияи кӯдакон. Машваратҳо метавонанд дар шакли фардӣ ва гурӯҳӣ гузаронида шаванд.

2. Гузаронидани машваратҳои инфиродии хонандагон аз рӯи масъалаҳои таълим, инкишоф, масъалаҳои худмуайянсозии ҳаётӣ, муносибати байниҳамӣ бо калонсолон ва ҳамсолон, худтарбиянамоӣ ва ғайра.

3. Машварати психологӣ бо гурӯҳи хонандагон ба таври яклухт аз рӯи масъалаҳои худтарбиянамоӣ, маданияти меҳнати фикрӣ ва ғайра.

4. Бо усули додани машваратҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ, иштирок дар Шӯроҳои омӯзгорон, маҷлисҳои синфӣ, такмили маданияти психологии омӯзгорон ва волидон.

5. Баҷо овардани дархости судҳои халқӣ, мақомоти васоятӣ ва парасторӣ, комиссияи кор бо ноболиғон, хадамоти кор бо ноболиғони шӯъбаҳои корҳои дохилӣ доир ба экспертизаи психологии ҳолати психикии кӯдак ва омӯзиши шароитҳои тарбияи оилавии ӯ, бо мақсади мусоидат намудан ба мақомоти марбута барои баровардани қарорҳои нисбатан асоснок, дар мавриди аз ҳуқуқи пудару модарӣ маҳрум сохтан, равона кардани мактаббачагон ба муассисаҳои таълимии махсус.

*V. Вазифаҳои ёрирасон*

1. Равоншиноси муассиса барои таҳлили психологии рафтор ва муваффақияти хонандагон машваратҳои психологӣ ташкил мекунад

2. Равоншинос дар кори Шурои омӯзгорони муассиса бояд ширкат намояд.

3. Дар асоси талаботи ташкили утоқи психологӣ равоншинос бояд китобҳои педагогогию психологиро дар хусуси масоили таълим ва тарбияи кӯдакони синну соли гуногун ва адабиёти психологӣ барои хонандагон ҷамъоварӣ кунад.

**Принсипҳои расонидани ёрии психологӣ**. Ёрии психологӣ дар асоси принсипҳои раҳму шафқат, башардӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ ба амал бароварда мешавад, ки он аз ҳуқуқи ҳар як инсон оиди ҳифзи саломатии психологӣ бармеояд.

**Вазифаҳои муассисаи таълимӣ дар ташкили хадамоти психологӣ**. Мувофиқи он муассисаи таълимӣ вазифадор аст, ки барои равоншинос дар ташкили хадамоти психологӣ дар муассиса шароити мусоиди корӣ муҳайё созад.

**Тартиби ба кор қабул намудани психологи муассиса.** Психолог мувофиқи воҳиди корӣ дар МТМУ (агар воҳиди кории психолог дар муассиса мавҷуд бошад) аз тарафи сарвари муассиса қабул ва озод карда мешавад. Ба вазифаи равоншинос шахсоне таъин карда мешавад, ки дорои маълумоти олии психологӣ бошанд; дар соҳаи психологияи умумӣ, педагогӣ, синнусолӣ ва психологияи бачагона соҳиби маълумоти зарурии касбӣ бошад; омодагии умумӣ ва махсуси психологиро дар соҳаҳои психологияи кӯдакона, психологияи синнусолӣ ва педагогӣ, ташхис ваислоҳнамоии психологӣ соҳиб бошад.

**Ҷавобгарии психологи муассиса**:

1. Равоншиноси муассисаи таълимӣ барои аниқии ташхиси психологӣ, мувофиқ будани методҳои истифодашавандаи ташхисӣ ва ислоҳотӣ, усул ва натиҷаҳои кор бо хонандагон, асоснокии тавсияҳои додашуда ҷавобгарии шахсию касбӣ дорад.

2. Равоншинос барои нигоҳдошти протоколҳои ташхис (таҳқиқот), ҳуҷҷатгузории хадамот ва танзими онҳо ба тартиби муқарраргашта уҳдадор аст.

**Ҳуқуқҳои психологи МТМУ.**

**Равоншиноси муассиса ҳуқуқ дорад:**

1. Дар Шӯрои омӯзгорон, машварати омӯзгорӣ дар ҷаласаи методии омӯзгорон иштирок намуда, фикру ақидаи худро дар самти мушкилоти кори психологӣ бо хонандагон иброз намояд.

2. Ба дарсҳо ташриф оварад, дар чорабиниҳои синфӣ ва ғайри синфӣ иштирок кунад,

3. Бо ҳуҷҷатҳои мактаб шинос шавад.

4. Дар МТМУ дар асоси дархости намояндаҳои маркази илмию таҳқиқотӣ озмоиши психологӣ гузаронад.

5. Аз рӯйи таҷриба ва кори худ дар газетаю маҷалаҳо мақолаҳо нашр намояд.

6. Кори худро аз рӯйи нақшаи дарси педагогию психологӣ бо маърӯза, суҳбатҳо ва баромадҳо ба роҳ монад.

7. Сарбории таълимӣ ва факултативиро дар муассиса равоншинос барои фаъолияти касбии худ дар ҳаҷми муқарарнамудаи шартномаи меҳнатӣ мувофиқат кунад.

8. Дар сурати зарурат тавассути маъмурияти муассиса бо дархостнома ба ташкилоти марбут доир ба масъалаҳои алоқаманд бо расонидани ёрӣ ба хонанда (тағйири реҷаи кории падару модар, таъминоти осоишгоҳӣ ва ғайра) муроҷиат намояд.

9. Аз маркази тадбирҳои интихоби касб оид ба масъалаҳои алоқаманд бо худмуайянкунии касбии хонанда машварат гирад.

10. Дар ҳолатҳои зарурӣ ба марказҳои ёрирасони оила муроҷиат намуда, ба падару модарон тавсияҳои муфид диҳад.

11. Дар асоси дархостҳо бо муассисаҳои тиббӣ ва дефектологӣ ҳамкорӣ намояд.

12. Равоншинос бояд дар кори коммиссияи тиббию педагогӣ ва комиссияи кор бо ноболиғон иштироки фаъол намояд.

13. Аз рӯйи масъалаҳои таъминоти илмии хадамот ба марказҳои илмию методӣ муроҷиат кунад.

14. Бо мақсади гузоштани масъалаҳои алоқаманд бо такмили раванди таълиму тарбия дар МТМУ дар назди муассисаҳои маориф мусоидат намояд.

15. Дар ҳамкорӣ бо марказҳои илмию методӣ дар коркарди методҳои нави ташхисӣ, навиштани тавсияҳои методӣ саҳм гирад.

**Мувофиқи Низомнома дар фаъолияти худ психологи муассиса ухдадор аст:**

1. Аз рӯи Низомномаи МТМУ (аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҶТ тасдиқ гардидааст) ва Низомномаи хадамоти психологи дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз ҷониби Шӯрои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тасдиқ шудааст, амал намояд.

2. Масъалаҳои психологиро дида баромада, дар ҳудуди салоҳияти касбии худ қарор қабул намояд.

3. Дар ҳали масъалаҳо берун аз шавқу ҳавасҳои мактаббача ва мақсадҳои тарбияи ҷамъиятӣ фаъолият намояд.

4. Психологи муассиса, ки ба ӯ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар бораи мушкилоти психологии хонандагон маълумот дода мешавад (маълумоти дар натиҷаи кори ташхисӣ ва машваратӣ ҷамъоварда), ӯҳдадор аст, сирри психологиро нигоҳ дорад.

5. Маълумот дар бораи ҳолати рӯҳии роҳбарияти муассиса, омӯзгорон, хонандагон ва падару модарони онҳо, воқеияти муроҷиат барои ёрии психологӣ ва чораҳои андешидашуда нисбати мушкилоти психологӣ танҳо бо дархости хаттии муассисаҳои рӯҳӣ ва рӯҳу асаб, мақомоти болоии тандурустӣ, мақомоти тафтишотӣ ва судӣ маълум карда мешавад.

6. Барои ба амал баровардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дорои мушкилоти психологӣ бо хоҳиши намояндаи қонунии онҳо мумкин аст дар бораи ҳолати саломатии психологии ин ё он шахс ва дар хусуси расонидани ёрии психологӣ ба ӯ маълумот пешниҳод карда мешавад.

7. Бо маъмурият ва коллективи омӯзгорони муассиса дар алоқаи зич бошад.

8. Ба маъмурият ва Шӯрои омӯзгории муассиса оид ба вазифа, мундариҷа ва натиҷаҳои кори гузаронидашуда ахборот диҳад.

9. Бевосита ошкор кардани имкониятҳои мавҷуда барои кӯмак ба маъмурияти муассиса ва коллективи муаллимон дар ҳалли муамоҳое, ки бо хусусиятҳои фардию психологии хонанда алоқаманд аст ва бартараф намудани он норасогиҳое, ки дар таълим ва тарбияи мактаббача мавҷуд аст.

10. Расонидани ёрии психологӣ ба волидон оид ба ҳалли масъалаи таълим ва тарбияи фарзанд.

11. Расонидани ёрии психологӣ ба хонандагон оид ба ҳалли масъалаҳои шахсию гурӯҳӣ.

12. Дар кори ташхиси психологӣ равоншинос ӯҳдадор аст, танҳо аз он методика ва тестҳое истифода барад, ки онҳо дар шароити ҷомеа мутобиқ шуда бошад ва ба хонандагон таъсири манфӣ нарасонад.

13. Аз рӯи намуди муъайян ҳамаи намудҳои кори психологиро дар шакли протокол ва ғ. қайд кунад.

14. Мувофиқи талаботи мавҷуда ва вақти ҷудошуда аз ҷараёни кори худ ба маъмурият ҳисобот диҳад.

15. Дар муассиса мавҷуд будани утоқи кории махсуси равоншинос, таъмини он мувофиқи талаботи хадамоти психологӣ.

16. Иштироки равоншиноси муассиса дар семинару конфронсҳои гуногун психологӣ, ки дар донишкадаю донишгоҳҳо ва ғ. баргузор мегардад.

Яке аз масъалаҳои назарраси хадамоти психологӣ ҳуҷатгузорӣ мебошад, ки феҳрасти ҳуҷҷатҳоро барои равоншиносони МТМУ пешниҳод менамоем:

- *аниқ кардани маънии калимаҳо, ё худ чуқуртар фаҳмидани калимаҳои ба ҳама маълум, равшан кардани тобишҳои маъноии ин калимаҳо, фарқияти синонимҳо, интихоби антонимҳо, таҳлили бисёрмаъноӣ, моҳияти маҷозӣ;*
- *бартараф кардани калимаҳои лаҳҷавӣ (гайриадабӣ), ки маъмулан кӯдакони синфҳои ибтидоӣ истифода мебаранд, ислоҳи задаи нолозим ва талаффуз.*

- **кор бо ибора** (тартиб додан) – хонандагонро ба зинаҳои баландтари машқҳои нутқӣ – ба тартиб додани ҷумла, ба нутқи мазмуннок мебарад.Тартиб додани навъҳои гуногуни ҷумла асоси инкишофи нутқи мазмуннок ба ҳисоб меравад. Ҷумла фикри кӯдакро мерасонад, дар он маҳорати интихоби аниқи калима, сохтани шакли даркорӣ, тартиб донани ибора ба амал баровarda мешавад.
- **кор бо ҷумла** (тартиб додан аз калима ва ибораҳо)
- **кор бо матн** (аз ҷумлаҳои тартибдода матни пурра сохтан). Тартиб додани матн – дуруст тақсим кардани вақт барои навиштани иншо, саришта кардани кор ва аз даст надодани маънои лозимӣ, давра ба давра ва ботадриҷ кушодану вусъат додани фикри худ, тартиб додани ҷумла ва алоқаманд кардани онҳо бо ҳам, мушоҳида кардани орфография ва пунктуатсия.

Ҳамаи роҳҳои кор ба якдигар зич алоқаманданд. Воҳидҳои асосии синтаксии забон дар ҳар сурат ибора ва ҷумла ба ҳисоб меравaнд.

Инсон дар тули умраш бо аз худ кардани боигариҳои забон нутқи худро такмил медиҳад. Ҳар як давраи синнусолӣ ба инкишофи нутқи ӯ чизи наве дохил мекунад. Муҳимтарин давраи азхудкунии нутқ ба синну соли кӯдакӣ – томактабӣ ва мактабӣ рост меояд. Бисёр олимон, педагог, психологҳо дар заҳматҳои худ оид ба инкишофи нутқи кӯдакон ба нутқ ҳамчун воситаи муносибат ва фаҳмидан – дарк кардани олами атроф диққати ҷиддӣ додаанд. Чунончи, К. Д. Ушинский, Л. С. Выготский ишора намудаанд, ки «…нутқ ва забонро инкишоф ва такмил додан зарур аст, зеро инҳо тафаккурро ташаккул медиҳанд» [4] .

Ҳақ ба ҷониби К. Д. Ушинский аст, ки навиштааст : «Забони модариро аз худ карда, кӯдак на танҳо калимаҳо, сохт ва тағйир ёфтани онҳо, балки фаҳмишҳои бисёр беҳудуд, нуқтаи назарро ба ашёҳо, фикрҳои бисёр, ҳиссиёт, тасвирҳои бадеӣ, мантиқ ва фалсафаи забонро аз худ мекунанд » [5].

Консепсияи имрӯзаи таҳсилот дар назди омӯзгорон масъалаи тайёр кардани хонандагонеро мегузорад, ки забонро аз худ карда, онро ҳамчун воситаи робита истифода бурда тавонанд. Бо сабаби афзудани миқдори зиёди ахборот, ки ба кӯдакон таъсир мерасонанд, мо аксаран ба он дучор меоем, ки кӯдакон малакаҳои босаводонаи нутқи шифоҳӣ ва хаттиро аз худ намекунанд, ки дар навбати худ ба сифати таҳсилоти онҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Нутқ ҳамчун организми зинда ҳуҷуми падидаҳои бегонаро қобили қабул намедонад, бинобар ин «забони занда»-ро бо компютер ва дигар воситаҳои техникӣ иваз намудан мумкин нест.

Амалӣ намудани тадбирҳои андешидашуда ва таъмини самарабахшии онҳо аз омӯзгор вобастагии калон дорад. Бисёр муҳим аст, ки омӯзгор на танҳо хуб омода

бошад, балки боз вай бо самар дар мактаб фаъолият намояд. Нисбати нутқи омӯзгор низ талаботҳое ҳастанд: Нутқи омӯзгор:

- ором, ботамкин, бомулоҳиза;
- доштани ифодаи пурра ва пайдарпайи фикр;
- бо талаффузи пурраи калимаҳо фарқ мекунад;
- ҳамеша захираи луғавиашро бой мегардонад;
- аз ҳар гуна калимаҳои шевагӣ ва кӯчагӣ пок аст;
- ҳамеша нигоҳ доштани хушгуфторӣ;
- ба мукаммалгардонии муносибати нутқӣ равона шудааст. [6]

Ҳамчун мутахассиси синфҳои ибтидоӣ дар раванди инкишофи нутқи мураттаби хонандагон иҷрои шартҳои зеринро зарур медонам:

*1. Фароҳам овардани муҳити хуби муколама (нутқ) барои хонандагон : дарк кардани нутқи дурусти калонсолон, хондани китоб, шунавонидани радио (ҳамчунин сабти ҳикояҳои пандомӯз):ташкили китобхонаи синфӣ,вохуриҳо бо одамони номдори маҳал(ноҳия, шаҳр),саҳарнишинӣ, шабнишинӣ…*

*2. Фароҳам овардани вазъияти муколама, ки асоснокии нутқи хонандагонро муайян намояд, инкишофи шавқу рағбати онҳоро таъмин намояд, талабот ва имкониятҳои нутқи хонандагонро муайян кунад, таҷрибаи нутқ барои хонандагонро таъмин намояд:инсенировкаи лаҳзаҳои гуногун аз китобҳои бачагона, …*

*3. Фароҳам овардани шароити дурусти хонандагон барои бой гардондани фонди луғавӣ, шаклҳои грамматикӣ, таркибҳои синтаксисӣ, алоқаҳои мантиқӣ, фаъолгардонии истифодаи калимҳо.*

*4. Доимӣ бурдани корҳои махсус оид ба инкишофи нутқ, алоқаманд намудани он бо машғулиятҳои забони тоҷикӣ ва маводҳои таълимии ин дарсҳо.*

*5. Фароҳам овардани фазои мусобиқа барои маданияти баланди нутқ дар синф, байни синфҳо ва мактаб, барои иҷрои қатъии талаботҳо ба нутқи хуб.*

Таҳсилот дар мактаб ба кӯдакон имконият медиҳад, ки аз сарчашмаи зиндаи забони модарӣ ҳамаи чизҳои қиммат ва беҳтаринро бигиранд. Аз дурдонаҳои забони тоҷикӣ бо тадриҷ аз худ мекунад, кӯдак мисли калонсолон фикрҳояшро баён мекунад. Фикр дар сухан (гап) ифода меёбад. Л. С. Выготский хеле бамаврид қайд кардааст: « фикр дар сухан баён намешавад, вале дар сухан ташаккул меёбад: чунин алоқаи наздик байни забону тафаккур вуҷуд дорад».[7] Мактаби имрӯза ба инкишофи тафаккур дар раванди таълим диққати ҷиддӣ медиҳад. Тафаккур бе далелҳои забонӣ наметавонад рушд кунад. Донистани калима, ки фаҳмишеро ифода мекунад, ба одам кӯмак мерасонад, ки ин фаҳмишро истифода барад, ба ибораи дигар **фикр** кунад. Ҳамин тавр, омӯхтану аз худ кардани забон, захираи калимаҳо ва шаклҳои грамматикӣ барои инкишофи нутқи мураттаб ва тафаккур замина омода менамоянд.

Равоншиноси машҳури рус Н. И. Жинкин натиҷаи тадқиқоташро чунин хулоса карда, навиштааст: «Нутқ – ин воситаи асосии инкишофи зеҳн (ақл) аст… Чӣ қадар барвақт забон аз худ карда шавад, ҳамон қадар аз худ кардани дониш мукаммал мегардад».[8]

Машқхои нутқӣ, ҳамчун қоида дар муддати кӯтоҳ натиҷаҳои баланд намедиҳанд.

Фаъолияти мунтазам оид ба инкишофи нутқ, албатта ба муваффақият меорад. Ҳамин тавр, машғулият оид ба инкишофи нутқ – ин кори бисёрӯя буда , ба он равона шудаанд, ки хонандагон на танҳо қоидаҳои грамматикиро аз худ кунанд, балки дар равиши фаъолияти нутқӣ маҳорати талаффузи дурусти калимаро ёд гирифта дар нутқ истифода бурда ибора, ҷумла ва нутқи алоқадор созанд. Машқҳои нутқӣ он вақт самаранок мегарданд, ки системаи онҳо ба як қатор шароитҳои таркибии заминаҳои инкишофи нутқ ҳамоҳанг ва якҷо шаванд. Чунин замина фазои диққати доимӣ ба забон ва нутқ доданро муҳайё , ҳамчунин рағбатро ба он ва ба солимии муҳити нутқ таъмин менамояд.

Дар маҷмӯъ инкишофи нутқ – ин кор аз болои маданияти нутқи хонандагон аст, пас ин кор аз болои инкишофи шахсияти онҳо низ мебошад.

**Китобнома:**

1.Т.Л. Ветлужский, Образные коллизии в речи детей// Детская речь и пути её совершенствования: Межвузовский сборник научных трудов – 2. Свердловск – СГИ – 1989 – с.12 -21

2. Ш. А. Амонашвили**,** В Чаше Ребёнка сияет зародыш зерна Культуры (*Урок - это когда ребёнок набирает света)*., Москва, 2007.

3.Джеймс Аллен, Как человек мыслит. М.,2006.(Андрей Яшурин, тарҷума ба русӣ.)

4. Лев Семенович Выготский. Мышление и речь. Изд. 5, испр. Издательство "Лабиринт", М., 1999. — 352 с.)

5. К.Д.Ушинский «О первоначальном преподавании русского языка»// Избр. пед. соч. – Т.1.- М., 1974г.

6. Валерия Ниорадзе. « Роҳҳои такмил додани фаъолияти нутқи хаттӣ» («Пути выращивания письменноречевой деятельности») , М., 2012.

7. Лев Семенович Выготский. Мышление и речь. Изд. 5, испр. Издательство "Лабиринт", М., 1999. — 352 с.)

8 . Н.И. Жинкин, Механизмы речи, Москва, 2001г.

### Аннотация: сарлавха уруси **

В статье показывается важность изложения слова через изящность речи в нынешных условиях, пути её становления и развития на первом этапе обучения - начальных классов. Автор привёл из непосредственного опыта основные факторы становления и развития связной речи краткими заметками её результатов.

***Ключевые слова:*** *мышление, развитие, речь, слова, знание, упорядочить, усвоение, словосочетание, предложение, текст.*

### Annotation: сарлавхаи англиси**

In the article approve importance narration speech across elegant speeches atp resent circs ways she making and development at the first school teaching - elementary class. The author bring the basic factor about becoming and develop of connect 's speech to their conclusion from his experiment.

***Keywords:*** *thinking, development, speech, word(s), knowledge, streamline, mastering,word combination,sentence,text.*

**Ба ифтихори 70-умин солгарди Ғалаба дар ҶБВ**

## ЭТИКАИ ҲАРБӢ ВА МАШҚИ САФ

***ЗИЁЕВ ҚУРБОНАЛӢ***
*ходими калони илмии ПРМ АТТ*

Сарфармондеҳи Олӣ, Генерали Артиш Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар баромадҳояш ба муносибати ҷашнҳои таърихӣ, оид ба тарбияи ватанпарастии ҷавонон ёдрас шуда, хизмати сарбозиро мактаби шуҷоату мардонагӣ мешуморад. Имсол 70-умин солгарди Ғалабаи Бузург ҷашн гирифта мешавад. Тӯли солҳои сипаригашта Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии азизамон рушду нуму, намуда роҳу усули муосири пурмаҳсули корҳои тарбиявиро дар байни ҳайати шахсӣ роҳандозӣ намуда, бо ҳисси баланди ватанпарастӣ сулҳу субот ва оромию бехатарии кишварро таъмин месозад. Мувофиқ ба талаботи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» мазмуни барномаи таълимии фанни «Омодагии дифои ҳарбӣ» ба тарбияи ҳарбӣ-ватанпарастии хонандагони синфҳои болоӣ нигаронида мешавад.

Моддаи 15-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» талаб менамояд: **«Фанни «Омодагии дифои ҳарбӣ» дар муассисаҳои таълимии маълумоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии маълумоти касбӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бо хонандагони**

**ҷинси мард ҳатман дар давоми 2-соли охири таҳсил гузаронида шуда, бо на камтар аз як маротиба дар анҷоми соли охирини таҳсил гузаронидани ҷамъомади таълимии ҳарбӣ сурат мегирад.**

**Тайёрии ҳарбии хонандагон аз тарафи роҳбарони ҳарбии дорои рутбаи ҳарбӣ ва маълумоти педагогӣ (муаллимони штатӣ) дар муассисаҳои таълимӣ гузаронида мешавад.**

**Барномаи тайёрии хонандагон, ҳамчунин Низомнома дар бораи роҳбарони ҳарбии муассисаҳои таълимӣ аз тарафи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад».**

Малакаҳои ибтидоии низомӣ дар баробари эҳсосу андешаҳои инсонпарварӣ, ватандӯстӣ ва садоқату фидокорӣ, мақому манзалат ва эътибори шахсро таҳким мебахшанд. Тавассути чорабиниҳои беруназсинфию беруназмактабӣ вобаста ба санаҳои таърихӣ ба роҳ мондани тарбияи ҳарбӣ-ватанпарастӣ ва баланд бардоштани муоширату одоби низомии хонандагон хеле муфид дониста мешавад.

Машқи саф муҳимтарин машғулият дар таълими фанҳои «Омодагии дифои ҳарбӣ» ва «Тарбияи ҷисмонӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб рафта, ба ташаккули рафтор, роҳгардии низомӣ ва муоширати дурусти хонандагон мусоидат менамояд. Дар ҷаҳони пуртазоди муосир тамоми ҷомеа, махсусан ҷавонону наврасон бояд ба тарбияи ватанпарастӣ фаро гирифта шаванд ва дорои маърифати баланд гарданд, то дар ҳимояи ҳадафҳои умумимиллӣ барои дифои Ватан содиқ бошанд. Тавасути таълими дурусти машқи саф ва намоиши низомӣ дар чорабиниҳои мактабӣ, омӯзгор метавонад завқи хонандагонро ангеза дода, ҳисси ватанпарастӣ, муоширату одоби низомӣ, рафтори ҳамидаи хонандагонро тақвият бахшад, зеро хонандагони синфҳои болоӣ ба машғулияти «Машқи саф» бештар таваҷҷуҳ доранд.

Воқеан, ҳам тарбияи ватанпарварӣ ва риояи интизоми қатъӣ маънои ташаккули сифатҳои хосси инсониро дошта, ҳадафи он дар ниҳоди хонандагон парваридани хислатҳои мардонагиву далерӣ ва эхсосӣ муҳаббату садоқат ба Ватан мебошад, ки ин масъулият, пеш аз ҳама бар дӯши омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, махсусан роҳбарони ҳарбӣ ва омӯзгорони фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» вогузор шудааст.

Дар муассисаҳои таълимӣ ва раванди сиёсиву иҷтимоии ҷомеа моҳият ва ҷойгоҳи фанни «Омодагии дифои ҳарбӣ» ҳамчун фанни мусоидаткунанда ба парвариши насли солим, ҳушёр, чолок, ватандӯст, боғурур ва фидокор дуруст дарк карда мешавад, ки ин барои тарбияи ҳарбӣ-ватанпарастӣ ва омодасозии ҷавонон ба хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ масъулияти муассисаҳои таълимиро бамаротиб афзун месозад. Мувофиқи нақшаи таълимии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар синфҳои 10 ва 11- и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омодагии дифои ҳарбӣ дар ҳаҷми 1 соат дар як ҳафта ва тарбияи ҷисмонӣ 2 соат омӯхта мешавад. Дар машғулиятҳои фанҳои мазкур барои машқи саф соати алоҳида ҷудо шудааст, вале омӯзгорон амрҳоро берун аз талаботи Оинномаи сафороии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарзи гуногун медиҳанд, ки иҷрои онҳо аз тарафи хонандагон дуруст сурат намегирад.

Машғулияти машқи саф аз оростани «Радиф» ва «Қатор» бо амрҳои «Гурӯҳ ба як радиф саф-ОРО!», «Гурӯҳ ба ду радиф саф-ОРО!» ё «Гурӯҳ ба як қатор саф-ОРО!», «Гурӯҳ ба ду қатор саф-ОРО!» ва ғ. шурӯъ мешавад.

Ҷиҳати судманд ташкил намудани ҷараёни таълими машқи саф дар муассисаҳои таълимӣ ва ташкил намудани гузашти низомӣ ба ифтихори ҷашнҳои бузург ё санаҳои бузурги таърихӣ (9-май рӯзи Ғалаба) ба ин васила таҳким бахшидани одоби (этикаи) низомии хонандагони синфҳои болоӣ, нақшаи машғулиятро оид ба мавзӯи тарзи дурусти иҷрои амрҳои низомӣ пешниҳод менамоем, то омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, махсусан роҳбарони ҳарбӣ ва омӯзгорони фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» амрҳоро вобаста ба машқи саф дар доираи талаботи Оинномаи сафороии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд.

«Тасдиқ менамоям»
Директори муассиса:
______ А. Исрофилов
«___»_________ 2015

**Нақшаи**
**машғулияти машқи саф**
**Мавзӯъ: Тарзи дурусти иҷрои амрҳои низомӣ.**

**Мақсади таълим:** Шинос намудани хонандагон ба амрҳои низомӣ, қисмҳои онҳо ва тарзи дурусти иҷрои ҳар як қисми амр.

**Мақсади тарбия:** Иҷрои ҳолати «Саф ист», амрҳои низомӣ ва моҳияти он дар ташаккули қаду қомат ва этикаи низомии онандагон.

**Усули таълим:** Амалӣ. Фаҳмонидан, нишон додан ва машқ кардан.

**Саволҳои таълимӣ**: 1. Амр ва қисмҳои он «Рост-ГАРД!», «Чап-ГАРД!» ва «Ақиб-ГАРД!»

2. Амрҳои танҳо иҷроишӣ: «НИЗОМ!», «ОЗОД!».

**Салоҳиятҳо:**

хонанда бояд: 1. Оид ба ҳолати «Саф ист» маълумот пайдо намояд.

2. Донад, ки гардишҳо дар ҷойи ист чӣ гуна иҷро карда мешаванд.

3. Амрҳои «НИЗОМ!», «Рост –ГАРД!», «Чап-ГАРД!», «Ақиб-ГАРД!» ва «ОЗОД!» -ро иҷро намояд.

**Вақт:** 45 дақиқа.

**Ҷойи машғулият:** Майдончаи сафороии муассисаи таълимӣ.

**Аёният:** Оинномаи сафороии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Расмҳои ҳолати «Саф ист» ва гардишҳо дар ҷойи ист.

**РАВИШИ ДАРС**

**1. Ташкили дарс 3 дақиқа:**

1. Қабули гузориш.
2. Саломи низомӣ.
3. Ҳозирғоиб кардан.

**2. Пурсиши вазифаи хонагӣ 10 дақиқа:**

1. Оид ба саф маълумот диҳед.
2. Унсурҳои сафро номбар кунед.
3. Ҳар як унсури сафро шарҳ диҳед.
4. Фарқи фосила аз масофа дар чист?

**3. Ҷамъбасти вазифаи хонагӣ 5 дақиқа:**

1. Саф чист?
2. Радиф чист?
3. Қатор чист?

**4. Баёни мавзӯи нав 15 дақиқа:**

Барои иҷрои дурусти ҳар як амали амр хонанда бояд ба мазмуни он пурра шиносонида шавад. Амр аз ду қисм иборат аст: қисми тайёрӣ - «Рост» ва қисми иҷроиш - «ГАРД».

Ғайр аз ин амрҳое низ ҳастанд, ки танҳо иҷроишианд «НИЗОМ!», «ОЗОД!», «ДИҚҚАТ!».

Амри тайёрӣ бо ҳарфҳои майда навишта шуда, озодона бо садои возеҳ ва баланд дарозтар талаффуз мегардад, то дар сафбудагон бифаҳманд, ки сардор кадом амалҳоро аз онҳо талаб менамояд.

Амри тайёрӣ («Рост-», «Чап-», «Ақиб-», «Даста-») аслан бо мақсади ҷалб намудани диққати хизматчиёни ҳарбӣ ва ба иҷрои амр омода намудани онҳо равона мегардад.

Амри иҷроиш («-ГАРД!», «-МАРШ!», «-ИСТ!»), ки дар Оиннома ба ҳарфҳои калон навишта шудааст, баъди таваққуфи кӯтоҳ баланд ва возеҳ талаффуз мегардад, фавран ва аниқ иҷро карда мешавад.

Мисол: «Рост-ГАРД!», «Чап-ГАРД!», «Ақиб-ГАРД!», «Бо қадам - МАРШ!» «Даста-ИСТ!» ва ғ.

**5. Мустаҳкам намудани мавзӯи нав 7 дақиқа:**

1.Амр аз кадом қисмҳо иборат аст?

2. Қисми тайёрӣ чӣ хел талаффуз карда мешавад ва аз иҷрокунандагон чиро талаб мекунад?

3. Қисми иҷроишро шарҳ диҳед.

4. Амрҳои танҳо иҷроишро шарҳ диҳед.

**6. Ҷамъбаст 3 дақиқа:**

а) Баҳогузорӣ ба фаъолияти хонандагон.

в) Супориши вазифаи хонагӣ.

**7. Хайрухуш 2 дақиқа:**

а) Амрдиҳии навбатдори синф: - **«Даста хез, НИЗОМ!»**

б) Омодашавии хонандагон: Аз ҷой хестан ва гирифтани ҳолати **«НИЗОМ».**

в) Хушбошии роҳбари машғулият:

Роҳбари ҳарбӣ: - **«То боздид РАФИҚОН!»**. Хонандаҳо: – **«То боздид РАФИҚ КАПИТАН!»**. Роҳбари ҳарбӣ: - **«ОЗОД! Танаффус!».**

г) Бо амри **«ОЗОД»** анҷом бахшидани машғулият.

Роҳбари ҳарбӣ: (рутба) _______ (ному насаб) __________

**Китобнома:**


1. Зиёев Қ. О. // Методикаи таълими омодагии дифои ҳарбӣ дар синфҳои 10-11, Душанбе, 2014, - 138 с.

2. Пособие по НВП. Москва // Просвещение. 1986. - 214 с.

3 Военно-патриотическое воспитание в школе, Москва // Наука. 1982, -157 с.

4. Ребята растут патриотами, Москва // Просвещение. 1971, -205 с.

5. Оинномаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон //Душанбе, 2014, - 320 с.


### *ВОЕННАЯ ЭТИКА И СТРОЕВАЯ ПОДГОТОВКА*


***ЗИЁЕВ К.***



В статье отражены положение, соответствующее организации учебного и воспитательного процесса путём проведение строевой подготовки и приводится план – конспект урока. Определены все моменты урока и команды, которые выполняется в процессе строевой подготовки. Как отмечает автор, путём проведения строевой подготовки можно воспитывать у молодого поколения чувства патриотизма, гражданственности, формирование национального самосознания, уважения к старшим, повышение культуры учащихся старших классов образовательных учреждений.



***Ключевые слова:*** *умение, навык, военный, строй, ученик, школа, занятие, строевая подготовка, приказ, выполнение.*


### *MILITARY ETHICS AND DRILL*


***ZIOEW K.***



The article reflects the position of the organization and training of the educational process, by holding a drill and given plan - an outline of the lesson. Identify all points of the lesson and the commands that are executed during the drill. By conducting drill possible education of the younger generation a sense of patriotism, citizenship, formation of national identity, respect for elders, to improve the culture of high school students of educational institutions.



***Keywords:*** *the skill, skill, military, formation, pupil, school, occupation, drill preparation, order, execution.*


## ТАРЗҲОИ САМАРАБАХШИ ТАШКИЛ КАРДАНИ ИМТИҲОНОТИ МАРҲИЛАВӢ ВА НИҲОӢ ДАР НИЗОМИ КРЕДИТӢ БАРОИ МУАССИСАҲОИ МИЁНАИ КАСБӢ


***БОБОХОНОВ Х. Ю.***

*ходими илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф*


Дар раванди ҷаҳонишавии замони муосир, пешрафти илму технология, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди дониш ва маълумоти замонавӣ, тайёр кардани мутахассисони

касбӣ, масъалаи аввалиндарача мебошад. Барои ҳамқадам бо ҷаҳон ва замони имрӯзаю оянда будан аз роҳу усулҳои гуногуни омӯзиш ва таълим истифода бурдан мумкин аст. Хушбахтона имрӯзҳо баҳри дар сатҳи баланди касбӣ тайёр кардани мутахассисони гуногунсоҳа дар муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ ва миёнаи касбӣ, ки ба талаботҳои бозори меҳнат ҷавобгӯ мебошанд, ба низоми муоссир, низоми кредитӣ ба роҳ монда шудааст.

Мутаасифона аз рӯи мушоҳидаҳо дар раванди қабули имтиҳоноти марҳилавӣ (рейтингҳо) ва ниҳоӣ (ҷамъбастӣ) бисёр камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Нокифоя ва кам будани вариантҳои имтиҳонотӣ;
2. Якранг будани саволҳо;
3. Тартиб додани саволҳои ҳаммаъно дар як вариант;
4. Номгӯи саволҳои имтиҳонӣ ва ё саволҳои ба онҳо монанд ба донишҷӯён дастрас намегардад;

Барои беҳтар кардани сатҳу сифати дониши донишҷӯён дар низоми кредитӣ аз тарзҳои инноватсионии имтиҳонсупорӣ истифода бурдан мумкин аст.

Тарзу усулҳои имтиҳонсупорӣ дар низоми кредитӣ тавре ба роҳ монда шавад, ки донишҷӯ масъуляти баланди донишандузиро ҳис намояд на бо тарзе, ки донишҷӯён кашф кардаанд: онҳо бо усули «алик-малик» имтиҳон месупоранд, чунин аст:

(барои мисол якчанд саволномаи тестӣ аз фанни забони модарӣ)

1. Барои ба рухсатии академикӣ баромадан кадом ҳуҷҷат бояд пешниҳод карда шавад?

А) гузориш; В) дархост; **С) ариза**; Д) байёнот; Е) забонхат.

2. Антонимҳо дар кадом ҳиссаи нутқ бештар ба назар мерасанд?

А) исмҳо; **В) сифатҳо;** С) шумораҳо; Д) зарфҳо; Е) ҷонишинҳо;

3. Дар забони тоҷикӣ чанд овози йотбарсар мавҷуд аст?

**А) 4-то,** В) 3-то, С) 2-то, Д) 6-то, Е) 8-то.

(барои мисол аз фанни физика)

1. Воҳиди қувваро муайян кунед:

А) Паскал; В)Ҷоул; **С)Нютон**; Д) Ампер; Е) Ватт

2. Воҳиди қувваи ҷараёни электрикиро муайян кунед:

А) Паскал; В)Ҷоул; С)Нютон; **Д) Ампер**; Е) Ватт

Мақсад аз овардани мисолҳои дар боло оварда дар он аст, ки донишҷӯ мантиқан фикр накарда кадоме аз ин вариантҳои пешниҳодшударо хоҳад ба таври таввакалӣ интихоб мекунад, ки ба ноустувор шудани қобиляти зеҳнии онҳо оварда мерасонад.

Бисёр хуб мешуд, ки дар низоми кредитӣ аз тарзу усулҳои таълими низоми анъанавӣ низ истифода бурда шавад, ин пешниҳод аҳамияти калон дошта сатҳу сифати таълимро дар муассисаҳои миёнаи касбӣ боз ҳам беҳтар мегардонад.

Тарзҳои самарабахши имтиҳонсупорӣ дар низоми кредитӣ донишҷӯёнро масъулятнок карда, қобилияти мантиқию фикронии онҳоро инкишоф ва дониши онҳоро баланд мебардорад.

Бисёр хуб мешуд, ки дар вақти гузаронидани имтиҳонот як миқдори муайяни ҷавоби саволҳо дар шакли пӯшида ва як миқдораш дар шакли кушода оварда шаванд.

Холҳои ин тарзи имтиҳонсупорӣ бояд аз ҳамдигар фарқ кунад. Масалан барои саволҳое, ки ҷавобҳояш пӯшида аст, барои ҳар як ҷавоби дурусти савол 8-хол ва барои ҳар як ҷавоби саволҳое, ки ҷавобашон дар шакли кушода пешниҳод карда шудааст, 4-хол гузошта шавад.

Дар раванди мушоҳидаҳо, озмоишҳо ва таҷрибаҳо усулҳои самрабахши қабули имтиҳонҳои марҳилавӣ ва ҷамъбастириро дар чунин шакл овардан гузаронидан бамаврид аст, чунин аст:

**1. Интихоби танҳо**

Ба донишҷӯ супориш бо якчанд варианти ҷавоб пешниҳод карда мешавад, ки танҳо як ҷавобаш дуруст мебошад. Супориш аз 3 то 5 вариантро дар бар мегирад.

Намунаи супориш:

*Кадоме аз ноҳияҳои номбаркардашуда ба вилояти Хатлон дохил мешавад?*

*а) И. Сомонӣ; б) Рӯдакӣ;* ***в) Бохтар;*** *г) Истаравшан; д) Рушон*

**2. Интихоби бисёр**

Ба донишҷӯ супориш бо якчанд варианти ҷавоб пешниҳод карда мешавад, ки ду ва зиёда ҷавоби дурусти он бояд ёфта шавад. Супориш метавонад 3, 4 ва 5 варианти ҷавобҳо дошта шумораи ҷавобҳои дуруст мувофиқан то 2, 3 ва 4-то шуда метавонад.

Намунаи супориш:

*Ибораҳои бехато навишташударо муайян кунед.*

*а) Парчами ранги сабз;**б)Мошини сабукрав;**в)Асби давон;г)Мизи мудавар;**д)Аспи саманд***

**3. Саволҳои мантиқӣ (Дуруст/Нодуруст)**

Ба донишҷӯ супориш пешниҳод карда шавад, ки дуруст ё нодуруст будани он бояд муайян карда шавад. Супориш метавонад аз 2 то 5 пункти саволҳо иборат бошад.

Намунаи супориш:

*Муайян кунед:*

**а) 8*9=72;** *б) Сарвари коллеҷ Ректор мебошад;в) Рудакӣ нависандаи классикии тоҷик мебошад;* ***г) Формулаи дуюми Нютон F=m*a;*** *д) Суръати рушноӣ тақрибан баробари 300 000м/с мебошад.*

Ҷавоби дуруст: *а) дуруст, б) нодуруст, в) нодуруст, г) дуруст, д) нодуруст.*

**4. Мувофиқорӣ (Ҷобаҷогузорӣ)**

Супориш аз ду сутун: сутуни саволҳо ва ҷавобҳо иборат мебошад. Аз донишҷӯ талаб карда мешавад, ҷавобҳои дурустро бо саволҳо ба ҳам мувофиқ гузорад. Шумораи вариантҳои ҷавобҳо баробар ё зиёд аз шумораи саволҳо шуда метавонад. Шумораи саволҳо аз 3 то 5 шуда метавонад.

Намунаи супориш:

*Формулаҳоро мувофиқ гузоред:*

| | |
|---|---|
| *1* | *Қонуни дуюми Нютон* |
| *2* | *Суръати ҷисм* |
| *3* | *Шитоби ростхатта* |
| *4* | *Даври лаппиш* |

| | |
|---|---|
| *1* | *a=V/t* |
| *2* | *F=m*a* |
| *3* | *V=S/t* |
| *4* | *V=S*t* |
| *5* | *T=I/f* |

Ҷавобҳои дуруст:

сатри якуми сутуни якум ба сатри дуюми сутуни дуюм баробар аст;
сатри дуюми сутуни якум ба сатри сеюми сутуни дуюм баробар аст;
сатри сеюми сутуни якум ба сатри якуми сутуни дуюм баробар аст;
сатри чоруми сутуни якум ба сатри панҷуми сутуни дуюм баробар аст.

Мувофиқан ҷавобҳои овардашударо дар шакли кутоҳтар қайд кардан хубтар аст: 1=2, 2=3, 3=1, 4=5.

**5. Пуркунии ҷойҳои холӣ**

Супориш ягон мафҳумро дар мегирад, ки бояд донишҷӯ калима ё ибораҳои партофташударо аз вариантҳои пешниҳодшуда ёфта ва дар ҷойҳои холӣ гузошта мафҳумро пурра намояд.

Шумораи ҷойҳои холӣ дар супориш аз 2 то 5 то шуда метавонанд.

Намунаи супориш:

Мафҳумро пурра намоед.

Дар секунҷаи … квадрати …. Ба суммаи квадрати …. баробар аст.

Варианти омехтаи ҷавобҳо: гипотенуза, катетҳо, росткунҷа.

Ҷавоби дуруст: росткунҷа, гипотенуза, катетҳо.

**6. Дохилкунӣ ё навиштани матн**

Аз донишҷӯ талаб карда мешавад, ки ҷавоби супоришро пурра нависад ё дар сурати муассисаи таълимӣ таъмин будан бо таъминоти барномавии тестӣ бо воситаи тугмаҳои ҳуруфии клавиатура бехато ворид намояд. Ҷавоби супориш танҳо як калимаи пурра шуда метавонад. Супориш бояд як ҷавоби аниқ дошта бошад. Донишҷӯ ҳатто синонимҳоро истифода набарад.

Намунаи супориш:

*Моддае, ки суръати реаксияро метезонаду худаш дар он дохил намешавад, чӣ ном дорад?*

Ҷавоби дуруст: *Катализатор*

7. **Дохилкунии рақам**

Аз донишҷӯ талаб карда мешавад, ки ҷавоби супоришро ҳисоб намуда адади ҳосилшударо дар сутуни ҷавобҳо қайд кунад, агар раванди имтиҳонсупорӣ таввасути программаи компютерӣ бошад ба воситаи клавиатура бехато ворид намояд.

Намунаи супориш :

Ифодаро ҳисоб кунед. 6.5+5-30.5

*Ҷавоб: -19*

**Схемаи баҳогузорӣ ва тақсимоти холҳо чунин шаклро мегирад:**

| № | Синф ва намуди супоришҳо | Микдори холҳо |
|---|---|---|
| | **Дониш:**<br>Интихоби танҳо<br>Интихоби бисёр<br>Мантиқӣ | 20 |
| | **Фаҳмиш:**<br>Мувофиқорӣ<br>Пуркунии ҷойҳои холӣ | 20 |
| | **Татбиқ:**<br>Дохилкунӣ ё навиштани матн<br>Дохилкунии рақам | 20 |
| **Ҳамагӣ** | | 60 |

40-холи боқимонда аз рӯи низоми муқараркардашуда барои давомот, фаъолиятнокӣ, супориши вазифаҳои хонагӣ ва корҳои озмоишию мустақилона аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.

Барои намуна усули номбурдаро дар шакли омехта оварда дар оянда мақсад дорем, ки онро дар муҳлати кӯтоҳтарин барои ягон фан дар алоҳидагӣ пешниҳод намоем, то ин, ки бо ин тарзу усулҳои инноватсионӣ омӯзгорон, шахсони муттасадии офиси бақайдгиранда, донишҷӯён боз ҳам хубтар шинос шаванд.

**Китобнома:**


1. Кусаинов А.А., Омирбаев С.М., Карпыков С.С. Кредитная система обучения в Казахстане. Теория, методология, практика и обобщение опыта КазГАСА, 2010. - 316 с
2. Низомнома оид ба ташкили ҷараёни таълим дар низоми кредитии таҳсил дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ-Душанбе 2013.
3. ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ №1-2, 2014 саҳ. 10-15.
4. Истифодабарӣ аз сомонаҳои муассисаҳои таълимӣ.


## МЕТОДЫ ЭФФЕКТИВНОСТИ ОРГАНИЗАЦИОННЫХ РАЗНЫХ ЭКЗАМИНАЦИОННЫХ СЕССИЙ В УЧЕБНЫХ ЗОВЕДЕНИЯХ


***БОБОХОНОВ Х. Ю.***



В статье рассматривается использование программы организации офиса набора информации о деятельноста студента средного профессионального учебного заведения по проведение экзаменов в кредитной системе обучение.



***КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:*** *кредит, знание, навык, рынок труда, студент, университет, Министерства Образование.*


## THE METHODS OF EFFECTIVES IN DIFFERENT SKILLS OF THE EDUCATION


***BOBOKHONOV KH.***



In the article was considered using the program of organizations of the office in the set of the information in activities of the students of the average professional educational institution undertaking exam in credit system education.



***KEYWORDS***: *credit, knowledge, skill, the market of the labor, student, university, Ministry Formation.*

# АҚЛРО ДАР МУЛКИ БАДАН МОНАНДИ ЧӮПОН ДИДАМ…

***САТТОРОВ А.,***
*ходими илмии шӯбаи таҳсилоти миёнаи умумии*
*Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ*

Муҳол аст, ки ин гуфтаҳои болоро ҳар шахс дар зиндагиаш сармашқ созад. Дар инсон ду чиз аст. Яке ақл (хирад, тафаккур, маҳорат, малака) дигаре қалб (дил). Агар инсоне, ки дар фаъолияташ аз рӯи ақл амал кунад, кор кунад ба ҳамаи чиз ноил хоҳад шуд. Ва ило агар ба хостаи қалб (дил) рафт…

Дурустии сухани Лоиқ дар боло ин аст, ки афкори ӯ давра ба давра, марҳила ба марҳила ба тасдиқ хоҳанд расид. Аввалин махзани ашъори ӯ «Сари сабз» мебошад, ки намунаи ғазал ва рубоиҳои ҷаззоб дар саҳфаҳои он гирд оварда шудаанд. Фаслу бобҳои маҷмӯа ба диққати хонанда муассиртаранд. Ба ҳамин минвол дигар асарҳои шоир «Офтобборон», «Фарёди бефарёдрас», «Хонаи дил» ба дили хонандааш наздиканд.

Шеърҳои дар мавзӯи рӯз, таърихи дуру наздик, ҳикмати зиндагӣ, рисолати шеъру шоирӣ ва ишқ гуфтаи вай дар ҳамаи маҷмӯа ва китобҳои баъдинааш ба сифати бахшҳои умдаи онҳо ҷой дошта, ҳам аз назари мухтаво ва ҳам аз лиҳози ҳунари гӯяндагӣ сайқал хӯрда, суфта гардида, шумораи шеъри нағзи шоир адабиёти тоҷикиро афзунтар намудаанд.

Бояд гуфт, ки Лоиқ дар солҳои 80-уми асри XX ба ҳайси устоди шеър ҳунарнамоӣ карда, асарҳои фаровоне офарид, ки онҳо на танҳо ба сифати беҳтарин намунаҳои шеъри муосири тоҷикӣ, балки ба адабиёти форсизабонон эътироф шудаанд.

Ҳар ҳарфу ҳиҷои Лоиқ ба маврид буданд. Тамоми ашъори ӯ дорои хислатҳои хуби тарбиявию-ахлоқӣ дошта, хонандаро ба шоҳроҳи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ талқин менамояд. Шеъри мурдаву фалаҷгаштаи форсӣ-тоҷикӣ ба дасти Лоиқ афтод. Ва ин шахс ба ӯ ҷони зинда бахшид.

Ин марди бузурги зиндаёд, ки сухан дар бораи ӯ меравад. Ин Лоиқи замон аст. Ҳамин шахси номбурда ба сурат зебо бо ақлу хирад дебо қариб тамоми офаридаҳои худро ба таври қолабҳои суннатӣ (ғазал, рубоиву дубайтиҳо, фардиёту катибаҳо) ифшо намуда, вале ӯ як чизро мехоҳад: «Месазад, ки ҳар инсон дар худ эҳсосу андешаҳо, хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва инсони воқеиро таҷассум намояд…»

Лоиқ Шералӣ мегӯяд: «Ман аз овони сабзҷавониям ба ғазал коми худро бардоштаам».

Атрофи ин сухан чанде аз мунақидону мунаҷимони тоҷик тадқиқотҳо бурдаанд. Эшон ба хулосае омаданд, ки Лоиқ дар садаи асри XX –и гузашта дар ҷодаи ғазал ҳамто надоштааст. Бинобар ин ба гуфтаи шоир: «ғазал ҳазор сол пеш суруда шуда бошад ҳам, агар ба ӯ рисолати таърихӣ, масири ҷаҳониро дар ӯ ифода намоем, он гоҳ он ғазал ё рубоӣ қиммати худро дубора пайдо менамояд».

Эй Лоиқ ба ҷуз ту касе шеъри волои форсиро насурудааст. Табиати шеъри Лоиқ ҳавои софро мемонад. Ҳамин манзарaро дар ғазали поён дидан метавон:

*На зи ранҷу азоб метарсам,*
*На зи ҳоли хароб метарсам,*
*Бими тӯфони мавҷҳоям нест,*
*Аз хаси рӯи об метарсам.*
*Бо замона ҳисоби ман пок аст,*
*Аз ду-се каҷҳисоб метарсам.*
*Аз сиёсат набошадам боке,*
*Аз сиёсатмаоб метарсам.*
*Дӯш гар бошитоб мерафтам,*
*Ин замона аз шитоб метарсам.*
*Дӯш аз ман шароб метарсид,*
*Ман кунун аз шароб метарсам.*

Лоиқ шоири ишқсаро буд. Офаридаҳои ӯ ба мавзӯи ишқи (лирикӣ) доманаи васеъ доранд. Ба ибораи худи шоир «Лоиқ –шоири ошиқ» буд. Аз ибтидо то интиҳо (шеъри нахустинаш «Ном» 1959 ва то сурудаҳои июни 2000) тааллуқ ба паҳлӯҳои шеъри ғиноӣ

(ишқия) равона карда шудаанд. Тавре, ки гуфтем бархе аз шеърҳои ӯ мазмуни ишқӣ доранд. Ҳамин манзараро дар шеъри «Номаҳоят» мушоҳида кардан мумкин:

*Шаб, чу хондам номаҳоят,*
*То саҳар хобам наёмад.*
*Дар дилам ошӯби маҳшар,*
*Бар сарам омад қиёмат…*
*…Гуфта будӣ: «Баъди хондан»*
*Номаҳоямро бисӯзон*
*Гар бисӯзамшон бисӯзад*
*Боқии дил, боқии чон…*

Азбаски шеърҳои ошиқонаи шоир хеле зиёд мебошанд, мо тавонистем, ки чанде аз онҳоро қаламкашӣ намоем. Барои мисол шуда метавонанд «Номаҳоят», «Кӣ дар овони ҳаждаҳсолагиаш», «Кабутарҳо» ва ғайра (Аввалу охири ишқ. саҳ. 53-70)

Қаҳрамони шеърҳои Лоиқ обу ҳавои хоки Тоҷикистон, фазои ҷомеаи мо мебошад. Аммо худро фарзанди тамоми одамизод, номбардори Замину Замон, пайвандгари соҳили дирузу имрӯзу фардо, чун сабза миёни Замину Хуршед посбони зиндагону мурдагони инсоният мешуморад. («Варақи санг» ниг.саҳ 50-65)

Устод Лоиқ бар ин ақида аст, ки «агар мо дарди миллатеро гӯему хушбахтии онро хоҳем, комил нест, чунки инсоният аз мадди назари ӯ дур нест. Вале агар бихоҳем, ки миллатро ҳамчун як ҷузъи инсоният хушбахт бинем, ин чизи дигар аст. Аз нигоҳи Лоиқ инсоният комил набуду нест ва нахоҳад шуд.

Ақидаҳои фалсафии Лоиқ барои қадру қиммату манзалат надоштани инсон аз нигоҳи фитрию ақли, як шеър фикрҳои ӯро равшангаранд:

*Чи нуқсон дорад ин мардум чӣ ин сон,*
*Надорад ҳеҷ қадр монанди инсон.*

Лоиқ на шоирест ҳарзагӯй-барзагӯй, балки ӯ ҳақгӯй ва ростгӯй буда аз ҷавҳари (қалб) инсон бохабар шуда ба ӯ ва ҳастии ӯ баҳо медиҳад. Бисёре аз мунақидону таҳқиқгарон нисбати шеъри ӯ кӯшиш намудаанд, ки манбаъ ва маншаъҳои баҳрабардориҳои ӯро дар эҷоди ин ё он навъҳои шеър, мавзӯъ ва мазмун ё худ чизҳои дигаре ташхис диҳанд, аз ин ё он шоирони гузашта ва имрӯза ном гузоранд.

Мо тавре ки дар боло иброз доштем мазмуни шеъри Лоиқ Шералӣ ба адиби бузурги рус ба монанди Есенин, Лермонтов ва Пушкин садо медиҳад. Аммо талаффуз, баён, баромади сухан ва навовариҳо дар шеъри ӯ низ ҷой доранд. Мутмаинем, ки ҳар хонанда аз шеъраш ба худ аз дарё қатрае ҳам бошад ғизои маънавӣ мебардорад.

Бо як сухани халқӣ, ки пурмазмуну пурмуҳтаво мебошад «То зи ман намонӣ-қадри ман надонӣ». Имрӯз баъд аз сари Лоиқ ҳама ангушти ҳайрат мегазанд. Шеъри ӯ мехонанд. Ёдовари аз ӯ мекунанд. Қиммати ӯ мешиносанд. Ба ҳар ҳол омӯзиш аз атрофии ҳаёт ва рӯзгору мероси гаронбаҳои Лоиқ чашмаест зоянда давлатест поянда. Чунончӣ шоир дар издиҳоми худ чунин:

*Дӯстон, вақти гули хор маро ёд кунед,*
*Чун гули санг зи кӯҳсор маро ёд кунед.*
*Гар бихоҳед, ки ман хуфта набошам дар хок,*
*Бо дилу дидаи бедор маро ёд кунед.*
*Ҳар гаҳе ҷом ба каф масту гаронҷон хонед*
*Шеъри Хайём ба такрор маро ёд кунед*
*Ғаму шодии ҷаҳон дар дили ман хок шудааст*
*Сари ҳар шодию тимор маро ёд кунед.*
*Ҷоми умри ман пуршӯр агар нима шикаст*
*Сари ҳар масти саршор маро ёд кунед.*

Азизони беҳтар аз дилу ҷон Шумо бояд донед, ки Лоиқ ҳамеша тарафдори баҳра бардоштан ва омӯзиши пайваста аз осори дигарон буд, вале таъкид намудааст, ки «набояд аз эҷоди дигарон суистифода кард». Ба қавли шоир бояд ҳар шахс аз ҳисоби худ «Ҳар ки нон аз амали хеш хӯрад»-ро дорад. Ё худ дар ҷои дигар: «Ба роҳи тай намудаи дигарон намегузорам қадам».

Лоиқ шоири фавқулода, ҳимматбаланд, покбоз ва ҳақгӯ мебошад. Ҳар ҷо, ки аз касе илҳом гирифтааст, пайравӣ намудааст, баҳра бардоштааст ва ё тақлид кардааст, ошкоро ба онҳо ишора намудааст, аз ҷумла ба Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайёму Ҳофиз,

Хусрави Деҳлавию, Мавлоно Румӣ, Соибу Камол, Маликушшуарро Баҳор, Эраҷ Мирзо ва Муҳаммад Иқбол ва дигарон.

Ба фикри банда ҳар адибе дар ашъораш аз эҷодиёти даҳонакии халқ (фолклор) истифода мебарад, барои хонанда ҷолибтар хоҳад шуд. Ашъори бегазанди Лоиқ низ аз моли халқ (Э.Д.Х) об хӯрдааст. Ӯ мегӯяд: «Истифода намудан аз эҷодиёти даҳонакии халқ ба дили халқ наздик хоҳад шуд.

«Рӯзе ки ғами ту хӯрда шодон будам» далели ин гуфтаҳоянд.

Бартарии Лоиқ нисбат ба ҳамзамононаш, ҳамқаламонаш дар он буд ки ҳама чизро аз наздик ба қалами худ месанҷид. Меомӯхт. Бозомӯзию худомӯзӣ мекард.

Фоҷиаҳои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон сар зада буд, дар осори Лоиқ оварда шудааст. Ин фоҷиаҳо дар шеърҳои шоир таъсири амиқ ва муассир гузошт.

Осори индавринаи шоир саросар лабрези ҳасрату дар даст аз хорию афтодагӣ, забунию бечорагии миллати тоҷик, аз хештаншиносӣ, аз пора-пора шудани он ба маҳалҳо, аз вайронию ноободии кишвар, аз он ки ин сарзамини замоне ободу ором имрӯз ба маргистон, ба кушторгоҳ, ба мурдахона, ба ошёни камону камонгарон табдил ёфтааст. Шоир бо як андӯҳи бузург гуфтааст, ки имрӯз аз хоки меҳан бӯи гӯр меояд ва оби он таъми маргро дорад. Сабаби чунин ранг гирифтани ашъорашро шоир аз зиндагии «урёну гирён»-и он даврон медонад ва бо сароҳат бо ҳаяҷони беандоза ишора менамояд:

*Дар ин даврон, ки ҷисми зиндагӣ урёну гирён аст,*
*Сухан нолон, сухан гирён, сухан ҳам низ гирён аст….*

Ё:

*Гаҳе дар ҳасрати ваҳдат гиристам,*
*Гаҳ аз хорию зиллат гиристам.*
*Чу донистам, ки тоҷик нест миллат,*
*Ба иллатҳои ин миллат гиристам.*

Шоири хуниҷигар (ӯ худро ҳамин тавр ҳам номидааст) тамоми тавоноӣ ва ҳунаре, ки дошт зангӯлаи бедорӣ ва муттаҳидии миллаташро дар шеъраш тасвир намудааст. Лоиқ шеърҳои Сайидои Насафиро «Мурғи беболу паре дидам омад ба ёд»-ро дар шеърҳояш ёд аз вайронию валангории ватанаш ба ёд меоварад:

*Дили ман, эй дили бечораи ман,*
*Дили ғампарвару ғамхораи ман.*
*Туро сад пора хоҳам кард охир,*
*Ғами ин миллати садпораи ман.*

Ҷангҳои шаҳрвандии солҳои 1990-1994 ба ашъори Лоиқ саҳфаҳои навро кушод. Дили ҷигархуни шоир ба ин ватани аламзада месӯхт. Дили ӯ хатар аз нестшавии миллат дошт. Қалами шоир тамоми ин ҳодиса ва воқеаҳоро ба тасвир дода ва ба дили одамон таскин мебахшид. Ӯ Тоҷикистонро дар он солҳо ватани ду гурӯҳа номидааст. Вай, ба гуфтаи худаш, на ёри ин шуду на ёри он…

*Бо ҳама ашку хуну тиру туфанг,*
*Чӣ кунам, к-ин замин диёри ман аст.*

Бояд гуфт, ки Лоиқ ба худ ва ба сифати як қаламкаш ва офаридаҳояш бағоят сахтгир ва серталаб буд. Шоир Лоиқ Шералӣ аз болои худ кор мекарданд. Бедорхобиҳо мекашиданд. Забони шеърашро мепазониданд. Ягон мунаққид ба шеъри ӯ эрод нагирифтаанд (А. Раҳимзод. Лоиқшиносӣ).

Чунончӣ Лоиқ Шералӣ гуфтааст: «Чанде пеш тамоми китобҳоямро аз нав хонда, тамоми шеърҳоямро сара кардам. Ва шеърҳое ёфтам, ки пеш аз ман мурда. Онҳоро хатти бутлон кашида ҳатто байте ҳам гуфтам:

*Чанд рӯзе, ки дар ин дунёи равшан зистам,*
*Бар мазори шеърҳои мурдаам бигиристам.*

Лоиқ кори таҳриру тасҳеҳи осорашро то дами марг давом додааст. Ва мо нишонаҳои онро дар он китоб ва маҷмуаҳое мебинем, ки бо неши қалами ӯ ислоҳ шудаанд ва дар бойгонии шоир нигоҳдорӣ мешаванд. Ҳамин манзараро дар бисёре аз абёти шоир дидан мумкин аст:

*Мард он, ки сарафроз сари дор бимирад,*
*Як бор таваллуд шуда, як бор бимирад.*

*Мард он, ки сари қулла чу хушхонаи хуршед,*
*Аз қисмати худ розию саршор бимирад…*
*…Мард он, ки шарафманду баномусу ҷавонмард,*
*Бо ин ҳама озор сазовор бимирад!*

Адиби миллатпараст ва ватандӯст дар рӯзҳои оштии миллӣ кӯдаквор меболид ва бо қаноатмандӣ бо ҳама мегуфт, ки боз аз нав вақти шодию сурур расид.

Ҳазор афсӯс, ки шоире, ки бо дили худ худафрӯзиҳо мекард, аммо шаҳди истиқлол начашид. Ӯ ташналаб рафт. Шоир бо бемории фишори хун гирифтор шуда ба сактаи мағз расид:

*Ба сарам фишори гардун, ба дилам фишори ҳар дун,*
*Зи фишори зиндагонӣ, ба фишори дил расидам.*

Тамоми ашъори шоири зиндаёд Лоиқ то кунун ба қалбҳо наздику писанд, ба гӯшҳо форам ва вирди забонанд. Чунончӣ шеърҳои ӯ муассиранд:

*Сар ба пои зиндагӣ бинҳода мемирем мо,*
*Зода меҳнатзода, меҳнатзода мемирем мо.*
*Зиндагӣ ҳарчанд гирдоби мураккаб метанад,*
*Сода-сода зиста, ҳам сода мемирем мо….*
*…Дигарон ҷон дода миранд аз дасти аҷал,*
*То маҷоли вопасин дилдода мемирем мо.*
*Мисли марди қуллапаймое, ки маргаш қулла аст,*
*Аз баландии сухан афтода мемирем мо.*

Шеъри Лоиқ тариқи радио, телевизион, минбарҳо, майдонҳо, кӯчаву бозорҳо, базмҳову дар размҳо, дар синаҳои мардум-дар тамоми гӯшаи Тоҷикистон садо медиҳад. Гуфтаҳои ӯро дар рӯи санги гурии тоҷикон (Варақи санг) дидан мумкин аст. Банда шоири дигареро чун Лоиқ бо ин ҳама маҳбубият ва маъруфият намедонам. Лоиқ шоирест, ки дар рӯзи хурсандӣ, хурсанд ва дар рӯзи ғаму андӯҳ ғамхӯрдаи ғамзадагон буд.

Устод Лоиқ бо тамоми маънӣ шоири тамоми миллат буд. Ба қавли (Гулназар Келдӣ) эҷодиёти ин шоир худ як адабиёт мебошад. Офаридаҳои Лоиқ хазинаи пурҳикмати адабиёти тоҷик маҳсуб меёбанд.

Хонандаи гиромӣ ва алоқамандони ҳамешагии осори Лоиқ хуб эҳсос намуданд, ки мероси пурғановати шоир танҳо бо шеър ифшо шудааст. Ба ғайр кори шоири ӯ ба корҳои тарҷумонӣ ва тақризнависию ба кори пешрафти адабиёт саҳми худро гузошт. Ҳамин аст, ки имрӯз ба некӣ вирди забонҳост.

Агар ба иштибоҳ роҳ надиҳем то кунун ва ҳанӯз Лоиқ ва шахсияти эҷодияш дуруст ва пурра шинохта нашудааст. Ин он маъноро дорад, ки то ҳол ақидаҳои фалсафию ахлоқӣ, идеологию сиёсӣ, ҷабҳаҳои ҳаёти шоирро ба пуррагӣ наомӯхтаанд. Зеро мактаби адабии Лоиқ дабистони фарох мебошад. Мо бояд ҳама дар якҷоягӣ ва бо ҳамдастагӣ ин холигиҳоро пур намоем ва бо ҳамин рӯҳи шоири бузурги миллатамонро дар дили хок шод намоем.

**Китобнома:**


1. Лоиқ Шералӣ. Куллиёт 2001с, 1398саҳ
2. А Раҳимзода. Лоиқшиносӣ 2009 сол, 38саҳ
3. Лоиқ Шералӣ. Вараҳи санг 1980с, 270 саҳ
4. Одобнома Б.Боронов. Душанбе-2004
5. Лоиқ Шералӣ. Дасти дуои модар – 1991с, 110саҳ
6. Лоиқ Шералӣ. Ману дарё – 1991с, 304 саҳ
7. Лоиқ Шералӣ. Аввалу охири ишқ – 1994с, 272 саҳ
8. Лоиқ Шералӣ. Фарёди бефарёдрас – 1997с, 238 саҳ


## Аннотатсияхо***

# НОМУТАНОСИБИИ ФУНКСИОНАЛИИ НИМКУРРАҲОИ МАЙНАИ САР НАТИҶАИ СУСТ ШУДАНИ ОМӮЗИШИ ХОНАНДА ДАР РАФТИ ТАЪЛИМ

***БОБОЁРОВ Х.,***
*ходими калони илмии*
*шуъбаи педагогика ва психологияи*
*Пажӯҳишгоҳи рушди маориф*

Яке аз масъалаҳои умдаи таҳсилоти имрӯза масъалаи таълим ва тарбияи кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд ба шумор меравад. Мутаасифона омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки вазъи таҳсилоти фарогир дар мамлакати мо начандон хуб аст. Дар ин самт омода намудани мақолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ ва тавсияҳои мувофиқ барои мактабҳои махсус аз зумраи мушкилоти аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Дар баробари ин, омода намудани асарҳои илмии марбути ин масъала низ бисёр муҳим аст. Чунки таълим ва тарбияи кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд аз омӯзгор ва мураббӣ ҳамаҷониба фаҳмидани сохтори нуқс, имкониятҳои маҳдуди психикӣ ва хусусиятҳои инкишофи психикиро талаб мекунад.

Масъалаи осебҳои майнаи сар ва ихтилолҳои гуногун, ки дар рафтор, нутқ ва тафаккури бемор ба вуҷуд меоянд, масъалаи муҳими илми муосир маҳсуб меёбад. Дар ин самт нақши махсусро коркарди методу усулҳое мебозанд, ки тавассути онҳо характери осеб, амиқии таъсири он, давомнокии зоҳиргардии он дар рафтор, нутқ, хотир ва тафаккури инсон ташхис карда мешаванд. Ташхиси саривақтӣ имконият медиҳад оқибатҳои нохуши осебҳои мабдавии майнаи сар пешгирӣ гашта, натиҷаҳои он ислоҳ карда шаванд.

Дар нимкурраҳои майнаи сар масъалаи коркарди ахборот дар доираи номутаносибии байнинимкурравӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва асосии ташхиси нейропсихологӣ ба шумор меравад. Дар солҳои охир доир ба ин масъала корҳои зиёди клиникию психологӣ ва озмоишӣ анҷом дода шудаанд. Дар баробари ин омӯзиши назариявии натиҷаҳои тадқиқотҳои зиёд исбот мекунад, ки масъалаи коркарди ахборот дар нимкурраҳои чап ва рости мағзи сар омӯзиши минбаъдаро дар сатҳи байнисоҳавӣ талаб менамояд.

Дар солҳои охир роҷеъ ба нақши баранда доштани нимкурраи чап дар коркарди ахбороти шифоҳӣ ва нимкурраи рост - ахбороти ғайришифоҳӣ консепсияи бартарияти нисбии нимкурраҳо (консепсияи бартарияти ҷузъии нимкурраҳо) кор карда бароварда шуд, ки мувофиқи он бартарияти ҳар яке аз нимкурраҳо дар раванди коркарди ахборот танҳо дар доираи функсияи муайян ва ё унсурҳои алоҳидаи ин функсияҳо паҳншуда, характери динамикӣ дорад. Ҳамзамон, он аз шифоҳӣ ё ғайришифоҳӣ будани ахборот нисбатан камтар вобаста буда, бештар аз давраҳои ҳалли масъала вобастагӣ дорад.

Дар баробари чунин нуқтаи назар дар адабиёти соҳавӣ як қатор дихотомияҳо вуҷуд доранд, ки ё ба характери ангезаҳои пешниҳодшаванда ва ё ба принсипҳои инъикоскунандаи тарафҳои алоҳидаи раванди коркарди ахборот равона гардидаанд.

Дар зимни дихотомия (ба ду қисми баробар тақсим кардан) аз рӯи меъёри «шифоҳӣ-ғайришифоҳӣ» чунин шаклҳои асосии дихотомияи нимкурраҳо ба назар мерасанд:

1) Дихотомия аз рӯи принсипи идроки ангезаҳои оддӣ, нисбатан шинос - нимкурраи чап ва ангезаҳои мураккаб, тафриқаашон душвор, камошно - нимкурраи рост.

2) Дихотомия аз рӯи принсипи баҳодиҳии ченакҳои замонӣ ва маконии ангезаҳо, замонӣ - нимкурраи чап, маконӣ - нимкурраи рост.

3) Дихотомия аз рӯи принсипи таҳлил - нимкурраи чап ва таркиб - нимкурраи рост.

4) Дихотомия аз рӯи принсипи идроки паиҳамии ангезаҳо - нимкурраи чап ва идроки яквақтаи онҳо - нимкурраи рост.

5) Дихотомия аз рӯи принсипи идроки абстрактӣ - нимкурраи чап ва идроки мушаххас (конкретӣ) - нимкурраи рост.

Дар ин ҷо танҳо дихотомияҳое оварда шудаанд, ки дар адабиёт нисбатан бештар баён мешаванд, вале онҳоро на ҳамагон эътироф мекунанд, зеро далелҳои зиёде мавҷуданд, ки бо онҳо мухолифат доранд.

Нишон дода шуд, ки дар шароитҳои муайян ин ё он тарафи фаъолияти шифоҳӣ дар ростдастон метавонад аз ҷониби нимкураи рост, ғайришифоҳӣ бошад аз ҷониби нимкурраи чап таъмин карда шавад. Ҳамзамон, нақши барандаи нимкурраи рост дар равандҳое аён мегардад, ки баҳодиҳии хусусиятҳои персептивии ангезаҳои шифоҳиро талаб менамояд (масалан, муқаррар кардани айнияти ҳарфҳо бе таҳлили фонетикию лингвистикии онҳо), нақши барандаи нимкурраи чап бошад, дар равандҳои алоқаманд бо тавсифдиҳандаҳои категориявию семантикии ангезаҳо аён мешавад (масалан, фарқ кардани ҳарфҳо аз рӯи хусусиятҳои фонетикии онҳо).

Маънидод кардани ин маълумотҳо дар асоси он назарияе имконпазир шуд, ки дар солҳои охир дар доираи психологияи когнитивӣ васеъ эътироф гардидааст. Моҳияти ин назария дар он ифода меёбад, ки нақши ҳар як нимкурраро дар таҳлил ва таркиби ин ё он ангеза на характери маводи пешниҳодшаванда (шифоҳӣ ё ғайришифоҳӣ), балки характери супорише, бештар муайн менамояд, ки аз ҷониби субъект ҳал карда мешавад ва ҳамчунин, мувофиқан он дараҷаи функсионалии коркарди ахборот, ки ин ҳал бо он робитаи зичтар дорад.

Дараҷаи функсионалии коркарди ахборот, ки масъалаи гузошташуда асосан ба он равона гардидааст, чунин стратегияеро муайян месозад, ки бо ёрии он ин масъала ҳал карда мешавад. Асосан ду дараҷаи функсионалии коркарди ахборот фарқ карда мешавад.

1) Дараҷаи нисбатан паст, ки ҳамчун дараҷаи персептивӣ ифода шудааст ва бештар бо кори нимкурраи рост робита дорад. Дар ин дараҷаи коркарди ахборот раванди таҳлили хусусиятҳои персептивӣ-образии ангезаҳо бе назардошти тавсифдиҳандаҳои маъногии онҳо ҷараён мегирад.

2) Дараҷаи нисбатан баландтар, ки чун дараҷаи категориявӣ-семантикӣ ишора гардида, асосан бо кори нимкурраи чап алоқаманд аст. Дар ин самт тавсифдиҳандаҳои семантикӣ, категориявии ангезаҳо таҳлил ва ҷанбаи мазмунии онҳо баҳо дода мешаванд.

Ҳамин тавр, агар барои ҳалли масъала таҳлили персептивӣ, образии тавсифдиҳандаҳои ангеза кифоя бошад, пас нақши барандаро нимкурраи рост иҷро мекунад, ки асосан бо дараҷи персептивии коркарди ахборот робита дорад. Вале агар барои ҳалли масъала баэътиборгирии хусусиятҳои категориявӣ, семантикии ангезаҳо муҳим бошад, пас нимкурраи чап, ки бо дараҷаи функсионалии коркарди категориявӣ-семантикии ахборот робита дорад, нақши барандаро ба зимма мегирад.

Махсусан, ба он ҷамбаҳое эътибор додан лозим аст, ки барои фаъолияти ҳар як нимкурраи майнаи сар хосанд. Вобаста ба ин аз таҳқиқи фаъолияти биноии шахсони солим ва беморони дорои ихтилоли нимкурравӣ як қатор маълумоти эксперименталӣ ба даст оварда шудааст. Дар асоси ин таҳқиқот 2 тарзи асосии коркарди ахборот фарқ карда шуд, ки аз ҷониби майнаи сар ҳангоми шинохти мавод истифода мешавад: 1) усули муоина, баҳодиҳии ҷузъ ба ҷузъи аломатҳои алоҳидаи мушаххасу аёнии ангезаҳо, ҷамъсозии оддии онҳо ҳангоми сатҳи нисбатан пасти ҷамъбасти ин аломатҳо ва 2) усули ҷудосозии аломатҳои муҳим, таснифот ва баҳодиҳии ҷамъбастӣ. Усули аввал бо фаъолияти нимкурраи рост ва дуюм бо фаъолияти нимкурраи чап алоқаманд аст. Дар шароитҳои оддӣ ҳарду нимкурраҳо якҷоя ва муттаҳид амал карда, коркарди ахборотро ҳам дар сатҳи образӣ-персептивӣ ва ҳам дар сатҳи ҷамъбастнамой-категориявӣ таъмин менамоянд.

Дар бемороне, ки дар онҳо нимкурраҳои мағзи сар зарар дидааст, манзараи дигар намудор аст. Бемороне, ки нимкурраи чапашон зарар дидааст ва ҳангоми он асосан равандҳои таркиб ва баҳои ҷамъбастии хабарҳо осеб ёфтаанд, кӯшиш менамоянд, ки ин норасоиро бо роҳи шинохтагирӣ ҷуброн намуда, амалиётеро анҷом диҳанд, ки аз муоинаи оддии қисмҳо ё фрагментҳои тасвир асос ёфтаанд. Ҳамин тавр, масалан, ҳангоми пешниҳоди бисёркарата ва кӯтоҳ-кӯтоҳи тасвири велосипед бемор паиҳам қисмҳои алоҳидаи онро ҷудо намуда, мегӯяд: «чарх, нишастгоҳ, боз чарх, чанбар, педал» ва танҳо пас аз ин ҷудо ва ҷамъсозии қариб тамоми қисмҳо метавонад баён кунад, ки тасвири пешниҳодшуда расми велосипед аст. Чунин стратегия барои шинохтан вақти зиёдро талаб мекунад, вале дар охир имконият медиҳад, ки ба дараҷаи каму беш дақиқ объект шинохта шавад. Аммо бемороне, ки дар онҳо нимкурраи рост зарар дидааст ва ҳангоми он асосан идрок, баҳисобгирӣ ва баҳодиҳӣ ба хусусиятҳои мушаххасу

инфиродии тасвир, қисмҳои алоҳидаи он халал ёфтаанд, бар хилофи беморон нимкурраи чапашон зарардида барои ҷуброн кардани ин камбудӣ аз рӯйи тағйир ёфтани шинохтагирӣ камтар қобилият доранд. Вобаста ба ин раванди шинохтан дар онҳо вақти ниҳоят зиёдро мегирад, характери номуташаккил ва гоҳо хаотикӣ (бетартибона) дорад: бемор қисмҳои алоҳида, аксаран дуюмдараҷа, вале нисбатан аёну чашмраси тасвирро ҷудо намуда, дар асоси ин қисмҳои аксар вақт аниқ муайян нашуда - бе таҳлил ва баҳодиҳии робитаи онҳо бо дигар қисмҳо - кӯшиш мекунад, ки доир ба тасвир хулосаи яклухт барорад. Масалан, ҳангоми пешниҳоди тасвирҳои ҷумаки чойник пас аз тасвири дудлӯлаи паравоз тавассути тахистаскоп бемор баён мекунад, ки тасвири паравозро дидааст ва тасвири чархи веллосипедро пас аз тасвири офтоб дида, тасдиқ мекунад, ки расми офтобро дидааст.

Ҳамин тавр, нимкурраи чап дар ҳолати зарар дидани он метавонад, ба дараҷаи муайян стратегияи дар ҳолати эътидол ба нимкураи рост хосбуда, яъне стратегияи муоинаи ҷузъ ба ҷузъи хабарро истифода барад. Нимкурраи рост бошад, дар ҳолати зарар дидан стратегияи ба ӯ хосбуда, яъне стратегияи баҳои ҷузъ ба ҷузъи қисмҳоро қисман ё комилан аз даст дода, танҳо дар ҳадди ниҳоят маҳдуд ва он ҳам дар сатҳи нисбатан пасти мушаххасу образӣ стратегияи ҷамъбастро аз рӯи аломатҳои алоҳида ва аксаран аниқ шинохта нашудаи хабар истифода мебараду халос.

Чунин тафриқа дар байни нимкурраҳо замина ба вуҷуд меоварад, то дар бораи он фикр кунем, ки нимкурраи чап ҳадди ақал ду стратегияи коркарди ахборотро истифода мебарад, илова бар ин стратегияи таҳлили ҷузъ ба ҷузъ аз ҷониби нимкурраи чап танҳо дар шароитҳои махсус - асосан дар шароитҳои зарар дидани он амалӣ гардонида мешавад ва он дар шакли нисбатан маҳдуду тахфифшуда амал мекунад.

Нимкурраи чап дар иҷрои супоришҳои алоқаманд бо шинохти тасвирҳои нисбатан соддаву ошнои тартиби гуногун (калима, ҳарф, шаклҳои соддаи геометрӣ, чеҳраҳои шинос ва ғайра) нақши барандаро иҷро мекунад, метавонад маънои онро дошта бошад, ки дараҷаи баланди шинохтагирӣ барои шаклгирии чунин системаи аломатҳои муҳим дар нимкурраи чап шароити зарурӣ ба вуҷуд меорад ва одам метавонад ба сатҳи сифатан нави ҳалли масъала барояд.

Таҷрибаҳои зиёди гузаронидашуда нишон доданд, ки ҳангоми патологияи нимкурраи чап бештар чунин ҷамбаҳо зарар мебинанд: 1) баҳодиҳии иерархияи аломатҳои образ - қобилияти ҷудо кардани аломатҳои муҳими ахбороти ангезавӣ ва муттаҳид сохтани ин аломатҳо дар образи ягона (ҷамъбастшуда); 2) таснифоти ангезаҳо - қобилияти барқарор кардани принсипи таснифот бо назардошти ин ё он аломатҳои муҳим ва ба таври муносиб истифода бурдани онҳо дар раванди таснифот; 3) қобилияти андӯхтани таҷрибаи нав - қобилият ба омӯзиш; 4) бахотиргирии аломатҳои ҷамъбастшудаи категориявии хабарҳо; 5) имконияти ҷудонамоии аломатҳои давомнокии хабарҳо ва пайдарҳамии онҳо.

Гуфтан ба маврид аст, ки ҳамаи вайроншавиҳои нишондодашуда, ки аз норасоии функсияи ҷамъбасти категориявӣ ҳангоми осебҳои нимкурраи чап шаҳодат медиҳанд, аз бисёр ҷиҳат алоқаманданд бо вайроншавии функсияи танзимии нутқ новобаста аз он, ки худ нутқ зарар дидааст ё не. Ҳангоми патологияи нимкурраи рост асосан зарар мебинанд: 1) баҳодиҳии хусусиятҳои мушаххасу хоси маводи ангезавӣ дар ҳолати каму беш барқарор мондани қобилият ба ҷамъбастнамоӣ ва ҳамчунин, имконияти дар як вақт фарогирӣ ва баҳисобгирии як қатор аломатҳои мушаххас ва хоси образ. Вайроншавии қобилияти ҷамъбастнамоӣ ҳангоми патологияи нимкурраи рост дар фарқият аз ихтилоли нимкурраи чап дуюмдараҷа буда, дар натиҷаи душворшавии ҷудосозӣ ва баҳодиҳии хусусиятҳои характерноку хоси ангезаҳо ва имкони баэътиборгирии яквақтаи як қатор аломатҳои онҳо ба амал меояд; 2) бахотиргирии аломатҳои мушаххас ва махсусгардидаи ангезаҳо; 3) баҳодиҳӣ ба ченакҳои фазогии ангезаҳо ва робитаи мутақобилаи фазогии онҳо; 4) устувории идрок ба таъсироти ғайр тавассути роҳҳои воқеии робита. Ин вайроншавӣ бо он алоқаманд аст, ки ҳангоми таъсироти халалрасон танҳо миқдори маҳдуди аломатҳои образ, ки дараҷаи гуногуни аҳамиятнокӣ доранд ҷудо карда мешаванд, ҳол он ки беморони гирифтори ихтилоли нимкурраи рост метавонанд танҳо дар ҳолати мавҷудияти аломатҳои зиёд ва қариб мукаммал хулоса бароранд. Маълумоти бадастовардашуда нуқтаи назари паҳнгардидаро дар бораи он, ки ҳангоми ихтилоли нимкурраи чап асосан қобилияти

таҳлилӣ ва ҳангоми ихтилоли нимкурраи рост - қобилияти таркибнамоии ахборот халал меёбанд, инкор мекунад.

Дар ин мақола сухан дар бораи он вайроншавиҳое рафт, ки умуман ба патологияи нимкурраи чап ё рост хосанд. Аммо мавҷудияти чунин вайроншавиҳо дар ихтилоли функсияҳои мушаххаси психикӣ низ, ки барои ҳар як минтақаи зарардидаи ҳудуди яке аз нимкурраҳо хос аст, зоҳир мешаванд. Ин вайроншавиҳо дар намуди синдромҳои мухталифи вайроншавиҳои ФОП (функсияҳои олии психикӣ) нишон дода шудаанд. Умедворем чунин мақолаҳо ба мураббиён, омӯзгорон, психологҳо ва духтурон дар самти таълиму тарбия ва ислоҳи нуқсонҳои кӯдакони мубталои осебҳои майнаи сар кӯмак хоҳад кард. Ба ғайр аз оила ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули ФОП боз муассисаҳои гуногуни таълимӣ-тарбиявӣ (боғчаи бачагона, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, интернат, коллеҷҳо ва ғ.) таъсир мерасонанд.

**Китобнома:**

1. Батуев А. С., Таиров О. П. Мозг и организация движений. — Л., 1978
2. Вассерман Л. И. Психологические методы исследования при локально-органических поражениях головного мозга//М. М. Кабанов и др. Методы психологической диагностики и коррекции в клинике.—Л.—1983.—С. 156—193.
3. Тонконогий И. М. Введение в клиническую нейропсихологию.—Л., 1973.
4. Bellini L., Benson D. Neuropsychological assessment of functional central nervous system disorders//Acta Psychiatr. Scand.—1988.—Vol. 78, N 2.—P. 242—246.

## ФУНКЦИОНАЛЬНАЯ НЕРАВНОМЕРНОСТЬ МОЗГОВЫХ ПОЛУШАРИЙ РЕЗУЛЬТАТ ОСЛАБЛЕНИЯ ОБУЧЕНИЯ ШКОЛЬНИКОВ В ПРОЦЕССЕ УЧЕБЫ

***БОБОЁРОВ Х.***

Вопрос о принципах переработки информации полушариями мозга является основным в проблеме межполушарной асимметрии и весьма существенным в нейропсихологической диагностике. В последние десятилетия накопилось немало клинико-психологических и экспериментальных работ по этой проблеме. Вместе с тем теоретическое осмысление результатов многочисленных исследований позволяет утверждать, что проблема переработки информации правым и левым полушариями головного мозга требует дальнейшего изучения на междисциплинарном уровне.

***Ключевые слова:*** *психолог, психология, система оценивания, знания, умение, поведение, учащегося, качество обучения и воспитания, индивидуальные особенности.*

## FUNCTIONAL NON-UNIFORMITY OF BRAIN HEMISPHERES RESULT OF EASING OF TRAINING OF SCHOOLBOYS IN THE PROCESS OF STUDY

***BOBOYOROV KH.***

The question on principles of processing of the information brain hemispheres is the core in a problem between Asymmetries and rather essential in diagnostics. Last decades psychological and experimental works on this have collected many problem. At the same time the theoretical judgement of results of numerous researches allows to confirm, the problem of processing of the information right and left cerebral hemispheres demands the further studying at interdisciplinary level.

***Keywords:*** *The psychologist, psychology, cerebral hemispheres cerebral hemispheres, knowledge, ability, behaviour, the pupil, quality training and education, specific features.*

# МАЪЛУМОТ ОИД БА ТИФЛОПЕДАГОГИКА

***СУЛТОНОВ М.Ч.***,
*мудири бахши педагогикаи*
*истисноӣ (инклюзивӣ)-и*
*ПРМ АТТ*

**Тифлопедагогика** — (аз юн. τυφλός — нобино ва педагогика) — илм оид ба тарбия ва таълими ашхоси нобино буда, қисми педагогика ва яке аз бахшҳои дефектология (нуқсшиносӣ) мебошад.

**Таърихи тифлопедагогика.**

В.А.Феоктистова менависад, ки: «*Огози омӯзонидани системавии нобиноён дар Россия ва рушди тифлопедагогикаи ватанӣ ба охири солҳои 70–уми асри XIX рост меояд. Аммо омӯзиши кӯдакони нобино аз аввали асри XIX огоз гардидааст*».[1]

Н.Н.Малофеев оид ба фаъолияти тифлопедагог В.Гаюиро ишора намуда менависад, ки: «*Таълимоти Гаюи дар Россия ва мушкилоти ӯ, ки зимни ташкили мактаб барои нобиноён дар ибтидои қарни XIX асос гузоштааст, пешбинишаванда ва назаррасанд. Модели омехтаи таълимоти махсуси Аврупоии омӯзиш, ки аз давраи сеюми таҳаввулоти пешрафти муносибати давлат ва ҷамъият ба одамони ноқисулақл бармеомад, наметавонист дар давраи дуюм барои ҳаёт тобовар бошад.*[2]

Амалан тамоми ҷомеа барои қабули навовариҳои хориҷии таълим омода набуд ва ин боис гардид, ки орзуи дастпарвари мактаби Париж ба якборагӣ амалӣ нагардад. Дар Россия ташкилу тайёр намудани педагогҳо аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ номумкину ғайриимкон гардида китобҳои релефӣ нолозим шуданд. Бо вуҷуди ин, Н.Н.Малофеев чунин хулоса мекунад, ки «… агар аз нуқтаи назари имрӯза ба фаъолияти ин олим баҳо диҳем, ӯ сазовори баҳои баланд аст».[2]

Н.Н.Малофеев ба зарурати иштироки фаъоли ҷомеа дар хусуси ташкили омӯзондани кӯдакони биноиашон суст, ки дар нимаи дуюми асри XIX Г.Г.Дикгоф, А.И.Скребитский ба ин масъала таваҷҷӯҳ карда буданд, ишора намуда зикр мекунад, ки он чиро К.К.Гроту ба даст оварда натавонист, барои В.Гаю натиҷа дод: «*Фаъолияти Грот ва Дикгоф дар хусуси ташкилу омӯзиши нобиноён дар муқоиса ба Гаю боровар буд, чунки дар охири асри XIX дар Россия муносибати давлату ҷамъият тағйир ёфта ёрмандии дунявӣ қувват гирифта, маълумотнокӣ арзиши базавии ҷамъиятӣ гардид, таълимоти нобиноён бошад, ҳамчун амалӣ гардонидани ҳуқуқ ба омӯзиши нобиноён шуд.*[2]

Чунин ҳолат ба «Ташкилоти ҷаҳонии дастгирии нобиноён» имкон фароҳам овард чандин муассисаҳои таълимӣ кушояд. Як зумра тифлопедагогҳои машҳур зарурати омӯзиши ҷамъиятии нобиноёнро зикр мекунанд. Мафҳуми калидӣ доштани маълумот барои нобиноро ишора намуда К.Ф.Лейко менависад, ки: «Танҳо тарбияи ратсионалӣ ва омӯзиш метавонанд нобиноро ҳамчун шахсият ташаккул дода барои иҷрои мавқеи амалии шаҳрвандии он мусоидат кунанд.

А.Н.Колубовский дар хусуси зарурати ҳалли ҷамъятии омӯзиши нобиноён чунин менависад*: «Омӯзиш барои нобино муҳимтар аз шахси бино буда, омӯзиши ҳамагонии нобиноён, яке аз масъалаҳои дар муддати наздиктарин ҳалшаванда дар назди ҳукумату ҷамъият аст».*

Муассиса барои нобиноён зери ҳимояи «Пуштибонӣ аз нобиноён» муттаҳид гардид.[3] Дар остонаи асрҳои XIX — XX ба ин ташкилот 47 муассиса тобеъ буд, ки аз ин шумора 24 омӯзишгоҳ барои бачагони нобино ва ҳамчунин устохонаҳо барои нобиноёни калонсол дар шаҳри Санкт-Петербург буданд. М.Рейх қайд мекунад, ки: «Дар ҳамаи 24 омӯзишгоҳҳои губерниявӣ дар соли 1889 - 653 кӯдак таълиму тарбия мегирифтанд».

Мисли муассисаҳо барои кару гунгҳо ба нобиноён низ, касбу кори ба онҳо мувофиқ барои дар оянада мутобиқ шудан ба ҳаёти рӯзмарра омӯзонда мешавад. Барои ҳалли ин масъала дар омӯзишгоҳҳо синфхонаҳои ҳунаромӯзӣ ва устохонаҳои касбомӯзӣ ташкил карда шудаанд. Баъди хатми омӯзишгоҳ «муассисаи пуштибон» барои мутобиқшавии иҷтимоии нобиноён ёрӣ мерасонад. Ин ташкилот барои ҷойи кори мувофиқ пайдо намудан, хобгоҳҳои махсус ва ёрии моддӣ барои он нафароне, ки бо

сабабҳои узрнок, ё бемори̅ наметавонанд барои рӯзгузарони̅ маблағ кор кунанд, кӯмак менамояд.[4]

То Инқилоби Октябр барои ташкил намудани системаи омӯзиш ва тарбияи кӯдакони нобино баъзе корҳои иҷрошуда ба назар мерасанд. Дар замони Шӯрави̅ бошад, системаи тафриқавии омӯзиш ва тарбияти кӯдакони биноияшон суст ташкил карда шуда корҳои фундаменталии илми̅ доир ба тифлопедагогика навишта шуда буданд, ки миёнашон корҳои тадқиқотии Земтсова Мария Ивановна[1] «Роҳҳои ҷубронсозии нобиноён дар раванди фаъолияти меҳнати̅ ва азхудкуни̅»; Муратов, Ростислав Сергеевич «Ҷуброн ва мушаххассозии нуқсони биноӣ бо ёрии воситаҳои техники̅ дар раванди таълимоти мактабии нобиноён ва сустбинон»; Касаткин Л.Ф. «Ташакули функсияҳои ҳаракатии кӯдакони нобино ва роҳҳои бартарафсозии норасоии инкишофии ҷисмони̅ дар раванди таълими мактаби̅»; Моргулис И.С. «Асосҳои назариявии раванди тарбияви̅ дар синфҳои ибтидоии мактаби нобиноён»; Агеев Е.Д. «Асосҳои ташкилию педагогии барқароркунии иҷтимоии ашхоси биноияшон зарарёфта»; Ермаков В.П. «Асосҳои илмии таълими нобиноён ва хонандагони сустбин бо нақшаи махсус ва нақши он дар омодасози̅ ба фаъолияти меҳнати̅»; Семёнов Л.А. «Асосҳои педагогии мукаммалшавии тарбияи ҷисмонии мактаббачагони нобино» назаррасанд.

**Тифлопедагогика ҳамчун илм.**

Тифлопедагогика ҳамчун қисмати таркибии педагогикаи умуми̅ дар асоси фалсафа, принсипҳои инсондӯстии таълим ва дар асоси принсипҳои умумидидактикии таълим, бо назардошти инкишофи махсуси кӯдакон ва калонсолони биноияшон халалёфта ташаккул ёфтааст. Асосҳои дақиқу назарраси тифлопедагогикаро таҳқиқоти И.М.Сеченов ва И.П.Павлов оид ба фаъолияти системаи олии асаб ташкил медиҳад.

Тифлопедагогика як қисми дефектология мебошад. Ҳамчунин дефектологияро метавон чун илми интегративи̅ дар радифи педагогика, психология ва тиб, ки ба масъалаҳои омӯзиш ва таълиму тарбия равона гардидаанд, гузошт. Ин илм бахшҳои тибби̅-биологи̅ ва педагоги̅-психологи̅ дорад, ки дар маҷмӯъ ба як мақсад - тарбияи ашхоси ақлан ташаккулнаёфта равона гардидааст. Дар замони муосир шартан метавон дефектологияро ба таълимот оид ба омӯзиш, тарбия ва парвариши ашхоси гуногуни инкишофашон суст, қисмат намуд. Яке аз ҳамин гуна таълимот тифлопедагогика мебошад, ки ҷанбаҳои педагоги̅-психологии кӯдакони биноияшон нуқсдоштаро дар худ таҷассум мекунад, аз ҷумла офтолмология, невропатология, психиатрия, нейрофизиология (илмҳои тибби̅-биологи̅); тифлоравоншиноси̅, тифлопедагогика (илмҳои педагоги̅-психологи̅). Вазифаҳои тифлопедагогика ҳамчун илм баррасии масъалаҳои асосии зерин мебошад:

- омӯзиши педагоги̅-психологи̅ ва клиникии ашхоси биноиашон зарардида; муайян намудани вайроншавии фаъолияти узви биноӣ ва рушди ҷисмониву психики̅ зимни ин бемориҳо;
- роҳҳо ва шароитҳои ҷубронnамоиву барқарорнамоии фаъолият ҳангоми нобиноӣ ва сустбини̅; омӯзиши шароитҳо ҳангоми ташаккули шахсият зимни шаклҳои гуногуни фаъолияти узвҳои биниш.

Мавқеи муҳимро ишғол мекунанд:

- коркарди мӯҳтаво, усулҳо ва ташкили омӯзиши асосҳои илмҳои техники̅, меҳнати̅ ва касбии нобиноён ва ашхоси биноияшон суст; муайян намудани навъ ва шакли муассисаҳои махсус барои таълиму тарбия;
- коркарди асосҳои илмии сохтани нақшаҳои таълими̅, барномаҳо, китобҳо ва усулҳои фарди̅;

Диққати асоси̅ равона карда мешавад ба:

- ташкили воситаҳои махсуси техники̅ барои рушди ҳамаҷонибаи ашхоси биноиашон суст ва баланд бардоштани сатҳи омӯзиши онҳо, мутобиқсози̅ ба меҳнат ва ҷомеаи муосир;
- коркарди системаи чорабиниҳо оид ба беҳдошт ва ҳимояи ҳуқуқи нобиноён;
- сохтани тарҳи биноҳои махсуси таълими̅, тарбияви̅ ва тайёрии меҳнати̅;

Усулҳои зерин барои таҳқиқи тифлопедагогика истифода мешаванд:

- назорат ба раванди таълим, тарбия ва рушди кӯдакон;
- таҷрибаи табиӣ,омӯзиши̅. лаборатори̅ ва педагоги̅-психологи̅;

- сӯҳбатҳо;
- таҳлили корҳои таълимӣ (корҳои хаттӣ, намунаҳои гуногуни фаъолияти тасвирӣ ва меҳнатӣ).

Тифлопедагогика ба илмҳои муштарак бо худ: педагогикаи умумӣ, дефектология (нуқсшиносӣ), тифлопсихология, офталмология, беҳдошти мактабӣ, педиатрия, асабшиносии кӯдакона ва ғайраҳо кор мебарад.

Тифлопедагогикаи муосир бо илм асоснок кардашуда, ки роҳҳои пешгирӣ ва бартарафсозии норасоиҳо, механизм ва шароиҳои барои омӯзонидани ашхоси биноиашон сусти синну солашон гуногунро фаро мегирад. Дар рафти тарбияи кӯдакони синни томактабӣ барои рушди ҳамаҷониба ва дурустнамоии нуқсҳои характери физиологӣ ва психологидошта, тайёр намудан ба таълими мактабӣ, амалӣ карда мешавад. Зимни давраи мактабӣ кӯдакон маълумоти умумии миёна ва техникӣ дар ҳаҷми мактаби умумӣ, динӣ, ҷисмонӣ, тарбияи эстетикӣ, тайёрии иҷтимоӣ-психологӣ ва тайёрии меҳнатиро аз худ мекунанд. Мақсад аз таълими калонсолони биноиашон нуқсдошта ин, баланд бардоштани сатҳи маълумот ва мақоми меҳнатӣ-иҷтимоии онҳост. Ин мақсад бо дарназардошти синну сол, таҷрибаи амаливу ҳаётӣ ва сатҳи тайёрии умумимактабӣ амалӣ карда мешавад. Ба воситаҳои махсуси таълиму тарбия: дастуруламал оид ба муассисаҳои томактабӣ ва мактабӣ, нақша ва барномаҳои таълимӣ, шаклҳо, методҳо, аёният ва воситаҳои тифлотехникӣ[5] дохил мешаванд.

**Тифлопедагогҳо ва тифлопсихологҳои машҳури хориҷӣ ва рус:**

Валентин Гаюӣ, Луи Брайл, Самуэл Хауӣ, Владимир Александрович Гандер, Василий Яковлевич Ерошенко, Дмитрий Иванович Зоричев, Анна Иосифовна Каплан, Борис Игнатевич Коваленко, Август Адолфович Крогиус, Ростислав Сергеевич Муратов, Николай Анатолевич Семевский, Людмила Ивановна Солнтсева, Валентина Александровна Феоктистова.

**Китобнома:**


1. Феоктистова В.А. Хрестоматия по истории тифлопедагогики. – М.,1981.
2. Малофеев Н.Н. Обучение слепых в России XIX века: государства и филантропия // Дефектология. – 2004. - №5.
3. Феоктистова В.А. Хрестоматия по истории тифлопедагогики.- М.,1981. – С. 17.
4. Рейх М. Что делает мир для улучшения участи слепых. – СПб., 1901. – С. 50.
5. Ермаков В.П., Якунин Г.А. Основы тифлопедагогики: развитие, обучение и воспитание детей с нарушениями зрения: учебное пособие для студентов высших учебных заведений. – М., 2000.


## АННОТАТСИЯ **


Дар мақола асосан атрофи таърихи ташаккули системаи таълиму тарбияи кӯдакон ва афроди калонсоли нобино сухан рафта, ҳодисаҳои марбут ба пайдоиши мактабу тарбиятгоҳҳо барои нобиноён дар қаламрави Россия ба гунаи хронологӣ шарҳ дода шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *тифлопедагогика, дефектология, нобиноён, системаи таълиму тарбия, воситаҳои таълим, омӯзиш, инкишофи ҳамаҷониба.*


## «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ ВА ХЕШТАНШИНОСИИ МИЛЛӢ


***АМОНОВА М.Н.,***
*устоди калони кафедраи*
*забон ва фарҳанги соҳибкорӣ*


«Шоҳнома» рамзи бақои миллатест, ки дар аъмоқи таърих решаҳои устуворе дорад. Чун сарзамини Эрон борҳо аз сӯйи бегонагон фатҳ гардида, зери сумҳои аспони лашкариён поймол шуда буд, гумон мерафт, ки ҳама умедҳо бар бод рафтаанд ва эронитаборон дигар садое нахоҳанд дошт. Вале муҳаббати ватандорӣ ва меҳри

беандоза ба оину марзу буми хеш эшонро чунон ба ҳам пайванд медод, ки тавонистанд дигарбора аз миёни талҳои хокистар сар боло кунанд.

«Шоҳнома» сарчашмаи хеле гаронмояи мероси муштараки мардуми эронинажод аст, ки тулӯъи ҳувийяти миллиро дар он аз ҷаҳони устураҳо ва ҳамосаҳо то замони фармонравоёни вопасини сосонӣ ошкоро метавон бозҷӯст. Фирдавсӣ бегумон дар эҳёи забони форсӣ, ки яке аз рукнҳои ҳувийяти миллӣ маҳсуб мешавад, нақши муассире доштааст ва муҳтавои «Шоҳнома» вежегиҳое дорад, ки сабаби ҳамешегӣ ва пойдориву устувории ҳувийяти миллӣ гаштаанд. Муҳақиқини зиёде дар ин боб изҳори андеша намуда, зикр аз омилҳое мекунанд, ки аслан чун меҳваре барои ба ҳам омадани эрониёну эронитаборон нақш доштаанд.

Муҳаққиқи борикбин доктор Абулфазли Хатибӣ зимни пажӯҳишоти хеш роҷеъ ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ се авомилро зикр мекунад, ки аз онҳо бе тардид метавон ёдовар шуд.

Ӯ мегӯяд: «Гузашта аз забони форсӣ, муҳтавои «Шоҳнома» дорои се вежагии асосӣ аст, ки аз авомили истимрори ҳувийяти миллӣ то имрӯз аст».

1. Якпорчагии сиёсӣ: дар саросари «Шоҳнома» ҳеҷ даврае нест, ки Эрон бидуни фармонраво бошад.

2. Якпочагии ҷуғрофӣ: дар саросари «Шоҳнома» Эроншаҳр конуни рӯйдодҳост ва тамоми фидокориҳову ҷонфишониҳо барои бақои он аст.

3. Якпорчагии ривоёт: дар «Шоҳнома» бар хилофи дигар манобеи форсӣ ва арабӣ дар бораи таърихи Эрон ривоятҳо якдаст аст; бад- ин маънӣ, ки хонанда ҳеҷ гоҳ бо ривоёти гуногуне аз як рӯйдоди воҳид рӯ ба рӯ намешавад» (1:10).

Албатта ин се авомили муҳим танҳо хоси худи»Шоҳнома нестанд, балки дар манбаи паҳлавии он «Худойнома» фароҳам будаанд. Дар давраи таърихии «Шоҳнома» мавзӯи якпорчагӣ аз назари сиёсӣ ва диннӣ дар се марҳила қобили андеша аст. Марҳилаи нахуст замони Дорои Дороён-охирин подшоҳи каёнӣ дар таърихи миллист. Бо ҳуҷуми Искандар якпорчагии сиёсӣ ва диннӣ аз Эрон рахт барбаст. Марҳилаи дуввум замони подшоҳии Ардашери Бобакон аст, ки якпорчагии сиёсӣ ва сиёсиро дубора ба сомон овард ва ниҳоят Марҳилаи саввум замони Хусрави Анӯшервон дар қарни шашуми мелодист, ки меъмори воқеии шоҳаншоҳии сосонӣ дониста мешавад. Ӯ аз як сӯ, дар набардҳо бо ҳайтолиён ва қавмҳои ваҳшиву саҳроӣ пирӯз гашта, якпорчагии миллӣ ва ғурури аз даст рафтаро барқарор карда бошад, аз сӯи дигар, дастур дод, то ривоёти парокандаи диннӣ ва миллиро дар қолаби «Худойнома» гирдоварӣ намоянд.

Пас аз тасарруфи Эрон аз сӯйи аъроб боз якпорчагии сиёсӣ дар ин сарзамин аз даст рафт, вале якпорчагии миллӣ бо тарҷумаи «Худойномак» ба забони арабӣ ва форсии дарӣ боқӣ монда буд. Хатибӣ менависад: «Фирдавсӣ ҷомаи фохире бар таҳрири вижае аз «Худойномак» пӯшонд ва дар замонае, ки ҳувийяти эронӣ ба таври ҷиддӣ дар маъразӣ таҳдид буд ва бими он мерафт, ки фарҳанги эронӣ низ монанди фарҳангҳои милали дигар дар фарҳанги қавми ғолиб ҳал шавад, бо гузаштаи шукӯҳманди Эрон эҳсоси иронӣ буданро дар дилҳо нишонд»(1:10).

Пас аз Фирдавсӣ ғурур ва ҳувийяти мардуми эронитабор дар фарҳанги созандагии он ба таври ҳамешагӣ устувору пойбарҷо боқӣ монд. Мардуми эронинажод «Шоҳнома»-ро чун шиносномаи миллии хеш ҳифз намуданд ва мунтазири фурсате буданд, то якпорчагии сиёсиву ҷуғрофии рӯзгори гузаштаро дигарбора зинда кунанд. Чунин буд, ки бо гузашти панҷ садсола аз эҷоди «Шоҳнома» сафавиён якпорчагии сиёсиро ба Эрон бозгардониданд.

Ҳувийяти мардуми эронинажодро дар «Шоҳнома ҳеҷ гуна наметавон таҳқире бар дигар қавму миллатҳо донист. Он ҳувийятест, ки рӯи бунёдҳои фикрӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ устувор истодааст. Гароиши миллиеро, ки «Шоҳнома» талқин медорад, нажодпарастӣ гуфтан хатои бузург аст. Боз ҳам Хатибӣ менависад: «Агар девони Ҳофиз нохудогоҳ ҷамъии эрониёнро боз метобонад, «Шоҳнома» худогоҳии ҷамъии эрониён аст» (1: 11).

Ҳувийяти ақвоми эронинажод аз чанд авомили иҷтимоиву сиёсӣ, ҷуғрофӣ ва ҳаводису зуҳуроти талху ширине, ки эшон дар паҳнои таърих паси сар намудаанд, ба ҳам омадааст. «Шоҳнома» ҳамон суруди меҳру достони пурфарозу нишеби эронитаборон аст саршор аз хубиҳову бадиҳо, пирӯзиҳову шикастҳо ва Фирдавсӣ

озодамардест, ки ривояти содиқонаи ин достони пурмоҷароро ба зимма гирифтааст. Фирдавсӣ мекӯшад, то ҳувийяти миллиро аз жарфнои тамаддун, таърих ва рафтору кирдори мардум дарёфт намуда, онро дар бархӯрд бо фарҳангу тамаддунҳои дигар баҳогузорӣ кунад. Маҳз чунин чашмандози дақиқи хирадмандона боис мешавад, ки хонанда тавассути достонҳои «Шоҳнома» на танҳо ба дарки ҳувийяти миллӣ ва меъёрҳои фарққунандаи он мерасад, балки ба ҳувийятҳои ақвоми ғайрииронӣе чун тӯрониён, чиниён, ҳиндуҳо, туркон, рӯмиён, тозиён ва қавмҳои дигаре ошноӣ пайдо мекунад.

Ба равиши кори Фирдавсӣ дар заминаи ҳувийятшиносӣ метавон аз ҷанд паҳлу назар кард:

1. Фирдавсӣ зиндагӣ ва рӯзгори эрониёнро бо паҳлуҳои мусбату манфии он, ки сабаби вокунишҳои мутафовут гардидаанд, тасвир менамояд. Ба гунаи мисол, Ҷамшед, ки соҳиби шукӯҳу мақоми волост, ба ҷурми худхоҳӣ асир ва нобуд карда мешавад. Рустам ва Сӯҳробро ба иллати бешҷӯӣ ва тамаъ маломат мекунад. Ковуси ҷаҳонкушойро девона мехонад. Тӯсро барои худхоҳӣ ва кинаварзиаш сарзаниш менамояд. Фирдавсӣ чун устоди сахтгир ва довари якрӯ айбҳои ҳама паҳлавонону сарафрозонро бепарда баён мекунад, то дигаронро ибрат бошад. Ҳамзамон шоир мардумони оддии покизарӯзгор ва заҳматпешаро низ амсоли машкобҳо, духтарони ҳунарманди рустоӣ, занону мардони хонадору накӯкор ёдовар мешавад ва бо чунин далелҳо метавон гуфт, ки дар ҳеҷ китобе ҷуз «Шоҳнома» ҳусну айби эронӣ дар канори ҳам ба тамошо гузошта нашудааст.

2. Ҳамон тавре ки Фирдавсӣ дар нишон додани хулқиёти ҳамватанони худ додгару боинсоф аст, ҳангоми тасвири рафтори душманону бегонагон низ якрӯст ва тарозӯи адлу инсофро аз даст намегузорад. Фирдавсӣ бегонаро душман намешуморад ва пиндору гуфтору рафтори онҳоро асоси ташхиси дӯстӣ ва душмании эшон бо эрониён медонад. Фирдавсӣ ҳеҷ гоҳе тавонмандӣ ва рафторҳои неки инсонии душманонро рад накардааст. Ба гунаи мисол, ӯ аз забони Зол хислатҳои неки бузургтарин душмани Эрон - Афросиёбро чунин бозгӯ мекунад:

*Ки он турк дар ҷанг фарраждаҳост,*
*Дамоҳанҷу дар кина абри балост.*
*Дирафшаш сиёҳ асту хафтон сиёҳ,*
*Аз оҳанш соид, аз оҳан кулоҳ.*
*Аз ӯ хештанро нигаҳ дор сахт,*
*Ки марде далер асту бедорбахт.*
*Ба пеши сипоҳ омад Афросиёб,*
*Чу киштӣ, ки мавҷаш барорад аз об.*
*Шавад кӯҳи оҳан чу дарёи об,*
*Агар бишнавад номи Афросиёб.* (2: 79)

Фирдавсӣ сипаҳдори Афросиёб – Пиронро низ дар чанд мавриде меситояд:

*Бад-ӯ гуфт Рустам, ки номам маҷӯй,*
*Зи ман ҳар чӣ дидӣ, бад-эшон магӯй.*
*Зи Пирон маро дил бисӯзад ҳаме,*
*Дил аз меҳри ӯ барфурӯзад ҳаме.*
*Зи хуни Сиёвуш ҷуз ӯ хаста нест,*
*Ба Тӯрон чун ӯ роду оҳиста нест.* (2: 253)

3. Фирдавсӣ ҳеҷ яке аз қаҳрамонони эронӣ ё ғайриэрониро аз воқеият дур тасвир накардааст ва зираконаю воқеъбинона вежагиҳои рафтори онҳоро матраҳ менамояд.

4. Фирдавсӣ Эронро як сарзамини ҷуғрофӣ намедонад, балки Эрон барояш як фарҳанг, як маънавият ва як суннати шинохташудаи бадеҳист. Аз ин рӯ, мекӯшад, то китобашро ба нимоди ин фарҳанг табдил кунад.

Доктор Мансури Растагори Фасоӣ дар ин маврид навиштааст: «Ӯ зиндагии миллати Эрон ва таърих, ифтихорот, суннатҳои дилбастанӣ ва имтиёзоти рафториву ахлоқии мардуми онро бозгӯ мекунад ва офатҳои ғурур, худбинӣ, фиреб, истибдод,

ҳавасбозӣ ва гумроҳиҳои фардиву иҷтимоиро бармешуморад ва дар тафаккуроту таомулоти фалсафии худ… ироа медиҳад…»(3: 21).

Фирдавсӣ даҳ хислати бад- тамаъ, хашм, рашк, нанг, кин, наммомӣ ва дурӯйӣ, нопокдинӣ, носипосӣ, хиссат ва гуноҳро дар муқобили арзишҳои эронӣ медонад ва даҳ хислатро дар баробари онҳо қарор медиҳад, ки иборатанд аз яздонпарастӣ, некӣ ва некишиносӣ, хушхӯйӣ, хирадмандӣ, умедворӣ, шодӣ, қаноъат ва хор доштани дирам ва мол ва парҳезу озарму шарм.

Фирдавсӣ эрониро озод ва Эронро гаҳвораи озодӣ ва озодагӣ медонад. Пайваста ба ин, дар «Шоҳнома» сифати «озода» ба маънои эронӣ дар баробари турку тӯронӣ, рӯмӣ ё аносири ғайриэронӣ қарор мегирад ва озодагӣ меъёри асосии шинохти арзишҳои мардуми эронинажод маҳсуб мешавад.

*Зи модар ҳама маргро зодаем,*
*Гар эдун, ки туркем ар озодаем.* (2: 199)

Эроншаҳр сарзамини озодагон аст ва озодагон чунин муаррифӣ мешаванд: озодагон паҳлавононад, меҳзодагонанд, ҷавонмарду хирадманданд, сухангӯву бодонишанд, поку бошарму боҳаёянд, якдилу яксухананд, танҳо худойро бандагӣ мекунанд, ҷавонмардони беиддао ҳастанд, беозоранд, некӯсуханонанд, родмардонанд, ба мардӣ мерасанд, паймоншикан нестанд, ҷодӯӣ намепазиранд, озодагиро хилофи бандагӣ медонанд, коҳил, хунрезу бераҳм нестанд ва хирадмандӣ барояшон мояи озодагист.

Ба ин сурат қобили зикр аст, ки эронитаборон бузургтарин фарҳангофаринони ҷаҳонанд ва ҳувийяти равшану расое доранд. Андешамандӣ ва рафтори неки эшон шинохта шуда, мавриди қабулу таҳсин қарор гирифтааст. Бузургтарин ва ифтихормандтарин шоири порсизабонони олам Фирдавсӣ кӯшидааст, то ҳувийяти аҳвоми эронитаборро, ки фаровардае аз авомили иҷтмоӣ, сиёсӣ, ҷуғрофӣ ва ҳаводиси талху гуворои таърих ба шумор меравад, ҳакимона ба намоиш бигзорад. Ҷои ифтихор ва ғурур аст, ки мо низ дар шумори меросхӯрони ин фарҳанг ва соҳибони ин ҳувийят қарор дорем. Мо масъулем, ки ин ҳувийятро ва ҳифз посдорӣ намоем.

**Китобнома*:***

1. Хатибӣ Абӯлфазл. Хабарномаи фарҳангистони забон ва адабиёти форсӣ. - 1384. -№ 106. -20 с.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. «Шоҳнома»: матни комил; тасҳеҳи Жӯл Мӯл. -Теҳрон: Беҳзод. – 1375. - 824 с.
3. Мансури Растагори Фасоӣ.Фирдавсӣ ва ҳувийятшиносии иронӣ. –Теҳрон,1381.- 406 с.
4. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. - Душанбе: Ирфон, - 1987-1991.-дар 9 ҷ.

## «ШАХНАМЕ» ФИРДАВСИ И НАЦИОНАЛЬНЫЙ МЕНТАЛИТЕТ

***АМОНОВА М.***

Менталитет ираноязичных народов в «Шахнаме», который сформулировалось на основе многих менталообразующих факторов, в том числе политических, социальных и географических, способсвовал возраждениюцелого народа. Сильный дух, любовь к созидателью, к жизни, стремление к богопознанию, приобретению знаний, справедливости и жизнерадостному настрою помогли иранцам возрадиться из пепли погасщых отцовских костров, носить и сохранить свою культуру и ментальность сквоз веков вопреки всему, что приготовила им судьба.

***Ключевые слова:*** *менталитет, нацональность, «Шахнаме», иранцы, культура, Родина, имя, радость, справедливость, знания.*

## "SHAHNAMEH" FIRDAVSI AND NATIONAL MENTALITY

***AMONOVA M.***

The mentality of the people in iranoyazichnyh "Shahnameh", which is inspired by many mentaloobrazuyuschih factors, including political, social and geographical, sposobsvoval

vozrazhdeniyutselogo people. Silny spirit, the love of the creator, the life, the desire for knowledge of God, the acquisition of knowledge, justice, and cheerful mood helped Iranians rejoice from the ashes of his father pogasschyh fires, carry and preserve their culture and mentality of a through centuries, in spite of all that has prepared them to fate.

***Key words:*** *mentality, natsonalnost, "Shahnameh", the Iranians, Culture, Homeland, name, joy, justice, knowledg*

## ОРГАНИЗАЦИЯ СЕМЕЙНЫХ ПРОГУЛОК И ЕЕ РОЛЬ В ФОРМИРОВАНИИ КУЛЬТУРЫ ПОВЕДЕНИЯ

***ХАЛИМОВ ДЖ.М.,***

Семейные традиции и обычаи в Таджикистане были и остаются самыми востребованными элементами в воспитании детей. От них зависит многое, как развитие нравственных качеств, так и культура поведения.

Развитие ребенка дошкольного возраста осуществляется не только с помощью организованного воспитания, но и внутрисемейными традициями и обычаями.

Семейные традиции и обычаи, передаваемые из поколения в поколение таджиками, создают в себе разнообразные средства и формы воспитания, которые, прежде всего, сознательно воздействуют на воспитание детей, формируют у них первоначальные значения и смысл внутрисемейных законов, связывают их с прошедшим временем, передают знания и укрепляют их культуру поведения.

У таджиков семейные традиции и обычаи во многом помогают детям выразить свое эмоциональное отношение к членам семьи, проявлять интерес к деятельности близких, формировать трудовые навыки и уметь проявлять заботу и своевременное внимание окружающим, правильно использовать этикет поведения и т.д. Это и способствует развитию творческих способностей детей, расширяя их кругозор и воспитывая чувство сплоченности в этих семейных мероприятиях.

В дошкольном возрасте создаются предпосылки для формирования личности, характера будущего гражданина, развития интеллектуальной и коммуникативной компетентности. Родители в основном закладывают у своих детей основы физического, нравственного и интеллектуального развития их личности.

Дошкольное детство – начальный этап формирования личности человека, его ценностной ориентации в окружающем мире. В этот период закладывается позитивное отношение к природе, к «рукотворному миру», к себе и окружающим людям.[1,13]

Именно на этапе дошкольного детства ребенок получает эмоциональные впечатления о природе, накапливает представления о разных формах жизни, т.е. у него формируются первоосновы экологического мышления, сознания, закладываются начальные элементы экологической культуры. Но происходит это только при одном условии: если взрослые, воспитывающие ребенка, сами обладают экологической культурой: понимают общие для всех людей проблемы и беспокоятся по их поводу, показывают маленькому человеку прекрасный мир природы, помогают наладить взаимоотношения с ним и создают традиционную форму совместного выхода на улицу, то есть семейные прогулки.

Во все времена и поколения в семье были и остаются традицией семейно-воскресные прогулки, в котором помимо родителей участвуют и взрослые (братья, сестра, дядя, тетя, бабушка, дедушка и т.д.) где можно заинтересовать ребенка окружающим миром, научив его обращать внимание на то, что есть и происходит вокруг нас. Основной идеей настоящей традиции считается контакт с факторами природы с параллельной попыткой оторваться от факторов цивилизации, почувствовать слабость, увидеть других, анализировать окружающею местность. Ребенок начинает удивляться и ощущать изменение природы и окружающей среды, которое оказывает стимулирующие влияние на все жизненно важные системы его организма, особенно на сердечно-сосудистую и иммунную за счет которого у ребенка образуется приток энергии и подвижности. Для определения влияющих факторов на культуру поведения ребенка в процессе прогулки, прежде всего, необходимо акцентироваться на компоненты, формирующие его в целом.

Семейные прогулки как один из видов семейной традиции был получен посредством анализа и анкетирование более 600 человек из 8 городов и районов Республики Таджикистан. Именно на вопрос о том, являются ли воскресные прогулки семенным традицией? положительно ответили 497 человек. Это послужило тому, чтобы в настоящей статье была исследована эта направление и проанализирована актуальность воспитательных воздействий семейных прогулок.

Исходя из полученных фактов в настоящей статье, мною были исследованы влияния семейных прогулок как важный компонент не только в развитии экологической культуры, но и формирование у ребенка культуры поведения, а также важность любых семейных прогулок в первую очередь для семейной сплоченности и доверия. Ведь семья это первое общество, которое окружает и воспитывает ребенка в тех условиях, в которых она социализирована.

За время семейных прогулок предполагается, что у детей формируются способности сосредотачивать свое внимание на предметах ближайшего окружения и явлениях окружающей действительности, умение сравнивать, анализировать, устанавливать простейшие причинно-следственные связи, выделять в предметах определенные свойства, группировать их.

Однако далеко не все может быть правильно понято детьми при самостоятельном общении с природой, не всегда при этом формируется правильное отношение к растениям и животным. Ввести ребенка в мир природы, сформировать реалистические представления-знания о ее объектах и явлениях, воспитать способность видеть красоту родной природы, любовь, бережное и заботливое отношение к ней – важнейшие задачи родителей и взрослых при совместных прогулках.

Мы предполагаем, что совместные прогулки родителей с детьми способствует в формировании культуры поведения в особенности экологической культуре, которое будет формироваться успешнее при соблюдении следующих условий:

1. Во время семейных прогулок особое внимание взрослыми будет уделяться редким и уязвимым объектам природы, которые требуют бережного отношения, где будет формироваться один из компонентов культуры поведения - экологическая культура.
2. В ходе совместных прогулок будут реализованы простейшие природоохранные мероприятия, которые тоже оказывает влияние на развитие культуры поведения ребенка.
3. Внимание детей на прогулках будет привлечено к антропогенным нарушениям в экосистеме и возможностях их устранения.
4. В процессе семейных прогулок взрослые будут использовать потенциал природы для формирования положительных эмоций у детей.
5. На семейных прогулках ознакомлении детей с природой откроет новые возможности для эстетического, патриотического, нравственного воспитания. Общение с природой обогатит духовную атмосферу ребенка, будет способствовать формированию положительных моральных качеств

При соблюдении этих условия семейные прогулки становятся, как одной из форм внутрисемейной учебно-воспитательной работы позволяющие организовать наблюдение и изучение различных предметов и явлений в естественных условиях. Здесь семейная прогулка выступает как одна из составляющих процессов формирования экологической культуры поведения, и играет основную роль в осознании и бережного отношения к объектам живой и неживой природы. Такое отношение вырабатывается у детей на основе непосредственного контакта с живыми объектами и различных форм взаимодействия с ними, освоения правил охраны природы.

Сухомлинский В.А. писал, что у ребенка необходимо воспитывать любовь «ко всему, что не может жить без ласковой человеческой руки, без чувствительного человеческого сердца. Речь идет о любви к живому и беззащитному, слабому и нежному».

В первую очередь <u>культура деятельности</u> проявляется в поведении ребенка на прогулках виде подготовке к улице, в содержании чистоте своих вещей, для того чтобы можно было в любое время одеть и пойти погулять. У ребенка формируется умение содержать в порядке место, где он раздевается и содержит свою одежду, он начинает

бережно относится к вещам, которые используются для прогулки. Ребенок ждет время, когда взрослые, одев его, заберут на прогулку, он готовится к этому зная, что это традиция не нарушится и что обязательно он выйдет на улицу в указанное время. Ребенок начинает ждать процесс, в котором вы играете главную роль, в том, как будете его одевать перед выходом на улицу,

Ребенок учится выполнять поручение, старается не пачкаться на улице, ведет себя аккуратно и в то же время наблюдает, как взрослые ведут себя в этой прогулке. Видя как взрослые относятся к окружающем людям у него формируется впечатление того же самого. Он начинает это имитировать и повторять.

Прежде всего, культуру поведения в этом направлении следует воспитывать по отношению к взрослым. Ребенок должен знать, что прогулка это, прежде всего этикет в одежде на первый взгляд, и аккуратность в их содержании. Дети видят, что родители заботятся о них, и будут стараться отвечать тем же, охотно выполняя их просьбы, слушаясь их, будут стремиться порадовать своими поступками.

Длительность прогулки и настроение во время нее зависят от того, что берут с собой родители и чем они занимаются. На семейных прогулках, прежде всего, необходимо уточнить какие дополнительные вещи будут нужны в экстренных случаях, поэтому помимо формочек для песка, совка, мячика и других игрушек, нужно взять йод или зеленку, бутылку воды или сока для питья, панамку для защиты от солнца, влажные салфетки, немного конфет, печенье или булочку.

На каждом этапе традиционной прогулки разбираете разные темы для дискуссий, предлагайте им рассматривать изменения природы, погоды, ссылаясь на которых можете рассказать о том, что, люди в разное время трудятся по-разному в своих огородах на улицах и в помещениях. Очевидные для вас вещи, для ребенка могут быть очень интересны. Помимо привычных занятий во время прогулки, можно придумать непосредственно игры. Почти все дети обожают возиться в лужах после дождей, для них увлекательно водить палкой по луже, или бросать в нее веточки или камни. Не запрещайте ребенку играть в луже, в песке если он промокнет или испачкается, то не надо за это ругать, нужно просто идти домой переодеваться. Тогда ребенок осознает, что когда он будет пачкаться, то ему придется вернуться домой и за это время он потеряет уйму времени. В следующий раз он не повторит этого, тем самым не имея желания возвращаться домой. В такие моменты следует, перехватит инициативу, найти для него подходящее занятие, где он бы мог скоординировать свои действия, не пачкая себя, то есть на асфальте или на траве. Необходимо помнить, что ребенок если и пачкается, то не для того, чтобы вас расстроить, ему просто интересно узнать, что будет, если он испачкается, возможно, ребенок это делает не осознанно или из любопытства.

Во время семейных прогулок с целью формировать у него навыки культурного поведения показывайте трудолюбивых мурашек, певчие птички и красочных бабочек, расскажите для чего они трудятся и как содержат свое гнездо. В таком случае ребенок начинает задумываться о том, как же приятно быть чистым и опрятным, быть красивыми и организованными.

Старайтесь обращать внимание малыша на все предметы на пути (животные, насекомые, растения). Озвучивайте все, что происходит, когда гуляете, будь то во дворе, на поляне, или у водоема. Позвольте ребенку рассматривать и сравнивать растения, листики. Расскажите, что вырастет из желудя, из каштана.

Помогите ему почувствовать радость и пользу от выигрыша, от проделанной работы. Тогда кроха узнает этот мир с интересом, энтузиазмом и огромным удовольствием.

С ребенком на прогулке нужно играть, разговаривать, заострять его внимание на интересных объектах. Помните, ребенку очень сложно придумать занятие себе самостоятельно. Поэтому основная задача в семейных прогулках занять малыша интересной игрой. Самая любимая игра всех детей на улице это игра в песке. Конечно, идеально для игры подходит чистый, крупнозернистый песок. Игра в песке развивает пальчики, контакт ручек с песком вызывает не обычное ощущение, которое нравиться детям. Но найти в современном городе песочницу, не облюбованную нашими четвероногими друзьями довольно сложно. Если вы живете в частном доме,

обязательно соорудите для своего ребенка песочницу. Ребенка можно занять на прогулке чем угодно. Ребенку будет интересно все. Расскажите о цветах, травах, кустах и деревьях. Обратите внимание на форму листочков, расскажите о названиях растений. Рассказывайте про птиц, животных и насекомых которых вы видите. Рассказывать лучше всего по дороге от дома до места прогулки и обратно.

Можно рекомендовать проведению дидактических игр. Игра одно из средств воспитания культуры поведения. Ребенок проявляет себя в игре таким, каков он есть, один может показать себя коллективистом, хорошим отзывчивым товарищем, умеющим считаться с замыслом большинства, уступать и проявлять инициативу; другой напротив, эгоистом, задирой, не желающим уступать, претендующим только на ведущие роли.

Необходимо создать игровые ситуации, побуждающие детей к сближению друг с другом и с родителями на основе сопереживания и самой жизненной ситуации, причем не только события, которые требуют сочувствия, но и радостные. К примеру, на семейных прогулках, можно потихоньку учить ребенка математике. Пусть ребенок соберет 10 камешков, 10 травинок, 10 листьев деревьев и т.д. Можно учить геометрические фигуры, рисуя мелом на асфальте или палочкой на песке. Познакомьте ребенка с компасом – расскажите ему, какие стороны света бывают и про стрелку компаса. Можно придумать задания, где малыш должен ориентироваться по компасу и найти в итоге какой-нибудь приз, спрятанный заранее. Попробуйте рисовать на улице с натуры. Для этого возьмите из дома настоящий мольберт, краски и бумагу.

Игры с песком - любимое занятие детей на прогулке. Чтобы эти игры не приобрели стойкий навык однообразной и разрушительной деятельности, организуем мини-лабораторию по исследованию песка, это даст возможность посредством трудовых стараний сформировать у ребенка культуру деятельности. Также можно обогатить представления детей о свойствах и качествах песка. Для этого показываем образцы построек из песка, предлагаем дополнительный материал (мелкие игрушки, природный материал) для разворачивания игры, вместе с детьми создаём песочные композиции. Развиваем культуру общения, придерживаемся норм поведения и эмоционально обогащаем вежливыми словами.

В играх также детей могут заинтересовать самые различные предметы, которые для взрослого человека не имеют никакой ценности. В этом и есть вся процедура формирования культурно-досуговой деятельности, которая и способствует вхождению ребенка в семейную традицию через творчество. По своему содержанию она разнообразна и тесно связана со становлением личности ребенка, так как это не просто организация мероприятия, а целенаправленная традиция, носящий воспитательно-образовательный процесс, где реализуются культурные потребности ребенка.

Активное внимание на окружающее – прогулка должна стать динамичной – рассказывайте, показывайте все вокруг, много двигайтесь. Позвольте малышу активно везде ходить, бегать, лазать, общаться с другими детьми. Это стимулирует его физическое и психическое развитие.

Помимо обычных игр, таких как катание с горки, качание на качелях, можно придумать свою игру, например «танчики», за танчики сойдут любые камушки, или песок в которых прикреплены палочки или любые другие предметы похожие на нее. Ребенка, а особенно мальчика очень увлечет это сражение. Построенные танчики с двух сторон можно использовать для дальнейшей игры. Сам процесс построение этих танчиков в любом виде придаст глубокое детское удовлетворение. В общем, мальчики будут их строить, самостоятельно ища для этого предметы создания. Какая-нибудь палка, найденная в кустах, может стать чуть ли не самой любимой игрушкой. Более того, такой предмет имеет ценность и в глазах других детей, они могут устроить потасовку из-за этой палки, хотя рядом полно таких же. Не нужно запрещать ребенку, брать домой предмеры найденные на улице, конечно, если это не вредно. Предметы, принесенные с улицы, повышают радость от прогулки, ведь ребенок приобретает свою собственность. Все игрушки, которые у него есть, покупаете вы, а куча камешков с улицы это его собственная добыча. Здесь уместно начать учить ребенка способу договариваться, то есть: «мы заберем эти предметы до завтра, но дома мы их поставим в такое место, чтобы они там передохнули до завтра».

Во время прогулки вам следует повести себя с такой стороны, чтобы ребенок мог заинтересоваться вашими предложениями, поэтому для того чтобы прогулка как семейная традиция было плодотворной, следует придумать вроде как игру, в котором он будет главным героем. Если возьмете с собой на прогулку одеяло, то сможете, лежа среди травы, разглядывать небо, облака и кроны деревьев. Придумайте, на что похожи проплывающие мимо облака. Фантазируйте сами и позволяйте развивать фантазию и культуру поведения любимому ребенку.

Прогулка, переросшая в семейную традицию, воспитывает у детей манеры вежливого обращения, спокойного тона проявление своих чувств и общительности. Необходимо отметить, что общение детей происходит в семье, и со взрослыми, а семейные традиции и обычаи, расширяют круг общения, где общения происходит с членами семьи, собравшиеся на мероприятии. Ребенок в этот момент чувствует свою значимость и использует свой словарный запас тем самым, сохраняя во время общения новые. В нашем случае, при семейных прогулках ребенок общаясь со взрослыми придает особое внимание именам, тем самым запоминая обогащает свой словарный запас.

Культура общения - предусматривает выполнение ребенком норм при общении с взрослыми и сверстниками, основанных на уважении и доброжелательности с использованием соответствующего словарного запаса и норм обращения, а также вежливое поведение в общественных местах, у родственников, в быту. Культура общения в семейных традициях и обычаях выражается в культуре речи. Овладение культурой речи способствует активному общению детей между сверстниками и взрослыми. Задача родителей на прогулках воспитать культуру общения и развить ее возможности, привлекая его к этому посредством разнообразных игр и в коллективе друзей.

Воспитание культуры общения осуществляется в тесной связи с формированием у детей навыков коллективизма. Формируя у ребенка стремление к общению, взрослые должны поощрять даже самые незначительные попытки играть друг с другом.

Семейные традиции как бы объединяют детей вокруг дел заставляющих их радоваться, общаться друг с другом и выполнят поставленные перед ними задачи. Дети начинают, общаясь между собой принимать самостоятельные решения, предлагать свои варианты, при этом используя разнообразные варианты по достижению результата поставленной задачи. В такие моменты дети, переполненные впечатлениями, начинают эмоционально выражать свои чувства в словах между собой и взрослыми о том, что их удивило и взволновало. Общение происходит в атмосфере радости и дружелюбие.

В процессе семейных прогулок возникают не мало поводов для общения. К примеру, стихи, рассказы, обсуждение животных и природы, обмен впечатлениями и т.д. В такие моменты задача взрослых направлять взор и отношения детей так чтобы эти отношения содействовали формированию элементарной культуры общения.

Важно отметить, что дети в рамках проведения семейных традиций и под руководством родителей приобретают опыт положительного общения.

Ребенку необходимо уметь поддерживать эмоционально положительный тон общения с окружающими людьми, пользоваться словами вежливости. Пусть ребенок старается вести себя так, чтобы не причинять беспокойство окружающим, а также не перебивает взрослого при разговоре, помогает маме донести из магазина небольшой пакет с продуктами, пропускает вперед старших, уступает место в транспорте пожилым людям.

Учите ребенка при разговоре смотреть собеседнику в глаза, приветливо отвечать на вопросы. Важно также не уходить, если разговор не окончен, проявлять чуткость к душевному и физическому состоянию взрослых и выбирать соответствующую линию своего поведения.

Процедура общения во многом зависит от чистоты не только речи, но тела: рук, ног, пальцев, ногти на пальцах не должны быть грязными и длинными и т.д. Вся эта процедура сопровождается культурно-гигиеническими навыками, которые должен также знать наш ребенок.

Культурно-гигиенические навыки - важная составная часть в культуре поведения у детей. Эти навыки выражаются в чистоте лица, рук, тела, обуви и одежды играющая не

маловажную роль в таджикских обычаев. Поэтому требование гигиены определяются как нормы человеческих отношений, влияющих на воспитательный процесс. Родители должны, всегда заботится о гигиене своих детей и закладывать в них эти навыки уже с детства, объясняя это тем, что оно приносит им огромную пользу.

Любые семейные прогулки наверно не обходятся без покупки детям, каких либо сладостей. Эти формы внимания естественно преследуют за собой какой-нибудь процесс неопрятности со стороны детей, где родители должны делать наставление своему чаду о манерах и навыках чистоты  в обществе формировать у них привычки есть с закрытым ртом, тщательно пережевывать пищу, не разговаривать когда едят, руки не вытирать о свою одежду, громко не рыгать, не облизывать пальцы на улице и т.д.

Прогулки на свежем воздухе необходимы ребенку для нормального развития. Во-первых, растущий организм ребенка нуждается в свежем воздухе гораздо больше, чем организм взрослого человека. Во-вторых, на прогулке ребенок узнает что-то новое, дети очень любознательны и постоянно нуждаются в новой информации, это развивает память и мышление. В-третьих, прогулки закаляют организм ребенка и повышают иммунитет.

Сейчас требования к ребенку, поступающему в школу очень высоки, поэтому прогулка может стать прекрасной возможностью для дополнительных занятий. Ведь главное дать ребенку не набор знаний, а научить его самостоятельно мыслить, принимать решения, привить ребенку интерес к познанию чего-то нового, к обучению в целом.

**Литературы**:


1. Николаева С.Н. Теория и методика экологического образования детей: Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений. - М.: Издат. центр "Академия", 2002. - 336 с.
2. Зерщикова Т., Ярошевич Т. Экологическое развитие в процессе ознакомления с окружающим // Дошкольное воспитание. – 2005. - № 7.
3. Дерябо С.Д., Ясвин В.А. Экологическая педагогика и психология. – Ростов – на Дону., 1996.
4. Николаева С.Н. Теория и методика экологического образования детей. – М., 2002.
5. Елкина Н.В., Мариничева О.В. Учим детей наблюдать и рассказывать. - Ярославль., 1997.
6. Как знакомить дошкольников с природой / Под. ред. Саморуковой П.Г., М., 1983.
7. Федорова Т.А. Воспитание у детей старшего дошкольного возраста культуры взаимодействия с природой. -М., 1999.
8. Лысенко Н.В. Экологическое воспитание дошкольников. – Киев., 1993.
9. Комарова И.А. Игра и ознакомление дошкольников с растениями. – Могилев., 1989.


## АННОТАЦИЯ **


***ХАЛИМОВ ДЖ.М.***



В настоящей статье рассмотрены влияющие факторы семейных прогулок на развитие экологической культуры и формирование культуры поведения у детей. Автором указаны основные моменты воспитательного воздействия родителями, на основе которого ребенком накапливается представлениях о разных формах жизни на природе, формируется первоосновы экологического мышления влияющих на культуру поведения.

В статье исследованы влияние семейных прогулок как важного компонента в развитии экологической культуры, предающие реалистические представления об объектах и явлениях. Рассмотрены основные условия успешного формирования культуры поведения и методы их укрепления. Статья по своему содержанию представляет собой краткий путеводитель семейных прогулок, носящий воспитательно-образовательный процесс.



***Ключевые слова:*** *семейные традиции, семейные прогулки, ребенок, родители, воспитание, игра, развитие.*

## ANNOTATION ***

***HALIMOV J. M.***

In present article the influencing factors family walks on development of ecological culture and formation of culture of behavior at children are considered. The author specifies the basic moments educational effects of influence by the parents, on the basis of which by the child collects representations about the different forms of life on a nature, is formed первоосновы of ecological thinking influencing on culture of behavior. In the article are investigated influence family walks as important component in development of ecological culture, betraying a realistic representations about objects and phenomena. The basic conditions of successful formation of culture of behavior and methods of their strengthening are considered. The article in its content is a brief guide to family walks, bearing educational process

***Key words:*** *family traditions, family walk, child, parents, education, game, development.*

*МАТЕМАТИКА*
*МАТЕМАТИКА*

# ВОСПИТАНИЕ КУЛЬТУРЫ ПОВЕДЕНИЯ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ МАТЕМАТИКИ

***КОДИРОВ Б.Р.,***
*Борисоглебский филиал ФГБОУ ВПО*
*«Воронежский государственный университет», Россия*

В культуре поведения учителя математики, в отличие от культуры поведения любого человека, есть одно проявление, называемое в психологии эипатией. Оно требует от педагога глубокого чувствования настроения учащегося, умения понять его и воздействовать на него не только по правилам человеческой культуры, но и в полном соответствии с духовным ощущением школьника. Значит, культура поведения будущего педагога должна представлять сплав правил общечеловеческого поведения с гибкостью и тонкостью педагогического чувствования психологии детей.

Практика показывает, что культура поведения будущих учителей математики, пока, безусловно, далеко от идеала. Не изжиты еще факты употребления спиртных напитков, курения, непорядочности в отношении с товарищами и преподавателями, неаккуратности в одежде, неумеренности в пользовании косметикой. Даже такое элементарное проявление культуры поведения, как необходимость поздроваться с преподавателем, оказывается крайне затруднительным для некоторых студентов.

Культура поведения будущих учителей математики должна быть доведена до уровня профессионального мастерства.

Первая трудность в решение этой проблеме - это в полном отсутствии литературы по методике воспитания культуры поведения будущих учителей математики. Имеющаяся литература по теории культуры поведения, по правилам ее соблюдения, по ее роли в нравственном, эстетическом, идеальном формировании личности, становлении ее интеллигентности, не давала возмоности переноса ее в область методическую.

Основными критериями и показателями воспитания культуры поведения будущих учителей математики выступают:

– ценностное отношение к педагогической деятельности;
– готовность к осуществлению педагогической деятельности;
– творческая активность личности педагога;
– степень развития педагогического мышления как критерия культуры;
– стремление к профессионально-педагогическому совершенствованию[1].

Процесс воспитания культуры поведения будущих учителей математики будет тем эффективнее, чем более он направлен на создание инновационной среды, т.е. условий для постоянного поиска, обновления приемов и способов профессиональной деятельности. В контексте инновационной стратегии учебно-воспитательного процесса существенно возрастает роль учителя как непосредственного носителя новаторских идей, инновационная деятельность которого становится обязательным компонентом личной педагогической системы.

Поскольку в высших профессиональных учебных заведеиях ведущими формами организации педагогического процесса являются лекции для воспитания культуры поведения будущих учителей математики, мы уделяем им достаточное внимание[2].

Лекция - это метод сообщения новых знаний; ее отличает высокая целенаправленность и большая информативность[3].

К тому же, в процессе воспитания культуры поведения будущих учителей математики можно применят таких виды лекций:

– вводная лекция;
– лекция-информация;
– обзорная лекция;
– проблемная лекция;
– лекция-визуализация;

– бинарная лекция;
– лекция с заранее запланированными ошибками;
– лекция-конференция;
– лекция-консультация;
– лекция-диалог;
– лекция «пресс-конференция»;
– активные лекции;
– *лекции-парадокса*[2].

Из всего вышесказанного можно сделать основной вывод, что для воспитания культуры поведения будущих учителей математики целесообразно воспользоваться следующими рекомендациями:

– четко и ясно структурировать занятие;
– рационально дозировать материал в каждом из разделов;
– использовать простой, доступный язык, образную речь с примерами и сравнениями;
– отказаться, насколько это возможно, от иностранных слов;
– использовать наглядные пособия, схемы, таблицы, модели, графики и т. п.;
– применять риторические и уточняющие понимание материала вопросы;
– использовать современные технические средства обучения.

**Литература**:

1. Сластенин В.А., Каширин В.П. Психология и педагогика: Учеб. пособие. — М.: Академия, 2003.
2. Основы вузовской педагогики. Учеб. пособие для студентов ун-та / Под ред. Н.В. Кузьминой. Л.: Изд-во Ленинградского ун-та, 1972.
3. Коломиец Б.К.Интеллектуализация содержания высшего образования. М, 2004.

**Аннотатсия** **

## ФОРМИРОВАНИЕ ЭЛЕКТИВНЫХ КУРСОВ В МАТЕМАТИЧЕСКОМ ЦИКЛЕ

***ШАРИПОВ Б.У.,***
*Борисоглебский филиал ФГБОУ ВПО*
*«Воронежский государственный университет», Россия*

Развитие бакалаврского образования в Борисоглебском филиале ВГУ привело к появлению новых для педагогического вуза профилей: экономика; бухгалтерский учет и аудит; технологии, оборудование и автоматизация машиностроительных производств. Если до их появления элективные курсы были направлены, главным образом, на расширение математических знаний студентов в области математических наук, то появление новых профилей подготовки требует пересмотра содержательной части этих курсов.

В дисциплинах профессиональной подготовки в указанных профилях широко применяются математические модели различного назначения: в основном расчетные и оптимизационные. Поэтому один из элективных курсов должен быть направлен на изучение методов математического моделирования с обязательной привязкой к конкретным специальным дисциплинам соответствующего профиля подготовки. При этом, с одной стороны, решаются задачи междисциплинарных связей, с другой – выпускники вуза по указанным выше профилям подготовки получили знания, умения и навыки разработки математических моделей, которые могут применить в реальных производственных условиях.

Элективный курс «Математическое моделирование физических процессов», который уже несколько лет преподается по окончанию общей математической подготовки, позволяет расширить математические знания студентов, необходимые, например, при изучении дисциплины «Процессы формообразования и инструмент» в профиле «Технологии, оборудование и автоматизация машиностроительных производств». В курсе

рассматриваются различные методы получения математических моделей, достоинства и недостатки.

Метод получения «классических» параметрических математических моделей широко распространен при обработке экспериментальных данных в области процессов формообразования. В технической справочной литературе приведены в основном параметрические математические модели, которые:

- были получены много десятков лет назад и некоторые из них уже устарели;

- не всегда позволяют получить необходимую для современного производства точность расчетов параметров осуществления процесса механической обработки;

- не учитывают взаимное влияние факторов процесса, что может значительно исказить полученные расчетные значения искомых параметров;

- не позволяют решать вопросы оптимизации процесса механической обработки по какому-либо выходному параметру.

Получение математических моделей с применением методов представления экспериментальных кривых в виде аппроксимационных моделей, полиномов, рядов Фурье не получили в технических дисциплинах должного распространения из-за отсутствия необходимых методик. Также в области механической обработки не получил особого распространения метод получения математических моделей на основе теории размерности и подобия, так как слишком сложен и не всегда обеспечивает необходимую точность расчетов.

В практике проектирования объектов и разработки технологии изготовления деталей математические модели создаются также с целью решения оптимизационных задач, позволяющих повысить экономические и эргономические параметры, производительность обработки и другие эксплуатационные показатели. Например, при решении экономических оптимизационных задач применяется метод линейного программирования [1]. Предпринимались попытки применить этот метод для оптимизации процесса механической обработки [2]. В курсе рассматривается метод блокирующих контуров или метод отсечений (метод отсекающих плоскостей Гомори), в котором с помощью расчетных зависимостей вводятся ограничения, отсекающие от области определения функции части, не обеспечивающие требуемые значения искомых параметров осуществления процесса обработки. В качестве примера на рисунке 1 показан конечный результат расчета ограничений (рассмотрены ограничения по десяти выходным параметрам процесса), представленный в виде совокупности прямых. Геометрические характеристики каждой из прямых определены соответствующими ограничениями (Огр.1, Огр.2. . . Огр.10).




***Рис.1 Результаты расчета оптимальных параметров процесса механической обработки***

На графике точка оптимума имеет координаты $X_{1опт}$ и $X_{2опт}$. Численные значения оптимального режима резания вычисляются по следующим зависимостям [3]:

$$n_{1опт} = e^{X_{1опт}}, мин^{-1}; \; S_{1опт} = e^{X_{1опт}}, об/мин.$$

Программа по расчету режимов резания реализована в среде визуального программирования Delphi 6 на языке Object Pascal.

Много внимания в элективном курсе уделено методам оптимизации процессов механической обработки, основанных на математическом планировании экспериментов. Рассматриваются планы первого, второго порядка и их дробные реплики. Показано, что наилучшие результаты по оптимизации процесса резания металлов получаются, когда есть один обобщенный показатель процесса. Рассмотрены способы получения таких обобщенных показателей процесса.

**Литература:**

1. Балдин К.В., Башлыков В.Н., Рукосуев А.В. Математика: учеб. пособие для студентов вузов, обучающихся по направлению «Экономика» (080100) –М.: ЮНИТИ – ДАНА2006.– 543 с.

2. Сборник задач и упражнений по технологии машиностроения: Учеб. пособие для машиностроит. вузов по спец. «Технология машиностроения», «Металлорежущие станки и инструменты», – под общ. ред. Горленко О.А., –М.: Машиностроение, 1988.–192 с.; ил.

3. Шарипов Б.У. Математическое моделирование и программное обеспечение оптимизации условий осуществления физического процесса / Применение инновационных технологий в преподавании математических дисциплин в школе и в вузе: Сб. науч. тр. – Борисоглебск: Борисоглебский госпединститут, 2009.– 147 с., ил.

## Анотатсия **

## АСОСҲОИ ИЛМИЮ АМАЛИИ СТАНДАРТИ ФАННИ ХИМИЯ ДАР СИНФҲОИ 8-11

***ЗУБАЙДОВ У.,***
*академики Академияи*
*таҳсилоти Тоҷикистон*

Стандарти мазкур дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, ҳадди ақали сарбории фанни мазкур, сатҳ ва сифати омодагии талабагон доир ба фан ва натиҷахои таълими (дар шакли салоҳиятҳои) фанни химия мувофиқи самтҳои таълимӣ муайян менамояд.

Стандарти давлатӣ вобаста ба шавқу ҳавас ва майлу рағбати хонандагон ба роҳ мондани таълими химияро талаб менамояд. Мазмуни таълими химия дар равияҳои мухталиф вобаста ба дараҷаи омӯзиши асосҳои илми химия ва аз рӯи донишҳои амалии химиявӣ тафриқа мешавад.

Ҳамаи ин такмили мазмуни маълумоти химияро дар мактаб тақозо менамояд.

Мактабиён дар зинаи охирин метавонанд равияҳои зерин химияи биология, табиию риёзӣ, физикаю риёзӣ, гуманитарӣ, техникию иқтисодӣ ва истехсолоту технологияро интихоб кунанд.

Дар доираи омӯзиши табиатшиносӣ хонандагон барои бошуурона муайян кардани ихтисоси худ ва интихоби дурусти ихтисоси барояшон зарурӣ дар муассисаҳои олии таълим омода мешаванд. Дар ин маврид риёзиёт ва физика фанҳои мусоидаткунанда хоҳанд буд. Фанҳои мазкур ба хонанда мадад мерасонад, ки донишҳои худро аз химия такмил диҳад. Асосҳои информатика, МЭҲ ва астрономия низ ба ин амал мусоидат мекунанд.

Дар мавриди дигар тамоюлро интихоб кардани хонандагон ба дониш ва ё тайёрии химиявии онҳо ба таҳсилоти умумӣ мувофиқат хоҳад намуд. Ин дараҷаи миёнаи таҳсилот имкон медиҳад, ки зинаҳои мухталифи таълим ба низоми ягонаи тадриҷан рушдёбанда мубаддал гардад. Хонандагоне, ки равияи химияю биология, табиию риёзӣ, физикаю риёзиро интихоб мекунанд, бояд ин фанҳоро амиқ донанд. Хонандагоне, ки равияи химияю биологияро интихоб кардаанд, химияро амиқ меомӯзанд. Барои онҳо чунин курсҳои махсус тавсия мешаванд:

1. Асосҳои назарияи химия.
2. Асосҳои химияи тахлилӣ (таҳлили химиявӣ).
3. Усули таҳқиқии химия.
4. Ҳалли масъалаҳои мушкил.
5. Химия дар саноат.
6. Химия дар кишоварзӣ

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

Стандарти фанни химия дар робита бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин таҳия гардидааст:

• Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (**14**апрели соли **2004)**ва Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии **Ҷумҳурии**Тоҷикистон (**29**апрели соли **2004)**қабул ва **14**майи соли **2004** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонидааст.

Стандарти фанни химия дар соҳаҳои зайл татбиқ мегардад:

• сохторҳои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барнома, китоби дарсӣ, маводи санҷишӣ ва дигар маводи таълимии фанни химияро таҳия ва тасдиқ мекунанд;

• мактабҳои олӣ, коллеҷҳо, донишкадаҳо ва марказҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, касбӣҳангоми тарҳрезии барномаҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ;

• муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, мутахассисони фанни химия, масъулини таҳия ва коркарди барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ ва маводи дигари таълимию методӣ;

• сохторҳои давлатии назорати сифати таълим ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии соҳаи маориф ҳангоми таҳияи воситаҳои назорат ва санҷиши сифати таълими фанни химия, омода намудани омӯзгорон ва такмили ихтисоси онҳо ва таъмини ёрии методӣ ба омӯзгорони фанни химия;

• сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлати ҳангоми таҳияи саволномаҳо, супоришҳо ва тестҳо барои санҷидани дониш, малака ва маҳорати хатмкунандагони зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Мақсад ва вазифаҳои фанни химия.** Фанни химия дар байни ҳамаи илмҳои табиатшиносӣ мавқеъ ва нақши махсус дошта, шохаҳои гуногуни химияви фаро мегирад. Фанни мазкур талабагонро ба малака ва маҳорати зарурии химиявӣ мусаллаҳ сохта, омӯхтани дигар фанҳои табиатшиносиро осон мегардонад. Ҳамзамон он барои инкишофи тафаккур, баёни андеша, мулоҳизаронӣ, ташаккули ҷаҳонбинии талабагон ёрии амалӣ мерасонад.

Химия илмест, ки дар натиҷаи фаъолияти илмии назариявию таҷрибавии инсон пайдо гашта, шавқи уро ба донистани ҳодисаҳои табиат бедор менамояд ва воситаест барои пойдор намудани саноати химия ва истеҳсоли маҳсулоти гуногуни хоҷагии халқ. Химия илми индустриявӣ мебошад, ҳоло саноати химиявии ҳозиразамон зиёда аз 40 ҳазор номггӯй маҳсулоти гуногуни барои хоҷагии халқ зарурро истеҳсол менамояд. Вазифаи асосии таълими химия таҳқиқи ҳаматарафаи моддаҳо ва дар амал татбиқ карда тавонистани донишҳои андӯхташуда мебошад.

Таълими фанни химия бояд дар талабагон маҳорат ва малакаҳои кориро ба вуҷуд оварад. Малака ва маҳорат дар талабагон бо се роҳ: гузаронидани таҷрибахои намоишӣ, таҷрибаҳои озмоишгоҳӣ (лабараторӣ) ва машғулиятҳои амалӣ пайдо мегардад. Таҷрибаҳои намоишӣ дар зинаи аввали дарс гузаронида мешавад, зеро талабагон ҳанӯз малака ва маҳорати корӣ надоранд. Муаллими химия, лаборант ё талаба таҷрибаи химиявиро пеши назари талабагон намоиш медаҳад. Талабагон инро мушоҳида намуда хулоса мебароранд. Албатта, муаллим пеш аз гузаронидани таҷриба моҳият ва натиҷаи онро ба талабагон шарҳ медиҳад.

Роҳи дуюм гузаронидани таҷрибахои лабораторӣ мебошад, ки тавассути онҳо талабагон донишхои нав мегиранд. Акнун талабагон малака ва маҳорати зарурӣ доранд ва таҷрибаҳои лабораториро иҷро карда метавонанд. Ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳои лабораторӣ муаллим ба талабагон дар маврида зарурӣ ёрӣ мерасонад.

Роҳи сеюм гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ё худ корҳои амалӣ мебошад, ки он баъди гузашгани якчанд мавзӯъҳои таълим ташкил карда мешавад. Ин роҳи ниҳоӣ ва дар амал татбиқ ёфтани донишҳои андӯхташудаи талабагон мебошад. Дар ин ҷо ҳар кадом талаба кори супоридашударо мустақилона иҷро менамояд, муаллим ба

талабагон ёрӣ нарасонида, танҳо назорат мекунад.

Мақсади асосии таълими химия дар мактаб аз инҳо иборат аст:

• омӯзонидани асосҳои илм, далелҳои муҳимтарин, мафҳумҳо, қонунҳо ва назарияҳои химия, аломат, формула ва муодилаҳои химиявӣ;

• ба талабагон дониши мукаммали химиявӣ дода, онҳоро ба малакаву маҳорат ва ҷаҳонбинии хуби илмӣ мусаллаҳ менамояд;

• дар талабагон нисбат ба фанни химия ҳамчун падидаи илмҳои табиатшиносӣ парваридани ҳисси муҳаббат;

• дар талабагон вобаста ба омӯхтани мавзӯъҳои таълимӣ парваридани тарбияи ахлоқӣ, инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, масъулиятнокӣ, муносибати ғамхорона нисбат ба табиат ва моликияти ҷамъиятӣ;

• парваридани талаботи бошуурона ба меҳнат, такмили малакаву маҳорати меҳнатӣ, тайёрӣ ба интихоби бошууронаи ихтисос мувофиқи қобилияти шахсӣ ва талаботи ҷамъиятӣ;

• дар асосӣ маводи таълим ташаккул додани малака ва маҳорати муқоисакунӣ, мулоҳизаронӣ, аз маводи омӯхташуда ҷудо кардани нуқтаи асосӣ, хулоса баровардан, равону эътимодбахш баён кардани маводи таълим, донишҳои худро мустақилона дар амал истифода бурдан, такмил додан ва мураттаб намудани дониш;

• ташаккули маҳорат, кор бо асбобҳо ва реактивҳои химиявӣ, риояи қоидаҳои кор дар лабораторияи химиявӣ ва техникаи бехатарӣ, ба назар гирифтани табиати химиявии модда барои пешгирӣ кардани ҳодисаҳои хавфнок (сӯхтор, таркиш, заҳролудшавӣ ва ғайра), мушоҳида ва шарҳ додани ҳодисаҳои химиявие, ки дар табиат, лаборатория, истеҳсолот ва ҳаёти рузмарра руй медиҳанд, навиштани натиҷа ва хулосаи таҷрибаҳои лабораторӣ ва машғулиятҳои амалӣ;

• ташкил намудани меҳнати таълимӣ, истифодаи китоби дарсӣ, адабиёти иловагию таълимӣ, шарҳи вобастагии хосияти моддаҳо аз сохти онҳо;

• шиносоии талабагон бо роҳҳои асосии химиконидани хоҷагии халқ, бо татбиқи технологии қонунҳои химия, асосҳои илмии истеҳсолоти химиявӣ, меҳнатӣ одамон дар истеҳсолоти химиявӣ

**Принсипҳои таҳияи стандарт ва ташкили ҷараёнитаълими химия.** Стандарти мазкур дар асоси як қатор консепсияҳои таълим таҳия шудааст: Таълим дар мавридҳои зайл самаранок мегардад:

• мутобиқати дониш, малакаю маҳорати талабагон ва муносибати онҳо ба стандарти фанни химия;

• мувофикати стандарти фанни химия ба дархости ҷомеа ва эҳтиёҷота шахс;

• мувофиқати мазмуни маводи таълим ба пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию техникии ҷомеа ва эхтиёҷоти шахс;

• мувофикати стандарти фанни химия ба стандартҳои мамлакатҳои дигар;

• дар раванда таълим талаба меҳвар аст ва мо, омӯзгорон, равандро тарзе ба нақша бигирем, ки талаботи ҳамаи талабагон фаро гирифта шавад;

• ба талабагон имконият дода шавад, ки дар асоси донишу малакаи мавҷуда донишу малакаи навро соҳиб гарданд;

• талабагон бо шавқу рағбат ба таълим муносибат менамоянд ва ин маънои онро дорад, ки муҳтавои таълим ва малакаҳои азхудшаванда на танҳо баояндаи онҳо таъсир мерасонад, балки ҷавобгӯи талаботи замони муосир аст;

• барои аз худ кардани маводи нави таълим вакти кофӣҷудо карда шавад;

• ҳам омӯзгор ва ҳам талаба дар раванди таълим масъуланд;

• омӯзгорон дар таълим аз восита ва усули гуногуни ҳавасмандгардонӣ истифода баранд;

• ҳангоми ҳалли масъалаҳо ва такмили малакаҳо барои талабагон имконияти зиёди ҳамкорӣ кардан муҳайё мегардад;

• омӯзгорон мазмуну муҳтавои дарсро вобаста бақобилияти талабагон мутобиқ месозанд;

• таълим аз руйи принсипҳои «Чӣ гуна фикр мекунем?» ва «Дар бораи чӣ фикр мекунем?» ба роҳ монда мешаванд;

• ҳама баҷихатхои хуб ва такмилталаби фаъолияти хеш воқеъбинона баҳо медиҳанд;

• нобарорӣ низ як ҷихати таълим аст;

• таълим ҳамчун раванди беохир дониста мешавад.

Талаботи стандарти фанни химия

Пас аз хатми зинаи таҳсилоти умумии миёна хонандагон бояд дониш, малака, маҳорат ва салоҳиятҳои зеринро соҳиб бошанд:

Мафҳумҳо ва пайвастҳо

• мафҳумҳои асосӣ: модда, ходиса, истилохот, аломат, формула, баробарӣ, номенклатура, реаксия, элемент ва монанди инҳоро таъриф карда тавонанд;

• пайвастхоро аз қабили оксидҳо, асосҳо, кислотаҳо, намакҳо, шарҳ дода тавонанд.

• ба синфҳои асосии пайвастҳо мисолҳо ва намунаҳо оварда тавонанд;

• нуқтахои асосии назарияи диссотсиатсияи электролитиро номбар карда тавонанд;

• робитаи генетикии байни оксидҳо, асосҳо, кислотаҳо ва намакҳоро шарҳ дода тавонанд;

• мавқеи элементҳои гуруҳчаи оксиген, нитроген ва карбонро муайян намуда, мафҳуми аллотропияро таъриф карда тавонанд;

• мавқеи металлхои гуруҳчаи асосӣ ва иловагиро дар системаи элементхои химиявӣ фарқ карда тавонанд;

• мафҳумҳои гомология, формулаи структуравӣ, изомерия, изомерияи геометрӣ, мухимтарин гуруҳҳои функсионалии моддахои органикиро шарҳ дода тавонанд;

• карбохидрогенҳои ҳаднок, беҳад, ароматӣ, спирту фенолҳо, алдегиду кетонҳо, кислотаҳои карбонӣ, эфирҳои мураккаб ва карбоҳидрогенҳоро аз руйи формулаашон фарқ карда тавонанд;

• пайвастҳои элементоорганикиро тартиб дода тавонанд;

• мафҳумҳои асосии химияи моддаҳои калонмолекула: мономер, полимер, ҷузъи структурӣ, дараҷаи полимершавӣ, структураҳои хаттӣ, шохадор ва фазоиро шарҳ дода тавонанд;

• формулаҳо ва таркиби химиявии аминҳо, баъзе сафедаҳо, аминокислотаҳо ва кислотаҳои нуклеинӣ, фермент ва витаминҳоро шарҳ дода тавонанд;

• робитаи тарафайни пайвастҳои органикӣ ва ғайриорганикиро тасвир карда тавонанд.

Сохти моддаҳо ва намудҳои бандҳо

• нуқтаҳои асосии таълимоти атому молекуларо шарҳ дода тавонанд;

• валенти элементҳои химиявиро медонанд ва аз руи валент формулаи пайвастҳои химиявиро тартиб дода, ба онҳо номгузорӣ кунанд;

• элементҳои гуруҳчаҳои асосиро аз руи мавқеашон дар системаи даври ва сохти атомашон тавсиф карда тавонанд;

• нақшаи сохти атомҳои элементҳои химиявии се даври аввалро бо нишон додани адади электронҳо дар қабатхои электронӣ тартиб дода, дараҷаи оксидшавии элементро аз руи формула муайян карда тавонанд;

• дар асоси системаи даврии элементҳои химиявии Д.И.Менделеев ва сохти атомҳо формулаҳои пайвастхои мухимтарини се даври аввалро тартиб дода тавонанд;

• дар моддахои химиявӣ намудхои бандхои химиявӣӣ аз қабили: банди ковалентӣ (беқутб ва қутбнок), банди ионӣ ва хелҳои панҷарахои кристаллӣ: ионӣ, атомӣ, молекулӣ, металлиро муайян карда тавонанд;

• таркиби молекулаи оксиген, ҳидроген, об, оксидхо, асосхо, кислотахо ва намакхоро донанд ва шарх даханд;

• табиати бандҳои химиявӣ ва роҳҳои ҳосилшавии онҳоро фарқ карда тавонанд;

• қонуни даврӣ ва системаи даврии элементҳои химиявии Д.И.Менделеевро дар асоси таълимот оид ба сохти атом шарҳ дода тавонанд;

• диссотсиатсияи электролитии моддахои бандхои ионӣ ва ковалентии қутбнокдоштаро аз қабили кислотахо, асосхо ва намакхо шарҳ дода тавонанд;

• таркиби махлулхо ва усули ифодаи ғилзати онҳоро донанд;

• сохти атоми элементҳои гурӯхчаи оксиген, нитроген ва карбонро фарқ карда тавонанд;

• хусусиятҳои сохти атоми металлҳо ва табиати банди металлиро шарҳ дода тавонанд;

• аҳамияти назарияи сохти химиявии моддаҳои органикиро шарҳ дода тавонанд;

• механизми ҳосилшавии банди ковалентӣ: қутбнокшавӣ, самтнокии фазоиро донанд;

• ба тaври гомолитӣ (ҳомолитӣ) ва гетеролитӣ (ҳетеролитӣ) канда шудани банди ковалентиро маънидод карда тавонанд;

• сохти тетраэдрии молекулаи метан ва дигар карбоҳидрогенҳои ҳаднокро тасвир карда тавонанд;

• хусусияти бандҳои химиявӣ: якчанда, дучанда, сечанда, сигма ва π-банд, бандҳои ҳидрогенӣ ва механизми $sp^3$, $sp^2$ ва sp-гибридшавиро фарқ карда тавонанд;

• формулаҳои структуравии карбохидрогенҳои ҳаднок, бехад, ароматӣ, спирту фенолҳо, алдегиду кетонҳо, кислотаҳои карбонӣ, эфирҳои мураккаб ва карбоҳидратҳоро бо назардошти сохти химиявӣ ва электронӣ тартиб дода тавонанд;

• сохти молекулаҳои моно-, ди-, ва полисахаридҳоро фарқ карда тавонанд;

• сохти аминҳо, амидҳо, аминокислотаҳо, сафедаҳо, нуклеотидҳо, ферментҳоро фарқ карда тавонанд;

• табиати электронии бандҳои химиявиро шарҳ дода тавонанд;

• вобастагии хосияти моддаҳоро аз сохти химиявӣ, электронӣ ва фазоии молекулахо арзёбӣ карда тавонанд;

• структураи хаттӣ, шохадор ва фазоии полимерҳоро тартиб дода тавонанд;

• робитаи сабабу натиҷаи байни таркиб, сохт ва хосияти моддаҳоро бо мисолхои мушаххас фахмонда дода тавонанд;

• ҳолати электронҳоро дар атом ва таксимшавии s-, p-, d- электронҳоро дар қабатҳо ва зерқабатхои электронӣ тасвир карда тавонанд;

• умумияти сохти моддахои органикӣ ва ғайриорганикӣ, сохти фазоии молекулахои моддахои органикӣ ва ғайриорганикӣ ва конформатсияи молекулаҳоро шарҳ диҳанд.

<u>Хосиятҳои моддаҳо</u>

• муҳимтарин хосиятхои физикии моддаҳоро донанд;

• хосиятҳои умумии электролитҳоро шарҳ диҳанд;

• хосиятҳои карбоҳидрогенҳои ҳаднок, беҳад ва ароматӣ, спиртҳои якатома ва бисёратома, алдеҳидхо ва кетонҳо, кислотаҳои карбон, эфирҳои мураккаб ва чарбҳо, карбогидратҳо, пайвастҳои элементорганикиро донанд ва шарҳ дода тавонанд;

• хосиятҳои аминҳо ва аминокислотаҳо, сафедаҳо, ферментҳо, витаминҳо ва полимерҳои синтетикиро донад ва шарҳ дода тавонанд;

• хосиятхои фарққунандаи моддахои холис аз омехтаҳо шарх дода тавонанд;

• хосиятхои химиявии кислотахо, асосхо, гидроксидхои амфотерӣ ва намакхоро дар асоси тасаввурот оид ба диссотсиатсияи электролитӣ ва ҷараёни оксиду барқароршавӣ шарҳ дода тавонанд;

• дар бораи хосияти моддаҳо дар асоси сохти онҳо ва оид ба сохти моддаҳо аз руи хосиятҳояшон муҳокима ронда тавонанд;

• хосиятхои фарққунандаи моддахои холисро аз омехтаҳоро шарҳ дода тавонанд;

• хосиятҳои муҳимтарини сулфур, нитроген, карбон ва пайвастҳои онҳоро донанд;

• хосиятҳои умумии металлҳо, оксидҳо ва гидроксидҳои онҳоро таҳлил кунанд;

• хосиятҳои умумии физикӣ ва химиявии металлҳоро шарҳ дода тавонанд.

<u>Истеҳсол ва истеъмол</u>

• усули ҳосил кардани муҳимтарин синфҳои пайвастҳои ғайриорганикиро донанд ва истифодаи онҳоро бо мисолҳо шарҳ дода тавонанд;

• усули ҳосил кардани карбогидридҳои ҳаднок, беҳад ва ароматӣ, пайвастҳои органикии оксигендор, карбоҳидратҳо, пайвастҳои элементорганикиро донанд ва истифодаи онро шарҳ дода тавонанд;

• сохти молекулаи аминҳо ва аминокислотаҳо, сафедаҳо, ферментҳо ва витаминҳоро донанд ва истифодаи онҳоро шарҳ дода тавонанд;

• усули истеҳсоли сулфур, нитроген, карбон ва пайвастҳои онҳоро донанд ва истифодаи онҳоро шарҳ дода тавонанд;

• тарзи истифодаи намунаҳои муҳимтарини пластмассаҳо, каучукҳо, наххои химиявӣ, коркарди саноати нафт, гази табиӣ ва ангиштро донанд ва дар амал истифода бурда тавонанд;

• роххои синтези моддаҳои калонмалекуларо донанд ва дар амал истифода бурдани онро шарҳ дода тавонанд;

• сохти асбобҳои одитаринро барои ҳосил ва ҷамъ кардани газҳо - аммиак ва оксида карбони (IV) донанд ва онҳоро истифода бурда тавонанд;

• аҳамияти системаи дасперсӣ дар табиат ва протсесҳои истеҳсолиро донанд;

• усули истеҳсоли саноатии металлҳо: истеҳсоли чуян ва пулодро донанд;

• усули ҳосил кардани металлҳоро донанд.

Намудҳои реаксияҳо

• хелҳои реаксия (таҷзия, пайвастшавӣ, ҷойгирӣ, муовиза)-ро донанд;

• дуруст тартиб додани муодилаҳои реаксияҳои химиявиро аз худ намоянд;

• реаксияи мубодилаи ионҳо, реаксияҳои баргарданда ва барнагарданда, реаксияҳои молекулӣ ва иониро донанд ва шарҳ дода тавонанд;

• самараи (эффекти) гармии реаксияҳои химиявӣ ва муодилаҳои термохимиявиро донанд ва истифода бурда тавонанд;

• суръати реаксияҳои химиявӣ, мувозинати химиявӣ ва шароити лағзиши онро шарҳ дода тавонанд;

• реаксияҳои сифатиро барои шинохтани моддаҳо донанд ва бо реаксияҳои мухталиф шарҳ дода тавонанд;

• реаксияҳои полимершавӣ ва поликонденшавӣ (политарокум)-ро донанд ва шарҳ дода тавонанд;

• муодилаи реаксияҳоеро, ки хосияти моддаҳои органикӣ ва робитаи генетикии онҳоро нишон медиҳанд, навишта тавонанд;

• таснифи реаксияҳои химияи ғайриорганикӣ ва органикиро донанд;

• суръати реаксияҳои химиявиро донанд;

• реаксияҳои баргарданда ва барнагардандаро донанд ва шарҳ дода тавонанд.

Талаботи Стандарти фанни химия дар мавридҳои зерин ҳатмист

• коркарди барнома, китоби дарсӣ, маводи таълим, саволу масъалаҳо барои санҷиши шифоҳӣ ва хаттӣ, тестҳо ва дигар дастурҳои таълимию методии фан;

• ташкили ҷараёни банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ новобаста аз шакли моликият.

**Ҷадвали натиҷаҳои таълим.** Дар ҷадвал натиҷаҳои таълим аз синфи 8-ум то 11-ум пешниҳод мешаванд. Номгӯйи натиҷаҳои таълим аз рӯйихати мавзӯъҳо бо хусусиятҳои зерин фарқ мекунад:

• ҳадафҳоеро дар бар мегиранд, ки талабагон дар натиҷаи омӯзиш онҳоро ба даст меоранд. Барои ҳамин он ҳадафҳо ба номгӯйи малакаву маҳорат монанданд, на ба рӯйихати мавзӯъҳо мундариҷа;

• мувофиқи тартибе, ки шумо таълим доданиед, пешниход шудаанд ва аз руйи тартиби мавзуъхои китоби дарей хам нестанд, балки чадвали мазкур аз руйи самтхои малака ва бобхои таълим тахия шудааст;

• ба баъзеи онхо ба зудй, дар муддати ду ё се дарс ноил гаштан мумкин аст, аммо баъзеи натичахои таълим вакти зиёдтар, шояд тамоми соли таълимро талаб кунанд;

• натичахои таълим дар самтхое, ки талабагон бояд батадрич дарачаи дастовардхояшонро баланд гардонанд, аз сода ба мураккаб инкишоф меёбанд;

• мо боварй дорем, ки талабагони алохида дар дарачахои гуногун ва бо суръати гуногун ба натича ноил мегарданд.

Мисол:

8. Мафҳумҳои асосӣ: модда, ҳодиса, реаксия, элемент ва монанди инҳоро таъриф карда тавонанд.

9. Нуқтаҳои асосии назарияи диссотсиатсияи электролитиро номбар карда тавонанд.

10. Мафҳумҳои гомология, формулаи структуравӣ, изомерия, изомерияи геометрӣ, муҳимтарин гурӯҳҳои функсионалии моддаҳои органикиро шарҳ дода тавонанд.

11. Мафҳумҳои асосии химияи моддаҳои калонмолекула:мономер, полимер, ҷузъи структурӣ, дараҷаи полимершавӣ, структураҳои хаттӣ, шохадор,турмонанд ва фазоиро шарҳ дода тавонанд.

Шумораи натиҷаҳои таълим ба миқдори соатҳои дарсӣ мувофиқ нестанд. Аз ин рӯ, онҳоро шумо бояд ба зермақсадҳо ҷудо намоед (танҳо 30 натиҷаи таълим барои синф пешниҳод карда мешавад. Ин 30 натиҷа имконият медиҳад, ки дастовардҳои таълимии талабагон санҷида шаванд).

Ҳар як натиҷаи таълим рақамгузорӣ шудааст. **Масалан**: **8. Мафҳумҳои асосӣ: модда, ҳодиса, реаксия, элемент ва монанди инҳоро таъриф карда тавонанд** - рақами якум ба синф, рақами дуюм ба самти таълим ва рақами сеюм ба тартиби натиҷаи таълим мансуб аст. Яъне, 8. - синфи ҳаштум, самти таълими якум ва натиҷаи таълими якум.

Ташкили чадвали натичаҳои таълим

Чадвал аз самтҳои зерин таркиб ёфтааст:

1. Мафҳумҳо ва пайвастҳо;
2. Сохти моддаҳо ва намудҳои он;
3. Хосияти моддаҳо;
4. Истеъмол ва истеҳсол;
5. Намудҳои реаксияҳо.

Натичаҳои таълим аз фанни химия барои синфҳои 8-11

| **Самтҳои таълим** | **Синфи 8** | **Синфи 9** | **Синфи 10** | **Синфи 11** |
|---|---|---|---|---|
| **1. Мафҳумҳо ва пайвастҳо** | 8. Мафҳумҳои асосӣ: модда, ҳодиса, реаксия, элемент ва монанди инҳоро таъриф дода тавонанд. | 9. Нуқтахои асосии назарияи диссотсиатсияи электролитиро номбар карда тавонанд. | 10. Мафҳумҳои гомология, формулаи структуравӣ, изомерия, изомерияи геометрӣ, муҳимтарин гурӯҳҳои функсионалии моддаҳои органикиро шарҳ дода тавонанд. | 11. Мафҳумҳои асосии химияи моддаҳои калонмолекула:мономер, полимер, чузъи структурӣ, дарачаи полимершавӣ, структураҳои хаттӣ, шохадор ва фазоиро шарҳ дода тавонанд. |
| | 8. Пайвастҳоро аз қабили оксидҳо, асосҳо, кислотаҳо, намакҳо шарҳ дода тавонанд. | 9. Робитаи генетикии байни оксидҳо, асосҳо, кислотаҳо ва намакҳоро шарҳ дода тавонанд. | 10. Карбоҳидрогенҳои ҳаднок, беҳад, ароматӣ, спирту фенолҳо, алдегиду кетонҳо, кислотаҳои карбонӣ, эфирҳои мураккаб ва карбоҳидрогенҳоро аз рӯи формулаашон фарқ карда тавонанд. | 11. Формулаҳо ва таркиби химиявии аминҳо, баъзе сафедаҳо, аминокислотаҳо ва кислотаҳои нуклеинӣ, фермент ва витаминҳоро шарҳ дода тавонанд. |
| | 8. Ба синфҳои асосии пайвастҳо мисолҳо ва намунаҳо оварда тавонанд. | 9. Мавқеи элементҳои гурӯҳчаи оксиген, нитроген, ва карбонро муайян намуда, мафҳуми аллотропияро таъриф карда тавонанд. | 10. Пайвастҳои элементоорганикиро тартиб дода тавонанд. | 11.Робитаи тарафайни пайвастҳои органикӣ ва ғайриорганикиро тасвир карда тавонанд. |
| | | 9. Мавқеи металлҳои гурӯҳчаи асосӣ ва иловагиро дар системаи элементҳои химиявӣ фарқ карда тавонанд. | | |

Ба мақсади дар талабагон ҳосил кардани нуқтаҳои зикршуда омӯзгор бояд дониши баланди химиявӣ, истеъдоди шоиста ва қобилияти баландиомӯзгорӣ, инчунинчаҳонбинии илмӣ дошта бошад. Ӯ бояд асосҳои педагогика, психология ва методакаи таълими химияро хуб донад.

**Китобнома:**


1. Выготский Л. С. Педагогическая психология.-М.,1996.
2. Зубайдов У.З. Барномаи таълими химия барои синфҳои 8-11. Душанбе, 2004.
3. Зубайдов У.З. Равияҳо дар таълим-талаботи замон. Душанбе «Рио-статус», 2007.
4. Зубайдов У.З. Химия. Роҳнамои муаллим. Душанбе, 1993.
5. Зуева М. В. Обучение учащихся применению знаний на уроках химии. М., 1987.
6. Кузнецов Н. Ё. Формирование систем понятий при обучении химии. М., «Просвещение», 1989.

7. Консепсияи милии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2002.
8. Немов Р. С. Психология. В трех книгах: Общие основы психологии: учеб.для студ. высш. пед. учеб. заведений.5-е изд.: Гуманитар. изд. центр Владос, 2008.-Кн.1.-687с.
9. Пак М. С. Дидактика химии. Москва «Владос», 2004.
10. Сафин Д., Мусина Р., Ҳакимхуҷаев С. Н., Асосҳои ҳамгироӣ, тафриқа ва фардикунонии таълим дар дарсҳои химия. Дастури таълимӣ. Душанбе, 2009.
11. Стандарти давлатии маълумоти миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Дар зери назари академики АТТ Зубайдов У.) (Китоби 2). Душанбе, 2007.
12. Чертков И. Н. Методика формирования у учашихся основых понятий органической химии. Москва, «Просвещение», 1990.
13. Якиманская И. С. Технология личностно-ориентированного образования. –М., 2000.

## НАУЧНО- ПРАКТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ СТАНДАРТА ПО ПРЕДМЕТУ “ХИМИЯ” В 8-11 КЛАССАХ

***ЗУБАЙДОВ У.***

Обучения химии в современной школы направленно на формировании научной мировоззрении школьников, на их интеллектуальную силу и гуманистическое отношение, на общемировую ценности и готовности к общественно полезному труду.

Новые технологии обучения химии, которое является результатом накоплении многолетней методического опыта многих учителей, формируя личность ребёнка, мышления и их речь, в них обеспечивает самостоятельную отношению к процессу обучения. Введение новых технологии в процесс обучения требует постепенную подготовку учащихся.

**Калидвожаҳо****

**Анотатсия англисӣ****

## СТАНДАРТИ ДАВЛАТИ МАЪЛУМОТ, ВОРИДШАВИ ВА ИНКИШОФИ ОН ДАР ТАЪЛИМИ ФИЗИКА

***ФАЙЗИЕВ И. Д, НОРМАТОВА Д.М., ФАЙЗИЕВ З. И.,*** *устодони ДДХ ба номи акад. Б. Гафуров*

Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 1992 дар ҳудуди давлати Шӯравӣ баробар ҳуқуқ, комил ва ҳамчун узви ягона вуҷуд дошт ва дар ҳама соҳаи инкишофи фаолияти ҷамеа саҳми худро дошт. Дар соҳаи маориф бошад системаи таълим, марказонида шуда хусусияти инварианти дошт, дар хусус, фанни физика барои ҳаммаи намудҳои муассисаҳои таълими: касби техникӣ, тиббӣ омӯзгорӣ, мактаби шабонаи коргарҷавонон ва ғайра якхела буданд. Дар ин қисмати инкишофи таълим «Барномаи таълим» ҳуҷҷати меъёри асоси ҳисобида мешуд.

Аз ин лиҳоз маҷмӯаи маълумот (то ворид шудани қонун «доир ба маълумот») (2. с. 22), аз рӯи тартиби зерин (расми 1) мураттаб сохта шуда буданд. Дар ин ҷо нақшаи таълими аз тарафи вазорати маориф пешниҳод карда мешуд ва дар асоси он барномаи таълими тартиб дода зинаи дигар китоби дарси талиф мешуданд кӣ маҷмӯаи маводи таълимӣ, миқдори корҳои амалӣ, намоиши таҷриба, эксперименти намоиши




практикуми физикиро дар бар мегирифт ва дар асоси он дастури методи ва материали дидактики таълиф мешуданд.

Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки аз сабаби дар соли 1984 реформаи мактаб, ки аз тарафи давлати Шӯрави пешниҳод карда шуда буд амали нагашт. Ин ҳолат чараён гирифтани бӯҳрони системаи таълим дар хусус таълими физика гардид ки, солҳои 1985-90-ро дар бар мегирифт, ба миён омад. Дигаргуниҳои дар ин давра ба амал омада аз сабаби ниҳоят мураккаб будан зиддият ва табадулотҳое, ки дар ин давра ба амал омад умуми карда бо истифодаи категорияи фалсафи «Гузариши табадуллотҳои миқдори ба сифати» баҳо дода дар таркиби маълумот ворид шудани мафҳуми «стандарт» мушоҳида мешавад. Дар тадқиқоти худ кӯшиш намудем, кӣ, мақсад, вазифа ва маънии ва тарзи истифодаи стандартро таҳлил карда бароем

**Ҷоизи** қайд аст, ки дар нишондоди барномаи комплекси Академияи улуми Руссия (2 с. 25) доир ба меёр ва муҳити методи маҷмӯъаи маълумотро (пас аз дохил кардани қонун (доир ба маълумот)) Расми 2 пешниҳод карда мешавад.




Ба ақидаи мо дар ин пайдарҳамии таркиби меёрии маълумоти пешниҳод карда шуда нақшаи таълими дар ҷои аввал ва стандарт дар ҷои дуюм ҷойгир бояд шавад, чунки миқдори соат муаян карда шавад пас аз он меёри стандарти давлати пешниҳод карда бояд шавад.

Қайд кардан лозим аст, кӣ мафҳуми стандарт (аз калимаи англиси-standart) қолаб, меъёр, ченак, намунаро ифода мекунад. Таъиноти стандарт чунин ташкили фаъолияти фардиро дар назар дорад, ки мувофиқи он тарбияи толибилмон тавре ба роҳ монда мешавад, ки хусусият ва сифатҳои онҳо талаботи ҷамъияти мутараққирро пурра қаноат кунонида тавонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсади асосии стандартикунонии таълим ин аз мураттаб сохтани: маҷмӯа, ҳаҷми сарбории таълими ва ба ҳисоб гирифтани тайёрии хонандагон иборат мебошад. Стандарти таълими ин ҳуҷҷати асосии меъёрии қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди таълим нигаронида шуда аст. **Ҷори** намудани стандарти давлатӣ маънои онро надорад, ки ҷараёни таълим аз чорчӯбаи як қолаб берун наояд. Баръакс ба ҷомеаи омузгорон шароит фароҳам меорад, ки дар атрофи маҷмуаи барномаҳои таълимии ивазшаванда технологияи гуногуни таълими дастурҳои таълими эҷод намуда, фикру ақида ва дархостҳои худро пешниҳод намоянд. Таъиноти стандарти таълимӣ, дар асоси чунин талаботҳои зерин пешниҳод карда мешавад.

1 . Стандарт бо кафолати конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар як шахс гирифтани чунин дараҷаи таълимиро пешбарӣ намояд, кӣ инкишофи ҳаматарафаи шахсият ба назар гирифта шавад ва он имконияти давом додани таълимгириро дар соҳаи проффесионалӣ таъмин намояд.

**2.** Гузариш ба системам ҷори шудани намудҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ дастгоҳи идоракунандаи давлати вазифадор карда мешавад, кӣ системаи таълимро дар давлат муътадил созад. Роли муътадилкунанда ва идоракунандаро бояд стандарти таълимӣ таъмин намояд. Яъне дар барномаи таълими мундариҷа корҳои лаборатории намоиш ва таҷрибаҳо маводҳои хусусияти маҳалли доштаро низ дар ҷараёни таълим ҷори намоянд. Барномаҳои таълимӣ дар маҷмуъа метавонанд аз стандарти таълимӣ фарқ кунад, лекин аз стандарти пешниҳодкардашудаи давлатӣ набояд кам бошад. Ин имконият медиҳад, ки дар дохили давлат ба як дараҷаи ҳамоҳангии умумитаълими мувофиқ шуда кафолати баланди сифати таълими хатмкунандагони мактабҳоро таъмин намоянд.

3. Ба тарзи мушаххас муайян намудании талаботи камтарини маводи таълимии толибилмон имконият медиҳад, кӣ маводҳои пешниҳодшударо ба дараҷаи гуногун аз худ намоянд. Чунин ташкили фаолияти толибилмон аз сарбории таълимӣ изофагӣ озод намудани онҳо гардида имконият медиҳад, ки шавқу ҳавас ва қобилияти эходии худро дар амал равнақ диҳанд.

4. Стандарт функсияи идоракунандагиро низ ба эътибор бояд гирад. **Ҷори** намудани ин функсия ба тарзи қатъӣ тағйир додани системаи назорати мавҷуда ва баҳо додан ба сифати таълим дар асоси истифода бурдани ченакҳои воҳиди объективона, ки стандарт муайян мекунад бояд дар бар гирад.

**5.** Стандарт функсияи баландбардории сифати таълимро ба ҳисоб бояд гирад. Стандарти таълими ба он равона карда шавад, кӣ ҳаҷми лозимии камтарини маҷмӯаи таълимиро ба қайд гирифта сарҳади поёнтарини дараҷаи тайёрии хонандагонро муайян бояд кунад. 'То ҳол чунин тарзи меъёри умумии баҳодиҳии таълими кор карда нашуда аст. Тасаввуроти ҳозира оиди дараҷаи тайёрии умумитаълими дар бисъёр ҳолатҳо стихияви буда, меъёри он ба дониши нисбатан баланди толибилмон мувофиқ карда шуда буд ва аз ин ру дараҷаи пешбини карда шуда барои бисёр хонандагон дастнорас буд. Ин ба ҳолате расонид, кӣ дониши аксарияти хонандагон ниҳоят паст шуд, тайёрии хуби хонандагони алоҳида муаммои баланд бардоштани сифати таълимиро умуман ҳал карда натавонист. Дар ин маврид барномаи таълими ба талаботи замон мувофиқ шуда метавонад, агар стандарти таълимии фанҳои алоҳида мураттаб сохта шуда ва дастраси истифодабарандагон гардад. Чунки ташкил ёфтани намудҳои муасссаҳои таълими ва ҷори шудани равияҳои гуногуни таълим, чи тавре, ки дар боло қайд шуд, талаб мекунад, ки маводи таълими вобаста аз миқдори соатҳои дар нақшаи таълими муқаррар шуда ҳаҷман зиёд ё кам карда шуданаш мумкин аст. Дар ин маврид маҷмуъаи маводи таълимӣ дар ҳолати миқдори соат кам ҷудо шудан аз стандарти муқаррар гардида камтар набояд бошад.

Аз тарафи дигар интихоби маводи таълимие, ки маҷмӯаи фанни таълимиро дар бар мегирад, хусусияти тарбияви дошта ба такмили **щохаҳои** ватандӯстӣ, меҳнатпарастӣ ва баланд бардоштани маданияти милли равона шуда бошад.

Меъёрҳо барои ташаккули маҳорат ва малака, ки ҳангоми омӯзиши фанни алоҳида хонанда бояд ба он соҳиб шавад ва аз ҳама муҳимаш барои омӯзиши эътимодноки фанҳои гуногун мусоидат карда ба фаъолияти амали толибилмонро тайёр намояд.

Инкишофи илми муосир, хусусиятҳои синну сол ва фаъолияти маърифатии хонандагон водор месозад, ки маҷмӯъа ва номгӯи фанҳои таълимиро, ки дар мактаб таълим дода мешавад тағйир дода нақшаю барномаҳои таълимиро такмил диҳад.

Барномаи таълими мактаби тоҷики дар асоси талаботҳои зерини педагоги мураттаб дода шавад:

- мувофиқ намудани м а қ с а д ва вазифаҳои таълим ва тарбия ба тайёри ва инкишофи ҳаматарафаи хонанда;
- хусусияти илми доштани маҷмӯаъи маводи таълимӣ;
- истифодаи ҳатми маҷмӯаъи стандарти таълим ҳамчун меъёри ҳудудие, ки аз тарафи давлат пешбари шудааст, ки он имконияти аз як намуди муассисаи таълимц ба дигар гузаштани толибилмонро фароҳам меоварад;
- алоқаманд намудани маҷмӯаъи маводи таълими ба амалия ва ҳаёт;
- системаноки ва пайдарҳамии омӯзишии маводи таълимӣ вобаста ба солҳои хониш;
- мувофиқи имконият ва оммафаҳм будани маводи омӯхташаванда.

Ба сифати мисол баъзе омилҳои мураттаб сохтани барномаи таълими барои мактабҳои таҳсилоти ҳамагони асоси (9-сола)-ро аз фанни физика чи гуна бояд ташкил шавад, дида мебароем.

Пеш аз ҳама ба хотир овардан лозим аст, ки дар инкишофи таълим ва тарбияи давраи собиқ давлати Шӯрави, таҳсилоти ҳатми ва ҳамагона 11-сола муқаррар карда шуда буд. Пас аз мустақилияти Чумҳурии Тоҷикистон таълими ҳатми 9-сола низ баргузор гардид.

Барои ҷори кардани нававари таркиби таълимии давраи Шӯравиро шикаста ба таълими нав мувофиы кардан лозим мешавад ва дар ҷараёни таълим лозим мешавад, ки баъзе табадулотҳо дохил карда шавад. Якӯм, барои толибилмоне, ки синфи 9-ро хатм намуда ба кор мераванд ё дар муассисаҳои миёнаи махсус ба таълимгири оғоз менамоянд барои аз илми физикаи замонави бенасаб намондан, лозим мешавад, ки аз зинаи дуюми таълими ба зинаи якуми таълими маводҳои аз ҷиҳати назарияви мураккабро нисбатан "фишурда" ва содда намуда мантиқи курси физикаро накоҳонида ба зинаи якуми таълим кӯчонида мешавад. Бо назардошти хусусияти дар боло қайдкардашуда маводи таълимӣ аз фанни астраномия низ содда намуда ба таркиби курси физикаи консентри якум дохил кардан лозим мешавад, бо мақсади эҳъё намудани маданияти халқои Осиёи миёна осори илмии олимони табиатшиноси асримиёнагӣ ва

ҳозираро аз ҷиҳати илми-методи кор карда баромада дар ҷараёни таълим ҷори кардан лозим мешавад.

**Китобнома**:


1. Государственные образовательные стандарты в системе общего образования. Теория и практика. Под ред. В. С. Леднёва и др. –М.: Издательство Московского психолого-социального института; Воронеж: изд-во НПО «МОДЭК», 2002.-384с.

2 Разумовский В. Г. Государственный стандарт образования супердержавы мира к 2000 году Педагогика.-1993. –№3.-С.92-100.

3. Теоретическое обеспечение практики стандартизации в образовании: Мате риалы Управления по делам Образования администрации города Челябинска.- Челябинск, 1995.-57с

4. Тиндель Д. О важности изучения физики. // Новейшие образования, его истинные цели и требования.-СПБ., 1987


**Аннотатсия****

## МЕТОДҲОИ (УМУМИИ) ТАДҚИҚОТИИ ИЛМИИ ДАРК КАРДАН, ФАҲМИДАН Ё ВОҚИФ ШУДАН ДАР КУРСИ ФИЗИКАИ МАКТАБҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ВА ОЛӢ ДАР НИЗОМИ НАВИ КРЕДИТӢ


***ДАВЛАТОВ А., УМАРОВ У.С.***

*устоди ДДОТ ба номи С.Айнӣ*


Таҷрибаи кор дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ, боз ҳам айён намуд, ки он маводи омухташуда аз ҷониби хонанда хуб азхуд намуда, малакаҳои зарӯриро дар мавриди мустақилона ба даст овардани дониш, методҳои асосиро хуб сарфаҳм рафта бо ёрии ин методҳо донишҳои физикиро хеле хуб дарк карда метавонед.

Истифодаи методҳои воқиф шудан дар китобҳои дарсии физика инъикос ёфта, аз рӯи дастурҳои методии таълимӣ амалӣ мекунанд.

Методҳои умумии дарк кардан ё воқиф шудан, одатан мисли ҳамеша хеле сарфакорона ё (мунсикона) дар китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ инъикос ёфтаанд. Методҳои аввалини тадқиқотӣ – илмӣ воқиф шудан. Ин <u>методи мушоҳида кардан</u>, <u>таҷриба гузаронида</u> буда, аз ҷониби омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ чӣ тавр воқиф шудан ва амалӣ намудан онҳоро мухтасар бошад ҳам, дида мебароем.

Ҳангоми омӯзиши бобҳои асосҳои кинематика ва динамика дар синфҳои болоӣ (IX ва X) диққати хонандагонро ба моҳияти методи мушоҳида, ва норасоии ин методи дарккуниро асоснок карда, зарурати гузариш ҳангоми омӯзиши ҳодисаҳои физикӣ аз мушоҳида, ба таҷриба мебошад. Дар мадди аввал таҳлили методи мушоҳида ва таҷрибаҳои ҳодисаҳо мумкин аст, чанд маротиба такроран дар синфҳои болоӣ (IX ва X) давр зада мумкин аст.

Пас <u>мушоҳида чист</u>? <u>Моҳияти он чист</u>? Мушоҳида – ин тасаввур кардан ё пешакӣ, (ғаразнок) қасд карда шуда, мунтазамона аз рӯи он нақша кор бурдан, фаҳмидагирӣ ё воқиф шудан аз ягон объект ё ҳодиса , иҷрокарда, ба мақсад, муайян кардани баязе хислатҳои сифатӣ ва хусусиятҳои хоси он мебошад.

<u>Мушоҳида</u> – ин шакли боғайратноки фаъолияти хонанда ва донишҷӯи мебошад. Вай талаби аниқи шарҳдиҳии масъала ва кор карда баромаданӣ он методикаи мушоҳидаро дорад. <u>Масалан</u>, агар нуҷумшинос мушоҳидаи ҳаракати ягон сайёраи системаи офтобиро дорад, он гоҳ вазифаи ин мушоҳид мумкин муайян кардани он ҳаракати сайёра аз рӯи чӣ гуна хати ҷойивазкунии он ҷисми осмониро дар давоми сол мӯайян кунад. Барои ин мушоҳид аз телескоп ё дуртбин истифода мебарад.

Мушоҳидаҳои илми, ҳамчун қойда ба баъзе ченкуниҳои бузургиҳо оварда мерасонад. Натиҷаи мушоҳида дар шакли таблитса, график сабт карда мешавад.

Аз рӯи мушоҳида тадқиқотчӣ вобастагии байни хосиятҳои гуногуни ҷисмҳоро барқарор мекунанд. Ба ин мисоли хело ба маврид, мушоҳидаи ҳаракати броунӣ дар зери микроскоп шуда метавонад. Мушоҳид ҳаракати бетартибонаи зарраҳои хело хурд дар моеъ ё газро мушоҳида намуда бояд натиҷаи мушоҳидаро дар намудани расм тасвир намуд, ки дар натиҷаи он муддати вақти мӯайян ҳаракати ҳар як зарраи он ҳолати ҷойгиршавии онро муайян мекунад. Аз рӯи он траекторияи ҳосилшудаи ҳаракат хулоса баровардан мумкин аст, ки вазъияти ҷойгиршавии ҳар як зарра ва ҳаракати он характери тасодуфӣ (ногаҳонӣ) дорад. Онгаҳ вай аз

рӯи баъзе расмҳо барои заррахои массаи гуногун дар ҳароратӣ гуногун доштаи моеъҳо ичро мекунад. Аз мушоҳида бовари ҳосилкунонидани он, ки ҳаракати броунӣ то як муддати дӯрру – дароз номаҳдуд давом ёфта, интенсивияти ҳаракати броуни заррахо аз андозаи онҳо вобаста буда (лекин аз табиати заррахо вобастагӣ надорад), бо афзоиши ҳароратҳои гуногун зиёд шуда, камшавии он бошад, бо зиёд шудани часпакии моеъҳо вобастагӣ дорад. Ҳамин тавр, ҳаракати броунӣ, ҳаракати хаотикии худи молекулаҳо мебошад.

Мушоҳида дар физика, ин тавсиф ёфтани натиҷа ва талаби шарҳи муайян бо истифода аз он назарияи ба вуҷуд омадаро нишон медиҳад. Ин дар вазъияте нақши ниҳоят муҳимеро иҷро мекунад, ки ҳангоми бевосита мушоҳида кардани на худи ҷисм ё раванди физикӣ балки натиҷаи таъсири байниҳамдигарии он бо ҷисмҳои дигар ё ҳодисаҳо мебошад.

Аз ин ҷо, рафтори микрозарраҳо, бевосита ё мустақиман шарҳ додани мушоҳид на худи он микроҳодисаҳо, балки аз рӯи натиҷаҳои бо ҳам таъсиркунии ин ё он асбобҳо, ё дастгоҳҳо мебошад. Шарҳи чунин мушоҳидаҳо ба таҳқиқотчӣ имконият медиҳад, то ки далелҳои ҳақиқиро аз ғайри ҳақиқи ҷудо карда, боядқайд намуд, то ки он шахси ғайри ихтисосро бетараф нагузошта, комилан ошкор шудани онро донад.

Мушоҳида, асос шуданаш мумкин ба он назарияи оянда ва амалияи ҳаракат фақат дар он мавриде агар он ахбори нав оиди он хосияти объективии оламро инъикос кунад. Вале бо вуҷуди он муваффақияти чунин натиҷаҳо, баъзан дар аксар мавридҳои ба он вобаста буда низ, бо душвориҳои зиёде дучор шуданашон мумкин аст. Ҳангоми иҷрои мушоҳида, ба хатоҳо роҳ доданашон мумкин, ё он иштибоҳ ё фиреби ҳисси органи биноӣ. Масалан, ба хонандагон хуб маълум аст, ки чубчаи ба об фаровarda ба назар чунин менамояд, ки он шикаста аст ва нисбат ба релси ба он паралел буда низ аз он дур ба якдигар ҳам монанд мебошанд. Чунин хатогии рух дода, фиреби ҳиссӣ (ё тасвири ғалат) дар таҷрибаҳои хеле содда мушоҳида карда мешаванд. Лекин хатоҳои зиёд ва душвор низ дар он мавриде, рух доданаш имконпазир аст, агар мушоҳид он ақидаҳои нодуруст ё майли тасаввуроти нодуруст нисбати далелҳои субъективонаи дигар дошта бошад. Яке аз шартҳои объективонаи далели мушоҳид, он талабе, ки вай аз ҷониби дигар мушоҳидачиҳо низ мушоҳида намуда, он қиматҳои ба даст оварда ба ҳисоб гирад. Агар қиматҳои якхела аз ҷониби чанд мушоҳидачӣ ба қайд гирифта шаванд, он гоҳ зиёд шудани боваринокӣ нисбати таҳқиқот аст ва дуруст будани онро нишон медиҳад.

Дар аксари мавридҳои дигар барои боварибахш кардани натиҷаи объективонаи мушоҳида (нисбати аниқ будани он ), аз асбобҳои гуногун истифода мебарад. Он гоҳ қиматҳои бо ёрии асбобҳоигуногун ба қайд гирифта, боз ҳам барои муайян кардан ва баҳодиҳӣ ба шарҳи (тафсиркунанда) талаб мекунад.

Дар ҳақиқат чӣ гуна мушоҳидае, ки набошад он робитаи физикии мушоҳид ба объекти мушоҳидашаванда мебошад. Барои амалӣ шудани ин робита, зарур он омиле аст, ки аз объект ба мушоҳидчӣ таҳвил дода мешавад.

Агар ин робита мустақиман рост аз объект ба мушоҳид бошад, он гоҳ таъсир аз ҷониби мушоҳид ба объект вуҷуд надорад, лекин агар ин робита дар аввал аз мушоҳид ба объект бошад, (масалан ҳангоми равшан кардани ҷисми ташреҳкунада ) мушоҳидачӣ дар зери микроскоп онгоҳ таъсири мушоҳид ба объект шарт ва зарур буда принсипнокии он боз ҳам заруртар аст.

Пас аз ин гуфтаҳо бармеояд,ки чӣ гуна шарти бомуваффақият, кор фармудан ё истифодабарии методи қиёскунӣ мавҷуд аст. Пеш аз ҳама: 1) аломатҳои якхелаи объектҳо бояд муҳим ё асос бошад; 2) аломатҳои гуногуни объектҳо бояд ҷузъи бошанд ва шумораи онҳо низ максималӣ бошад.

Дурустии методи қиёскунӣ ҳама вақт дар охири озмоишҳо муайян карда мешавад. Арзиши методи қиёскунӣ дар он аст,ки ба пешниҳоди фарзия (гипотеза) меоварад. Хулосабарорӣ аз рӯи методи қиёскунӣ хосияти исбот кардан дорад,яъне мавриди муайян кардани: а) аломатҳои умумӣ ва фарқияти ($a_1$, …. $a_n$) бо ишораи $\beta$; *ошкор* кардани як аз объектҳо ва кучонидани он бо объекти дигар. Хосияти аз табиати объект вобаста набуда, бетафовут аз он ки ба чӣ гунна мавзӯъ тааллуқ дорад; б) ишораҳо ($a_1$, …. $a_n$) дар ҳадди ҳақиқӣ якхелаанд ё ба объекти муқоисакунанда мансубанд.

Масалан,дар механика ҷисми сахт гуфта,чунин ҷисмеро меноманд,ки ҷойгиршавии як қисми молекуллаҳои он дар натиҷаи таъсири байни ҳамдигарӣ дар раванди таъсир тағйир намеёбад,яъне бетагйир мемонанд. Бинобар ин мувофиқи муқарраркунӣ,мо метавонем ҷисми сахтро ҳамчун системаи нуқтаҳои матералӣ пешниҳод намоем то ки вазъияти байни якдигар ҷойгиршавии онҳо тагйир наёбад. Пас дар ибтидо мувофиқи методи қиёскунӣ қонуни ҳаракати системаи нуқтаҳои материалиро нисбати ҳаракати ҷисми сахт гузаронидан мумкин аст. Ҳамин тавр амал кардан масалан, ҳангоми омӯхтани ҳаракати чархзанандаи ҷисм, чунки исботкуниҳои энергияи кинетикии ҷисми сахти чархзананда ба суммаи энергияи зарраҳо гузаронида ҷисми сахтро ба қисмҳо ҷудо бояд кард.

Мисолҳои аз таърихи физика оварда гувоҳи онанд,ки бо истифода аз методи қиёскунӣ чӣ гуна қонунҳои физикаро кашф намуданд.

1. <u>Қиёскунӣ аз рӯи аломати кучонида.</u>

Аз ин навъи қиёскунӣ Галилей барои шарҳ додани системаи Геллиосентрикӣ олам истифода карда буд. Мухолифони системаи гелиосентрикӣ Коперник истенод мекарданд,ки ҳаракати Замин бояд аз ҳад зиёд ва муҳим ба шакли инъикос кардани ҳодисае,ки дар сатҳи замин рӯй медиҳад,таъсири худро мерасонад.

Санге,ки аз манораи баланд партофта шудааст бояд ба бунёди он наафтида балки дар тулии вақти гардиш ба масофае,ки замин ҳангоми афтидани санг тай намудааст афтад; ё ки дурии парвози снаряди аз миномиёт паронида шуда вобаста ба самти парвоз ба тарафи ғарб снаряд масофаи зиёдро нисбат ба тарафи шарқ тай мекунад; парранда низ ҳангоми парвоз ҳамроҳ бо ҳаракати замин дар муддати маълуми вақт расида омад ва ғайраҳо. Ҳамаи ин далелҳоро Галилей аз рӯи методи қиёскуни ҳаракати Замин бо ҳаракати кишти инкор карда ва нодуруст будани онро исбот кард. Яъне санги аз баландии манора партофта шуда бо киштии ҳаракаткунанда аз бунёди манора ба тарафи гардиш кардани замин масофаи дар муддати вақт тай кардаи кишти, омада мерасад. Лекин дар набудани таъсироти қувваҳои беруна санг дар наздикии бунёди манора меафтад. Пас,дар замин низ мо бояд чунин мушоҳида кунем- ҳаракати он набояд чунонеки тарафдорони системаи Птоломей фикр мекарданд.

2. <u>Қиёскунии ба ҳамдигар наздик (монандӣ).</u>

Ин намуди қиёскуниро Галилей бо мақсади назарияи Каперникро тадбиқ намудан вобаста ба кашфи ҳамсафари муштари истифода карда буд. Муштари бо ҳамсафари худ ҳамчун тамсилаи Системаи офтоби буда, мавҷудияти яке аз системаҳо аз рӯи методи қиёскунӣ мавҷудияти системаи дигарро шаҳодат медиҳад.

3. Муқоисакунии ҳодисаҳо аз рӯи методи навъ (ё ки ҷинс).

Дар ибтидои китоби « Таҳлили математикии фалсафаи табии» аз таърихи мухтасари ҳолати ҷисм, вобаста ба он ки қувваи ҷазиба ба массаи ҷисмҳои мутақобил таъсиркунанда муттаносиб мебошад, Нютон аз методи қиёскунии байни ҷисмҳои замин ва ҷирмҳои осмонӣ истифода намуда,айёнӣ ва аниқ кор фармуда тавонист. Яъне ҳамаи ҷисмҳои вазнин ба замин аз як хел баланди дар муддати вақти якхела меафтад. Пас шубҳае бояд набошад,ки дар сайёраҳои дигар низ чунин ҳолат рӯй медиҳад. Дар ҳақиқати ҳол тасаввур бояд кард,ки ҷисмро аз замин то ба мадори Моҳ баровараданд ва якҷоя бо Моҳ ба замин сар доданд, он гоҳ аз ҳар гунна ҳаракати дигар маҳрум буда, ба

замин омада меафтад. Мувофиқи он асосе исбот шудааст,ки дар муддати вақти якхела онҳо масофаи якхеларо тай мекунанд. Аз чунин муҳокимаронихо бармеояд,ки ҳамаи сайёраҳои системаи офтоб дар гирди офтоб чарх мезананд,дар масофаҳои гуногун аз он дар фазои гуногуни он дар муддати вақт омада меафтанд. Қуввае,ки ба ҷисмҳои массаҳояшон гуногун,шитоби якхела мебахшад, ба масса мутаносиб буда, бинобар ин қувваи ҷозиба низ ба массаи сайёра мутаносиб мебошад.

4. Хулосаҳои умумӣ аз методи қиёскунӣ. Ин қиёскуниро дар назарияи паҳншудаву машҳури нисбияти Эйнштейн ки барои ҳамагуна ҳодисаҳои физикӣ тадбиқ меёбад,амали намудан имконпазир аст. Он хулосаҳои умумӣ қиёскунӣ дар доираи мавҷудияти назарияи физики мумкин аст ба фикри нави асоси оварад,барои он ки принсипи нисбиятро бо кашфи далелҳои озмоиш якҷоя бо суръати доимӣ рӯшноӣ,он хосияти фундаментали доштани вақт ва фазоро аз нав дида баромадан,яъне дубора аз назар гузаронид-ро дида бароянд.

5. Қиёскунии субстансионалӣ ( ҷавҳар) будан.

Хосияти умумии гарми ва моеъҳо ва аломатҳои умумии онҳо ба он оварда мерасонад,яъне барандаи гарми ё паҳнкунандаи он ин хосиятро эътироф кардан ё тасдиқ намудан. Пас, мувофиқи он қиёскунии субстансионалӣ ба хулосае омаданд,ки мавҷудияти майдони магнитию электрикӣ ва бевазнии баъзе моеъҳои дигар низ ба он соҳибанд. Аҷиб аст,ки ин намуди қиёскунӣ чун қоидаи тасдиқшудааст, лекин фикри тасдиқшуда ба хатоги ба иштибоҳ оварда мерасонад.

**Китобнома:**

1. Бугаев А.И Методика преподования физики в средней школе: Тефет.основы: Учеб.пособие даря студ-ов пед.ин-тов по физ.-мат. М.: Просвешение 1981.

2. Основи методики преподования физики в сркдной школе В.Г. Разумовский, А.И. Бугаев и др., М.: Просвешение 1984.

3. Н.П. Семьлкин., В.А. Любичанковский, Методолические вопросы в курсе физики средный школы. Москва « Просвешение» 1979.

4. Физика. Китоби дарсӣ синфҳои 9-10., 2006

Анотатсия**

## ОМӮХТАНИ МАВЗӮИ «МАЙДОНИ ЭЛЕКТРӢ» ДАР РОБИТА БО ОФАТИ ТАБИИИ «РАЪДУ БАРҚ» (ДАР СИНФИ 8)

***БОБОНИЁЗОВА Г. А.,***
*ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*

**Мақсади дарс**: ташаккул додани мафҳуми майдони электрӣ, ошкор кардани мавҷудияти майдони электрӣ дар атрофи ҷисмҳои заряднок, омӯхтани майдон чун навъи материя, муайян кардани самти таъсири қувваҳои электрӣ, тавассути омӯхтани мавзӯъ шинос кардани хонандагон бо офати табиии раъду барқ, сабабҳои пайдоиш ва роҳҳои паст кардани хатари ин офат.

**Мақсади мушаххас**. То интиҳои дарс хонандагон метавонанд: мавҷудияти майдони электриро дар атрофи ҷисмҳои заряднок ошкор намоянд;

Ба ҳодисаи раъду барқ шинос шаванд;

Майдони электриро чун навъи материя омӯзанд;

Муайян намоянд, ки дар атрофи ҷисмҳои заряднок чӣ гуна майдон аст;

Роҳҳои пешгирӣ кардани хатари раъду баркро муайян кунанд.

**Воситаҳои айёнӣ**: китоби дарсӣ (Физикаи синфи 8. Мауллифон Умаров У.С., Исупов Ҷ., Икромов М., Нуралиев Ф. Душанбе, Алиф, 2009), электроскоп, насоси ҳавоӣ, саққочаҳои ба ресмон овехташуда, овезаҳо, таҷриба доир ба ошкор кардани майдони электрии курраи заряднок.

**Донишҳои зарурӣ:** таъсири мутақобили ҷисмҳои заряднок, сохт ва амалӣ электроскоп, навъҳои заряд.

**Санҷиши дониш:** саволу ҷавоб аз рӯи саволҳои §31 ва §32-и китоби дарсӣ (Физика - 8. Мауллифон Умаров У.С., Исупов Ҷ., Икромов М., Нуралиев Ф. Душанбе, Алиф, 2009).

**Водоркунӣ**

Муаллим тавассути саволгузорӣ иҷрои супориши хонагиро месанҷад

1. Ҷисмҳои заряднок ба якдигар чӣ гуна таъсир мекунанд?
2. Дар атрофи ҷисмҳои заряднок чӣ гуна майдон мавҷуд аст?
3. Мавҷудияти майдони электриро чӣ тавр ошкор мекунанд?
4. Дар ҷои беҳаво таъсир аз як ҷисми заряднок ба ҷисми дигар гузашта метавонад?

**Даркнамоӣ**

**Масъала:** кӯҳнавардон ҳангоми дар баландкӯҳ шабро рӯз кардан ҳамаи ашёҳои металлиро аз худ дур мегузоранд. Сабаби дур гузоштани асбобҳои металлӣ дар чист?

Ҳал: раъду барқ ба он мавзее, ки ашёҳои металлӣ воқеъ аст, таъсир мекунад. Майдони электрие, ки ҳангоми раъду барқ ҳосил мешавад, дар металл, ки аз ҷиҳати электрӣ ноқили хуб аст, таъсир карда ҷараёни электрии хеле зиёд ҳосил мекунад ва метавонад бо оқибати нохуш оварда расонад. Бинобар ин кӯҳнавардон ҳамаи ашёҳои металлиро шабона ҷамъ карда аз мавзее, ки қарор доранд дур мегузоранд ва бо ин роҳ онҳо хатари раъду баркро паст мекунанд.

**Мазмуни мавзӯи дарс: та**съири як ҷисм ба ҷисми дигар бевосита ҳангоми ба ҳам расидани онҳо ё ба воситаи ҷисмҳои дигар, масалан об, ҳаво ва ғайра ба амал меоянд.

Пас, саволе ба миён меояд, ки ҷисми заряднок ба ҷисми дигар чӣ тавр таъсир мекунад? Барои ҳалли ин масъала бисёр олимони ҷаҳон чандин сол машғул шуданд. Физикони англис Фарадей ва Максвелл ба ин савол ҷавоб ёфтаанд. Дар асоси гуфтаҳои Фарадей ва Максвелл фазои иҳотакардаи ҷисми заряднок аз фазои иҳотакардаи ҷисми беззаряд фарқ мекунад, яъне ҷисмҳои заряднок дар атрофи худ майдони электрӣ ба вуҷуд меоранд ва ба воситаи майдони электриашон ба якдигар таъсир мерасонанд. Майдони электрӣ як намуди материя мебошад, ки аз модда фарқ мекунад. Ҳамаи майдонҳо аз модда фарқ мекунанд. Мавҷудияти онро танҳо аз рӯи таъсираш муайян кардан мумкин аст. Барои дарки ин таҷрибаи зеринро муоина мекунем. Ба ресмон якчанд саққочаҳоро овехта, онҳоро заряднок мекунем. Ягон курраи зарядноккардашударо дар наздикии саққочаҳо ҷойгир мекунем. Чӣ қадаре ки саққочаҳоро ба курраи заряднок наздик кунем, майдони электрии саққочаҳои заряднок ба майдони электрии курраи заряднок бо ҳамон қадар қувва таъсир мекунад. Дар натиҷа саққочаҳо аз курраи заряднок дур мешаванд, агар зарядҳои ҳамномро дошта бошанд.



**Расми 1**

**Мулоҳизаронӣ**

Муаллим дарсро ҷамъбаст намуда, хонандагонро ба хулосае меорад, ки яке аз роҳҳои паст кардани зарари офати табиии раъду барқ ҳамаи ашёҳои металлиро аз худ дур гузоштан, дар дашти кушод, ҷуқуриҳо, сойҳо ва ҷариҳои хушк пинҳон шудан, дар таги пой ё ҷои нишаст санг, либосҳои хушк, шоххо, танаи хушки дарахтро гузоштан.

<u>**Супориши хонагӣ**</u>: муаллим ба хонандагон супориш медиҳад, ки андешаҳои худро доир ба паст кардани хатари раъду барқ дар шароити хона нависанд.

**Китобнома:**

1. Умаров У.С., Исупов Ҷ., Икромов М., Нуралиев Ф. Китоби дарсӣ (Физикаи синфи 8), Душанбе, Алиф, 2009.

2. Умаров У.С., Ҷумъаев Ҳ., Қ., Раҷабов У. Масъалаҳои паст кардани хатари офатҳои табиӣ дар таълими физика. Душанбе 2011.

**Анотатсия****

# ТАЪЛИМИ ФАННИ «ФИЗИКА» ДАР СИНФИ VIII ТИБҚИ СТАНДАРТИ НАВИ ТАҲСИЛОТ

***УМАРОВ У. С.,***
*ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*

Физика таҳкурсии маълумоти табиӣ-илмӣ, фалсафаи табиатшиносӣ ва пешрафти илмӣ-техникӣ ба шумор меравад. Физика ҳамчун илм соҳаи предметии худро доир ба қонунуниятҳои умумии ҳодисаҳои гуногун олами моро иҳотакунанда дорад. Он аз ҷумлаи илмҳои табиӣ буда, дар асоси қонуниятҳои табиат инкишоф меёбад.

Дар соҳаи физика солҳои охир муваффақиятҳои беназир ба даст оварда шудааст: қонунҳову назарияҳои нав ба вуҷуд омаданд, ки ҳодисаҳои зиёди бешумори физикиро дарбар мегиранд. Ин назарияҳо тавассути таҷрибаҳо тасдиқ шудаанд.

Физика асоси техникаи муосир мебошад. Физика на танҳо асоси назариявии техникаи муосир, балки ба қисми ҷудонашавандаи таркибии он табдил ёфта, ба таври узвӣ ба ҳамдигар пайвастаанд. Энергетика (хусусан ядроӣ ва термоядроӣ), алоқа (лазерӣ, оптикаи нахӣ, рақамӣ), ҳосил намудани маводи хосиятҳояшон пешакӣ муайян ва ғайраҳо мисолҳое мебошанд, ки ба ҳамдигар дохилшавии физикаю техникаро тасдиқ менамоянд. Бо ин аҳамияти маълумотию таълимии «Физика» муайян карда мешавад.

Физика ба фанҳои математика, астрономия, химия, технология, технологияи компютерӣ, биология, география ва фунуни дигар робитаи зич дорад. Ин робитаро таҳиягарон ҳангоми таълифи барномаи таълимӣ, китоби дарсӣ, раҳнамои омӯзгор ва маводи методиву таълимии дигари марбут ба Физика бояд ба назар гиранд ва омӯзгорони ин фан дар вақти зарурӣ вобаста ба мавзӯъ робитаи ин фанҳоро бояд дуруст шарҳ диҳанд.

Аз нуктаи назари дурбинӣ физика шакли фазоӣ-вақтии мавҷудияти материяро дар ду намуд-модда ва майдон, қонунҳои бунёдии табиат ва назарияҳои физикаи муосир, проблемаҳои методологии донисташавандагии илми табииро муоина менамояд.

Аз нуктаи назари объектӣ физика таъсири моддаҳоро дар савияҳои гуногун микроскопӣ-заррахои бунёдӣ, атом ва ядрои атом, молекула; макроскопӣ-газ моеъ, ҷисми сахт, плазма; мегасавия-объектҳои кайҳониро меомӯзад, инчунин физика чор намуди таъсири мутақобила (гравитатсионӣ, электромагнитӣ, пурзӯр ва суст), хосияти майдони электромагнитӣ (бо назардошти хосиятҳои оптикӣ), соҳаи васеъи татбиқи физика (механизатсиякунонӣ, автоматикунонӣ, интиқолу қабули иттилоот ва ғайраҳо) ва проблемаи бо он алоқманди экологиро меомӯзад.

Маҷмӯи функсияҳои дар боло нишондодашудаи физика тасдиқ менамояд, ки он асоси ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва инкишофи хонандагон ба шумор меравад.

Вазифаи дигаре, ки физика иҷро менамояд, омӯзиши робитаи мутақобилаи табиат ва ҷамъият мебошад. Ин робита ба оқилона истифода бурдани сарватҳои табиӣ ва ҳифзи табиат равона карда шудаст.

**Тавсифи умумии фанни «Физика» дар синфи VIII**

Физика ҳамчун яке аз фанҳои асосии табиатшиносӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. Пешрафт (прогресс)-и илмӣ-техникии ҳозиразамон бо физика робитаи зичу ногусастанӣ дорад. Энергетикаи ҳароратӣ ва манбаъҳои алтернативии энергия яке аз самтҳои пешрафти илмӣ–техникии замони муосирро ташкил медиҳанд. Радиоэлектроника, электроэнергетика, техникаи нимноқилӣ ва рақамӣ, автоматика ва телемеханика, техникаи ҳисоббарорӣ дар асоси физика ба вуҷуд омадаанд. Омӯзиши хосиятҳои нимноқилҳо ва ҳодисаҳои электромагнитӣ ба инкишофи воситаҳои замонавии алоқа, иттилоот ва энергетика замина мегузоранд.

Мақсади таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба хонандагон омӯзонидани асосҳои илми физика, ташаккул додани маҳорату малакаи татбиқи ин донишҳо дар амал, инчунин ташаккули тафаккури физикии толибилмон мебошад.

Вобаста ба талаботи имрӯза, хонандагон бояд на танҳо ҷузъҳои асосии донишро омӯзанд, балки тарзҳои донишандӯзӣ ва усулҳои фаъолиятро азхуд карда, тавассути он дониши нав гирифта, маҳорату малакаҳои худро ривоҷ диҳанд.

Дар синфи VIII асосан ҳодисаҳои ҳароратӣ, электрӣ ва магнитӣ омӯхта мешаванд.

Мақсади омӯзиши мавзӯи «Ҳодисаҳои ҳароратӣ» дар синфи VIII – ин идома додани ташаккули донишҳои хонандагон доир ба навъҳои энергия, тавассути омӯзиши ҳодисаҳои ҳароратӣ ва тағйирёбии суръату тарзи ҷойгиршавии молекулаҳои модда, омӯхтани тағйирёбии ҳолатҳои агрегатии модда, хонандагонро ба омӯхтани механизми ба амалоии ҳодисаҳо ва миқдоран тавсиф кардани онҳо омода кардан; онҳоро ба татбиқи техникии физика – табдил ёфтани энергияи дохилӣ ба энергияи механикӣ ва ба сохту тарзи амали муҳаррикҳои ҳароратӣ, инчунин бо масъалаҳои экологии истифодаи муҳаррикҳои ҳароратӣ шинос кардан, иборат мебошад. Барои иҷрои ин мақсадҳо донишҳои захиравии хонандагон, ки дар синфҳои поёнӣ, аз ҷумла дар синфи VII андӯхта буданд, бояд истифода карда шаванд.

Мақсади омӯзиши мавзӯи «Ҳодисаҳои электрӣ» - ин ташаккул додани мафҳумҳои асосии электростатика, исботи дискретӣ будани заряди электрӣ ва мавҷудияти электрон дар атом, мавҷуд будани ядро ва қабатҳои электронӣ; омӯхтани табиати ҷараёни электрӣ дар муҳитҳои гуногун, инчунин қонунҳое, ки бузургиҳои асосии электриро алоқаманд мекунанд; шинос намудани хонандагон бо асбобҳои электрченкунанда ва истифода бурдани энергияи электрӣ мебошад.

Омӯзиши мавзӯи «Ҳодисаҳои магнитӣ» асосан аз омӯхтани робитаи байни ҳодисаҳои электрӣ ва магнитӣ, таъсироти майдони магнитӣ, идома додани омӯзиши қонуни бақо ва табдилёбии энергия, табдилёбии энергияи электрӣ ба механикӣ ва механикӣ ба электрӣ иборат аст.

Бояд қайд кард, ки мувофиқи нақша ва барномаи таълимие, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, барои омӯзиши фанни «Физика» дар синфи VIII ҳамагӣ 68 соат (ҳафтае 2 соат) вақт ҷудо шудааст. Дар барномаи таълимӣ омӯзиши фанни «Физика» дар синфи VIII аз рӯйи мазмун ва мундариҷааш бо чунин пайдарҳамӣ ва миқдори соатҳо тавсия шудааст:

I. Ҳодисаҳои ҳароратӣ (24 соат).
II. Ҳодисаҳои электрӣ (30 соат).
III. Ҳодисаҳои магнитӣ (9 соат).
Вақти захиравӣ (3 соат)
Саёҳат (2 соат)

Ҳамин тавр, мазмун ва сохти барнома барои комёб шудан ба мақсадҳое, ки ислоҳоти мактаб дар назди фанни «Физика» гузоштааст, шароити мусоид ба вуҷуд меорад. Дарёфти натиҷаи ниҳоӣ бошад, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки муаллимон аз ин шароит то кадом андоза мунтазам, моҳирона ва саривақт истифода мекунанд.

**Мақсад ва вазифаҳои омӯзиши фанни «Физика» дар синфи VIII**

Дар ҷараёни омӯзиши фанни «Физика» вазифаҳои зерин иҷро карда мешаванд:

- тарбияи ғоявӣ-сиёсӣ, ватандӯстӣ ва башардӯстии хонандагон дар асоси фаҳмонидани нақши физика дар тезонидани пешрафти илмию техникӣ, баён намудани комёбиҳои илму техника ва пешомадҳои тараққиёти онҳо, саҳми олимони ватанию хориҷӣ дар инкишофи физика ва техника;
- ташаккул додани донишҳои илмӣ оид ба далелҳои таҷрибавӣ, мафҳумҳо, қонунҳо, назарияҳо, методҳои илми физика, манзараи муосири илмии олам;
- баёни беинтиҳоии сохтор ва ягонагии материя, умумӣ будани қонунҳои муҳимтарини бақо дар физика, хусусиятҳои диалектикии ҳодисаҳои физикӣ, пайдарҳамии назарияҳои физикӣ, таносуби нақши назария ва таҷриба дар инкишофи физика, нақши амалия дар идрок;
- ташаккул додани маҳорати мустақилона азхуд намудан ва татбиқ кардани дониш, мушоҳида ва шарҳ додани ҳодисаҳои физикӣ, инчунин маҳорати истифода бурдани китоби дарсӣ, адабиёти хрестоматию маълумотӣ;
- шиносонидани хонандагон бо баъзе офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо;
- ташаккул додани баъзе маҳоратҳои таҷрибавӣ: маҳорати истифода бурдани асбобу олат, ҷамъбасти натиҷаҳои ченкунӣ ва хулосабарорӣ дар асоси маълумоти таҷрибавӣ, риоя кардани қоидаҳои техникаи бехатарӣ;
- ташаккули шавқу ҳаваси хонандагон ба физика ва техника, инкишофи қобилияти эҷодӣ, дарк кардани мақсади илмӣ; тайёр кардан ба давом додани маълумот ва бошуурона интихоб намудани касб;

- дарки дурусти арзишҳои умумибашарӣ ва арҷ ниҳодан ба онҳо;

- эҳтиром ба фарҳанг ва маданияти миллӣ ва дар ин рӯҳия тарбия кардани хонандагон;

-дар рӯҳияи эҳсосоти баланди зебоипарастӣ тарбия кардани хонандагон ва дар қалби онҳо ҷой додани ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ;

- рушду равнақ додани ҷаҳонбинӣ, шуурнокӣ, эҳсосоти фардӣ ва эҷодкории хонандагон.

**Хусусиятҳои омӯзиши фанни «Физика» дар синфи VIII**

Вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва шавқу завқи хонандагон фанни «Физика» имкон медиҳад, ки онҳо дар асоси донишҳо доир ба сохти дискретии модда як қатор ҳодисаҳои табиатро шарҳ диҳанд. Бинобар ин, хонандагон бояд аз зарраҳои хурдтарин: молекула, атом, ионҳо иборат будани моддаро донанд ва дар асоси назарияи молекулавӣ-кинетикӣ ҳодисаҳои ҳароратиро шарҳ дода тавонанд. Энергетикаи ҳароратӣ яке аз самтҳои прогресси илмӣ – техникиро ташкил медиҳад. Ҳангоми омӯзиши ҳодисаҳои ҳароратӣ хонандагон бояд мафҳумҳои асосии термодинамикӣ, сохт ва принсипи амали муҳаррикҳои ҳароратӣ, инчунин роҳҳои кам кардани таъсироти зараровари ин гуна муҳаррикҳоро азхуд намоянд.

Техника ва технологияи муосир бо татбиқи энергияи электрӣ ва электроника робитаи зич дорад. Бинобар ин, зарур аст, ки ба хонандагон доир ба назарияи электронӣ маълумот дода шавад. Назарияи электронӣ барои шарҳи ҳодисаҳои заряднокшавии ҷисмҳо, аз ҷисми заряднок ба ҷисми безаряд гузаштани заряд, инчунин барои фаҳмидани табиати ҷараёни электрӣ дар муҳитҳои гуногун татбиқ мешавад.

Омӯзиши мавзӯи «Ҳодисаҳои магнитӣ» аҳамияти калони таълимию тарбиявӣ дорад. Бо омӯхтани мавзӯи мазкур хонандагон бояд доир ба робитаи байни ҳодисаҳои электрию магнитӣ маълумот гирифта, ба шакли дигар табдилёбии энергия - табдилёбии энергияи электрӣ ба энергияи механикӣ ва баръакс шинос шаванд, доир ба онҳо дониши муайян пайдо намоянд ва дар мавриди муносибат бо онҳо салоҳиятҳои мушаххасро соҳиб шаванд.

**Салоҳиятнокии хонандагон аз фанни «Физика» дар синфи VIII**

***Хонандагон бояд:***

✓ мафҳумҳои энергияи дохилӣ, кор ҳамчун усули тағйир додани энергияи дохилӣ, нақли гармӣ (гармигузаронӣ, конвексия, афканишот), миқдори гармӣ, гармиғунҷоиши хоси модда, гармии хоси буғҳосилкунӣ, намии ҳаво, буғҳои сер ва носер;

✓ мафҳумҳои: ҷараёни электрӣ дар металлҳо, самти ҷараёни электрӣ дар занҷир, занҷири электрӣ, қувваи ҷараён, шиддати электрӣ, муқовимати электрӣ, муқовимати хос, қонунҳои Ом барои қитъаи занҷир ва занҷири сарбаст, пайвасти пайдарпайӣ ва параллелии ноқилҳо, кор ва тавоноии ҷараёни электрӣ, қонуни Ҷоул-Ленс, нимноқилҳо, диоди нимноқилӣ, транзистор;

✓ формулаҳои ҳисоб кардани миқдори гармӣ, ки ҳангоми тағйир ёфтани ҳарорати ҷисм хориҷ ё фурӯ бурда мешавад;

✓ формулаҳои ҳисоби муқовимати ноқили маводаш муайян аз рӯйи дарозӣ ва масоҳати буриши арзӣ, қонуни Ом барои қитъаи занҷир, кор ва тавоноии ҷараёни электрӣ, миқдори гармие, ки аз ноқили ҷараёндор хориҷ мегардад;

✓ ҳодисаҳои ҳароратӣ дар муҳаррикҳои ҳароратӣ, дастгоҳҳои техникӣ; мафҳумҳо ва қонунҳои ҷараёни электрӣ дар асбобҳои гармкунандаи электрӣ, майдони магнитиро донанд.

***Хонандагон бояд аз уҳдаи:***

➢ татбиқи нуктаҳои асосии назарияи молекулавӣ-кинетикӣ дар шарҳи мафҳуми энергияи дохилӣ, тағйири энергияи дохилӣ ҳангоми тағйир ёфтани ҳарорати ҷисм, конвексия, гарминақлкунӣ (дар моеъ ва газ), гудозиши ҷисмҳо, бухоршавии моеъҳо, хунукшавии моеъ ҳангоми бухоршавӣ;

➢ татбиқ кардани нуктаҳои назарияи электронӣ дар шарҳи электрнокшавӣ ҳангоми соиш ва расиши ҷисмҳо, хосияти ноқилҳо, нимноқилҳо ва ғайриноқилҳои электр, ҷараёни электр дар металлҳо, нимноқилҳо, сабабҳои муқовимати электрӣ:

➢ истифода бурдани сониясанҷ, соати сониясанҷдор, ҳароратсанҷ, калориметр, амперметр, волтметр, омметр;

- кашидани нақшаҳои занҷирҳои соддатарини электрӣ, васли занҷири электрӣ аз рӯйи нақша;
- чен кардани қувваи ҷараён дар занҷири электрӣ, шиддат дар ноқили электр (резистор), бо ёрии амперметр ва волтметр муайян кардани муқовимати ноқил, кор фармудани реостат;
- бо истифодаи ҳодиса ва қонунҳои омӯхташуда ҳал кардани масъалаҳои сифатӣ;
- аз ҷадвалҳо ёфтани қимати гармиғунҷоиши хоси модда, гармии хоси гудозиш, гармии хоси буғҳосилшавӣ, муқовимати хоси ноқил;
- ҳалли масъалаҳо бо татбиқи формулаҳо бароянд.

**Салоҳиятнокии касбии омӯзгор ҳангоми таълими фанни «Физика»**

Фанни «Физика» чунин салоҳиятнокии касбиро аз омӯзгор тақозо менамояд:

- ✓ дуруст ва возеҳ шаҳр додани мавзӯъ аз рӯйи нақшаи таълимӣ, барномаи таълимӣ, китоби дарсӣ ва дигар маводи таълимиву методӣ;
- ✓ пешниҳоди дурусти мавзӯъ ба хонанда ва тафсири дурусти он дар асоси талаботи дарси фанни «Физика»;
- ✓ дар вақти муайяншуда пурсидани мавзӯи дарс ва ёрӣ расонидан ба хонанда ҳангоми нодуруст шарҳ додани савол ва ё мавзӯи дарс;
- ✓ мунсифона аз рӯйи меъёр баҳо гузоштан ба сатҳи дониши хонанда;
- ✓ риояи баҳогузорӣ ва холгузорӣ ҳангоми ҷавоби хонанда бо иловаи пурсишҳо ва ҷавобҳо;
- ✓ дуруст шарҳ додани мавзӯи нав ва пешниҳоди вазифаи хонагӣ ба хонандагон;
- ✓ қайди мавзӯъ дар журнал аз рӯйи нақшаи таълимиву тақвимие, ки аз ҷониби директори муассисаи таълимӣ мӯҳр ва имзо дорад;
- ✓ истифодаи технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ дар рафти дарс;
- ✓ истифодаи усулҳои интерактивӣ ва дигар усулҳои фаъоли таълим дар ҷараёни дарс;
- ✓ риоя кардани сару либос, бо худ доштани маводи таълимӣ, аз қабили бӯр, қалам, ручка, компютер ва дигар маводи таълимӣ;
- ✓ омодагӣ гирифтан пеш аз ба дарс даромадан, саривақт дарсро шуруъ кардан ва риояи ҷузъиёти педагогию психологии асосҳои дарси «Физика».

**Методҳои омӯзиш ва технологияи таълими фанни «физика» дар синфи VIII**

Таълими фанни мазкур бо усулҳои сӯҳбат, минилексия, саволу ҷавоб, мубоҳиса, мушоҳида, муқоиса, таҳқиқоти лабораторӣ, ченкунӣ, ҳалли масъалаҳо ва усулҳои фаъол ба роҳ монда мешавад.

Барои омӯзиши фанни «Физика» дар синфи VIII боз методҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ба тариқи умумӣ пешниҳод кардани мавзӯи дарсӣ;
- шарҳи матнҳо ва мафҳумҳои асосӣ;
- таҳлил кардани таърифи қонуну ҳодисаҳо, формулаҳои ҳисобкунии бузургиҳои физикӣ ва воҳидҳои ченкунии онҳо;
- ҳал кардани навъҳои гуногуни масъалаҳои физикӣ;
- ташкилу гузаронидани корҳои лабораторӣ;
- дуруст шарҳ додани мазмуни физикии мафҳумҳо ва бузургиҳои физикӣ;
- тавассути барномаҳои компютерӣ пешниҳод кардани таҷрибаҳои намойишӣ, корҳои лабораторӣ, ҳалли масъалаҳо, графикҳо, нақшаҳо, нақша ва расми асбобу дастгоҳҳо, муаррифии олимон ва мутафаккирони ватаниву хориҷӣ;
- санҷиши мухталифи сатҳи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии хонандагон (хаттӣ, шифоҳӣ, тестӣ ва ғайра).

**Технологияи таълим.** Технологияи таълими «Физика» шаклҳои зеринро дорад:

1. Назариявӣ. Дар мавриди дарки ҳодисаҳо ва пайдоиши назария доир ба онҳо. Ин технология донишҳои китобӣ, таърихӣ, муқоисавӣ, системавӣ-сохторӣ ва оморию математикиро дарбар мегирад.
2. Эмперикӣ. Технологияи мазкур дар даврае истифода бурда мешавад, ки далелҳо доир ба ҳодисаи мушоҳидашаванда бо роҳи озмойишӣ, анкетагузаронӣ, муошират, суҳбат, омӯзиши ҳуҷҷатҳои мактабӣ ҷамъоварӣ мегарданд.

3. Озмойишӣ. Технологияи мазкур аз технологияҳои пешин бо хусусиятҳои хоси зерини худ фарқ мекунад:

а) вақт (дарозмуҳлат ва кӯтоҳмуддат);

б) омӯзиши ҳодиса (оддӣ ва мураккаб);

в) ташкили озмойиш (лабораторӣ ва хонагӣ);

г) мақсад (шакли маъмулаш мушоҳида мебошад).

Дар таълими фанни «Физика» дар синфи VIII истифода аз технологияи иттилоотӣ ва комуникатсионии зерин тавсия мешавад: компютер; проектор; интернет; тахтаи электронӣ.

**Роҳҳои азхудкунӣ.** Дар шароити муосир усулҳои зерини азхуд кардани фанни «Физика» мавҷуданд:

- ✓ тавассути хондани маводи таълимӣ аз китоби дарсӣ;
- ✓ тамошо кардани филмҳои марбут ба мавзӯъ;
- ✓ мутолиаи мавод аз интернет;
- ✓ гирифтани маълумоти иловагӣ аз сайтҳои ватанӣ ва хориҷӣ;
- ✓ ширкат дар семинару конференсияҳо;

**Ташкили корҳои мустақилонаи хонандагон.** Барои беҳтар шудани сифати дарс ва азхуд кардани мазмуни дарси «Физика» дар синфи VIII корҳои мустақилонаи зерин бояд ташкилу гузаронида шаванд:

- хондани маводи мавҷудаи китобҳои дарсӣ;
- мутолиаи маводи иловагии таълимӣ;
- ташкили дафтари луғати истилоҳоти физикӣ ва ҳифзи луғот;
- ташкили дафтари ҳалли навъҳои гуногуни масъалаҳои физикӣ;
- тайёр кардани асбобҳои аёнӣ;
- омода кардани воситаҳои аёнии таълим;
- тартиб додани саволномаҳои тестӣ;

**Корҳои лабораторӣ ва таҷрибаҳои намойишӣ.** Ҳангоми таълими мавзӯъҳои марбут ба барномаи таълимӣ хонандагон бояд корҳои лабораториро таҳти роҳнамоии омӯзгор иҷро кунанду омӯзгор таҷрибаҳои намойиширо намойиш диҳад:

**Китобнома****
**Анотатсияхо****

## ИСТИФОДАИ МАВОДҲОИ МАҲАЛ ҲАНГОМИ ГУЗОРИШИ САВОЛҲО АЗ ФИЗИКА

***КАРИМОВА Ф., АБДУМАНОНОВ А.,***
*Худжандского госуниверситета им. Б.Гафурова*

Баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ дар замони ҳозира бе истифода аз воситаҳои техникӣ ва технологияи нав, ки асоси ба вуҷуд омадани онҳоро илми физика таъмин менамояд, ғайриимкон аст. Ин воқеият тақозо менамояд, ки маърифати илмӣ-техникии ҷомеа боло бурда шавад. Зеро бо мурури замон инсоният аз дастовардҳои илм ва технология ногузир бештар истифода мебарад.

Баланд бардоштани маърифати илмии насли наврас дар заминаи беҳтар намудани раванди таълими фанҳои дақиқ, аз ҷумла фанни физика, дар мактабҳо имконпазир мебошад. Мутаассифона, дар шароити кунунӣ, барои таъмини ин кор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе душвориҳо вуҷуд доранд, ки бе ҳалли дурусти онҳо ноил шудан ба мақсади дар боло зикршуда ғайриимкон аст. Аввало китобу дастурҳои таълимии мавҷуда нуқсонҳои зиёди илмӣ, дидактикӣ ва мантиқӣ доранд, ки на танҳо раванди таълими физикаро душвор мекунанд, балки завқи донишандӯзии хонандагонро суст намуда физикаро ба фанни «душвор» табдил медиҳанд. Аз тарафи дигар, дар китобу дастурҳои дар Тоҷикистон ба нашр расида воқеияти муҳит ва географияи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо хеле кам акс шудааст. Гап дар сари он аст, ки хонандаи тоҷик дар мисолу масъалаҳои физикӣ маҳалли зисти худро, иқлими онро ва дигар омилҳои

шиносу наздикро намебинад, ё ки хеле кам эҳсос менамояд. Аксари муаллифоншитобзада шуда, мисолу масъалаҳои физикиро аз китобҳои русӣ бе адаптатсияи зарурӣ ба тоҷикӣ меоранд. Ба андешаи мо дар сурати ҳарчи бештар истифода намудани маводҳои маҳаллӣ дар матни китобҳои дарсии физика, дар матни масъала ва машқҳои физикӣ ва дар супоришу тестҳо, дарки ҳодисаи физикӣ ба хонандаи кишвари мо осон шуда, ҷаззобияти омӯзиш бештар мешавад.

Бо мақсади то андозае ҳал кардани ин проблемаи хеле муҳим ва душвор мо тасмим гирифтем, ки намунаи маводҳои дидактикиеро, ки дар онҳо бештар воқеияти табиат, география ва ҳатто фарҳанги халқи тоҷик ифода мешавад, таҳия ва пешниҳод кунем. Фаҳмост, ки ҳангоми дар матни масъалаҳои физикӣ, саволномаҳо, супоришҳои тестӣ ва ғайра истифода бурдани номи дарёҳо, кӯҳҳо, шаҳру ноҳияҳо, бузургтарин коргоҳҳо, нерӯгоҳҳои барқӣ ва омилҳои иқлимии Тоҷикистон донишҳои физикӣ ба хонанда «наздик» шуда, таҳлил ва омӯзиши ҳодиса, ҳалли масъала ва ҷавоб додан ба савол то андозае осон мегардад. Ин боиси зиёд шудани на танҳо рағбати донишандӯзии хонандагон балки боло рафтани ифтихори ватандориву миллии онҳо мегардад. Дар раванди дарс ва дар матни китобҳои таълимӣ ҳарчи бештар ба забон овардани номи шаҳру деҳот, қуллаҳои осмонбӯси кӯҳҳо, пиряххову нақбҳо, дарёву рӯдҳо, нерӯгоҳҳои азими электрӣ, конҳои истихроҷи маъданҳои нодир, ангишту гази табии ва имкониятҳои истеҳсолии коргоҳҳои Тоҷикистон, бешубҳа, ба боло рафтани самараи корҳои таълимӣ мусоидат менамояд.Дар ин мақола маҷмӯи саволҳо аз физика бо истифода аз маводҳои маҳал ва варианти ҷавоби онҳо пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми истифодаи маводҳои маҳал бештар ба ҷиҳати физикӣ ва тавсифи миқдории он диққат дода мешавад. Муаллимони фанни физика аз ин саволҳо дар мавридҳои мухталиф (ҳангоми дарс, викторинаҳо, шабҳои саволу ҷавоб ва ғайра) бо мақсмади фаъол гардонидани раванди донишандӯзии толибилмон истифода бурда метавонанд. Бо баробари ин, омӯзгорон метавонанд саволҳоиба маҳалли зисти хонанда «наздиктарро» интихоб намуда самаранокии кори таълимиро боз ҳам бештар намоянд. Муҳимаш, дар ин мавридҳо, аз моҳияти физикии масъала дур нарафтан мебошад, ки фашанги идораи ин раванд дар дасти омӯзгор мебошад.

1. Нерӯгоҳи электрии Норак аз чанд агрегат иборат аст?

*Ҷавоб: Нерӯгоҳи электрии Норак аз 9 агрегат иборат аст, ки иқтидори ҳар яки он ба 300 000 кВт баробар аст [5].*

2. Иқтидори лоиҳавии (умумии) нерӯгоҳ иэлектрии Норак чӣ қадар аст?

*Ҷавоб:Иқтидори лоиҳавии нерӯгоҳи Норак ба 2,7 млн. кВт баробар аст. Нерӯгоҳи Норак дар дарёи Вахш сохташуда аст [5].*

3.Барои ҳарчи зудтар хунук кардани афшурдаи зурдолу яхро ба болои афшура ё афшураро ба болои ях гузоштан лозим аст ?

*Ҷавоб: Ҳангоми яхро ба болои афшура гузоштан,вай зудтарсард мешавад. Қабати афшура, ки бо ях ҳамсарҳад мебошад дар натиҷаи гармигузаронӣ сард шуда, ҳаҷмаш хурд ва зичиаш зиёд мешавад. Дар натиҷа қисми сардшудаи афшура ба поён ҳаракат менамояд ва ҷои онро қабати нисбатан гарми афшура мегирад. Инро конвексия дар моеъҳо мегӯянд.Конвексия калимаи лотинӣ буда маъноаш ҷойивазкунӣ мебошад [5,9].*

4. Ҳангоми набудани яхдон, барои об нашудани яхмос онро дар хонаи гарм чӣ тавр нигоҳбояд дошт?

*Ҷавоб: Яхмосро ба матои пашмин печонида нигоҳ доштан ба мақсад мувофиқ аст. Зеро матои пашмин гармиро бад мегузаронад ва яхмосро аз гудохта шудан нигоҳ медорад.*

5. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фасли тобистон температура то чанд дараҷа гарм мешавад? Истилоҳи температураро аз лиҳозифизикӣ чӣ тавр шарҳ медиҳед? [5,4]

*Ҷавоб: Дар баъзе ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон, дар фасли тобистон ҳаво то 48-50$^0$С гарм мешавад.Меъёри энергияи миёнаи кинетикии молекула (атомҳо)-ро температура меноманд. Яъне, бо зиёд шудани энергияи миёнаи кинетикии атому молекулаҳо температура баланд мешавад ва баръакс.*

6. Нерӯгоҳҳои электрии калонтарини Тоҷикистонро номбар кунед.

*Ҷавоб:Норак, Сангтӯда-1, Сангтӯда-2,Бойгозӣ ва ғайра [1].*

7.Нерӯгоҳи электрии калонтарин дар вилояти Суғд кадом аст?

*Ҷавоб: Нерӯгоҳи электрии «Дӯстии халқҳо» (ГЭСи Қайроқум) калонтарин нерӯгоҳ дар вилояти Суғд мебошад, ки онро соли 1956 дар дарёи Сир сохтаанд [6].*

8. Нерӯгоҳи обии электрии «Дӯстии халқҳо» чанд агрегат дорад?

*Ҷавоб: Нерӯгоҳи «Дӯстии халқҳо» аз чор агрегат иборат аст [1].*

9. Баъзе рӯзҳои тобистон дар Тоҷикистон ҳарорати ҳаво 40-48$^0$С гарм мешавад. Барои чӣ ҳарорати бадани одам то ин дараҷа гарм намешавад? [5]

*Ҷавоб: Ҳарорати мӯътадили бадани одам 36,5 $^0$С мебошад. Ҳангоми баланд шудани ҳарорати ҳаво барои мӯътадил нигоҳ доштани ҳарорат аз бадан бухор шудани об зиёд мешавад. Дар натиҷаи бухор шудани об энергияи зиёдатӣ тавассути молекулаҳои бухор шуда аз бадан меравад ва ҳарорати бадани одам баланд намешавад.*

10. Мақоли «Кӯзаи нава обаш хунук» чӣ маъно дорад?

*Ҷавоб: Дар ин мақол кӯзаи сафолиро дар назардошта мешавад ва ба ҳодисаи бухоршавии об робитаи бевосита дорад. Аз кӯзаи сафолии нав бухоршавии об бештар мешавад. Зеро ҳанӯз тарқишҳое, ки молекулаҳои об тавассути онҳо бухор мешаванд «баста» нашудаанд. Молекулаҳои бухоршуда як миқдор гармиро бо худ мебаранд. Дар натиҷаи кифоя будани бухоршавии об аз деворҳои кӯзаи сафолӣ, оби кӯза нисбатан сард мешавад [9].*

*Ин мақолро халқ бештар бо маънои маҷозӣ ҳам истифода мебарад. Масалан, натиҷаи кори шахси навкор на ҳамеша хуб мешавад, ё ки таҷҳизоти нав дар ҳол маҳсули хуб намедиҳад.*

11. Гармии хоси сӯхтаи ангишти Шӯроб ба 29·10$^6$ Ҷ/кг баробар аст. Инро чӣ тавр мефаҳмонед [7].

*Ҷавоб: Ин чунин маъно дорад, ки ҳангоми пурра сӯхтани 1 кг ангишт ба миқдори 29 МҶ энергия хориҷ мешавад.*

12. Дар коргоҳи алюминии ш.Турсунзода алюмин бо кадом усул истеҳсол карда мешавад? [9]

*Ҷавоб: Дар коргоҳи алюминии шаҳри Турсунзода алюмин бо роҳи электролиз ҳосил карда мешавад. Барои ин дар ваннаҳои махсус маъдани алюмин (глинозем)-ро то 900 $^0$С гарм карда аз он ҷараёни электрӣ гузаронида мешавад. Дар натиҷа дар электродҳо алюминии тоза ҷудо мешавад.*

13. «Баҳри тоҷик» бо кадом мақсад сохта шудааст?

*Ҷавоб:Соли 1956 дар дарёи Сир (дар канори шаҳри Қайроқум)сарбанд сохта шудааст. Обанбори ҳосил шударо «Баҳри тоҷик» мегӯянд. Обанбори мазкур бо мақсади обёрӣ кардани заминҳои атрофи он ва ҳосил намудани энергияи электрӣ сохта шудааст.*

14. Иқтидори нерӯгоҳи «Дӯстии халқҳо» чӣ қадар аст?

*Ҷавоб: Иқтидори нерӯгоҳи электрии «Дӯстии халқҳо» 126 000 кВт мебошад [5].*

15. Дар нерӯгоҳи барқӣ як қисми энергияи механикии об ба энергияи электрӣ табдил меёбад. Минбаъд ин энергияи электрӣ ба кадом навъҳои энергия табдил меёбад? [3,2]

*Ҷавоб: Энергияи электрии дар нерӯгоҳи электрӣ ҳосил шуда минбаъд ба энергияи рӯшноӣ, гармӣ, механикӣ табдил меёбад.*

16. Барои чӣ кутосҳо (аз ҷумла кутосҳои Бадахшон) мӯи дароз доранд?

*Ҷавоб: Зимистони кӯҳсори Бадахшон хеле сард мешавад. Мӯи дарози кутосҳо онҳоро аз сардии қаҳратун ҳимоя менамояд. Зеро дар дохили мӯйҳо ҳаво вуҷуд дорад ва гарми гузаронии ҳаво бад мебошад. Дар маҷмӯъ гарми гузаронии пашми рӯи пӯсти ҳайвонот бад мешавад ва гармии бадани ӯро хубнигоҳ медорад.*

17. Вазифаи дудкашро аз лиҳози физикӣ шарҳ диҳед? [5,7]

*Ҷавоб: Вазифаи дудкаш дуди ҳангоми сӯхтани сӯзишворӣ ҳосил шударо берун бурдан аст. Ҳангоми сӯхтани сузишворӣ ҳавои дохили оташдону дудбаро гарм ва васеъ мешавад. Газ (дуд) ҳар чӣ қадар гарм ва дудкаш чӣ қадар баланд бошад, фарқи байни фишори ҳавои тафсон ва ҳавои берун (болои дудкаш)ҳамон қадар калон мешавад ва қувваи кашиши дудкаш зиёд мешавад.*

18. Кадом олимони тоҷикро, ки дар соҳаи физика корҳои тадқиқотӣ анҷомдодаанд медонед? [8,5]

*Ҷавоб: Абӯ Алӣибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Умари Хайём, СултонУмаров, Акобир Адҳамов, Пӯлод Бобоҷонов ва гайраҳо.*

19. Пажӯҳишгоҳи Физико-техникии ба номи Султон Умаров дар кадом шаҳр воқеъ аст? [8]

*Ҷавоб: Пажӯҳишгоҳи Физико-техникии ба номи Султон Умаров дар пойтахти ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе воқеъ аст.*

20. Ҳангоми ларзонидани шохи зардолу ё ки тут меваи пухтаи он мерезад. Инро аз лиҳози физикӣ чӣ тавр мефаҳмонед?

*Ҷавоб: Дар ин мавридаз инерсия истифода бурда мешавад. Ҳангоми ларзонидан шохи дарахт пасу пеш ҳаракат менамояд. Вақте, ки шохи мевадор як бора ҳаракати худро ба қафо мегардонад меваи пухта аз рӯи инерсия ҳаракати худро идома медиҳад ва бандаш канда мешавад, мева мерезад.*

21. Потенсиали (захираи) энергетикии дарёи Панҷ чӣ қадар аст?

*Ҷавоб: Захираи энергетикии дарёи Панҷ тақрибан ба 97,6 млрд.кВт.ст баробар аст [6,7].*

22. Потенсиалии энергетикии дарёи Вахш чӣ қадар аст?

*Ҷавоб: Захираи энергетикии дарёи Вахш тақрибан ба 45 млрд.кВт.ст баробар аст [6,7].*

23. Захираи энергетикии дарёҳои Кофарниҳон ва Зарафшон чӣ қадар мебошад [6,7].

*Ҷавоб: Захираи энергетикии дарёҳои Кофарниҳон ва Зарафшон мувофиқан 12,5 млрд.кВт.ст ва 10,6 млрд. кВт ст аст.*

24. Истеҳсоли солонаи энергияи электр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ қадар аст?

*Ҷавоб: Истеҳсоли солонаи энергияи электр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алҳол тақрибан 15 миллиард кВт·ст-ро ташкил медиҳад [3,7]*

25. Давомнокии миёнаи солонаи нурафкании Офтоб дар Тоҷикистон чӣ қадар аст?

*Ҷавоб: Давомнокии миёнаи солонаи нурафкании Офтоб дар Тоҷикистон тақрибан 3000 соатро ташкил медиҳад [6,7].*

26. Дар Сирдарёи ҳудуди Тоҷикистон кадом обанборҳо сохта шудаанд?

*Ҷавоб: Дар дарёи Сир обанбори Фарҳод(соли 1946)ва обанбори Қайроқум (1956)сохташуда аст [6,7].*

27. Дар қаламрави Тоҷикистон хати интиқоли энергияи электрӣ чанд км тӯл кашидааст?

*Ҷавоб: Дарозии хатҳои интиқоли энергияи электрӣ дар Точикистон зиёда аз 4200км-ро ташкил медиҳад. Аз он 720 км хатҳои баландшиддати 110, 220, 500 кВ ташкил медиҳад. Хатҳои баландшиддат бо мақсади кам кардани талафи энергияи электрӣ ҳангоми нақливай ба масофа сохта мешавад [7].*

28. Хати баландшиддати «Ҷануб-Шимол 500» -ро чӣ тавр мефаҳмед?

*Ҷавоб: Хати баландшиддати мазкур шабакаи электрии ҷануби Тоҷикистонро бо шимоли он пайваста шабакаи ягонаи энергетикиро ба вуҷуд овардааст. Шиддати электрӣ дар ин хат ба 500 000 В (волт) баробар аст [6,7].*

**Китобнома**:


1.Умаров У.С., Раҷабов У.Х. Корҳои берун аз синфӣ аз физика. Душанбе, «Деваштич», 2004, -190 с.

2. Ланина И.Я. Внеклассная работа по физике. М., 1977, -224 с.

3. Умаров У.С. Истифодаи маводи маҳал дар кори касб интихобкунии мактабиён. //Маърифат, 1996, №1-2, с.52-54.

4.Маҷидов Ҳ. Зубайдов С. Физика. Китоби дарсӣ барои синфи 7, Душанбе, 2008, -232 с.

5. Абдуманнонов А. Физика. Китоби дарсӣ бароисинфи 8, Хуҷанд, «Ношир», 2011, -186 с.

6. Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Географияи Тоҷикистон, Душанбе, 2011, -310 с.

7. Худойбердиев С. Вилояти Суғд бо 1000 саволу ҷавоб. Хуҷанд,2006,-406с.

8. Умаров У.Х., Исупов Ҷ., Икромов М., Нуралиев. Физика.Синфи 8. Душанбе-2009.-238 с.

9. Мирзоев Б. Салом физика. Душанбе, Маориф. 1984

## ПРИМЕНЕНИЕ МЕСТНЫХ МАТЕРИАЛОВ ПРИ СОСТАВЛЕНИИ ВОПРОСОВ ПО ФИЗИКЕ

***Ф. КАРИМОВА, А. АБДУМАНОНОВ***

В работе показано эффективность применения материалов (название городов, рек, гор, предприятий, географических и физических факторов) относяшихся к Республике Таджикистана в активизации учебного процесса в уроках физики. Предлагаемый дидактический материал несомненно повышает интерес учащихся к изучению физических процессов, но и способствует укреплению их националного самосознания, что важно для суверенного государства.

***Ключевые слова:*** *Местные материалы, уроки физики, активизации учебного процесса, вопросы по физике.*

## THE APPLICATION LOCALINY MATERIALS IN AIMQUESTIONSIN LESSON PHYSICS

***KARIMOVA F., ABDUMANONOVAA.***

In work to make a good progress effectiveness application materialy (the name of country, river, mountain, enterprise, geographical and physical factors) to Republic of Tadjikistan in make more activaty academic year process in lessons Physics. To make an offer didactic material undaebtedlyincreacea interest student's to learn physical process, but a promt strengthening they nationali self-awareness, it is important for superstitions statehood.

***Key words:****Lokal materials at the lessons of physiks, activization of aducational process, questions on physiks.*

## ҶУҒРОФИЯИ ТАЪРИХИИ РАЙ ДАР РӮЗГОРИ ЗАКАРИЁИ РОЗӢ

*САЙФУЛЛОҲИ МУЛЛОҶОН,*
*Пажӯҳишгоҳи рушди маориф*

Эронзамин дар радифи Мисру Бобули бостон ва Чину Ҳинди куҳан аз қадимтарин сарзаминҳои рӯйи замин аст, ки номи он ҳамвора чун нигине бар тораки тамаддуни ҷаҳон медурахшад. Ин марзи пургуҳар ҳазорон шаҳру шаҳристон ва рустаку деҳистон дорад, ки сарнавишти ҳар кадом пуршебу фароз ва ибратпазир аст. Шерозу Исфаҳон, Табрезу Кошон, Тусу Нишопур, Кирмоншоҳу Ҳамадон, Қазвину Язд, Гургону Гилон ва Машҳаду Теҳрон ҳар кадом нақши пойдору саҳми боризе дар тамаддуни мардумони эронинажод гузоштаанд.

Дар ин миён Рай ҷойгоҳи волое дорад. Ин шаҳр дар маркази фалоти Эрон ҷойгир буда, дар баъзе аз марҳилаҳои таърихӣ ба ҳайси пойтахти Эрон баргузида шудааст. Хато намешавад, агар бигӯем, ки Рай ҳамқисмату ҳамсоли Эрон аст, зеро аз замоне, ки номи Эрон бар сангу сафол ва дафтару қалам китоб шудааст, дар канори он ҳамвора номи Рай низ зикр мегардад. Дар Авесто ва дар катибаи Бесутун аз ин шаҳр бо унвони Рага ёд шудааст. Дар Таврот низ ду маротиба аз ин шаҳр ёдоварӣ мешавад ва ҷое яке аз яҳуд нақл мекунад, ки дар шаҳри Рогис назди нафаре даҳ талант нуқра гузоштааст (1).

Дар баъзе манобеъи таърихӣ бунёди ин шаҳрро ба Шис фарзанди Одам ва дар баъзе дигар ба Руй фарзанди Билон - яке аз фарзандони Нуҳ нисбат додаанд, ки гувоҳе бар собиқаи ин шаҳр аст. Яке аз аввалин биноҳои шаҳри Рай бо номи қалъаи Табарак аст, ки бинои онро ба Манучеҳр шоҳаншоҳи асотирии Эрони бостон нисбат медиҳанд, ки барои ҳифозати шаҳр аз Афросиёби ғоратгар бунёд карда, номашро низ ба Моҳҷон тағйир дод. Ин ёдгорӣ дар давраҳои асримиёна ҳам пойбарҷо буда,Низомулмулк дар ин бора маълумот додааст(2).

Он чӣ ин шаҳрро хеле маъруф гардонидаву боиси зикри фаровони он дар сарчашмаҳо ва таваҷҷуҳи сарлашкарон кардааст, ҷойгоҳи стротежии Рай ба ҳисоб меояд. Бостоншиноси амрикоӣ Эрик Шмидт соли 1935 дар Рай ҳафриёт гузаронида, қидмати таърихии ин шаҳрро ба ҳазораи чаҳоруми пеш аз милод мерасонад. Ӯ Райро ба ду бахш қисмат кардааст: Райи бостон ва Райи садаҳои баъд аз ислом. Райи бостон дар ҷанубии мавзеъи Чашмаи Алӣ миёни девори бузург қарор дошт ва бо номҳои Райи барин ва Райи Улиё (боло) маъруф буд. Райи баъд аз ислом дар ҷанубу шарқии бахши бостон воқеъ аст ва чун Райи Суфло (поён) маъруф гардидааст.

Дар замони Мод (асрҳои IX-VI то милод) Рай бузургтарин шаҳри кишвар ба шумор омада, дар аҳди Ҳахоманишҳо (асри VI то милод) ин шаҳр маркази мазҳабии Эрон буд, зеро оташкадаҳои он дар саросари Эрон машҳур ва муғони соҳибнуфуз дар шаҳр маскан гузида буданд. Дар давраи Селевк ин шаҳрро Уриёс меномиданд. Дар давраи Ашкониён Арсакиё номида шуд ва дар аҳди Сосониён дубора Рай унвон гирифт.

Ба сабаби қадим буданаш дар давраи исломӣ Райро «шайх-ул-билод» меномиданд. Ҷуғрофидонони давраи исломӣ Райро аз лиҳози ҷуғрофӣ ба се минтақа нисбат додаанд: гурӯҳе ба Ҷибол (Кӯҳистон), қисме ба Хуросон ва дастае ба Дайлам. Мисол Мақдисӣ ва муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» онро ҷузви Ҷибол äониста, вале Истахрӣ Райро шомили Дайлам мекунад. Аммо маъруфтарину ба воқеъият наздик ҳамон Ҷибол ё ба истилоҳ Ироқи Аҷам аст. Сабаби пайдо шудани истилоҳи Ироқи Аҷам он буд, ки дар замони умавиҳо ҳар кас, ки ба Шом меомад, ночор мебоист аз Ироқ убур кунад. Аз ин лиҳоз ҳамаи сарзаминҳои қисмати шарқиро Ироқ мехонданд. Дар замони Салҷуқиён, ки бар кулли Ироқ чира гаштанд, барои фарқ кардани Ироқ онро ба Ироқи Араб ва Ироқи Аҷам ҷудо карданд. Донишманди аврупоӣ Ле Стренҷ менависад, ки Рай дар гӯшаи шимолу шарқии Ҷибол мавқеъ гирифтааст (3).

Рай ба мисли дигар шаҳрҳои бостонии Эронзамин борҳо хароб ва дубора маъмур гардидааст. Чанд маротиба ҷойи худро тағйир додааст ва номаш ҳам борҳо ба ифтихори созандагонаш иваз шуда, саранҷом номи аслияшро гирифтааст. Бо истиқрори сулолаи Сосонӣ Ардашер мубадони шаҳри Райро назди худ хонда, ба онҳо

ваъдаи нусрати дини зардуштиро дод ва дар воқеъ ба ин қавли худ амал карду дини зардуштиро мақоми давлатӣ дод. Шаҳри Рай бо доштани оташкадаҳои машҳури худ муҳимтарин шаҳри мазҳабии қаламрави Сосониён гашт.

Рай маркази вилояти Ҷибол ба ҳисоб мерафт. Варомин ва Теҳрон ду қасабаи наздиктарин ба Рай буданд. Наздиктарин шаҳрҳои ба Рай Қазвин, Қум, Кошон, Сова, Зангон, Исфаҳон каме дуртар Наҳованд ва Ҳамадон маҳсуб мегаштанд. Ин ҳудудро дар гузашта Мод мекомиданд. Масофаи Рай то Нишопур 160 фарсанг (960 километр ) буд (4). Истахрӣ баъзе деҳоти тобеъи Райро бузургтар аз шаҳрҳо медонад, чун Варомин ва Аранбӯя ва Разнин ва Дазо ва Қусин. Ӯ илова мекунад, ки дар ҳар деҳе қариби даҳ ҳазор мард зиёдат бувад.

Рай соли 643 дар аҳди халифа Умар ибни Хаттоб ба дасти арабҳо афтод. Марзбон ё остондори Рай дар ин замон Сиёвуш (Сиёвахш) ном шахсе буд, ки аз хонаводаи сипоҳиёни маъруфи ин давра ба шумор меомад. Ӯ барои ҳифзи шаҳр чораандешӣ намуда, сипоҳи зиёд ҷамъ кард ва аз мардуми Гургону Табаристон ҳам ёрӣ хост. Вақте ду сипоҳ дар муқобили ҳамдигар сафороӣ карданд, шумори лашкари Рай бештар аз мусалмонон буд, вале дар ин набард низ руҳияи лашкар ва коромадии он, на теъдод сарнавишти пайкорро ҳал кард. Аз рӯйи маълумоти Табарӣ, Ибн ал-Асир ва Балозурӣ яке аз ҳампаймонони Сиёвуш, Орин Зайнабӣ (Зинбадӣ), ки ҷонибдори созиш бо арабҳо буд, ба ҷониби онҳо гузашта, аз роҳи махфӣ вориди Рай шуд ва сарнавишти ҷангро ба нафъи арабҳо анҷом дод. Ҳамин тавр, шаҳр ба дасти арабҳо гузашт ва Зайнабӣ ҳокими Рай таъйин шуд. Аҳолии шаҳр ночор ҷизяро пазируфтанд. Ба шаҳодати Табарӣ ғанимату моле, ки ба арабҳо дар Рай расид аз ғаниматҳои Мадоин пойтахти Сосониён камтар набудааст (5).

Ду сол пас аз ин ҳодиса (соли 645), шӯрише дар шаҳри Рай сар зад, ки фотеҳи Эрон Саъд ибни Ваққос онро бо бераҳмӣ фурӯ нишонд. Дар давраи исломӣ ободиву шукуфоийи ин шаҳр бештар шуд. Шаҳри нави Рай сохта шуд, ки дар қисмати ҷанубу шарқии шаҳри қадимӣ бунёд ёфт. Аз рӯи ахбори манобеъи таърихӣ мардуми Рай дар замони халифа Усмон сию панҷ сол пас аз беъсат саросар исломро пазируфтанд.

Баҳори Райро манобеъи асримиёнагӣ хеле босафо, вале тобистонашро озордиҳандаву тоқатфарсо номидаанд. Дар ин давра миёни донишмандон маъруф будааст, ки «зимистони Бағдод, баҳори Рай, тобистони Исфаҳон ва пойизи Ҳамадон» беназир аст. Яке аз суханварони араб Райро «арӯси шаҳрҳо ва сиккаи ҷаҳон» номида буд. Ба ҳамин хотир дунёталабону мансабхоҳон ҳамеша мекӯшидаанд, ки ин «арӯс»-ро чанде ба оғӯш кашанд ва шоҳону амирони мағрур низ дар баробари хидматҳову ҷоннисориҳои баъзе хирасарони дунёпараст ҳукумати Райро ба онҳо ваъда медоданд, ки боз ҳам аз ҷойгоҳи муҳими ин шаҳр дар таърих ҳикоят мекунад.

Мувофиқи навиштаи ҷаҳонгарду ҷуғрофидони араб Мақдисӣ Умар ибни Саъд ибни Ваққос ном саркардаи араб аз халифаи умавӣ Язид ибни Муовия (680-680) дархост мекунад, ки ҳукумати Райро ба ӯ бахшад. Язид, ки тоза ба хилофат расида буд, аз чанд нафар бим дошт, ки садди роҳи ба хилофат расидани ӯ мегарданд. Яке аз ин ашхос набераи Пайғамбар (с) Ҳусайн ибн Алӣ буд. Аз ин рӯ Язид ба Умари Саъд шарт мегузорад, ки агар хоҳиши расидан ба ҳукумати Райро дошта бошад, бояд Ҳусайнро аз миён бардорад. Умар ибни Саъд бо шунидани шарти Язид рубоъие (бо арабӣ) месарояд, ки мазмунаш чунин аст: «Оё аз фармонравоийи Рай, ки маро ба худ мехонад, чашм пӯшам, ё бо куштани Ҳусайн сарзаниши абадиро бипазирам? Куштани Ҳусайн оташи беамонро дар пай дорад ва фармонравоийи Рай равшанибахши чашмони ман аст» (6). Саранҷом дар моҳи октябри соли 680 лашкари зери раҳбарии Умар ибни Саъд буда, дар дашти Карбало Ҳусайну ёронашро ба шаҳодат расонида, номи хешро он тавре ки худ пешбинӣ карда буд, барои ҳамеша дар таърих ба бадномӣ сабт менамояд. Орзуи ширини ҳукумати Райро ҳам ин пешвои араб саранҷом бо худ ба гӯр мебарад.

Рай шаҳре буд, ки аз лиҳози дастрасӣ ба об мушкиле надошт ва ин худ як имтиёзи ин шаҳр буд. Манбаҳои оби он аз се восита: наҳр, корез ва чоҳҳо ба даст меомад. Ба хусус корези бисёр дар шаҳр мавҷуд буд, ки маъруфтарини онҳо корезҳои Шоҳӣ ва Гелонӣ буданд. Наҳри Сурин маъруфтарин наҳри Рай буд, ки гуфта мешуд, ба ифтихори яке аз дудмонҳои тавонои замони Ашкониён номгузорӣ шудааст. Ин хонадон дар замони Сосониён ҳам ҷойгоҳи вижа дошт (7).

Дар давраи халифа Мансури аббосӣ писари ӯ Муҳаммад, ки лақаби Маҳдӣ дошт, ин шаҳрро густариш дод. Ӯ шаҳрро дар қисмати ҷанубии кӯҳи Рай, ки ҳамакнун бо номи кӯҳи Биби Шаҳрбону машҳур аст, барафрошт. Бесабаб нест, ки дар давраи исломӣ гоҳе Райро Муҳаммадия низ меноманд. Замони зимомдории ӯ дар Рай писараш халифаи оянда Ҳорунуррашид ба дунё омад. Ин суханро ба Ҳорунуррашид нисбат додаанд: «ҷаҳон дар чаҳор ҷойгоҳ аст: Димишқ, Руққа, Рай ва Самарқанд» (8).

Дар қарни нуҳуми милодӣ Рай яке аз пурнуфузтарин шаҳрҳои Осиё ба шумор мерафт. Мардуме, ки аз ин шаҳр бархостаанд, нисбати Розӣ мегирифтанд. Истахрӣ овардааст, ки муомилот ва доду гирифти аҳолии Рай ба динору дирам сурат мегирифтааст. Содироти Рай асосан матоъи карбоси нарм будааст, ки ба Шарқу Ғарб бурда мешуд. Инчунин аз Рай ба Бағдод ва Озарбойгон панба (пахта) мебурданд. Ҷомаи хоси розӣ, ки хати нозук дошт низ, дар саросари қаламрави хилофат машҳур буду серхаридор.

Исмоил ибни Аҳмади сомонӣ пас пирӯзӣ бар Амри Лайс ва тасаллути комил бар Хуросон соли 902 Райро ҳам гирифт ва халифаи аббосӣ ал-Муктафӣ ночор ҳукумати ӯро ба расмият шинохт (9). Шоири дарбори сомонӣ Рӯдакӣ дар ин байт ҳам, гӯё аз қаламрави воҳиди сомонӣ, ки Рай ҷузви он буда, ҳикоят мекунад:

*Эй қиблаи хубони манн, эй турфаи Рай,*
*Лабро ба сапедарак кун пок аз май.*

Муаллифи гумному ҳамрӯзгори Сомониён дар «Ҳудуд-ул-олам» пиромуни Рай чунин менависад: «шаҳрест азим ва ободон ва бо хоста ва мардуму бозаргонони бисёр ва мустақари подшоҳи Ҷибол, обҳои эшон аз корез аст ва аз вай карбос ва бурд ва панба ва ғузора ва равған ва набид хезад ва аз навоҳии вай тайласонҳои пашмини некӯ хезад» (10). Девори азиме ҳамеша Райро ҳифозат мекардааст ва дар самти дигар хандақ муҳофизи шаҳр аз хуҷуми бегонагон будааст. Рай дарвозаҳои маъруф доштааст: дарвозаи Боб-ут-тоқ, ки сӯйи Кӯҳистон ва Ироқ мерафтааст ва дарвозаи Балисон, ки сӯйи Қазвин роҳ мебурд ва дарвозаи Кӯҳак дар самти Табаристон, дарвозаи Ҳишом дар самти Хуросон ва дарвозаи Син, ки сӯйи Қум мерафт.

Дар асари машҳури «Масолик ва-л мамолик»-и Истахрӣ дар бораи Рай чунин омадааст: «бар ҳудуди вилояти Дайламон аст. Ҳам аз Ҷибол бувад ва ҳам аз Хуросон. Ва баъд аз Бағдод ҳеч шаҳре дар Машриқ бузургтару ободонтар аз Рай нест, магар Нишопур, ки арасаи Нишопур фарохтар аст. Лекин иморату фарохнеъматӣ ва анбӯҳӣ ба Рай бештар аст ва дарозо ва паҳнои Рай фарсанге ва ним дар фарсанге ва ним бошад. Ва аз кӯҳҳои номбурда дар ин навоҳӣ кӯҳи Дамованд аст. Аз панҷоҳ фарсанг онро битавон дид ва нашунидааам, ки ҳеч одаме бар сари ин кӯҳ расидааст ва дар хурофоти порсиён гӯянд, ки Заҳҳок дар ин кӯҳ аст ва ҳар шаб ҷодувон бароваранд» (11).

Аз лиҳози нажодӣ сокинони аслии Рай ҳамон ориёиҳо ва бозмондагони маҳаллӣ будаанд. Ба тадриҷ яҳудиҳо, арабҳо ва туркон низ ба ин сарзамин ворид шудаанд. Фахри Розӣ донишманди бузурги илоҳиёт (нимаи дувуми асри XII ва аввали асри XIII) насаби хешро ба қабилаи Тамими араб мерасонидааст, ки гувоҳи нуфузи арабҳо дар ин сарзамин мебошад. Ҷарфодоқонӣ овардааст, ки Азуддудавлаи бувайҳӣ бо лашкари арабу турк ва дайламии худ аз Рай берун шуд ва рӯй ба Ҷурҷон ниҳод (12). Аммо чунонки ба шаҳрҳои бузургу бособиқа ва тамаддунхез хос аст, Рай низ дар андак замоне гурӯҳҳои фаровони этникиро дар фарҳанги худ фурӯ бурда, аз онҳо «розӣ» месозад.

Барои як шаҳри асримиёнагӣ ба ҷуз иқлиму мардуми он, чигунагии эътиқоди мазҳабии аҳолии он низ муҳимму сарнавиштсоз буд. Тавре маълум аст, мансубияти мазҳабии фард дар асрҳои миёнаи Шарқ метавонистанд, ӯро ба боло кашад ва ё муҷиби суқуту оворагии ӯ гардад. Рай ба Умавиён вофодор монда, аҳолии он ҳеч асосан пайрави мазҳаби суннат буда, тақрибан ҳеч гоҳ бар зидди Умавиён қиёме накарда буданд. Бо аз байн рафтани Умавиён дар Рай, заминаҳои густариши даъвати шиъа ҳам муҳайё мегардад. Дар ин давра яке аз Алавиён бо номи Абдулазим ал-Ҳасанӣ ба шаҳри Рай омада, ақидаи шиъаро то ҷое дар ин макон густариш мебахшад ва ҳамин ҷо соли 865 аз дунё меравад ва қабраш дар андак вақт зиёратгоҳи мардум мегардад.

Ба дунболи он, соли 889 яке аз низомиёни баландпояи аббосӣ Абулҳасани Модиронӣ, ки шиъамазҳаб буд, Райро тасарруф мекунад ва муддате имкони густариши ин ақидаро дар Рай бештар месозад. Дар асрҳои X-XII дар Рай се мазҳаб ривоҷ дошт: ҳанафия, шофеъия ва шиъа. Онҳо ҳар кадом дар қисматҳое аз Рай умр ба сар мебурданд

ва миёнашон зиддияту мухосамаи шадид чараён дошт. Ҳанафиён дар қисмати шимол, шиъа дар чануб ва шофеъиён ҳам дар марказ мезистанд. Ин тақсимбандии маҳаллоти Рай танҳо ихтилофи мазҳабӣ набуд ва аз зиддияти ичтимоӣ низ хабар медод. Зеро дар қисмати шимол ва шимолу ғарбӣ ашрофу сарватмандон ва дар қисмати чануб мардуми оддӣ ва бенаво зиндагӣ мекарданд. Дижи Рашкон яке аз мавзеъҳои ашрофнишини шаҳр буд.

Исмоилиён ҳам дар ин чо ҳузур доштанд. Бештарин чангҳо миёни гурӯҳҳои каломии ашоъира ва муътазила рух медод. Мақдисӣ дар охири асри X аз Рай дидан карда, гурӯҳҳои мазҳабии ин шаҳрро «пархошгар» меномад. Ба шаҳодати ӯ пешнамозони масчиди ҳамеша дар ситез бо ҳам қарор доштанд ва қарор карда буданд, ки «рӯзе аз они ҳанафиён ва рӯзи дигар аз они шофеъиён бошад». (13)

Дар солҳои сиюми асри X вазъияти сиёсӣ дар Чибол тағйир карда, муддаъиёне барои Рай пайдо мегарданд ва ҳукумати Сомониёнро ба мубориза барои Рай даъват мекунанд. Соли 931 Мардовичи Зиёрӣ Райро пойтахти Зиёриён қарор дод. Мардович дар Рай биноҳое зиёд бино кард, ки машҳуртарини онҳо зиндони шаҳр буд. Ин зиндонро хандақе пуроб иҳота мекард ва фирор аз он номумкин буд. Пас аз даргириҳои фаровон Рай ба тасарруфи Бувайҳиён даромад.

Байҳақӣ ба зиддияти Сомониёну Бувайҳиён ишора карда мегӯяд, ки сипоҳсолори сомонӣ Абӯалии Чағонӣ ва падараш борҳо бо Оли Бӯя бар сари Рай ва дигар минтақаҳо низоъ карданд ва танҳо Абулҳасани Симчурӣ тавонист, ки ба чанг хотима диҳад ва бо шарти пардохти молиёт ба Сомониён «сулҳе устувор қарор гирифт ва шамшерҳо дар ниём шуд» (14). Шоҳаншоҳ Рукнуддавлаи бувайҳӣ Райро пойтахти худ баргузид. Ӯ ҳамон чо соли 977 дафн карда шуд. Фахруддавлаи бувайҳӣ низ дар Рай ободиҳои зиёд кард ва муддате ин шаҳр номи Фахрободро гирифт. Дар Рай бозорҳо ва маҳаллаҳои маъруф чун Руда ва Балисон, деҳаки Нав, Насробод, Сорбонон, Боб-ул-Чабал, Дари Ҳишом мавчуд буд. Ба қавли чуғрофидонони ҳамасри Закариёи Розӣ Рӯда аз ҳама мавзеъҳои шаҳр ободонтар ва ковонсароҳову бозорҳои он беҳамто ва бозаргонҳои бисёр дошт. Масчиди чомеъи Рай дар қисмати шаҳристон қарор дошт.

Касе аз чуғрофинависони араб ба андозаи Мақдисӣ, ки ситоишгари Сомониёну Бувайҳиён аст, мафтуни Рай нагаштааст ва дар тасвири ин шаҳр суханоне расову ҳақиқатгуна менависад. Мақдисӣ Райро «дилгушо, пуробу бодияҳои гаронмоя, хӯшмева, бо замини густурда ва рустоҳои сангин» номидааст. Ба назари ӯ Рай «шаҳре арчманд, дилгушо, бостонӣ, фахровар, пурмева, дорои бозорҳои гушода, корвонсароҳои хуб, гармобаҳои покиза, хӯрокҳои хушмазза аст. Обаш фаровон, зиёнаш андак, бозаргонияш судманд, донишмандонаш гаронмоя, авомаш зирак, занонаш кордон, бахшҳояш зебову покиза, мардумаш бохираду сабукбор, зебо, бофазлу адабанд». Ин чаҳонгарди донишманд дар қатори хубиҳову авсофи писандидаи мардуми Рай ду вижагии дигари мардуми Райро ҳам зикр мекунад: яке хирадмандӣ ва дигар фиребкорӣ. (15).

Соли 1029 Маҳмуди Ғазнавӣ Райро забт карда, ба қаламрави худ ҳамроҳ намуд. Чараёни ин забтро Гардезӣ ва Ибн ал-Асир муфассал баён доштаанд. Яке аз шиорҳо ва ё баҳонаи ин лашкаркашӣ мубориза бо бадмазҳабӣ буд. Ба навиштаи Гардезӣ Рай «бе ҳеч ранчу такаллуф» ба дасти Маҳмуд гузашт ва Мачдуддавла – ҳокими бувайҳӣ, ба асорати ғазнавиҳо даромад. Пас аз фатҳи Рай Маҳмуд фатҳномае ба халифаи аббосӣ навишта, дар хусуси қатлу ғорати «рофизиёну ботиниёну маздакиён» гузориш дод (16).

Он тавре ки гуфта омад, аз лиҳози мазҳабӣ Рай бо Хуросон каме ихтилоф дошт, зеро бештари суннимазҳабони он шофеъӣ буданд ва теъдоде шиъаён ҳам дар ин шаҳр мезистанд, ки нуфузашон ба далели наздикии он бо шаҳрҳои шиъанишини минтақа (Қум, Кошон, Табаристон) тадричан афзуда мешуд. Мардуми Рай мардуми Хуросонро дӯст намедоштанд ва баръакс. Розиён ва хуросониён нисбат ба ҳамдигар назари бадбинона ва гоҳе ҳатто душманона доштанд. Байҳақӣ гузорише аз чаласаи назди Султон Масъуди Ғазнавиро овардааст, ки яке аз аъён он чо таъкид мекард, ки «Рай ва Чибол диёри мухолифон аст ва хуросониёнро мардуми он диёр дӯст надоранд». Дар идомаи матлаб яке аз атрофиён ба Масъуд тавсия медиҳад, ки фарзандашро дар Рай нагузорад, ки «ба розиён эътимод натавонам кард» (17). Ин муносибати розиёну хуросониён дар тули тамоми таърихи минбаъда ҳам сард боқӣ мондааст, ки ҳикоёту абёти фаровоне аз ин робита гувоҳӣ медиҳанд. Масале ҳам маъруф будааст дар борai

душмании марвазӣ (аҳли Марви Хуросон) бо розӣ. Мавлоно ба ин зиддият ишора мекунад:

*Гарчӣ ҳар ду бар сари як бозиянд,*
*Лек бо ҳам марвазию розиянд.*

Ин абёти Хоқонӣ низ гувоҳи сардӣ дар равобити Хуросону Рай аст:

*Офтоби карам куҷост ба Рай,*
*Аҳли ҳиммат кирост з-аҳли Аҷам?*

ё

*Хоки сиёҳ бар сари обу ҳавои Рай,*
*Дур аз муҷовирони макоримнамои Рай.*

Низомулмулк низ, ки адовати хешро нисбат ба пайравони мазҳаби шиъа пинҳон намедорад, Райро дар қатори Қум ва Кошон маркази рофизия номбар карда, мегӯяд, ки мардумонаш «даъвати шиъат кунанд» (18).

Пас аз тасаллути Сафавиёни мутаассиб бар Эрон (XVI) пайравони мазҳаби суннӣ ба таъқибу озори шадид гирифтор омада, саранҷом бисоти мазоҳиби аҳли суннат аз ин шаҳр ба пуррагӣ барчида шуд.

Дар қарни даҳуми милодӣ, яъне рӯзгори Закариёни Розӣ бинобар ахбори сарчашмаҳо Рай дорои 456 бахш буд, ки ҳар бахш дорои 46 хиёбон ва дар ҳар хиёбон 400 хона мавҷуд будааст. Дар ин қарн феҳристи китобҳои як китобхонаи Рай дар даҳ ҷилд забт шуда буданд (19). Шуҳрати китобхонаву нуфузи олимони Рай толибилмонро аз гӯшаву канори олам ба сӯйи ин шаҳр фаро мехонд. Муҳаммад Ҷарири Табарии муфассир ва муаррих ҳам муддате дар Рай касби илм карда буд (20). Эҳтирому ҷойгоҳи донишмандон дар Рай хеле зиёд буд. Сабаби ба илми тиб гаравидани Закариёи Розӣ он буд, ки табибе 500 ашрафии тилло барои муолиҷаи чашм аз Закариёи Розӣ гирифт ва ба ӯ гуфт «кимиё ҳамин аст на амалиёти ту». Закариёи Розӣ дар он замон чиҳилсола буд ва шурӯъ кард ба омӯхтани тибб. Ба эътирофи донишманди олмонӣ Зигред Ҳунка Закариёи Розӣ пас аз фаро гирифтани улуми пизишкӣ саранҷом ба табиби аввали дунё дар рӯзгори худ мубаддал шуд. Ӯ ҳамзамон муолиҷа ва тадрис мекард ва бемористонеро асос гузошт, ки дар рӯзгори ӯ беназир буд (21).

Бешак, яке аз асрори шуҳра гаштани номи Рай корномаи фарзандони фарзонаву фаҳехтаи он дар гузари таърих будааст, ки забонзади хосу ом аст. Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» дар поёни ёддошти худ пиромуни Рай илова мекунад, ки «Муҳаммад Закариёи бичишк (пизишк) аз он ҷо буд ва турбати Муҳаммад ибни Ҳасан ал-Фақеҳ ва Касоии Муқрӣ ва Фарохарии мунаҷҷим ҳам аз он ҷост».

Нимаи дувуми асри нуҳуми милодиро донишманди аврупоӣ Ҷорҷ Сортон дар таърихи илм «асри Розӣ» меномад. Ин аср асри ҷунбиши навзоийи фарҳанги исломӣ маҳсуб мегашт. Замоне буд, ки қудрати хилофати исломӣ заиф гардид ва баръакси он илму фарҳанг дурахшидан гирифт. Ба истилоҳи дигар нуфузи мутаваллиёну “ҳомиёни дин”, ки бо номи дин ҳазорон ҷиноят кардаанд, заиф гашта, роҳ барои баёни андеша ва нигоштани воқеъот боз шуд (22).

Баъзе аз донишмандони розиюласл, ки шӯҳраташон ҷаҳонӣ аст, инҳоянд: Абулфутуҳи Розӣ донишманди аҳли суннат, ки соли 1088 таваллуд ёфта, соли 1158 дар ин шаҳр вафот мекунад. Муҳаммад ибни Яъқуби Кулайнӣ (ваф. 940 дар Бағдод) дар деҳи Кулайн, ки аз тавобеъи Рай (38 километрии Рай) буд таваллуд шудааст. Ӯ шиъамазҳаб буда, муаллифи машҳуртарин китоби шиъа «Усули Кофӣ» мебошад. Қутбиддини Розӣ (ваф. 1364) олими файлусуф ҳам бархоста аз ин шаҳр аст. Муҳаммад ибни Идрис ибни Ҳофизии Ҳанзалии Розӣ маъруф ба Абӯҳотам аз акобири уламои аҳли суннат дар табақаи бухорӣ, ки соли 1486 вафот кардааст.

Яке аз машҳуртарин биноҳои Рай бо номи бурҷи Туғрал машҳур аст ва гуфта мешавад, ки оромгоҳи ӯ онҷо будааст. Дар хабари дигар омадааст, ки Фахруддавлаи дайламӣ шабе дар ҳоли мастӣ мемирад ва рӯзи баъд ҷасади ӯро ба Рай меоранд ва ба хок месупоранд ва сипас гунбаде бар сари турбати ӯ бино мекунанд. Пас аз марги Туғрал сараш ба Бағдод бурда мешавад ва танашро бар шутур бор карда, ба дигар ҷой (шояд ба назди Текеши салҷуқӣ) мунтақил мекунанд ва пас аз марг ӯ ворисе надошт, ки чунин гунбадаш бисозад (23). Аммо дар ҳар сурат ин бурҷ яке аз нодиртарин биноҳои меъмории Эрон аст. Баландии ин бурҷ 20 метр аст ва он як соати табиъӣ ба ҳисоб меравад. Зеро меъмории он тавре аст, ки дар болои ҳар тарки он чаҳору ним доир аст,

ки маънои рубъ (15 дақиқа)-ро дорад. Дар болои он низ шаш мустатил (чаҳоркунҷаи дарозрӯя) вуҷуд дорад, ки ҳар кадом даҳ дақиқаро нишон медиҳад. Ҳамчунон резаҳои регмонанде низ бар думболаи онҳо насб шудаанд, ки вазифаи сониясанҷро адо мекунанд. Ду новдони шарқӣ ва ғарбӣ соатҳои 3 ва 9-ро нишон дода, дарҳои вурудии бурҷ дар шимолу ҷануб соатҳои 6 ва 12-ро нишон медиҳанд. Меъмории беназири бурҷ яке аз шахсиятҳои машҳури таърихи муосири Эрон Муҳаммад Муҳити Таботабоиро мафтун карда, бар асоси васияташ вайро дар атрофии ин бурҷ дафн кардаанд.

Рай аз минтақаҳое буд, ки Сомониён барои дар итоат нигоҳ доштани он кӯшишҳои фаровон карданд ва ба фармуди Байҳақӣ «хазоини Оли Сомон ҳама дар сари Рай шуд». Зеро миёни Сомониёну Бувайҳиён барои контроли ин шаҳр мубориазаҳои шадиду хунин ҷараён дошт. Мунтасири сомонӣ ҳам пас аз оворагиву шикастҳои паёпай хост дар Рай ҳукумати хешро эҳё кунд, вале шикаст хӯрда, ба муқовимати ҷидди розиён мувоҷеҳ гашт ва саранҷом фикри омадан ба Райро иштибоҳ ҳисобид (24).

Дар рафти ишғоли Рай ба дасти Маҳмуд, ҳазорон нафар ба ҷурми «бадмазҳабӣ» ба қатл расиданд. Китобхонаи нодири Рай қисме ба ғорат рафта, қисме дигар ба коми оташ партофта шуданд. Ин ҳодисаи ғамангезу нангинро шоирони маддоҳи дарбор таҳсину тамҷид карда, ба амири ҳариси Ғазнавӣ муборак гуфтанд. Аз ҷумла Фаррухии Сиистонӣ ин ваҳшонияти бесобиқа дар таърихи Райро чунин тавсиф кардааст:

*Ҳоҷиби ту чун ба дари Рай расид,*
*Ҳеч кас аз ҷой наёраст хост.*
*Ҳамчу занонишон бигирифтӣ ҳама,*
*Уштулуми эшон акнун куҷост?*
*Он ки сақат гуфт ҳаме бармало,*
*Акнун аз хуни ҷигар ӯ малост.*
*Дор фурӯ бурдӣ боре дувист,*
*Гуфтӣ: «к-ин дархӯри хӯйи шумост!»*
*Ҳар ки аз эшон ба ҳаво кор кард,*
*Бар сари чӯбе хушк андар ҳавост.*
*Бас ки бубинанду бигӯянд к-ин,*
*Дори фалон меҳтару баҳмон киёст.*
*Инро хона ба фалон маъдан аст,*
*В-онро иқтоъ фалон рустост* (25).

Дабир ва муаррихи дарбори Ғазнавиён Абулфазли Байҳақӣ мегӯяд, ки дар лаҳзаҳои нахустини пирӯзии Салҷуқиён дар Дандонақон Туғрали салҷуқӣ ба яке аз намояндагони бувайҳӣ чунин гуфт: «Ранҷҳо дидӣ, дил қавӣ дор, ки Исфаҳону Рай ба шумо дода ояд». Яъне ваъдаи ҳукумати Рай боз такрор мешавад, вале даҳ сол пас аз ин ваъда, Туғрал на ин ки Райро ба Бувайҳиён пас медиҳад, балки ин сулоларо пурра маҳв месозад ва бозмондагони Оли Бӯя ҳам дар ҳасрати ҳукумати Райро ахгар мешаванд.

Муҳимтарин макони зиёратии Рай дар гузашта ва ҳол ҳамон турбати Абдулазим ал-Ҳасанӣ маъруф ба Шоҳ Абдулазим аст, ки дар Эрони муосир пас аз Машҳад ва Қум саввумин зиёратгоҳи пайравони шиъа аст. Дар ҷанубу шарқии мазори Абдуазим оташкадаи маъруфи Рай воқеъ гардидааст, ки бозмонда аз замони Сосониён аст. Ин оташкада бар рӯйи теппае қарор дорад, ки онро теппаи Мил меноманд. Шояд дар порае аз замон он нақши нигаҳбонии шаҳрро ҳам ифо мекардааст. Онро ба Баҳроми Гӯр нисбат медиҳанд. Фатҳалишоҳи қоҷор (асри XIX) дар пайравӣ ба катибаҳои сосонӣ дар Рай катибае аз худ ба ёдгор гузоштааст, ки ӯро дар ҳоли шикори шер тасвир кардааст. Дар асрҳои баъдӣ шахсиятҳои маъруфи фарҳангӣ ва риҷоли сиёсии Эрон аз ҷумла Носириддиншоҳи Қоҷор, Қоонии Шерозӣ, Бадеъуззамони Фурӯзонфар, Аллома Муҳаммади Қазвинӣ, Оятуллоҳ Кошонӣ дар Рай орамиданд ва қабри эшон ҳамакнун зиёратгоҳи хосу ом аст.

Аз хусусиятҳои Рай сарзамини зилзилахез будани вай аст. Аз рӯйи баъзе маълумот дар замони Сосониён бузургтарин зилзила дар таърихи Рай рух дод, ки садҳо ҳазор кушта бар ҷой гузошт. Соли 872 дар Рай заминлазаи дигаре иттифоқ меафтад, ки бар асоси манобеъи ин давра зиёда аз 450 ҳазор нафар кушта мешаванд. Заминларзаи шадиди баъдӣ соли 1385 милодӣ рух медиҳад, ки он низ харобиовару вайросоз будааст.

Соли 1220 муғул Райро хароб карду мардумашро ба қатл расонид. Ёқути Ҳамавӣ вақте соли 1221 ба Рай омад, онро харобу валангор дарёфт. Соли 1384 Темур онро дубора хароб кард. Пас аз он дигар Рай ҳеч гоҳ ба ҷойгоҳи рафеъи худ нарасид

Осори дидании Рай имрӯз инҳоянд:

1. Қалъаҳои таърихии Табарак ва Эраҷ
2. Бурҷи нақорахона дар болои кӯҳи нақорахона
3. Бақоёи шаҳри салҷуқӣ дар доманаи қуҳи нақорахона
4. Бурҷи Туғрал дар дохили шаҳр
5. Зиндони Ҳорун дар кӯҳҳои Мисгард
6. Теппаи габрӣ дар масири ҷодаи Рай-Варомин
7. Мазори Шоҳ Абдуазим дар дохили шаҳр
8. Буқъаи биби Шаҳрбону дар иртифооти Рай ва оромгоҳ ҷавонмард Қассоб дар Мансурובод
9. Қабри имомзода Ҳодӣ дар дохили шаҳр.

Райи имрӯзӣ дар 10 километрии Теҳрон ҷойгир буда, 2 миллион нуфуз дорад.

**Китобнома:**


1. Библия (аҳди атиқ ва аҳди ҷадид). –Стокҳолм, 1997. -С.463
2. Низомулмулк. Сиёсатнома. Тасҳеҳи Аббос Иқбол. -Теҳрон, 1369. С. 261.
3. Ле Стренҷ. Ҷуғрофияи таърихии сарзаминҳои хилофати шарқӣ. Тарҷумаи Маҳмуди Ирфон. Теҳрон, 1959. -С. 231.
4. Истахрӣ Абу Исҳоқ Иброҳим. Масолик ва-л мамолик. Таҳия ва тавзеҳоти Эраҷи Афшор. -Теҳрон, 1358. -С. 170-174
5. Табарӣ, Муҳаммад ибни Ҷарир. Таърихи Табарӣ. Тарҷумаи Абулқосими Поянда. Ҷ. 5. -Теҳрон, 1372. -С. 1974-1977.
6. Мақдисӣ. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсан-ут-тақосим фи маърифат-ил ақолим. Тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. Теҳрон, 1385. -С. 574
7. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. Тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. -Теҳрон, 1370. -С. 263
8. Мақдисӣ. Аҳсан-ут-тақосим фи маърифат-ил ақолим. -С. 575.
9. Гардезӣ Абулҳай Заҳок ибни Маҳмуд. Зайн-ал-ахбор (Таърихи Гардезӣ). Бо кӯшиши Абдулҳай Ҳабибӣ. -Теҳрон, 1347. -С. 147.
10. Ҳудуд-ул-олам мин-ал-машриқи ила-л-мағриб. Бо кӯшиши МанучеҳриСитуда. -Теҳрон, 1362. -С.142.
11. Истахрӣ Абу Исҳоқ Иброҳим. Масолик ва-л мамолик. Таҳия ва тавзеҳоти Эраҷи Афшор. -Теҳрон, 1358. -С.161.
12. Ҷарфодқонӣ, Абушараф Носеҳ ибни Зафар. Тарҷумаи Таърихи Яминӣ. Бо эҳтимом Ҷаъфари Шиъор. -Теҳрон, 1345. -С. 49
13. Мақдисӣ. Аҳсан-ут-тақосим фи маърифат-ил ақолим. -С. 583
14. Таърихи Байҳақӣ. Таснифи Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақии дабир. Тасҳеҳи доктор Алиакбари Файёз. -Теҳрон, интишороти китобхонаи Эронмеҳр, 1358. -С. 504
15. Мақдисӣ. Аҳсан-ут-тақосим фи маърифат-ил ақолим. -С. 582.
16. Гардезӣ. Зайн-ал-ахбор. -С. 137; Фақеҳӣ Алиасғар. Оли Бӯя нахустин силсилаи қудратманди шиъа. -Теҳрон, 1365. –С. 315-317.
17. Таърихи Байҳақӣ. -С.504.
18. Низомулмулк. Сиёсатнома. -С. 261.
19. Луғатномаи Деххудо. Калимаи Рай. -С. 242.
20. Алиакбар Шаҳобӣ. Аҳвол ва осори Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. –Теҳрон, 1375. -С. 10.
21. Зигред Ҳунка. Фаҳанги ислом дар Аврупо. Тарҷумон Муртазо Рӯҳбонӣ. Баргардон Сайфуллоҳи Муллоҷон. –Душанбе, 2012. -С. 204-238
22. Парвиз Азкоӣ. Ҳакими Розӣ: ҳикмати табиӣ ва низоми фалсафӣ. Теҳрон, 1382. -С. 20.
23. Акбари Теҳронии Шафақ. Теҳрони қадим то Теҳрон ҷадид. Теҳрон, 1389. -С. 24.
24. Тарҷумаи Таърихи Яминӣ. -С. 183.
25. Девони Фаррухии Сиистонӣ. Бо кӯшиши Сийёқӣ. -Теҳрон, 1371. -С.20.

Аннот***

# ТАХОРИСТОН ТИБҚИ МАЪЛУМОТИ «БАҲР-УЛ-АСРОР»-И ИБНИ ВАЛӢ

***АСОЕВ САБЗААЛӢ,***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Тахористон вилояти таърихие буд, ки дар ибтидои асрҳои миёна ҳудудҳои ҳозираи ҷануби Тоҷикистону Ӯзбекистон ва манотиқи шимолии Афғонистонро дарбар мегирифт. Тавре маълум аст ба ҷои истилоҳи «Бохтар» номи нав, ки дар сарчашмаҳои хитоӣ дар шакли Ту-хо-ло дар манобеи арабу форсӣ Тахористон ҷойгузин шуд (4,9). Номи мулки мазкур аз номи қабилаҳои тахорӣ гирифта шудааст (6,124). Дар арафаи ҳуҷуми арабҳо ин мулк пароканда буда, танҳо бо ном мавҷудият дошта, мулкҳои ҳайати он мустақилият буданд. Ин манотиқ бо номи «Тахористон» дар сарчашмаҳо асосан то асри XIII қайд гашта, баъдан истилоҳи мазкур ҳамчун мавқеи ҷуғрофӣ аз байн рафт ва ба ин андеша муаррихоне, ки дар ин самт пажӯҳиш бурдаанд асосан ҳамфикранд. Тавре маълум аст, ки «тарзу услуб ва қонун-иятҳои бунёд шудани номҳо дар асоси ба инобат гирифтани ношонаву аломоти маъруфи кишвар, хусусияти табиии он, таъсири мазҳабу оин, вазъи сиёсии ҳар давра, нуфузи шахсиятҳои таърихӣ…ба тариқи илмӣ баён ёфтаанд»(7,5).

Лек агар ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода шаваду манобеи баъдӣ (асрҳои пас аз қарни XIII) мавриди дид қарор гирад, мебинем, ки ҳатто дар асари «Баҳр-ул-асрор»-и мутаффакири садаи XVII Маҳмд ибни Валӣ зикри Тахористон возеҳу равшан омадааст. Ҳатто дар рӯзгори Маҳмуд ибни Валӣ хонигарии Балх аз чунин вилоятҳои бузург: Бомиён, Тахористону Бадахшон, Чағо-ниён, Хуталон иборат буд (1,15). Мулкҳои ин вилояти таърихӣ, вазъи иқтисодию иҷтимоӣ хоҷагии деҳот ва ҷуғрофияи сиёсии Тахористон инъикоси худро дар асари мазкур ёфтааст. Метавон аз он маълумоти муфид оид ба Тахористон ба даст овард…

Номи пурраи асар «Баҳр-ул-асрор фи маноқиб ал-ахйар» ё «Баҳр-ул-асрор фи маърифат ал-ахйар» ва ё «Баҳр-ул-асрор фи маноқиб ул-ахбор»(5,84) буда, он як навъ энсиклопедияест, ки қисмати таърихиаш воқеаҳои давраи аз Чингизхон то Ҷониёнро дар бар мегирад ва ҳамчунин дар бораи астрология, минералогия, ҷуғрофияи сиёсӣ ва таърихи сиёсии олами мусулмонӣ маводи фаровонро дар худ ҷой дода, дар маҷмӯъ маълумотҳои то миёнаи асри XVII-ро дарбар гирифтааст. Ин асар то оғози асри XX пурра дастраси олимон набуда, нахустмаълумотҳоро дар бораи он муҳаққиқоне чун академик В. В. Бартолд, Г. Эте, А. Валидов ва И. Ю. Крачковский пешниҳоди илм кардаанд (2,6-7). Дар замони худ муҳаққиқи барҷаста, академик В.В. Бартолд баён дошта буд, ки танҳо ду дастхати ин асар маълум аст, ки яке дар Тошканд ба оилаи генерал-майор Ҷӯрабек таалуқ дорад, ки он се қисми аввалро фарогир буда, қисмати чоруми дастхати дигар дар китобхонаи India Offic-и Лондон маҳфуз аст (3,389). Муҳаққиқ Б. Ахмедов баъдан муайян кард, ки пажӯҳишгарон Бартолд В.В., Г. Эте ва А. Валидов маҳз ба ҷилди шашуми «Баҳр-ул-асрор» шинос шуда буданд, ки ин қисмат ба вазъи сиёсӣ ва иқтисодии мулкҳои Чағатой мансуб аст(1, 66).

Дар шакли алоҳида танҳо қисмати ҷуғрофияи он аз тарафи олими шӯравӣ Б. Ахмедов ба забони русӣ омодаю чоп шуда буд, ки мавриди истифодаи инҷониб қарор гирифт.

Тибқи маълумотҳои В.В. Бартолд ва Б. Ахмедов «Бахр-ул-асрор» 7-ҷилдро дар бар гирифта, ҳар ҷилд аз 4-қисм ё 4-рукн иборат буда, то замони мо ҷилди аввал (дастнависи ДШ.АУ. Уз. № 2372) ва ҷилди шашум (дастхати ДШ. АУ. Уз № 1375, 1385, 7418, аз ин ҷилд танҳо рукнҳои якуми сеюм боқӣ мондааст.) расидааст. Рукни чоруми ҷилди шашум дар китобхонаи India Offic-и Лондон (тахти № 575, каталоги кӯҳнааш №1496) мавҷуд аст, ки бо онҳо академик В.В. Бартолд дар соли 1899 шинос шуда буд…(3,69).

Асари «Бахр-ул-асрор» тибқи фармони хони Балх аз сулолаи Аштархонӣ Нодир Муҳаммадхон байни солҳои 1044\1634-1050\1640-641 навишта шудааст (3,388). Маҳз ҷилди аввли асар, ки аз тарафи Ахмедов Б. ба забони русӣ омода шудааст дар бораи

Тахористон маълумоти муфид медиҳад. Аз қайдҳои Маҳмуд ибни Валӣ маълум мешавад, ки ӯ соҳибмаълумот буда, ҷаҳонбинии васеъеро дорро гашта, барои ба анҷом расонидани таълифоти хеш аз асарҳои як зумра муаррихону ҷуғрофиядонҳои машҳур амсоли ибни Фақеҳ, ибни Ҳавқал, Абу Дулоф, Табарӣ, Яъқубӣ, Масъудӣ, Муқаддасӣ, Ёқутӣ, ибни Фадлон ва ғ… истифода кардааст. Ҳамзамон қимати баланди илмии асар дар он зикр меёбад, ки порчаю иқтибосҳо аз як қатор китобҳои то рӯзгори мо омада нарасида дар он дарҷ гаштааст ба мисли «Манобеъ-ат-толибин», «Тӯҳфат-ул-ғароиб», «Баҳр-ул-ҳақоиқ», «Ҷав-оҳир-ул-асро», «Рис-олаи Маликшоҳӣ», «Қомус-ал-фиқҳ» ва ғайра… (8, 7 ).

Зикри чанд мулк ва маҳалли Тахористон интихобан аз ин асар пешниҳод мегардад ва мавриди зикр аст, ки он чие муаллиф доир ба Тахористон меорад ба ҳикоятҳои қадима дар бораи Бохтар монандӣ дорад, ки дар онҳо ин кишвар чун мамлакати таззодҳои табиӣ ба назар мерасад: заминҳои гандумзори серҳосил, каналу чашмаҳои зиёд, шолизорҳои пуроб, боғҳои серсояи дарахтони гуногуни мевадор ва ангурзор, ҷо-ҷо пистазор, дар чарогоҳҳои хуб ҳайвоноти зиёд алалхусус галлаи аспон (9, 3).

**Андароб** - шаҳр дар сарҳади Тахористон буда, бо вилояти Кобул ҳамҷавор мебошад (8, 18). Дар аҳди қадим тобеъи Бомиён буд, ки он  дар навбати худ тобеъи Балх будааст…

**Арҳанг-сарой-**яке аз шаҳрҳои Тахористон маҳсуб ёфта, минтақаи хуб буда, деҳоту маҳаллаҳои бешуморе тобеъи он буда, дар роҳи корвонгузари Туббату Қошғар қарор дорад (8, 19).

**Ойбак** - аз шаҳрҳои Тахористон буда, дар иқлими чорум аст. Обу ҳавояш хубаст. Деҳоту маҳаллаҳои зиёдеро дорро буда, дар роҳи корвонӣ ба Ҳиндустон ҷойгир мебошад (8, 19). Маҳсулоту матоъҳои гуногуни зиёде дар бозорҳои он хеле бисёр аст. асосан маҳсулоти мевагии он аз қабили чормағзу нок, ангур шӯҳрат доранд. Аҳолии он бештар ба тиҷорат машғул ҳастанду дар ин соҳа моҳир…

**Боғи аварс** - тобеи Балх аст.Дар замони қадим яке аз маконҳои ободу зебо буда, деворҳои атрофи он то дувумин фарсанг тӯл дошта, баъдан аз тарафи Чағатой ба харобазор табдил дода шуд… (8, 21).

**Боғи ҳабаш** ба ҳайати Тахористон дохил буда, дар соҳили дарёи Фохир ҷойгир аст, ки он ҳоло (дар асри XVII) бо номи Оқсарой маълум аст. Боқимондаи биною қалъаҳои пешин хеле хуб намоён аст (8, 21).

**Бомиён-**яке аз қисматҳои аҳолинишини Балх ба шумор меравад. Дар замонҳои кӯҳан ин шаҳри бузургу пойтахт буд (8, 21). Қалъаи он дар баландии кӯҳ ҷой дошт. Бомиён аз тарафи ӯрдуи Чингизхон ба хок яксон карда шуд…

Дар баъзе китобҳо ахбороте мавҷудаст, ки тибқи онҳо маъбади Навбаҳори Балх нусхаи яке аз биноҳои Бомиён-Сабзаҳор мебошад. Мегӯянд, ки Бомиён номи духтари Заҳҳоки араб мебошад ва Кобулу Зобул, Балху Тахористон иқтаи ӯ ба ҳисоб меравад…

**Бадахшон-**дурустараш онро Тахористон меноманд, ки дарозию паҳнояш фарох асту ҷойгир дар иқлими чорум (8, 23). Дар ин кишвар конҳои тиллою нукра, мису оҳан, сурб, булури кӯҳӣ ва лаъл хеле зиёд вомехӯрад…

**Бағлон-**аз шаҳрҳои Тахористон аст. Дар баъзе давраҳо пойтахи он будааст. Шаҳри хурд ба шумор рафта, иқлимаш хуб аст (8, 23). Асосан аз маҳсулотҳо харбуза бештару хубтар истеҳсол карда мешавад.

**Балх**…яке аз кишварҳои Эрон, дар як вақт яке аз қисматҳои беҳтару хубтарест. Балх дар иқлими чорум мавқеъ дошта, обу ҳавояш хубу ҷолиб аст. Дар даврони қадим ҳосилоти боғоту меваҷоти инҷо нисбат ба дигар қисматҳо беҳтар буд… Дар замони пешин ба кишвари Балх худи Балх, қисмате аз Хутталон таалуқ доштанд, ки ба ҳар кадоме аз ин минтақаҳо боз деҳаю маҳаллаҳои сешуморе тобеъ буданд, ки сокинони онҳоро балхиён, бомиёниҳо, тахористониҳо ва хуталлиҳо меномиданд (8, 24-25).

**Тахористон** ки онро дурустараш Бадахшон низ меноманд, қисми сеюми вилояти Балх мебошад. Қундуз, Толиқон, Фархор, Роғ, Яктал, Юмгондара, Дарвоз, Сари ҷӯяк, Рустоқ, Қалъаи Шоҳи Назар, Боғи аварс, Дашт-қалъа, Шаҳри равон, Арҳанг-Сарой, Оқсарой, Боғи Ҳабаш, Султон Боязид, Ойбак, Бағлон, Хуст, Волиён, Ишкошим ва дигар ҳудудҳо тақрибан то Қошғар ба ин ҳудуд мансуб аст…

**Хутталон** - мамлакатест дар он тарафи Ҷайҳун макон дорад аз ин лиҳоз онро ба Мовароуннаҳр мансуб медонанд (8, 38). Дар иқлими чорум он ҷойгир буда, дар

ҳамҳудудии Бадахшон мавқеъ дорад. Дар давраи ҳозира (дар асри XVII) он чун замони пешин зертобеъи Балх аст. Дар қисмати ғарбии он Вахшу Қубодиён ҷойгир буда, дар самти шимол бо Чағониён ҳамҳудуд аст, дар ҷануб бо кӯҳҳои Тахористон ҳамсарҳад аст, ки мулкҳои бузурги ин минтақа Вахону Юмгон мебошад. Дар замони қаблӣ пойтахти Хутталон шаҳри Вашгирд буд, ки ҳоло ба харобазор табдил ёфтааст. Онҷо марқади Ҳотами Ассам мавҷуд аст… Иқлими инҷо мӯътадил буда, барои кишту парвариши ҳамагуна маҳсулот мусоидат мекунад. Хонҳои зиёде кӯшиш кардаанд, ки ин кишварро ба ҳайати мулкҳои худ тобеъ намоянд, лек ин амали онҳо бефоида буда, давлатдорони ин кишвар, ки онҳоро «шаҳ» мегуфтанд чандин маротиба байрақи озодӣ ва истиқло-лиятро баланд бардоштанд ва бар зидди аҷнабиён мубориза бурданд. Дар замони гузашта молҳои асосие, ки аз Хутталон ба хориҷ бурда мешуд ин: асп, каманд ва молҳҳои пашмин буд.

**Хуст**-яке аз шаҳрҳои Тахористон дар иқлими чорум (8, 45). Боду ҳавояш хеле хуб аст. Маҳсулотҳои ғалладонаю сабзавот хуб ба даст меояд…

**Рустоқ -** яке аз шаҳрҳои балхии Тахористон дар иқлими чорум буда, байни кӯҳсору теппаҳо ҷойгир аст. Баъзеҳо онро пойтахти Бадахшон меҳисобанд (8, 47).

**Чағониён-** мамлакати васеъ аз вилоятҳои Мовароун-наҳр дар иқлими чоруму панҷум. Он дар шимолии Тирмиз, дар ҷанубии Кешу Самарқанд макон дорад. Аз ноҳияҳои бузурги он Деҳнав, ки дар қадим Чағониён ном дошт аввалин пойтахти ин мулк ба ҳисоб меравад. Боду ҳавояш хуб будая. Маҳсулоти ғалладона ва меваҷот дар инҷо зиёд аст (8, 58). Дар кӯҳҳояш растаниҳои шифобахш фаровон буда, аз Чағониён ба хориҷ биринҷ, ранги маъсар, ранги қирмизӣ, аспу уштур ва дигар молҳоро интиқол медиҳанд…

**Толиқон** яке аз шаҳрҳои балхии Тахористон ба ҳисоб рафта, ҳавояш мӯътадил аст. Киштзору боғотош обод асту ҷӯю каналҳо бо тартиб сохта шуда, деворҳои шаҳру арк хеле мустаҳкам буда, дар бозор тартибу низом ҷой дошта, пур аз мол аст (8, 59).

**Фархор** - мамлакатест дар Тахористон (8, 64). Иқлимаш гуворою дилкаш аст. Ҳосили маҳсулоти ин сарзамин хеле зиёд аст…

**Қубодиён -** дар замони гузашта яке аз билодҳои Мовароуннаҳр ба ҳисоб мерафт (8, 66). Обҳои он аз дарёи Вахш аст, ки оғозашро Кофарниҳон мегӯянд. Аз маҳсулотҳо анор, ангур, чанд навъи шарбатҳо ба кишварҳои дигар ба сифати тӯҳфа бурда мешуданд, ки шӯҳрати баландеро соҳиб буданд…

**Қундуз** – яке аз вилоятҳои калонтарини балхии Тахористон ба ҳисоб рафта, тобеи он деҳоту музофоти зиёдест… Бешазорҳояш бисёр буда, дар онҳо паланг хеле зиёд аст, ки ҳатто ба одамон зиён мерасонанд… (8, 66). Иқлимаш каме гарм аст. Ҳосили ин сарзамин маҳсулоти ғалладонагӣ, пахта, биринҷ ва дигар маҳсулот мебошад…

Мавриди зикр мебошад, ки Маҳмуд ибни Валӣ дар ин асараш ҳамчунин дар бораи мавқеи ҷуғрофӣ, руду кӯлҳои манотиқи мазкур маълумот додаст, ки он давоми ояндаи тадқиқот мебошад.

**Китобнома**:


1. Ахмедов Б.А. История Балха….- Ташкент, 1982.
2. Ахмедов Б.А. Историко - географическая литературы Средней Азии XVI-XVII вв. (Письменные памятники) Ташкент,1985.
3. Бартольд В.В. Церемониал при узбецких дворов в XIII в. Соч.Т. VIII. М., 1973.
4. Белиницкий А.М. Историко-географический очерк Хутталя с древ-нейших времен до X в. н.э. Душанбе, 2004.
5. Ғафуров Б. Тоҷикон. Душанбе, 1983.
6. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Душанбе, 2006.
7. Девонақулов А. Асрори номҳои кишвар. Душанбе: «Ирфон», 1989
8. Махмуд ибн Вали. Море тайн относительно доблестей благородных. (География). Введения, перевод, примечания, указатели Б. А. Ахмедова. Ташкент, 1977.
9. Пьянков И.В. Осиёи Миён дар номаҳои бостон. Душанбе, 1991.


## АННОТАТСИЯХО**

*Ба истиқболи ҷашни 1150 - солагии Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ*

# ТАБИБИ ҲАКИМУ ТАВОНО

***САНГОВ Р.,***
*унвонҷӯи институти фалсафа,*
*сотсиология ва ҳуқуқи Академияи илмҳои*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А.Баҳовиддинов*

Ҷашни 1150-солагии яке аз нахустин табиби шуҳратёри тоҷик, кимиёшинос ва файласуфу ҳакими тавоно Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ чорабинии муҳими илмӣ-маърифатӣ ва фарҳангии соли равон ба шумор меравад.

Иқдоми навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи таҷлили ҷашни 1150- солагии табиби ҳозиқ, мутафаккири озодфикр ва олими табиатшинос Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳё, ки дар таърихи илму тамаддуни тоҷик ба исми Закариёи Розӣ ва дар Аврупо бо номи Разес машҳур аст, боиси қадрдонӣ ва сипос аст.

Закариёи Розӣ яке аз нобиғаҳои фарзонаи миллати тоҷик буда, дар нимаи дуюми асри IX ва аввали асри X умр ба сар бурда, ҳамчун табиби ҳозиқ, мутафаккири озодфикр ва олими табиатшинос дар олами илм маъруфият ва маҳбубият дорад. Бо назардошти ҳаёти босамари илмӣ ва осори бою гаронбаҳо Абӯбакри Розиро яке аз бунёдгузорон ва пешвоёни аҳди ҳумоюнфар, бунёдгузори илмҳои тибби миллӣ, кимиё ва фалсафаи озодандешонаи тоҷику форс ҳисобидан равост. Зеро, асарҳои таълифёфта ва ташаккулу такомули афкори илмию фалсафӣ ва бадеии ин қарнҳо, ки дар он саҳми Закариёи Розӣ низ бевосита зиёд аст, бахусус осори мулоҳизакоронаи фалсафию тиббӣ, риёзӣ ва табиатшиносиву бадеии ӯ, на танҳо дар сар то сари Ховару Бохтар, балки дар Арабу Аҷам, баъдан тавассути тарҷума ҳамчун маводи илмию таълимӣ дар Аврупо ва дигар манотиқи олам шуҳратёр гашта, боиси рушди илму фарҳанг, бахусус андешаҳои пешқадами ориёиёна гаштааст. Ин давраро донишманди шуҳратёри тоҷик Акбар Турсунов ҳамчун давраи “Эҳёи Тоҷик” эътироф намуда, Муҳаммад Закариёи Розиро яке аз мутафаккирон ва озодандешони аҳди ҳумоюнфар меҳисобад.

Барҳақ, Закариёи Розӣ яке аз саромадони илми аҳди ҳумоюнфар- аҳди Эҳёи Аҷам аст. Дуруст аст, ки дар таърихи башарият асрҳои VIII-XV давраи эҳё ва баъдан рушду ташаккули илму фарҳанги тоҷик буда, забону афкор ва андешаи ниёгони бофазламон илму осори гаронбаҳояшон воқеан илмӣ буд. Таҳқиқоту афкор ва андешаҳои гаронмояи илмии Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ, ки дар саргаҳи эҳё ва ташаккули илми ниёгон қарор дошта, дар таърих асари “Ҳовӣ”-и 30 ҷилдаи ӯро дар қатори классикони тибби антиқа Букроту (Гиппократ) Ҷолинус (Гален) ёдовар мешаванд, дорои аҳамияти хоси илмию таърихӣ ва таълимӣ аст.

Абӯбакри Розӣ дар соҳаи илми тиб ба дараҷаву мақоми бузургони олам расидааст. Дар ин хусус муҳаққиқ Алиасғари Ҳалабӣ чунин мегӯяд:

-“Пизишкӣ набуд, Буқрот онро ба вуҷуд овард, мурда буд- Ҷолинус онро зинда кард, пароканда буд- Розӣ онро фароҳам овард, ноқис буд- Ибни Сино онро комил кард”.

Дар бораи ҳаёт ва мероси Закариёи Розӣ ибни Надим дар “Алфеҳраст” ва Абӯрайҳони Берунӣ дар “Феҳрасти мусаннифоти Розӣ” маълумот дода, доираи мавзӯъоти эҷодиёти ӯро муайян ва мушаххас кардаанд. Онҳо мавзӯи осори мутафаккири барҷастаро дар соҳаҳои тиб, табииёт, мантиқ, риёзиёт, тафсир, улуми фалсафӣ, мофавқуттабиа, илоҳиёт, кимиё ва куфриёт муайян кардаанд.

Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳё, ки дар таърихи илму тамаддуни тоҷик ба исми Розӣ маъруфияту маҳбубият дорад, 28 августи соли 865 дар шаҳри Райи Хуросон (дар гузашта яке аз шаҳрҳои калони Эрон буда, баъди ҳуҷуми муғулҳо хароб гардидааст ва дар наздикиҳои Техрон қарор доштааст) дар оилаи косибе ба дунё омада, 25 октябри соли 925 дар синни 60-солагиаш дар ҳамон ҷо фавтидааст.

Дар бораи он ки Абӯбакри Розӣ дар давоми умраш нисбат ба илму дониш ҳавсала ва ҷидду ҷаҳди зиёд дошта, пайваста дар пайи омӯзишу мутолиа буд, аз қавли ровие ҳолатеро зикр кардани Абӯрайҳони Берунӣ кофист:

“Ӯ пайваста ба дарсу баҳс машғул буд ва аз фарти дӯстӣ ба илм чароғи худро дар чароғдоне бар рӯи деворе мениҳод ва китобашро бар девор такя медод ва ба хондан мепардохт, то агар хоб ӯро даррабояд, китоб аз дасташ биафтад- ӯ бедор шавад ва мутолиаи худро идома диҳад”.

Худи Абӯбакри Розӣ ҳам дар бораи заҳматҳои пайвастааш мегӯяд, ки: “Ҳавсалаву ҷаҳди ман дар талаби дониш то он ҳад буд, ки дар як фан бахусус ба хати таъвиз (хати рез) беш аз бист ҳазор варақа навишта ва понздаҳ соли умри худро шабу рӯз дар таълифи “Ҷомеи Кабир” (“Ҳовӣ”) сарф кардаам. Ва бар асари ҳамин кор қувваи биноиямро заъф даст дода ва азалаи дастам гирифтори сустӣ шуда ва аз хондану навиштан маҳрумам сохтааст. Бо ин ҳол ҳам аз талаб боз намондаам ва пайваста ба ёрии ину он мехонам ва бар дасти эшон менависам” .

Дар таърихи илму фарҳанг ва тамаддуни тоҷик Абӯбакри Розӣ ҳамчун файласуф, табиб ва кимиёшиноси бузурги форс-тоҷик шуҳрат дошта, аз худ осори бою гаронбаҳо ва пурарзишеро ба мерос гузоштааст. Дар ҷавониаш ба касби заргарию саррофӣ (он ки пулеро бо пуле иваз мекунад ва ё шахсе, ки пули сараро аз носара (қалб) фарқ карда метавонад) ва баъдан ба илми кимиё машғул мешавад. Муаллифи “Феҳрасти мусаннифоти Розӣ”- Абӯрайҳони Берунӣ масъалаи ба илми кимиё ва ба кимиёгарӣ шуғл доштани Розиро чунин ёдовар шудааст:

“Ӯ нахуст ба кимиё иштиғол варзид ва чашми худро дар маърази авориз ва офот ниҳод. Наздикӣ ба оташ ва бӯйҳои тунд чашми ӯро маъюб сохт ва ӯро ба сӯи муолиҷа ва мудово ва сипас ба илми пизишкӣ кашонид”.

Дар синни 40-солагиаш ба омӯзиши илмҳои тиббу фалсафа ва кимиё мепардозад ва ин илмҳоро ба ҳадди камол аз худ мекунад.

Баъди аз худ кардани он илмҳо ба сифати табиб аввал дар бемористони Рай ва баъдан дар бемористони Бағдод ба фаъолият пардохта, сарвари бемористони Бағдод мешавад. Дар ин муддат чанд вақт табиби дарбори амири Хуросон Абӯсолеҳ ибни Исҳоқи Мансур шуда хизмат менамояд. Тавре аз сарчашмаҳои таърихӣ ва бевосита асарҳои ӯ ба мисли «Китоб-ул-асрор» ва «Китобу сирр-ил-асрор» бармеояд, ӯ як қисми умрашро дар Мовароуннаҳр гузаронидааст ва бо доираҳои илмии ин кишвар низ робитаҳо доштааст.

Сарчашмаҳои илмию таърихӣ олими сермаҳсул будани Розиро қайд карда, теъдоди таълифоти зиёди фалсафию тиббии ӯро дарҷ кардаанд. Муҳаққиқ Муҳаммади Наҷмободӣ теъдоди асарҳои ӯро дар маҷмӯъ 270 ва танҳо асарҳои тиббиашро 114, Абӯрайҳони Берунӣ- 184, Ибни Надим- 160, Ибни Усбия- 238 ва Ибни Қифтӣ- 130 номгӯй шуморидаанд.

Сарчашмаи боэътимоде, ки доир ба ҳаёт, эҷодиёт ва ғояҳои фалсафию иҷтимоии Закариёи Розӣ маълумоти мукаммал медиҳад, “Феҳрасти мусаннифоти Розӣ”-и Абӯрайҳони Берунӣ мебошад. Берунӣ на ин ки феҳрасти осори Розиро тартиб медиҳад, балки доираи мавзӯи эҷодиёти ӯ- тиббию табииёт, мантиқу риёзиёт, тафсиру фалсафӣ, мофавқуттабиа, илоҳиёт, кимиё ва куфриётро муайян ва табақабандӣ мекунад.

Бузургтарин осори тиббии Абӯбакр Закариёи Розӣ “Алҷомеъ-ул-ҳозир ли синоат-ат-тиб” мебошад, ки бо унвони “Ҳовӣ” ва ё “Ал-Ҳовӣ” ё “Ҷомеи Кабир” низ машҳур буда, дар сӣ ҷилд таълиф ёфтааст. Тибқи ишораи худи муаллиф дар “Сирати фалсафӣ”, барои таълифи асари “Ҳовӣ” ва ё “Ал-Ҳовӣ” понздаҳ соли умри худро сарф намудааст. Боиси таъкид аст, ки “Ҳовӣ”-ро ҳамчун доиратулмаорифи тиб эътироф намудаанд. Шарқшиноси англис Эдуард Броун дар асари “Тибби араб” бартарии асари “Ҳовӣ”-и Розиро аз тамоми китоби тиббии исломӣ махсус қайд мекунад.

“Китоби Мансурӣ” ё “Китоб-ул-Мансурӣ”, ки бо номҳои “Китоб-ут-тиб-ил-Мансурӣ” ва “Алқунот-ул-Мансурӣ” машҳур аст, асари дигари даҳҷилдаи тиббии Закариёи Розӣ ба шумор рафта, ба забони арабӣ иншо шудааст. Асари мазкурро Розӣ ба ҳокими Рай – Мансур ибни Исҳоқ ибни Аҳмад ибни Асад- дуюмин шоҳи сулолаи Сомониён бахшида, дар он сохт ва вазифаҳои узвҳо, бемориҳо ва усули муолиҷаю пешгирии онҳоро нишон додааст.

Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар “Чаҳор мақола” ишора кардааст, ки “...Дар фалсафаю тиб осори зиёд дорад. Китобҳои “Ал-қавонин-ут-табиия фи-ал-ҳикмат-ул-фалсафия”, “Ал-илм-ул-Аллоҳӣ”, “Мақолат фи-мобаъдат-табиат”, “Ал-қавл фи-л-қудамо ал-хамса”, “Ал-қавл фи-ал-ҳаюло”, “Ал-қавл фи-з-замон в-ал-макон”-ро дар

фалсафа ва асарҳои “Ал-Ҳовӣ”, “Тиб-ал-Мансурӣ”, “Тиб-ал-фуқаро”, “Муршид” ва ғайраро дар тиб иншо кардааст. Вай инчунин роҷеъ ба илми кимиё асарҳои зиёде таълиф кардааст”.

Тавре зикр гардид, Абӯбакри Розӣ ҳамчун ҳакими мумтоз дар илми тиббу фалсафа асарҳои зиёде таълиф намудааст. Муаллиф теъдоди асарҳои фалсафию тиббии худро зиёда аз дусад адад нишон додааст, ки қисме аз онҳо болотар ишора шуд. Ин асарҳо дар рушди илми тиббу фалсафаи асрҳои миёна нақши муҳим доранд.

Аз шарҳи ҳоли Закариёи Розӣ, осори бою гаронмоя ва ишораву таъкиди сарчашмаҳои гуногуни илмиву таърихӣ маълум мешавад, ки ӯ яке аз олимони сермаҳсул ва донишманди тавонои миллати тоҷик аст. Мутаассифона, бинобар сабаби бар асари тохтутозҳову қатлу ғоратгариҳо ва сӯзонидану нобуд кардани ҳамагуна осор, бахусус осори озодандешонаи олимоне, ки ба илмҳои ғайридинӣ ва фалсафа машғул буданд, ҳокимони давр шуғли онҳоро куфру бидъат ҳисобида, бо баҳонаи исмоилию қарматӣ осори онҳоро месӯзониданд ва худашонро бо ҳар роҳ мекуштанд. Вобаста ба ин мавзӯъ танҳо як бедодгарии Султон Маҳмудро, ки бо мақсади амалӣ кардани нақшаи деринааш- бо баҳонаи он ки дар Рай исмоилӣ-қарматиҳо зиёд шуда буданд, ба он ҷо лашкар кашида, Райро пурра ғорат кард, чандин ҳазор зану мардро ба иллати қарматигӣ кушт, дусад нафари онҳоро ба дор овехта, китобхонаи машҳури Райро, ки дар калонию боигарӣ пас аз китобхонаҳои Бухорою Шероз сеюмин китобхонаи машҳур буд, оташ зад, мисол овардан мумкин аст. Ҳарчанд ин ваҳшонияти таърихӣ соли 1030- пас аз 105-соли фавти Абӯбакри Розӣ рух дода бошад ҳам, лекин аз эҳтимол дур нест, ки чандин асарҳои дар ин китобхона будаи ӯ низ тӯъмаи оташ шуда бошанд!. Қисмати талхи нобиғаҳои миллат- Рӯдакиву Фирдавсӣ, Ибни Синову Берунӣ ва даҳҳои дигар далели ин гуфтаҳост.

Бегумон, вақте Закариёи Розӣ озодфикрона ва нотарсона динро аз фалсафа ҷудо карда, тавассути асарҳои озодандешонааш- “Аннубувват”, ки бо номи “Нақз-ул-адён” низ шуҳрат дорад ва “Ҳиял-ул-мутанаббийин” мегӯяд, ки “Худованд ҳамаи бандагони хешро баробар офарида ва ҳеҷ касро бар дигарӣ бартарӣ надодааст... Мабонӣ ва усули адён бо ҳақоиқ мухолифату муғоират дорад ва ба ҳамин сабаб ҳам миёни онҳо ихтилоф дида мешавад... Адёну мазоҳиб иллати асосии ҷангҳо ва мухолифат бо андешаҳои фалсафӣ ва пажӯҳишҳои илмӣ ҳастанд”, боиси эътирозу мунозираҳои зиёди файласуфони аҷамӣ шуданд.

Албатта, чунин асарҳои озодандешона ва асарҳои дар дигар мавзӯъ таълифшудаи мутафаккир ба иллати он ки муаллифаш Абӯбакри Розӣ аст, ба ҳеҷ ваҷҳ аз дасти аҳли адёну мазоҳиб дар амон намемонад! Иллати асосии аз он осори сершумор то ба имрӯз омада расидани ҳамагӣ чанд асари ангуштшумор ин пеш аз ҳама дар баёни ошкорои андешаҳои фалсафӣ-ратсионалистии Муҳаммад Закариёи Розӣ аст.

Дар ҳоле ки пас аз панҷсад соли фавти Закариёи Розӣ як зумра ҳакимони даврони Эҳёи Аврупо дар асари “Таърихи фалсафаи муслимин”, ки дар Олмони Ғарбӣ ба забони англисӣ чоп шудааст, қайд кардаанд, ки: “Закариёи Розӣ дар ислом ва шояд умуман дар таърихи афкори одамӣ боғайраттарин ва озодандештарин мутафаккир ба шумор равад. Ӯ ратсионалисти (аз лот. rationalis- оқилона) комил буд, дар дидааш ҳиҷобе надошт, дар баёни кушоду равшани ақоидаш густохии беҳамтое зоҳир менамуд. Розӣ ба дину мазҳаб не, балки ба инсон, ба прогресс имон оварда буд”(1, 128).

Сарчашмаҳои гуногуни илмиву оммавӣ ва таърихии охирҳои садаи XX ва аввалҳои садаи равон теъдоди ками то ба ин рӯзгор омада расидаи осори Абӯбакри Розиро зикр кардаанд. Масалан, дар бузургтарин қомуси охирҳои садаи XX- Энсиклопедияи советии тоҷик дар бораи баъзе аз асарҳои Закариёи Розӣ ба таври мухтасар маълумотҳо оварда шудааст. Аз ҷумла, дар бораи асарҳои “Китоб-ул-асрор”, “Китоб-ул-мадхал-ит-таълимӣ” (“Китоби муқаддимаи таълим”), “Китоб-уш-шавоҳид” (“Китоби иқтибосҳо”)- дар боби химия ва “Китоб-ул-ҷадарӣ в-ал-ҳасба” (“Китоб дар боби нағзак ва сурхча”) ва “Китоб-ут-тиб-ил-Мансурӣ” (“Китоби тиббии ба Мансур бахшидашуда”) дар боби тиб маълумотҳо оварда шудаанд.

Аз Закариёи Розӣ маҷмӯаи “Дувоздаҳ китоб дар бораи санъати алхимия” дар шакли куллиёт ба мерос мондааст. Китоби якуми маҷмӯаи мазкур “Китоб-ул-мадхал-ит-таълимӣ” (“Китоби муқаддимаи таълим”) мебошад, ки охирҳои асри IX ба забони арабӣ навишта шуда, дар он ҳамчун дастурҳои ибтидоӣ баёни мухтасари ҳамаи

моддаҳо ва асбобҳои лаборатории дар таҷрибаҳои алхимиявӣ истифодашаванда тасвир ёфтаанд. Иқтибос овардани оғози китоб бисёр ба маврид аст: "...Бидон, ки барои ҳар як санъат асбоб вуҷуд дорад ва ин асбобҳо номи худро доранд, ки одамони бо ин санъат алоқаманд медонанд. Барои санъате, ки алхимия ном дорад, асбоб ва моддаҳои муайяне заруранд ва онҳо низ номи худро доранд, ки онро танҳо шахсони бо ин санъат кордор медонанд"(6; 3, 337).

Нусхаи ягонаи ин асар дар китобхонаи қароргоҳи ҳокимони Рампури Ҳиндустон маҳфуз буда, онро олими англис муаррихи химия Г.Степлтон соли 1910 ҳангоми таҳқиқи маҷмӯаи асарҳои химиявӣ дарёфт кардааст. Матни пурраи тарҷумаи англисии асар аз ҷониби муаррихи мазкур соли 1927 ба табъ расидааст.

"Китоб-ул-асрор" яке аз китобҳои маҷмӯаи "Дувоздаҳ китоб дар бораи санъати алхимия"-и Закариёи Розӣ буда, дар ибтидои асри X ба забони арабӣ навишта шуда, барои омӯзиши таърихи химия саҳми бузург гузоштааст. Асари номбурда дар шакли дастхати арабӣ (аз рӯи маълумоти арабшиноси олмон Л. Флейшер) аз ибтидои асри XIX маълум буда, тарҷумаи пурраи он дар забони олмонӣ бо қалами семитологи олмон Ю. Руска соли 1937 ба табъ расидааст. Алҳол "Китоб-ул-асрор" дар шакли 5 дастхат дар китобхонаи Лейпсиг ва Донишгоҳи Гётингени Олмон, Эскуриали Испания ва Ҳиндустону Тошкент маҳфуз аст.

"Китоб-уш-шавоҳид" бошад ҳамчун китоби ҳаштуми куллиёти "Дувоздаҳ китоб дар бораи санъати алхимия" , ки охирҳои асри IX ба забони арабӣ дар ҳаҷми 16 варақ таълиф ёфта, дар он асарҳои алкимиёвии бештар аз 26 нафар муаллифони Шарқи Қадим оид ба шинохтану ҷудо кардан, таснифоту тоза кардани моддаҳо, тайёр намудани асбобҳои лабораторӣ, тарзи истифодаи онҳо, роҳҳои ҳосил намудани иксирҳои гуногун, табдили металлҳо, гирифтани моддаҳои дорӯӣ ва меъёру истифодаи онҳо иқтибосҳо гирд оварда шудаанд.

Нусхаи ягонаи "Китоб-уш-шавоҳид" дар китобхонаи қароргоҳи ҳокимони Рампури Ҳиндустон маҳфуз буда, онро соли 1910 олими англис, муаррихи химия Г.Степлтон ҳангоми таҳқиқи маҷмӯаи асарҳои алхимиявии Шарқи Қадим дарёфтааст. Мувофиқи маълумоти манбаъ (6; 3, 340) .

Маълумотҳо дар бораи ду асари дигари дар боби тиб дар ин манбаъ зикргардида- "Китоб-ул-ҷадарӣ в-ал-ҳасба" ("Китоб дар боби нағзак ва сурхча") ва "Китоб-ут-тиб-ил-Мансурӣ" ("Китоби тиббии ба Мансур бахшидашуда") китобҳое мебошанд, ки то ба замони мо омада расидаанд. Фахри имрӯзии мо ворисони Абӯбакри Розӣ он аст, ки баъзе аз асарҳои мутафаккир, маҳз асарҳои тиббии "Китоб дар бораи нағзак ва сурхча"-и табиби ҳозиқ дар тамоми ҷаҳон шуҳрати ӯро ҳамчун асосгузори амалияи нағзаккании машҳур гардонид. Китоби мазкур ҳамчун асари тиббӣ амалӣ асрҳои зиёд дар мактабҳою муассисаҳои тиббии ҷаҳон чун китоби дарсӣ истифода шуда, нахустин маротиба соли 1498 дар Венетсия бо номи "liber de Pestilentia» ба забони лотинӣ ва минбаъд чандин маротиба ба забонҳои юнонию англисӣ ва фаронсавӣ чоп шудааст.

Ба ҳамин монанд машҳуртарин асари тиббии Закариёи Розӣ "Ал-Ҳовӣ" мебошад, ки он ҳанӯз 255 соли баъди фавти мутафаккир бори аввал дар соли 1180 онро олими чех Вилема Рогера ба забони лотинӣ тарҷума карда, дар дорулфунуни Монпелеи Фаронса аз рӯи ин асар дарс медодааст. Китоби мазкур солҳои 1486, 1509 ва 1542 бо номи «Continens Rasis» дар Италия ба лотинӣ тарҷума шудааст. Дастхатҳои он бо номи «Ал-Ҷомеъ-ул-Кабир» дар китобхона-музейҳои Италия, китобхонаҳои Мюнхени Олмон, Оксфорд ва Кембриҷи ИМА, дар Испания, Истанбули Туркия, Ромпури Ҳиндустон ва Мадрас маҳфуз буда, соли 1955 дар Ҳайдаробод дар ҳаҷми бист ҷилд тарҷума ва нашр шудааст.

Боиси тазаккур аст, ки Розӣ дар асар ҳамаи бемориҳои мушоҳидакарда ва роҳҳои муолиҷаи онҳоро зикр намудааст. Бино ба маълумоти Берунӣ асар аз 13 фасл иборат буда, мавзӯъҳои: беморӣ ва муолиҷаи беморон, ҳифзи сиҳат, бахия (чоки захм), шикастабандӣ ва захмҳо; нерӯи доруҳо, ғизо ва дигар моддаҳо, ки дар тиб истифода мешаванд; доруҳои мураккаб, санъати тиб, дорусозӣ, рангу таъм ва бӯи доруҳо; навъи баданҳо, вазнҳо ва кайлҳо (ченакҳо); шарҳу вазифаҳои аъзо; иллат ва сабабҳои табиии санъати тиб; нахустин истилоҳоти тиббӣ ва муқаддимаи тибро дар бар гирифтааст.

Асари дигари машҳури дар соҳаи тиб таълифнамудаи Закариёи Розӣ ин "Муршид" (аз арабӣ- иршодкунанда, роҳнамо...) аст. Низомии Арӯзии Самарқандӣ таъкид

мекунад, ки “ҳар табиб бояд «Муршид»- асари Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар илми тибро пайваста мутолиа кунад ва бо худ гирифта гардад”(ниг. 4).

Ҳадаф аз мисол овардани нашри чанд асари мутафаккир дар давоми ҳазор соли гузашта дар қитъаҳои гуногуни олам, махсусан қитъаи ташаккул ва тараққикардаи Аврупо ва дар ин давра ҳамчун китобу дастурҳои муҳиму муфиди таълимӣ, илмӣ, тавсиявӣ ва амалӣ мавриди истифода қарор доштани онҳо он аст, ки мо ворисони имрӯзаи чунин мутафаккирону нобиғаҳоро тарҷумаву таҳқиқотҳои дигарон бо ҳаёту осори гаронмоя ва афкору андешаҳои рангини фарзонафарзандонамон ошно ва ҳидоят намуда истодаанд. Аз эҳтимол дур нест, ки чандин асарҳои дигари мутафаккирони миллат, бахусус асарҳои дигари Закариёи Розӣ дар дигар китобхонаҳои олам маҳфузу махфиву бетаваҷҷуҳ ва дар гӯшаи фаромӯшианд!

Дар ин мавзӯъ таъкиди ховаршиноси чехословакия доктор Иржи Бечкаро дар бораи он ки “...дар дорулфунунҳои гуногуни Чехословакия, китобхонаҳои қасрҳо ва умдаи китобхонаҳои монастирҳо мавҷуд будани тарҷумаҳои лотинӣ, қисман чехӣ ва аҳёнан асли арабии китобу рисолаҳои олимони Шарқ ё пораҳои аз он асарҳои бардошташуда мавҷуд аст. Ҳамчунин, дар китобхонаҳои Чехословакия ба миқдори аз ҳама бештар асарҳои тиббии Абӯбакри Розӣ (дар Аврупо бо номи Разес машҳур) ва Абӯалӣ ибни Сино маҳфуз мондаанд” мисол овардан кифоя аст. Ба забони аксари кишварҳои аврупоӣ борҳо тарҷума ва дастрас шудани қисме аз асарҳои Абӯбакри Розӣ ва дар китобхонаҳои Ҳиндустону Покистон, Туркияву Амрико, Англияю Италия, собиқ Чехословакияю Фаронса, Қоҳираву Эрону Ӯзбекистон ва дигар кишварҳо мавҷуд будани баъзе аз асарҳои донишманд нишонаи он аст, ки на ҳамаи осори Абӯбакри Розӣ сӯзонидаву нобуд карда шудаанд.

Асарҳои офарида ва дар дигар соҳаҳо эҷоднамудаи Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, ки мутаассифона бинобар сабабҳои гуногун ва нобасомониҳои замона то ба замони мо нарасидаанд ва ё то ҳанӯз аз ҷониби муҳаққиқин мавриди омӯзишу таҳқиқот қарор нагирифтаанд, шояд ба шарофати ҷашни 1150-солагии зодрӯзи соҳибҷашн ва бузургдошти ин шахсияти бузурги миллат мавриди омӯзишу пажӯҳиш ва таҳқиқотҳои илмӣ қарор гирифта, саҳми ӯ дар ташаккули илми тоҷик ва нақши ҷовидонааш дар рушди фарҳанги миллӣ мушаххас гардонида, мактаби илмии тиббӣ, фалсафӣ ва кимиёшиносии ӯ муайян ва муқаррар карда шавад. Дар шакли мукаммал дастраси хонандагон гардонидани осори безаволи табиби шуҳратёр, кимиёшинос ва файласуфи тавоно- Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ амали хайре дар шинохту сирати ҷовидонии ӯ хоҳад буд.

**Китобнома:**


1. Акбар Турсунов. Эҳёи Аҷам. – Душанбе: Ирфон, 1984.
2. Воскобойников В. Ҳакими бузург . - Душанбе: Ирфон, 1980.
3. Закариёи Розӣ . Мунтахаби осор.- Душанбе: Ирфон, 1989.
4. Низомии Арӯзии Самарқандӣ.Чаҳор мақола. - Душанбе: Ирфон, 1980.
5. Сотим Улуғзода. Пири ҳакимони машриқзамин. – Душанбе: Маориф, 1980.
6. Энциклопедияи советии тоҷик. Ҷилдҳои 3, 5, 6, 7 ва 8. –Душанбе: ЭСТ, 1981-1988.


## ВЫДАЮЩИЙСЯ УЧЁНЫЙ И ВЕЛИКИЙ ЦЕЛИТЕЛЬ


***САНГОВ Р.***



В статье говорится о выдаюшимся таджикском целителе, химике и философе Абубакр Муҳаммад Закариё Рози или как его величают в Европе Разес. Свыше 270 наименований научных работ Абубакра Рози связаны с наукой врачевания и химии, логики и алгебры, философии и религии.

В этом году намеревается отмечать его 1150 – летие, и связи с этим намечается важнейшее научно – познавательное мероприятие, посвящённое этому великому учёному.



***Ключевые слова:*** *учёный, целитель, философ, религия, наука.*

## AN OUTSTANDING SCIENTIST AND A GREAT HEALER

***SANGOV R.***

The article is about the famouse Tajik healer, a chemist and philosopher Abubakr Muҳammad Zakariё Rosie or as it was called in Europe Rhazes. Over 270 titles of scientific works of Abubakr Rosie related to the science of medicine and chemistry, logic and algebra, philosophy and religion.

This year it intends to celebrate 1150 - anniversary, and therefore planned important scientific - cognitive event dedicated to this great scientist.

***Keywords:*** *scientist, healer, philosophy, religion, science.*

***ЗАБОНШИНОСӢ***
***ЛИНГВИСТИКА***

# ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕИ СЕРТАРКИБ

***НОРМАТОВ М.,***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Ҷумлаҳои мураккаб ва намудҳои гуногуни он яке аз мавзӯъҳои асосӣ ва дар айни ҳол душвори илми наҳв мебошад. Навҳшиносон ба он эътибори ҷиддӣ зоҳир намуда, баъзе паҳлуҳои онро муфассал тадқиқ намудаанд. Ба ин асару мақолаҳои забоншиносон Тоҷиев Д.Т., Ниёзмуҳаммадов Б.Н., Қосимова М., Зикриёев Ф.Қ., Рустамов Ш., Ҳусейнов Х., Атобуллоев С., Хоҷаев Д., Абдулазизов А. ва дигарон мисол шуда метавонанд. Онҳо асосан ба тадқиқи ин ё он навъи ҷумлаи пайрав ва ё ҷумлаи мураккаби пайваст эътибор додаанд.

Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб намуди боз ҳам мураккабтари ин қисмати навҳ мебошад. Доир ба ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб дар китобҳои дарсӣ, грамматикаи илмӣ ва асару мақолаҳои ҷудогонаи забоншиносон маълумоти умумӣ ба чашм мерасад. Вале ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб мавриди тадқиқи махсуси ҳамаҷониба нашудааст. Корбасти он дар ягон асари ҷудогона мавриди омӯзишу тадқиқи алоҳида нагардидааст. Ҳаминро ба назар гирифта мо дар ин кори худ намуду хелҳои онро дар аввалин романи муосири тоҷик – «Дохунда»-и устод Айнӣ аз назар мегузаронем. Қайдҳои нисбатан оддию содда доир ба ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ барои талабагони мактабҳои миёнаи солҳои панҷоҳ ва шаст мушоҳида мешавад. Дар нашри соли 1955 ин мавзӯъ ба номи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки якчанд ҷумлаи пайрав дорад» оварда шуда, ҷумлаҳои мазкур ба се гурӯҳ: 1) ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки ҷумлаҳои пайрави он чида шуда омадааст, 2) ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки ҷумлаи пайрави якум ба сарҷумла, ҷумлаи пайрави дуюм ба якум, сеюм ба дуюм тобеъ шудааст ва 3) ҷумлаи мураккаби тобеъ, ки ҷумлаҳои пайрави ҳархела сарҷумларо аз ҷиҳатҳои гуногун шарҳ додааст(1, 110-111) ҷудо карда шудааст.

Ин тасниф ҳоло ҳам аҳамияти худро гум накардааст, зеро ба ҳақиқат рост меояд. Вале баъзе мисолҳо ба қоидаи додашуда мувофиқат намекунанд. Барои гурӯҳи аввал, яъне чида мисоли зерин оварда шудааст:»Савор, монанди сайёде. ки шикори ба дом афтодаи худро гурезонида бошад, ё мисли шағоле, ки мурғи ба чангол даровардаашро аз даст дода бошад, аз ғазаб дандон мехоид(Айнӣ). Дар маънидоди ин ҷумла ба се хатои роҳ дода шудааст: якум, сарҷумла «Савор аз ғазаб дандон мехоид» набуда, «Савор монанди сайёд ё мисли шағол аз ғазаб дандон мехоид» мебошад, дуюм, ҷумлаи пайрав ҳоли монандӣ набуда, ҷумлаи пайрави муайянкунанда аст ва аз ин рӯ, вергули баъди савор ғалат гузошта шудааст ва сеюм, ҷумлаҳои пайрав чида набуда, аъзоҳои ҷудогонаи сарҷумларо шарҳу эзоҳ додаанд ва байни худ ҳеҷ гуна алоқаи синтаксисӣ надоранд. Мисоли аввали гурӯҳи дуюм низ ба мисли ҳамин ҷумла аст: «Биное, ки дар ин ҷо барои клуби колхоз сохтаанд, аз биноҳое, ки мо дар боло тасвир кардем, зеботар аст», яъне ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда мубтадову пуркунандаи бавоситаи таркиби сарумларо эзоҳ додаанд. Пас, ҷумлаи пайрави дуюм бар эзоҳи ҷумлаи пайрави якум наомадааст (1, 111). Дар нашри соли 1962 низ ҳамин маълумот ва ҳамин камбудиҳо ҷой доранд.

Соли 1963 бори аввал барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ аз синтаксис китоби дарсӣ аз чоп мебарояд. Дар ин ҷо низ доир ба ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб маълумоти наве ба чашм намерасад. Ҷумлаҳои мазкур ба ду гурӯҳ – ҷумлаҳои пайрави чида ва ҷумлаҳои пайрави дараҷа ҷудо карда шуда, се намуди ҷумлаҳои пайрави чида – сабаб, замон ва мақсад нишон дода мешавад. Мисоли ба ҷумлаи пайрави чидаи мақсад овардашуда ҷумлаи пайрави муайянкунанда буда, бар эзоҳи мубтадову (Тагалбарраҳои баландмӯй) ва пуркунандаи бавоситаи (бо модабарраҳое) сарҷумларо эзоҳ додааст ва байни ҷумлаҳои пайрав алоқаи синтаксисӣ нест, бинобар он чида шуда наметавонад. Ягона чизи нав ин истилоҳт «дараҷа» мебошад, ки ба ҷумлаҳои гурӯҳи дуюм дода шудааст ва дуруст мебошад. Гурӯҳи сеюми ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб, ки

дар китоби дарсии мактабӣ мавҷуд буд, дар ин ҷо дар зери «Қайди алоҳида» оварда шуда, гуфта мешавад, ки «Дар ин гуна ҷумлаҳои мураккаб бештар як ҷумлаи пайрав дар аввал, баъд сарҷумла ва дар охир ду ва ё зиёда ҷумлаҳои пайрави дараҷа меоянд(2,159) ва як мисол оварда мешавад.

Омӯзиш ва тадқиқи ҷумлаҳои мураккабе, ки аз се ва зиёда ҷумлаҳо таркиб ёфтаанд, бо номи шодравон, профессор Тоҷиев Д.Т. алоқаманд мебошад. Соли 1966 асари проф. Тоҷиев Д.Т. бо номи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба» аз чоп мебарояд(10). Бори аввал ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо якчанд ҷумлаи пайрав бо далелҳои раднашаванда гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Ин ҷумлаҳо ба ду гурӯҳи калон – ҷумлаҳои мураккаби тобеи ҳампайрав ва ҷумлаҳои мураккаби дараҷагӣ ҷудо карда мешаванд. Гурӯҳи аввал дар навбати худ ба ҷумлаҳои мураккаби тобеи ҳампайрави чида ва ҷумлаҳои мураккаби тобеи ҳампайрави ғайричида ҷудо карда шуда, хусусияти ҳар кадоми онҳо нишон дода мешавад(10, 7-26).

Асари дигаре, ки доир ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо якчанд ҷумлаи пайрав нисбатан бештар маълумот медиҳад, «Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик» мебошад, ки ба қалами олимон Ниёзмуҳаммадов Б. ва Рустамов Ш. тааллуқ дошта, соли 1968, баъди ду соли асари проф. Тоҷиев Д.Т. нашр мешавад(8). Ин муаллифон низ ҷумлаҳои мураккаби тобеъро бо якчанд ҷумлаи пайрав ба чида, дараҷа ва ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба бо пайравҳои ҳархела ҷудо мекунанд. Муаллифон, саҳеҳтараш Ниёзмуҳаммадов Б.Н., ки фасли «Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб» ба қалами ӯ тааллуқ дорад, ба ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби чида ҷумлаҳоеро ҳам дохил кардаанд, ки дар он на ҷумлаи пайрав, балки ягон аъзои сарҷумла (масалан, мубтадо, хабар, пуркунанда) чида шуда омадаасту он аъзоҳои чида бар эзоҳи худ ҷумлаҳои пайрави ҷудогона гирифтаанд. Ин гуна ҷумлаҳоро ба ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби чида дохил кардан мумкин нест, зеро ҷумлаҳои пайрав, аз як тараф, бар эзоҳи як аъзо наомадаанд ва аз тарафи дигар, байни ҷумлаҳои пайрав ҳеҷ гуна муносибати синтаксисӣ нест. Барои намуна се ҷумла меорем, ки бар эзоҳи мубтадо, хабар ва пуркунандаи чидаи сарҷумла омадаанд: 1. Ҷӯйҳое, ки ҷадвалвор кашида шудаанд, заминҳое, ки бо раҷа тақсим ёфтаанд, пахтазорҳое, ки қатор-қатор кишт шудаанд, қитъаҳое, ки бо трактор ронда шудаанд, бедҳо ва сафедорҳое, ки дар он биёбони бесояи пештара, дар лаби ҷӯйҳо қатор шинонда шудаанд ва бешаҳои навсохту саксавул, ки барои нигоҳдории пеши роҳи реги равон онҳоро сабзонидаанд, менамуданд(С.Айнӣ). 2. Мӯҳсин аз ин суханони Қорӣ-Ишкамба ҳам хурсанд шуд, ҳам дар тааҷҷуб афтод ва ҳам тарсид: Хурсанд шуд, зеро судхӯрони деҳот ва аз ин ҷумла Арбобрӯзӣ ба заминҳои вай чашм хӯхта буданд; дар тааҷҷуб афтод, чунки Қорӣ-Ишкамба ба ӯ бовар карда бе васиқаи қозихона қарз додан мехоҳад; тарсид, чунки имрӯз аз Қорӣ-Ишкамба ҳуҷҷати дар умри худ нашунидаашро (вексепро) шунид(С.Айнӣ). 3. Кӯчаҳои Ғиҷдувон бо муллоёне, ки саллаҳошонро калон карда баста буданд, посбонҳое, ки ба миёнашон аз рӯй фӯтаҳои сафед печонда буданд, бо бойҳое, ки ҷомаҳои навашонро пӯшида, ришашонро шона карда, камарчаҳошонро баста буданд, пур гардид(С.Айнӣ).

Ин ҷумлаҳо аз рӯйи сохт ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб, вале чида нест, чунки ҷумлаҳои пайрави таркибашон эзоҳшавандаҳои гуногун доранд ва инчунин байни ҳамдигар ҳеҷ гуна алоқаи синтаксисӣ надоранд.

Дар мисоли якум калимаҳои ҷӯйҳо, заминҳо, пахтазорҳо, қитъаҳо, бедҳо ва сафедорҳо, бешаҳои навсохту саксавул, ки ҳар яке ҷумлаи пайрави алоҳидаи муайянкунанда гирифтаанд, мубтадоҳои чидаи таркиби сарҷумла мебошанд, яъне ҷумлаи пайрави чида нест. Дар мисоли дуюм хабарҳои чидаи (хурсанд шуд, дар тааҷҷуб афтод ва тарсид) таркиби сарҷумла ҷумлаҳои пайрави сабаби алоҳида –алоҳида гирифтаанд. Дар мисоли сеюм бошад, пуркунандаҳои бавоситаи чидаи таркиби сарҷумла (бо муллоён, посбонҳо,бо бойҳо) ҳар кадом ҷумлаҳои пайрави муайянкунандаи ҷудогонаро ба худ тобеъ намудаанд.

Ғайр аз ин дар саҳ. 156 доир ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки дар таркибашон ҷумлаи пайрави чида доранду яке аз ҷумлаҳои пайрави чида боз ҷумлаи пайрави дигарро ба худ тобеъ намуда, хусусияти дараҷагӣ гирифтааст, маълумот дода, такид мекунанд, ки ин тип ҷумлаҳо «... то ҳол мавриди тадқиқу таҳлил нагаштаанд», ҳол он ки

дар асари номбурдаи проф. Тоҷиев Д.Т. хелҳои гуногуни ин ҷумлаҳо (10, 35-40) оварда шудаанд.

Забоншинос Набиев М. низ ҷумлаҳои мураккаби тобеи аз се ва зиёда ҷумлаҳо таркибёфтаро сертаркиб меномад ва ба ҷумлаҳои пайрави чида, ғайричида ва дараҷа ҷудо намуда, 2-3-мисолӣ меорад(6, 153-164).

Дар асари ҷамъбастии академик Ниёзмуҳаммадов Б. низ доир ба ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб маълумот дода мешавад, вале он аз гуфтаҳои пешинаи муаллиф фарқ намекунад(7, 263-281).

Дар нашрҳои баъдинаи китобҳои дарсӣ аз забони тоҷикӣ барои донишҷӯён доир ба ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб маълумоти нисбатан пурра дода шудааст. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб чун анъана ба чида, ғайричида ва дараҷагӣ ҷудо карда мешавад. Чида шуда омадани ҳамаи ҷумлаҳои пайрав ва инчунин дар байни ҷумлаҳои пайрави чида ҷой доштани муносибатҳои шумур, ҳамзамонӣ, пайиҳамзамонӣ, хилофӣ, ҷудоӣ қайд карда мешавад. Ҷумлаҳои пайрави ғайричида ба якхелаву ҳархела ҷудо карда шудааст. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа низ муфассал баён гардидааст. Дар охир вариантҳои омехтаи ҷумлаҳои мураккаби тобеи чида, ғайричида ва дараҷа оварда шудааст(4,290-317). Мутаассифона, дар нашри баъдинаи ин китоб (1995) фасли «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави чида» афтидааст(5).

Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб вобаста ба муносибати байни ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумла, муносибати маъноию грамматикии байни ҷумлаҳои пайрав бо ҳамдигар, воситаҳои грамматикии байни ҷумлаҳо ва ифодаи маъно тасниф карда мешаванд. Вобаста ба муносибати ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла онҳо якхелаву ҳархела ва аз ҷиҳати намуди алоқа чидаву ғайричида мешаванд.

Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо якчанд ҷумлаи тпайрав, ки дар романи «Дохунда» итифода шудааст, ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: Ба гурӯҳи аввал чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб дохил мешаванд, ки сарҷумларо ду ва ё зиёда ҷумлаҳои пайрав аз ҷиҳатҳои гуногун шарҳу эзоҳ додаанд ва ба ин гуна ҷумлаҳои мураккаб шодравон, проф. Тоҷиев Д.Т. истилоҳи ҳампайравро дода буданд, ки хеле мувофиқ мебошад. Ба гурӯҳи дуюм чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб тааллуқ доранд, ки дар онҳо ба сарҷумла танҳо як ҷумлаи пайрав тобеъ буда, ҷумлаҳои пайрави минбаъда мисли занҷир ба ҳамдигар тобеъ шудаанд. Ин гуна ҷумлаҳо ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби дараҷа ва ё паёпай номида мешаванд.

Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби ҳампайрав вобаста ба муносибати ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла ду хел мешаванд: чида ва ғайричида.

**Ҷумлаҳои ҳампайрави чида.** Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби ҳампайрави чида сарҷумларо ду ва ё зиёда ҷумлаҳои пайрави якхела аз як ҷиҳат шарҳу эзоҳ медиҳанд, аксар бо як пайвандак ба сарҷумла тобеъ мегарданд. Байни ҷумлаҳои пайрав бошад, алоқаи пайваст мушоҳида мешавад. Пас, дар ҷумлаҳои ҳампайрави чида ду навъи алоқа – алоқаи тобеъ ва алоқаи пайваст, мавҷуд аст. Алоқаи тобеъ асосӣ буда, ҷумлаҳои пайрав бо он ба сарҷумла тобеъ мегарданд ва алоқаи пайваст дуюмдараҷа буда, бо ёрии он ҷумлаҳои пайрав бо ҳам алоқаманд мешаванд.

Дар романи «Дохунда» аксари ҷумлаҳои пайрав ба шакли чида бар эзоҳи сарҷумла омадаанд. Ин бештар ба ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда ва пуркунанда хос мебошад. Ин табиист, зеро дар дар чумлаҳои содда ҳам муайянкунанда ниҳоят зиёд ба назар мерасад. Хабарҳои феълӣ ва махсусан феълҳои гузаранда низ ҳатман эзоҳдиҳанда талаб мекунанд.

**Ҷумлаҳои пайрави муайянкунандаи чидаи** асар бар эзоҳи мубтадо, ҳоли макон, муайянкунанда ва хабарҳои номии таркиби сарҷумла омадаанд: Ба даруни ҳар кадоми ин хоначаҳо ду чуқурча ҳаст, ки яке аз онҳо гухани бандиён ва дигарашон халоҷойи онҳо буданд(с.227). Дар наздикии инҳо ба болои се санг як деги калон ҳаст, ки дар зераш оташ месӯзад ва ба дарунаш гӯшт меҷӯшад(с.85). Дар қишлоқи Кӯктош даруни як хонаи похсае, ки бомаш бо най ва хас пӯшида шуда, ҷиҳоз ва бисотҳояш ҳам аз хонаи деҳқонони оддии он ҷо фарқи калон надошт, як шахси миёнақади камгӯшт рост истода буд(с.351). Ин ҳамон қуллаест, ки босмачиён дар ин ҷо нишаста ба мо тир холӣ мекарданд, мо сангҳоро ба рӯйи худ сипар карда қадам ба қадам боло

баромадем(с.429). Бухорои Шариф шаҳрест, ки дар ин ҷо муллоён бисёранд ва ҳар ҳукми шариат дар ин ҷо ҷорист(с.166).

**Ҷумлаи пайрави пуркунандаи чида:** Вай намедонист, ки ба ёрмандии кадом сабаб ва бахти фирӯз ин тӯй баргашт ва ҳоло ӯро ба Сари Ҷӯй мебаранд(с.150).

Дар роман ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби чида ҳам кам нестанд, ки чор-панҷ ҷумлаи пайрави пуркунанда ба тарзи чида омада як сарҷумларо шарҳу эзоҳ додаанд: Ёдгор дирӯз аз писари оқсақол шунида буд, ки Гулнорро ба писари Ҳамроҳбой номзад карданиaнд, оқсақол миёнравӣ карда ин корро пухтааст, дар ин наздикиҳо шаҳр рафта харид карда меоянд, пас аз он сартӯӣ дода фотиҳа мекунанд(с.14). Э фарзандони деҳқони меҳнаткаши Бухоро! Донед ва огоҳ бошед, ки рӯзи вопасини амир расидааст, қасраш вайрон, аркаш ба замин яксон, бахту рахташ сарнагун, тоҷу тахташ пурхун хоҳад шуд(с.254).

Намунаи мисолҳо барои ҷумлаҳои пайрави гуногуни чида:

**Ҷумлаи пайрави мубтадо:** Аз ҳаракатҳои Гулнор маълум буд, ки вай ҳам маро дӯст медорад, вай ҳеҷ гоҳ домани каси дигареро бо дасти муҳаббат нахоҳад гирифт(с.180).

**Ҷумлаи пайрави хабар:** Тафсили воқеа чунин буд, ки ба саъи Қудрат ва кӯшиши оқсақол Ҳамроҳбой аз сари келин кардани Гулнор гузашт ва ҳамаи калоншавандагони дара иттифоқ карда розӣ шуданд, ки Гулнорро ба ҳоким диҳанд, бо вай хешӣ пайдо кунанд(с.149).

**Ҷумлаи пайрави шарт:** Агар дунё дунёи пештара ва Бухоро ҳам Бухорои кӯҳна мебуд, эҳтимол амир ҳам бо ин кушокушиҳо ҷон ба саломат мебурд(с.235).

**Ҷумлаи пайрави сабаб:** Имсол кори деҳқонии Бозор монанди пештара авҷ накард, зеро барзагови ҷуфташ тоқа, ду марди коркун як шуда монда буд(с.56).

**Ҷумлаи пайрави макон:** Ҳар куҷо ки бахти бади мо бубарад,ҳар куҷо ки нону насиб кашад, меравем(с.83).

**Ҷумлаи пйрави хилоф:** Бо вуҷуди ин ки роҳ набуд, асбоб набуд ва муаллим набуд, дар ин се соли охир кори мактаб хеле пеш рафт(с.435).

**Ҷумлаи пайрави натиҷа:** Ҷонишини вакили мухтор коре карданд, ки ҳам гург сер шуд ва ҳам гӯсфандон осуда монданд(с.316).

Баъзе хусусиятҳои хоси ҷумлаҳои пайрави чидаи асар аз инҳо иборат аст: Ҷумлаҳои пайрави чидаи асар аз ду ҷумлаи пайраву сарҷумла таркиб ёфтаанд. Воситаи грамматикии алоқаи ин гуна ҷумлаҳо асосан пайвандаки «ва» мебошад. Дар ду ҳолат бо пайвандакҳои хилофӣ ва ҷудоӣ алоқаманд гардидани онҳо мушоҳида шуд:Ёдгор дид, ки аз чашмони ин одам об мерезад, лекин барои пинҳон кардани гиряи худ зуд-зуд чашмони худро пок мекунад(с.222). Агар аз ман қарздор намебуд ё ман ҳокимшинос ва қозишинос намебудам, кайҳо гурехта мерафт(с.162).

Ҷумлаҳои пайрави чида се ва аз он зиёд бошанд, асосан бо ёрии интонатсияи пайваст алоқаманд мешаванд.Хабари ин гуна ҷумлаҳо аксар номӣ буда,феъли ёвар ё бандакҳои хабарӣ бо ҷумлаи охирин омадаанд:Аз шаклу шамоилашон маълум мешавад, ки баъзеашон лақай, баъзе тоҷик ва баъзе афғонанд(с.85). Э фарзандони деҳқонони Бухоро! Донед ва огоҳ бошед, ки рӯзи вопасини амир расидааст, қасраш вайрон, аркаш ба замин яксон, бахту рахташ сарнагун, тоҷу тахташ пурхун хоҳад шуд(с.254).

**Ҷумлаҳои ҳампайрави ғайричида.** Ин намуди ҷумлаҳо дар асар хеле зиёд истифода шудаанд. Ин ҷумлаҳо хабари ҷумлаҳои соддаро ба хотир меоранд, зеро онро, аз як тараф, пуркунандаҳо ва, аз тарафи дигар, ҳолҳои гуногун шарҳу эзоҳ медиҳанд. Хусусият ва ё аломати асосии ҷумлаҳои ҳампайрави ғайричида ин аст, ки сарҷумлаи онро камаш ду хел ҷумлаи пайрав шарҳу эзоҳ медиҳад. Ҷумлаҳои пайрав якхела ва ҳархела шуда метавонанд. Дар асари проф. Тоҷиев Д.Т. ва инчунин китоби дарсӣ доир ба ҷумлаи ҳампайрави ғайричидаи муайянкунанда маълумот дода мешавад(9, 189; 4, 297). Ин гуна ҷумлаҳо дар асар зиёд ба чашм мерасанд. Ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда ба аъзоҳои гуногуни таркиби сарҷумла, аз қабили пуркунандаву ҳоли макон, мубтадову хабар, мубтадову пуркунанда, мубтадову ҳоли монандӣ, мубтадову ҳоли макон тобеъ шуда омадааст: Дар ин ҳол ин ҷавон натанҳо аз маҳлакае, ки дар он афтода буд, халос мешавад, балки ба замми ин ба ҷое роҳ мeёбад, ки дар он ҷо бо паризодон умр ба сар мебарад(с.119). Ҷонзоде, ки дар ин манзили хомӯшон асари зиндагӣ нишон медод, танҳо юрмонҳо буданд, ки қади худро аз замин як ваҷаб боло

бардошта ба навҳасарои мо инодкорона нигоҳ мекарданд(с.117). Ҷавононе, ки ҳанӯз хонадор нашуда буданд, ба нияти фоли нек косаи оби никоҳро, ки дар пеши имом истода буд, гирифта, талош карда нӯшиданд(с.153). Кӯҳсоре, ки ин дараро печонда гирифтааст, аз дур ба назаратон монанди як кӯҳпорае менамояд, ки ба дарунаш шикофе ва сӯрохе надошта бошад(с.7). Як шаби торик, вақти саҳари барвақт дар ин деҳа аз як дарвозаи калон, ки ба рӯ ба рӯйи ҷӯй кушода мешуд, як одам баромад, ки монанди баъзе занони фаранҷигирифтаи мо ба сари худ ҷомаеро гирифта, худро ба он ҷома сахт пӯшонда буд(с.212).

Ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда бар эзоҳи аъзоҳои чидаи сарҷумла меоянд ва ин гуна ҷумлаҳоро ба ҷумлаҳои мураккаби тобеи ҳампайрави чида ( чи хеле ки дар «Баъзе масъалаҳо...» омадааст) дохил кардан мумкин нест, зеро, аз як тараф, эзоҳшавандаҳо гуногун бошад, аз тарафи дигар, байни ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда ҳеҷ гуна алоқаи синтаксисӣ нест: Яъқуббой асп давонда ба шарафи меҳмоне, ки имшаб омадааст, аз муллоҳои аҳли таҳсили Кӯлоб, ки ба наздикӣ аз Бухоро омада буданд, Мулло Муҳаммадсалим, Мулло Асад, Назар Махдум, Мулло Алимуҳаммад ва дигаронро хабар кард(с.45). Ин вақт сару гардани Ҳаити гург монанди гули офтобпараст, ки ба тарафи партави офтоб гардад ё чун мили қутбнамое, ки ба ҷониби қутб равад, ба тарафи Исомиддин махдум гашта чашмаш ба дасти вай дӯхта шуда буд(163).

Дар забоншиносии тоҷик доир ба ҷумлаҳои мураккаби тобеи ҳампайрави ғайричида, ки аз ҷумлаҳои пайрави пуркунанда таркиб ёфта бошанд, як ишора ҳасту халос (3, 164). Дар романи «Дохунда» ин гуна ҷумлаҳо зиёд мушоҳида мешаванд: Духтар кадуи оби худро бардошт ва хост, ки биравад, дид, ки ҷавони мусофир ба вай бо нигоҳи илтиҷо ва паноҳандагӣ менигарад(с.122). Бой баромада дид, ки дар дасти Бозор ҷувол аст, донист, ки кори Бозор хеле танг аст(с.62).

Дар ин мисолҳо ҷумлаҳои пайрави пуркунанда ба хабарҳои чидаи гуногуни таркиби сарҷумла тобеъ гардидаанд.

Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби ҳампайрави ғайричида, ки аз чумлаҳои пайрави гуногун таркиб ёфтаанд, хеле зиёд мушоҳида мешаванд. Дар шаклгирии ин гуна ҷумлаҳо саҳми ҷумлаи пайрави муайянкунанда калон аст, зеро вай бо ҷумлаҳои пайрави замон, шарт, тарз, мақсад, макон, монандӣ, натиҷа, пуркунандаву мубтадо омада, ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби ҳампайрави ғайричида сохтааст. Вай аз ҳама зиёдтар бо ҷумлаҳои пайрави замону шарт омадааст. Дар ин тип ҷумлаҳо ҷумлаҳои пайрави ҳол тамоми сарҷумларо, вале ҷумлаи пайрави муайянкунанда яке аз аъзоҳои пайрави сарҷумларо шарҳу эзоҳ медиҳад: Вақте ки дар забункушӣ бебуриш будани Ёдгор маълум шуд, вайро дар обхонае, ки ба паҳлуи ҳамин регхона буд, андохта бандӣ карданд(с.228). Пеш аз он ки Ёдгор аз «Қаровул» ном манзили чӯли Қаршӣ гузарад, яке аз ин хатҳо ба саркардае, ки бо дастаи худ дар он ҷо раҳдорӣ мекард, расид(с.200). Агар кор кунад, кори касеро кунад, ки вай дар ҳаққи ӯ ин ҳама зулмро накарда бошад(с.84). Агар ту ҳар рӯз вайро оварда зиёфат кардан гирӣ, ин маблағҳое, ки баъд аз ин хоҳем ёфт, ба ҳеҷ куҷо намерасад(с.157).

Ҷумлаи пайрави муайянкунанда бо ҷумлаҳои пайрави тарз, пуркунанда ва мақсад низ дар шаклгирии ҷумлаҳои мураккаби тобеи ҳампайрави ғайричида бештар ширкат намудааст: Сару сурати худашро, ки ҳозир дар об дид, дарёфт, ки барои ба даст даровардани як духтар басандааст(с.121). Сароҷанишине, ки ҳанӯз пешвозчиён мурда ё зинда будани ӯро намедонистанд, бе он ки сари худро аз боиши сароҷа бардорад, дасташро боло карда ишорате дод(с.282). Ёдгор бо дили нохоҳам аз ҷойи худ хеста ба тарафе, ки овоз аз он ҷониб омада буд, нигоҳ кард, дид, ки чӯпонбачагон дар пастхамие истода ханда мекунанд(с.136). Ҳар коре, ки аз даст меояд, бояд кард, то ки зудтар ин гургон аз сари гӯсфандон нест шаванд(с.387).

Дар асар бо ҷумлаҳои пайрави мубтадо, макон, монандӣ ва натиҷа омадани ҷумлаи пайрави муайянкунанда хеле кам ба чашм мерасад: Аз рӯйи ситораҳое, ки гоҳ-гоҳ ва ҷо-ҷо аз зери абр намоён мешуданд, маълум шуд, ки саҳар наздик расидааст(с.67). Ин гурӯҳ, ки ҳамагӣ сӣ нафар буданд, аз поёнтари об, дар ҷое ки аз чашми босмачиён пинҳон буд, пул баста ба он сӯйи Сорбуғ гузаштанд ва барои худ шинаки муносиб сохта ба ҳаракати босмачиён чашм дӯхта истоданд(с.396). Худи Қудрат ҳам як ҷомаи ҳисории абрро, ки имрӯз ба вай ҳоким инъом карда буд, пӯшида

монанди он ки худаш ба ҳоким падарарӯс шуда бошад, бо карру фарри сипоҳигарона берун-дарун баромада-даромада меистод, ба шогирдпешагон ва ясавулон хизмат мефармуд(с.149). Хӯҷаин аз ҷо бархоста пеши анбор омад, аз кисаи куртааш як калиди калони дутобаро бароварда қулфро кушод ва дари анборро боз карда даромад, зағомаи (паллаи) дар он ҷо бударо ба шоҳини тарозу, ки аз болори анбор овехтагӣ буд, гузаронид, дар сӯрохи тарафи санги шоҳин ба зери тасма як чӯбча халонид, ки тарафи санг аз тарафи бор ба қадри як нахӯд дарозтар шуд(с.29).

Дар шаклгирии ҷумлаҳои мураккаби тобеи ҳампайрави ғайричида ҷумлаи пайрави шарт ҳам нисбатан серистеъмол буда, бо ҷумлаҳои пайрави пуркунанда, хилоф, замон, макон ва сабабу мақсад омада ин намуди ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибро ба вуҷуд овардааст: Агар бадгумон шуда бошӣ, боз монанди соли гузашта ҳозирам, ки бе хат шиками туро сер кунам(с.57). Вагарна маро тӯй карданӣ шаванд, гарданамро бурранд ҳам, сар намефурорам(с.14). Агар шумо аз дарвозаи мадраса ба дасти чап – ба тарафи дарсхона гардед, пеш аз он ки ба дарсхона расед, ба дасти чапатон як зинаи танги торик вомехӯрад(с.155). Агар мурданӣ шавед ҳам, дар ҷое бимиред, ки аз дашноми душман ва таънаи дӯст дуртар бошед(с.84). Агар дастгир шавад ҳам, ту хотирҷамъ бош, ки ӯро бурда наметавонад(с.24). Агар ба он рӯз саломат расидӣ, албатта, ба фирқаи коммунистӣ даро! То ки дар зери раҳбарии он фирқа дар роҳи инқилоб корҳои намоён кунӣ(с.239).

Ҷумлаи пайрави замон низ бо ҷумлаҳои пайрави мубтадо, пуркунанда, миқдору дараҷа ва натиҷа омада, ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби ҳампайрави ғайричида сохтааст: Лекин вақте ки шапарҳо ба замин наздик шуданд, маълум шуд, ки инҳо шоҳпар набуда, вараҳои коғаз будаанд(253). Ҳамин ки ин шахс «нолаи шаби ҳиҷрон»-и ғарибонаи Ёдгорро шунид, гумонаш ба яқин бадал шуд ва донист, ки мурғи бегонаи навомӯз зада шудааст, ҳатто нимбисмил гардидааст(с.127). Пас аз он ки онҳоро мӯҳтоҷи худ карданд, ба ҳисоби ҳеҷашон кор фармуда, давлат ғундоштаанд, ҳар қадар ки молашон зиёд шудааст, ҳамон қадар ҳам зиёдтар одам кор фармуда, зиёдтар заминро ба даст даровардаанд(с.77). Ҳамин ки боз сад-дусад қадами дигар пештар рафта, аз як-ду хамгашти пойи кӯҳ гузаштед, ҳамон оби ба зери санг фурӯрафта аз таги санги дигаре ҷӯшида мебароянд, ҳамоно дар ин роҳи зеризаминии худ чанд чашмаи дигарро ба худ ҳамроҳ кардааст, ки аз аввала пурзӯртар ва хушҷавлонтар шуда мебарояд(с.9).

Ҷумлаи пайрави хилоф бо ҷумлаҳои пайрави сабаб, мақсад, пуркунанда ва мубтадо бар эзоҳи сарҷумла омада, ҷумлаи мураккаби тобеи ҳампайрави ғайричидаро ба вуҷуд овардааст: Ман сабаби ин корро надонам ҳам, азбаски Қаршибег барин як одами калон таъин кард, амал карданӣ будам(с.246). Берун чӣ қадар дар ҷӯшу хурӯш бошад ҳам, акнун ягон бандие ҳам нест, ки Ёдгор бо вай гуфтугузор кунад(с.244). Агарчи Давлатман-бӣ шаҳид шуд, ман метавонам, ки кори ӯро пеш барам(с.359). Пӯшоки ин шахс ба тарзи аврупоиён бошад ҳам, аз сих зада баромадани ришаш маълум мешуд, ки рӯяш ба ин наздикиҳо тарошро надидааст(с.351).

Дар роман ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби ҳампайрави ғайричидае, ки аз се ҷумлаи пайрав таркиб ёфта бошад, кам ба назар мерасад. Дар баъзе аз ин гуна ҷумлаҳо ду ҷумлаи пайрави якхела ва як ҷумлаи пайрави дигар сарҷумларо шарҳу эзоҳ додаанд. 1. Маро ки хоб рабудааст, чаро чой дам карда бурда монд, пас аз он ки чой дам кардааст, маро бедор накард, ки як чойнак чой ях барин шуда нобуд гардида мондааст(с.34). 2. Агар аз дасти бачат ягон кор меомад ҳам, ман вайро муфт хӯронда мепӯшондам, ҳоло ба вай ягон кор фармоям ҳам, барои ин мефармоям, ки корро ёд гирад(106). 3. Савор ҳам аз даст рафтани сайди матлабро фаҳмида буд ва монанди сайёде, ки шикори ба дом афтодаи худро гурезонида бошад ё мисли шағоле, ки мурғи ба чангол даровардаашро аз даст дода бошад, аз ғазаб дандон мехоид ва бе он ки чӣ кор кардани худро муайян кунад, ба ҳар тарафи кӯҳсор девонавор асп медавонд(с.16).

Дар мисоли якум ду ҷумлаи пайрави замон ва як ҷумлаи пайрави натиҷа, дар мисоли дуюм ду ҷумлаи пайрави шарт ва мақсад ва дар мисоли сеюм ду ҷумлаи пайрави муайянкунанда ва тарз сарҷумлаҳоро шарҳу эзоҳ додаанд. Дар мисолҳои якуму дуюм ҷумлаҳои пайрави якхела ба хабарҳои чида ва дар мисоли сеюм ба ҳоли монандии чида тобеъ гардидаанд. Дар мисоли зер бошад, сарҷумларо ҷумлаҳои пайрави сабаб, муайянкунанда ва хилоф шарҳу эзоҳ додаанд: Бозор, ки аз пайи муроду мақсади бисёре мегашт, аз пеши ин бемори барҷомонда бепарво нагузашт, агарчи панҷ дақиқа аз

дунболи рама пас монда бошад ҳам, ин роҳафтодаро бардошта ба пеши даре, ки вай нишон дода буд, расонида дуо гирифт ва боз аз дунболи рама расида ба роҳи худ давом кард(с.96).

Дар мисоли зер бошад, сарҷумларо ҷумлаҳои пайрави замон, шарт ва мақсад аз тарафҳои гуногун эзоҳ додаанд: Баъд аз он ки дуздон молҳоро бурда аз они худ карданд, агар даст ёбанд, дастгир мекунанд, то ки ҳамаи молҳои duздидаро ба дасти худ доранд(с.87).

Ҷиҳати ба худ хоси ҷумлаҳои мураккаби тобеи ҳампайрави ғайричида аз инҳо иборат аст: 1. Онҳо назар ба навъҳои дигари ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб серистеъмолтаранд. 2. Аксари ин гуна ҷумлаҳо аз ду ҷумлаи пайрави ҳархела ва ё якхелаву сарҷумла таркиб ёфтаанд. 3. Бар эзоҳи сарҷумла дар як вақт ҳам ҷумлаи пайрави ҷудогона ва ҳам чида омада метавонад.

**Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби дараҷа.** Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби дараҷа аз се ва зиёда ҷумлаҳо таркиб меёбанд. Хусусияти ба худ хоси ин гуна ҷумлаҳо бар эзоҳи сарҷумла омадани танҳо як ҷулаи пайрав аст. Ҷумлаи пайравро ҷумлаи пайрави дуюм ва онро ҷумлаи пайрави сеюм ва ба ҳамин тарз ба ҷумлаи пеомада баъдина тобеъ шуда рафан мегирад. Ин гуна ҷумлаҳоро пай дар пай низ меноманд. Ҷумлаҳои пайрави якхела ва ҳархела шуданашон мумкин аст, яъне ҳам ҷумлаи пайрави дараҷаи якум ва ҳам дуюм як навъи ҷумлаи пайрав аст. Инро дар мисоли ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда ва пуркунанда мушоҳида кардан мумкин аст: Ин ҳамон дараест, ки аз тӯпҳои қалъакӯби Дониёл атолиқ натарсида шӯришчиёнро, ки дар қалъаи Деҳнав ба муҳосира монда буданд, ду моҳи озод мадад ва озуқа расонида истод(с.24). Дохунда бо як хез худро ба он гӯшаи хона расонида дид, ки дарвоқеъ мор аст ва мехоҳад, ки гурезад(с.425).

Маводи романи «Дохунда» нишон дод, ки гуфтаи проф. Тоҷиев Д.Т. дар хусуси он ки «Дар забони адабии тоҷик ҷумлаҳои пайрави дараҷаи якум ва дуввум характернок ва серистеъмоланд» ... ба куллӣ ҳақ аст, зеро дар асар миқдори ин гуна ҷумлаҳо хеле бисёранд. Гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи навъҳои ҷумлаи пайрав бо ҳамдигар омада метавонанд. Дар шаклгирии ин тип ҷумлаҳо саҳми ҷумлаи пайрави муайянкунанда хеле калон аст, чунки аксари ҷумлаҳои пайрав бо он ҳамроҳ омада ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби дараҷаро сохтаанд. Вай аксар ба сифати ҷумлаи пайрави дараҷаи дуюм омадааст. Ин ҳангоми бо ҷумлаҳои пайрави хабар, шарт, замон ҳамроҳ омадан мушоҳида шуд: Ёрмандии бой ба ту ҳамин шуд, ки ту ба дари ягон судхӯр нарафта, рангатро зард накарда, ҳар чизе, ки барои тӯй даркор шуд, мисли моли худат аз хонаи бой оварда, харҷ карда тӯй кардӣ, тамошо кардӣ(с.80). Агар нигоҳаш ба нигоҳи ҷавон, ки гоҳ-гоҳе аз ҷой хеста ба ин тараф менигарист, рост ояд, аз шодӣ гул-гул мешукуфт ва мағрурона зуд чашми худро аз он тараф канда, боз ба кори гуппизании худ машғул мешуд(с.11). Аз бозе ки ҳамин бачаи мусофир, ки ҳоло подабонӣ мекунад, ба дара омад, бештарини бачагон дар пайи бозию шӯхӣ афтода аз парвариши молҳо бисёр бепарво шуда рафтанд(с.136).

Ҷумлаи пайрави муайянкунанда ҷумлаи пайрави дараҷаи якум ҳам мешавад. Дар ин мисол вай ҷумлаи пайрави дараҷаи якум буда, ҷумлаи пайрави сабаб дараҷаи дуюм мебошад: Вай ба зудӣ ба кӯҳистон меравад, боз ба як тартибе меравад, ки Азимшоҳ ба вай ҳеҷ чиз гуфта наметавонад, зеро вай сарбози амир аст(с.185).

Ҷумлаи пайрави пуркунанда низ дар шаклгирии ин гуна ҷумлаҳо ёрии калон расонидааст. Вай бо ҷумлаҳои пайрави мубтадо, замон, мақсад, шарт ва миқдор омада, вазифаи ҷумлаи пайрави дараҷаи дуюмро адо кардааст: Маълум буд, ки ин бача хеле хунук хӯрдааст ва мехоҳад, ки барои гарм кардани бадани худ тезтар роҳ равад(с.84). Вақте ки ман гӯсфандҳоро харида ба сафари Бухоро тайёр шудам ва хостам, ки рамаро ба вай рононам, якбора ғоиб шуд(с.38). Ва дигаронро ба ҳоли худҳошон гузоред, ки аз гуруснагӣ бимиранд ва бубинанд, ки болшевиконашон чӣ гуна озуқа расонда, онҳоро сер мекардаанд(с.323). Ту худдорӣ карда аз роҳҳои ниҳонӣ поёнтар фуро, агар дидӣ, ки ясавул духтаратро дастгир карда burданӣ аст, бо ғелонидани санге ба мо хабар деҳ(с.23). Гулнор монанди як духтари қобили фармонбардор зуд омада кадуро гирифт ва тозон-тозон барои обкашӣ рафт, чунон медавид, ки бинанда гумон мекард, ки духтар фармони «зуд бош»-и модарашро ба хубӣ адо кард(с.12).

Дар як қатор мисолҳо ҷумлаи пайрави пуркунанда аз рӯйи мавқеъ дар ҷойи дуюм, баъди ҷумлаи пайрави шарт меояд, вале вай ҷумлаи пайрави дараҷаи якум буда, ҷумлаи пайрави шартро ба худ тобеъ кардааст: Лекин ӯ ба хубӣ медонист, ки агар инро бурданӣ шавад, худаш аз ин дараи «Тангниҳон» ҷон ба саломат бурда наметавонад(с.22). Ҳамин ҳолат ҳангоми бо ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа ҳамроҳ омадани ҷумлаи пайрави пуркунанда низ мушоҳида мешавад: Ӯ чунон тарсида буд, ки агар паҳлудариро даст намегирифт, бо ҳамон ақиб гаштан ба замин меафтод (с.223).

Дар асар ҷумлаҳои пайрави дараҷа, ки дар он се ва зиёда ҷумлаҳои пайрав бевосита ба якдигар тобеъ шуда бошанд, хеле кам дучор мешавад: 1. Вай андеша мекард, ки ба чӣ андоза корчаллони ҳунарманд будани худро чӣ гуна ва ба чӣ роҳ пеши хӯҷаин исбот кунад, то барои хизмате, ки баъд аз ин ба хӯҷаин карданист, хизматонаи дуруст ситонда тавонад(с.36). 2. – Ӯҳӯ, « ин хобатро ба об гӯй», дирӯз Шароф қассоб ба ман гуфт, ки агар насияҳои пештараатонро надиҳед, баъд аз ин як бурда гӯшт ҳам насия намедиҳам(с.156).

Дар мисоли аввал сарҷумларо ҷумлаи пайрави пуркунанда, онро ҷумлаи пайрави мақсад ва ҷумлаи пайрави мақсадро ҷумлаи пайрави муайянкунанда, ки дараҷаи сеюм аст, эзоҳ додааст. Дар мисоли дуюм бошад, ҷумлаи пайрави сабаб дараҷаи якум, ҷумлаи пайрави пуркунанда дараҷаи дуюм ва ҷумлаи пайрави шарт дараҷаи сеюм мебошад.

Дар як гурӯҳ ҷумлаҳои пайрави дараҷа ҷумлаи пайрави дараҷаи якумро дар як вақт ду ҷумлаи пайрави дараҷаи дуюми гуногун шарҳу эзоҳ медиҳад: 1. Инҳо соддаанд, ки ба ману ту нон медиҳанд, агар чӣ будани моро донанд, сангро намедиҳанд, ки ба сарамон занем(с.176). 2. Бозор ин таклифи қатъии бойро шунида саргурез шуда рафтани худро муқаррар карда буд, зеро ки агар вай аз ин диёр наравад, маҷбур буд, ки бо лаби ташна ва шиками гурусна, бо зану фарзанди худ бандавор ба Яъқуббой кор кунад(с.83).

Дар мисоли якум ба сарҷумла ҷумлаи пайрави сабаб ва ба он ҷумлаҳои пайрави миқдору шарт чун ҷумлаҳои пайрави дараҷаи дуюм тобеъ шудаанд. Дар мисоли дуюм бошад, ҷумлаи пайрави сабаб дараҷаи якум буда, онро ҷумлаҳои пайрави шарту пуркунанда эзоҳ додаанд.

Дар гурӯҳи дигари мисолҳо ҷумлаи пайрави дараҷаи якумро ҷумлаҳои пайрави чида эзоҳ додаанд: Аммо баъд аз ин дар ин қалъа мондан мумкин нест, зеро инсон метавонад ҳар вазниниро бардорад, лекин бо гуруснагии дуру дароз мубориза карда наметавонад, аҳвол танг, чора нест(с.382). Душман медонад, ки агар занон озод шаванд, агар мардум босавод шавад, дигар онҳоро фиреб додан ва ба болои онҳо ҳокимӣ кардан мумкин нахоҳад шуд(с.446).

Дар мисоли якум ҷумлаи пайрави сабаби дараҷаи якумро ду ҷумлаи пайрави сабаби чида, дар мисоли дуюм ҷумлаи пайрави пуркунандаи дараҷаи якумро ҷумлаҳои пайрави чидаи шарт эзоҳ додаанд.

Ҷиҳатҳои ба худ хоси ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби дараҷа аз инҳо иборат аст: 1. Новобаста аз теъдоди ҷумлаҳои пайрави таркиби ин гуна ҷумлаҳо сарҷумларо танҳо як ҷумлаи пайрав шарҳу эзоҳ медиҳад. 2. Аксари ин ҷумлаҳоро ҷумлаҳое ташкил медиҳанд, ки аз як сарҷумлаву ду ҷумлаи пайрав иборатанд. 3. Да шаклгирии ин ҷумлаҳо ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда ва пуркунанда роли калон бозидаанд, зеро онҳо бо навъҳои гуногуни ҷумлаҳои пайрав ҳамроҳ омадаанд. 4. Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби дараҷа, ки аз се-чор ҷумлаи пайиҳам омада таркиб ёфта бошанд, нисбатан кам дучор шуданд. 5. Шакли нисбатан мураккабтари ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби дараҷа, ки аз омехтаи ҷумлаҳои ҳампайрави чидаву ғайричида таркиб ёфтаанд, дар асар хеле зиёд ба назар мерасад.

Дар асар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби боз ҳам мураккабтар, ки камаш аз чор ҷумла таркиб ёфта, дар он қолабҳои гуногуни омехта ба назар мерасанд, мушоҳида мешаванд. Як ҷумла аз ду ва ё се қолаб, яъне ҷумлаҳои ҳампайрави чидаву дараҷа, дараҷаву ҷумлаҳои ҳампайрави ғайричида, чидаву ғайричида ва ё омезиши ҳар се қолаби ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб сохта мешаванд. Ин гуна ҷумлаҳо муодилҳои ниҳоят зиёд доранд, ки омӯзиши махсусро талаб мекунанд. Аз ин рӯ, дар ин ҷо барои намуна танҳо чанд ҷумларо меорем: 1. Корҳои хонагии Бозор ҳам монанди пештара пеш нарафт, зеро пас аз чили мурдаи Сафар зани ӯ ба хонаи хешовандони худаш баромада рафт, Меҳрмоҳ, ки танҳо монда буд, дасташ аз дарзу дӯз ва пухту

сохти хона фориғ нашуд(с.56). 2. Расми duздон ин аст, ки агар гумон кунанд, касе онҳоро шинохтааст, даррав он касро мекушанд, зеро метарсанд, ки ба воситаи он одам сирраашон фош гардида дастгир шаванд(с.89). 3. Бозор дид, ки писараш хуб кор мекунад, дар пайи он афтод, ки барои вай ҳам ягон кор ёбад, то ки ҳеҷ набошад, хӯрокаш ва пӯшокаш ба даст дарояд ва худаш ҳам дар зиндагии худ кор карда қарзашро адо кунад ва аз дунё бе қарз гузарад(с.112). 4. – Ака Бозор! Агар ба гапи ман дароӣ, ин корро накун, хӯҷаинро аз ту бисёртар ман мешиносам, сол дувоздаҳ моҳ, шабу рӯз кор мекунам, ана ҳолам ҳамин, ишкамам бошад, бештар вақтҳо танбӯр менавозад, дар ин наздикиҳо рӯйи сериро надидаам(с.59).

Дар мисоли якум сарҷумларо (Корҳои хонагии Бозор ҳам монанди пештара пеш нарафт) ду ҷумлаи пайрави сабаби чида эзоҳ додааст, ҷумлаи пайрави сабаби дуюм бар эзоҳи худ ҷумлаи пайрави муайянкунанда гирифтааст, ки ин ҷумлаи пайрави дараҷаи дуюм мебошад.

Мисоли дуюм аз шаш ҷумла иборат буда, танҳо ҷумлаи пайрави хабар (даррав он касро мекушанд) ба сарҷумла (Расми дуздон ин аст) тобеъ гардидааст. Ҷумлаи пайрави хабар аз ду ҷиҳат шарҳу эзоҳ ёфтааст, аз як тараф, ба он ҷумлаи пайрави шарт ва аз тарафи дигар, ҷумлаи пайрави сабаб тобеъ гардидааст. Онҳо ҷумлаҳои пайрави дараҷаи дуюм мебошанд. Ҳам ҷумлаи пайрави шарт ва ҳам сабабро ҷумлаҳои пайрави дараҷаи сеюми пуркунанда эзоҳ додаанд.

Дар мисоли сеюм бошад, хабарҳои чидаи сарҷумларо (Бозор дид, дар пайи он афтод) ду ҷумлаи пайрави пуркунандаи ғайричида, ки байнашон алоқаи синтаксисӣ нест, шарҳ дода, ҷумлаи пайрави пуркунандаи дуюмро ду ҷумлаи пайрави мақсади чида шарҳу эзоҳ додааст.

Мисоли чорум аз ҳафт ҷумла иборат аст. Ба сарҷумла ( ин корро накун) ҷумлаҳои пайрави шарт ва сабаб тобеъ шудаанд. Ҷумлаи пайрави сабабро ҷумлаи пайрави сабаби дараҷаи дуюм эзоҳ дода, дар навбати худ се ҷумлаи пайрави хилофи чидаро ба худ тобеъ кунонидааст. Онҳо нисбат ба ҷумлаи пайрави сабаби дараҷаи дуюм дараҷаи сеюм мебошанд

Маълум мешавад, ки устод Айнӣ дар романи «Дохунда» аз тамоми навъҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб васеъ истифода карда, мақсад ва фикри худро моҳирона баён намудааст.

**Китобнома:**

1. Грамматиткаи забони тоҷикӣ. Қисми 2. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои ҳафтсола ва миёна. – Салинобод, 1955.
2. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе, 1963.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 3. Ҷумлаҳои мураккаб. – Душанбе: Дониш, 1989.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Қисми 2. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф, 1984.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Қисми 2. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф, 1995.
6. Набиев М. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Наҳв. Қисми 2. Китоби дарсӣ барои факултетҳои омӯзгории донишкадаҳои олӣ.-Душанбе: Маориф, 1992.
7. Ниёзмуҳаммадов Б. Забоншиносии тоҷик (Асарҳои мунтахаб). – Душанбе: Дониш, 1970.
8. Ниёзмуҳаммадов Б., Рустамов Ш. Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1968.
9. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик (Ҷумлаҳои пайрави ҳол). – Душанбе: Дониш, 1981.
10. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба. – Душанбе: Ирфон,1966.

## Аннотатсия**

*ЭКОЛОГИЯ*

# ЭКОЛОГИЯ ВА ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ЭКОЛОГӢ

***ЗУЛФОНОВ Б.***,
*мудири бахши масоили гузариш*
*ба таҳсилоти 12-солаи ПРМ,*
*Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

Экология ва ҳифзи табиат ҳоло дар ҷаҳони муосир қисми ҷудонашавандаи сиёсат, иқтисодиёт ва афкори ҷамъиятии мардум, гарави солимии ҷомеа ва пирӯзию комёбии давлату давлатдорӣ гаштааст.

Таи даҳсолаҳои охир истеҳсолу истифодаи захираҳои табиӣ дар тамоми минтақаҳои дунё афзуд. Сабаби асосии афзудани истифодаи сарватҳои табиӣ зиёдшавии шумораи аҳолии сайёра ва тараққии босуръати техника мебошад. Дар натиҷа истеъмоли захираҳои табиӣ низ афзуд, ки сабаби кам ё нест шудани баъзе аз боигариҳои табиат гардид. Инқилоби илмию техникӣ яке аз омилҳои пурқуввати инкишофи ҷамъият мебошад. Ҳоло таъсири инсон ба биосфера босуръат афзу-да истодааст. Аз ин рӯ, дар сатҳи сайёраи Замин ягон нуқтаеро дарёфт намудан мумкин нест, ки ба он таъсири фаъолияти гуногунҷамбаи инсон нарасида бошад.

Одамон фаъолияти худро ҳоло ба он равона намудаанд, ки сараввал табиатро ба фоидаи худ тағйир диҳанд. Ҳамин тавр, миллионҳо гектор заминҳои бекорхобидаи хушку каммаҳсулро ба заминҳои сермаҳсули кишоварзӣ табдил дода, боғҳои боҳашшамат бунёд кардаанд. Қитъаҳои куруғзорро, ки сарчашмаи асосии касалии вазнини вараҷа буданд, хушк намуда, ба заминҳои кишоварзӣ табдил додаанд.

Аз ҷониби одамон садҳо зотҳои ҳайвоноту ҳазорҳо навъи рустанӣ тағйир ёфта сермаҳсул ва ба касалиҳо тобовар гаштаасту манзараҳои зиёде амри вуҷуд доранд, ки барои беҳбудии иқтисодӣ ва инкишофи ҷамъият мусоидат менамоянд.

Мутаассифона, гоҳҳо одамон бо фаъолиятҳои бехирадонаи хеш табиатро бар зарари худ тағйир медиҳанд. Чунин тағйирёбии табиат бештар бо истифодаи васеи техника ва силоҳи оташфишон ба амал меояд, ки дар натиҷа майдони ҷангал кам шуда, ҳайвонҳои нодир нест мешаванд. Азбаски шумораи аҳолии сайёра таи чанд даҳсолаи охир босуръат афзуда истодааст, истеҳсолу истифодаи сарватҳои табиӣ низ мутаносибан меафзоянд.

Афзудани истеҳсолу истеъмоли зиёди сарватҳои табиӣ ба фауна ва флора зиёни калон расонидааст. Ин аст, ки дар қитъаи Амрико миқдори подаи безонҳо, дар Осиёговмешу оҳуҳо ва дар минтақаҳои гуногуни сайёра шумораи даррандагон монанди палангу шер, леопарду пантера ва ғайра кам ва филҳо қариб, ки нест шудаанд. Дар сатҳи укёнусҳо бошад, шумораи наҳангҳо хеле кам ва паррандаҳо қариб нест шудаанд. Аз рустаниҳо бошад, шумораи зиёди авлоду намудҳо аз оилаҳои гуногун монанди хушадорону лолагулон, чиноракиҳою настариниҳо, лӯбиёгиҳою чиликгулон, мехчагулону мураккабгулон ва ғайра дар ҳолати нестшавӣ қарор доранд, ки ин ҳодисаҳо мушкилоти гуногуни умумибашарии экологиро ба амал овардаанд. Мушкилотҳои экологии муҳити зисти организмҳо, ки ҳоло ба амал омадаанд аз назари умумӣ яке аз масъалаҳои рӯзмара ва ҳалталаб буда, пас аз хавфи истифодаи силоҳи ҳастаӣ мавқеъи дуюмро ишғол менамоянд.

Аз ҷиҳати ба амал омадан ва сатҳи таъсирашон ба организмҳо масъалаҳои умумибашарии экологӣ хеле гуногун буда, муҳимтарашон инҳоянд:

Шароити ба амал омадан ва тараққӣ намудани ҳайёт дар сатҳи сайёра, атмосфера мебошад, ки атрофи онро муҳити газӣ иҳота кардааст. Қабати поёнии атмосфера (тропосфера) қариб 80%-и массаи онро ташкил менамояд. Баландии ин қабат гуногун буд, дар сатҳи укёнус 8-10, дар хатти истиво 18-20 км-ро ташкил мекунад.

Таркиби ҳавои хушке, ки дар болои замин ҷойгир аст, аз 78,8% нитроген, 20,95% оксиген, қисми каме-0,93% аргон ва 0,03% гази карбонат иборат аст. Аҳамияти ҳавои атмосфера барои табиат зиёд ва гуногунҷамъба мебошад. Масалан, Офтоб сӯи сайёраи Замин миқдори зиёди энергияро равона мекунад, лекин ба сатҳи замин он миқдор

энергия мерасад, ки барои фаъолияти мӯътадили организмҳои зинда зарур аст. Боқимондаи энергияи Офтоб ё дар таркиби атмосфера ҷаббида нест карда мешавад ва ё ба сатҳи кайҳон бебозгашт баргардонда мешавад.

Агар чунин намешуд, ҳаёт ҳам вуҷуд намедошт. Чунки агар атмосфера намебуд, рӯзона Офтоб сатҳи заминро то 100⁰ С гарм мекарду шабона хунукии зиёди сатҳи кайҳон онро то 100⁰ С сард. Ба чунин тафовути шабонарӯзии ҳарорат ягон организми зинда тоб оварда наметавонист ва ҳаёт дар сайёраи мо барҳам мехӯрад.

Мӯътадилии ҳолати атмосфера ба мӯътадилии элементҳои таркиби вай вобаста буда, таи чанд даҳсолаҳои охир хеле коҳиш ёфтааст.

Сабабҳои номӯътадилии муҳити атмосфера гуногун буда, бештар ба фаъолияти худи одамон вобаста аст.

Яке аз сабаби асосии ифлосшавии атмосфера партовҳои нақлиёти автомибилӣ ва ҳавоӣ мебошад, ки дуди онҳо сарчашмаи афзудани гази карбонату оксиди нитроген ба ҳисоб меравcomponentsанд.

Зиёда аз нисфи газҳое, ки ба атмосфера афканда мешаванд, ба автомобилҳо тааллуқ доранд. Тибқи иттилои олими фаронсави Ж. Детрӣ (1988) ҳини парвоз, як тайёраи реактивӣ аз дудбарои худ чунин теъдоди моддаҳои заҳрнокро ба атроф паҳн мекунад: алдегидҳо-0,7кг/м , ҳидрогени карбондор-1,7кг/м, оксиди нитроген-4,3 кг/м ва заррачаҳои сахт-6,3 кг/м. Чунин тайёра дар муддати 1 соати парвози худ меъёри яксолаи оксигени барои нафаскашии 180-200 ҳазор нафар одам заруриро харҷ менамояд. Мошини сабукрав дар вақти 1000 км роҳро тай намудан меъёри якослаи оксигени ронандаашро сарф менамояд. Корхонаҳои саноатию маишӣ ва нақлиёт на танҳо оксигенро месӯзанд, балки ҳаҷми муайяни гази карбонатро ба ҳаво ворид менамоянд. Ин аст, ки дар муддати 100 соли охир шумораи $CO_2$ дар таркиби атмосфера то 15% афзудааст. Тахмин меравад, ки дар сурати аз ҷониби башар чораҳои таъҷилӣ надидан, зиёдшавии ҳаҷми гази карбонат дар таркиби ҳаво то соли 2050 ба 25% мерасонад.

Сарчашмаи дигари нопокии сатҳи атмосфера неругоҳҳои барқӣ ва корхонаҳои саноатии сабуку вазнин мебошанд, ки оксиди гугирд, оксиди нитроген ва гардҳои гуногунро падид меоранд.

Сабаби дигари зиёдшавии гази карбонат дар таркиби атмосфера сӯзонидани сӯзишвориҳои зиёде мисли маҳсулоти нафтӣ, чӯбӣ ва газҳои табиӣ мебошад. Чи тавре маълум аст, дар таркиби атмосфера бухори обу гази карбонат мавҷуд аст, ва мунтаззам афзудани онҳо нурҳои инфрасурхи гармидеҳро қабул намуда, аз худ намегузаронанд, ки дар натиҷа «парниковый эффект»-ро ба вуҷуд меоваранд. Ин падида барои зиёд нигоҳдории гармӣ дар рӯи замин ва баланд шудани ҳарорати атмосфера сабаб мешавад.

Дар натиҷаи фаъолияти инсон баробари сӯхтаниҳои гуногун, (нафт, ангишт, газ, чӯб ва ғайра) оксиген низ месӯзад ва дар амал ҳаҷми гази карбонат дар таркиби атмосфера зиёд шуда, оксиген кам мешавад. Ин ҳодиса муҷиби пурзур шудани «парниковый эффект» мегардад ва метавонад ҳарорати рӯи заминро тезтар баланд намояд.

Мушоҳидаҳои зиёд нишон медиҳанд, ки соле дар таркиби атмосфера шумораи метан то 1%, гази карбонатто 0,4% ва закиси нитроген то 0,2% меафзоянд. Дар чунин сурат агар аз ҷониби башар ягон чораи таъҷилие дида нашавад, он гоҳ тақрибан то нимаи саддаи 21 ҳарорати сайёраи Замин ба 4,5-5,0⁰С баланд мешавад. Чунин баландшавии умумии ҳарорат дар сатҳи сайёраи Замин натиҷаҳои номатлуб оварда метавонад. Масалан, аз як тараф раванди ба амал омадани биёбонҳо тез мегардад, алалхусус ин протсес сараввал дар Африқо, баъдтар дар Амрикои Шимолӣ ва дигар минтақаҳо сурат мегирад. Тағйирёбии иқлими Сибир ва Скандинавия низ мушоҳида мегардад. Аз тарафи дигар, сатҳи уқёнусҳои сайёра аз ҳисоби пиряххои обшуда баланд мешаванд, ки ин ҳодиса ба сатҳи хушкии сайёра хатари ҷиддӣ меорад.

Аз ин рӯ, агар дар садсолаи охир сатҳи оби уқёнусҳо 10-12см баланд шуда бошад, пас то соли 2050-ум эҳтимол баландии сатҳи оби онҳо то ба 150 см имкон дорад.

Масъалаи дигари экологӣ, ки ҳоло мо ба он таваҷҷӯҳ хоҳем фармуд- норасоии оби нушокӣ мебошад. Сабаби нарасидани оби тоза нархи ночизу бесоҳиб будани он мебошад. Бе нарх будан ва истифодаи бехирадонаи об дар сатҳи сайёра ба он овард, ки

дараҷаи тоза будани он дар муҳити табиӣ хеле паст гардид. Одамон чунин ҳисобиданд, ки обро бе меъёр истифода кардан ва фикр накарда ифлос намудан ҷазои маъмурӣ надорад. Аз ин ҷост, ки баъзе ашхоси масъули «Донишмандони соҳаи экология” Аралро “Хатогии табиат” ҳисобида, оби дарёҳои Омӯву Сирро бебаркаш, бонақшаю бенақша барои шодоб намудани заминҳои ҳосилхез истифода карданд. Наҳрҳои зиёде канда, обро ба пахтазор бе ягон асбоби обченкунӣ равон намуданд, ки ин ҳолат сабаби асосии хушк шудани баҳри Арал гардидид.

Чунин муносибати бехирадонаи инсон нисбат ба об, аз як тараф, агар боиси шуста ба қуруғзор табдил додани заминҳои зиёди водиҳою биёбонҳо гардида бошад, аз тарафи дигар, сабаби пайдо гардидани шӯразаминҳо гардидааст. Аз ин ҷост, ки ҳоло зиёда аз 40%-и масоҳати заминҳои пахтакории минтақаи Осиёи Марказӣ аз меъёри муқараршудаи иқтисодӣ хеле кам ҳосил медиҳанд. Аз ҷойҳои хушкшудаи замини зери баҳри Арал соле то 150 млн. тонна намакҳои гуногунро бод ба атрофи он паҳн мекунад, ки ин сабаби ба амал омадани касалиҳои гуногуни одамону ҳайвонотҳо гаштааст. Бод на танҳо намакҳоро, балки пестисидҳои хлорнокии ҳалнашавандаро, ки таи чандин асрҳо дар зери Арал ҷамъ шуда буданд, ба атроф паҳн мекунад. Тахмин меравад, ки сабаби асосии фавти ногаҳонии қариб ним миллион фарди сайд (ғизол) дар давоми 3 моҳи (V-VII)-и соли 1998 пошхӯрдани ҳамагуна намакҳои хушкшудаи дар зери баҳри Арал буда, мебошад, ки тавассути бод ба масофаҳои гуногуни атрофи он паҳн гаштаанд.

Тадқиқотҳои оморӣ нишон додаанд, ки дар ҳар 3-5 сол, дар ҳудуди мамлакати собиқ иттиҳоди Шӯравӣ як намуд ҳайвони ширхӯр ва соле якчанд намуди рустаниҳои нодир ва дигар ҳайвонотҳо нест мешаванд, ки ин вазъи ҳаяҷоновар ва гуфтан мумкин марговари экологӣ аз ифлосшавии муҳит сар задааст.

Ҳоло, соле, ба оби уқёнусҳо якчанд миллиард тонна моеъҳои заҳрнок омехта мешаванд, ки сабаби асосии нест гардидани организмҳои дар об фаъолиятдошта гардидаанд. Аз ин ҷост, ки соли 1989 дар бадани тюленҳои дар баҳри Сафед фавтида то 150 шакли моддаҳои заҳролудкунандаро муайян намуданд.

Мувофиқи ахбори расонаҳои гуногун ҳоло зиёда аз 20 давлати дунё, ки шумораи аҳолиашон аз 132 млн. кас зиёд аст, аз оби нӯшокӣ танқисӣ мекашанду 2,4 млард кас оби пурра тоза накардаро истеъмол менамоянд.

**Ёдовар шудан бомаврид аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон дар мақолаи хеш «Тоҷикистон дар остонаи асри XXI», ки 7 декабри соли 2000 дар саҳифаҳои рӯзномаи «Независимая газета»-и Федератсия Руссия ба табъ расида буд, сатҳи экологии Осиёи Марказиро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор дода, зикр намудааст, ки дар натиҷаи гармшавии ҳарорати сатҳи сайёра дар давоми 50 соли охир $^3/_1$ ҳиссаи захираи оби яке аз пиряххои калонтарини Осиёи Марказӣ – Федченко кам шудааст. Дар ин мақола Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудааст, ки табиати сайёра силсилаҳои зиёди гарму сардшавии иқлимро медонад, вале мо, алҳол давраи гармшавиро аз сар мегузаронем.** Агар ин тамоюл идома ёбад, гумон аст, ки дар сад соли наздик аз пиряхи Федченко чизе боқӣ хоҳад монд. Аммо муҳим он аст, ки агар дар бораи нигоҳ доштани захираҳои обии Тоҷикистон дар вақтҳои наздиктарин тадбирҳои зарурӣ андешида, нашавад, он гоҳ барои мамлакатҳои Осиёи Марказӣ давраи вазнини беобӣ фаро мерасад.

Мушкилоти зикршуда хусусияти умумибашарӣ дорад ва он бояд аз ҷониби омма, бо иштироки мустақими ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳал карда шавад.

Бо мақсади ҳалли ин проблемаи глобалӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон диққати оламиёнро барои эълон намудани соли 2003-юм ҳамчун соли байналхалқии оби тоза ҷалб намуд, ва ин таклиф аз ҷониби Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида дастгирӣ ёфта, тасдиқ карда шуд.

Тағйирёбии табиат,- идома медиҳад – Эмомалӣ Раҳмон – ин дар назди одамон талаботҳои қатъӣ мегузорад, ки нисбат ба ҳамдигар оқилона, хайрхоҳона ва эҳтиёткорона муносибат намоянд. Бояд ҳама дарк намоянд, ки қиммати об аз қиммати нафт, газ, ангишт ва дигар намудҳои сӯзишворию манбаъҳои энергетикӣ камтар нест.

Ин аст, ки мувофиқи пешниҳоди сарвари давлати Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов солҳои 2005-2015 даҳсолаи оби тоза барои ҳаёт аз ҷониби ташкилоти Миллали Муттаҳида тасдиқ шуд.

Дар ин самт бояд дурнаморо муайян карда, дар ҳалли проблемаи умумибашарии имрӯза ва оянда ҷидду ҷаҳди азим намоем.

Мушкилоти дигаре, ки инсониятро ба ташвиш овардааст, нодуруст ё аз меъёр зиёд истифода кардани сарватҳои табиат мебошад. Дар бисёр баҳру уқёнусҳо, баҳри шимолӣ, ҷанубии уқёнуси Атлантик, ҷанубу шарқии уқёнуси Ором ва ғайра шумораи моҳиёну паррандагон хеле кам шудааст.

Ҳамаи гуфтаҳои боло моро водор месозад, аз вазъи зиндагии одамон, табиат ва хатари таҳдидкунандаи экологӣ сухан ронда, фикри дар оянда нигоҳдории фарди инсонро кунем, чунки ҳоло дар кураи Замин рӯзе то 10 намуди биологӣ нест шуда истодааст (Тарасов, 1990).

Барои мӯътадил гардонидани вазъи пешгирии садамаҳои экологӣ вобаста ба имкониятҳо, дар ҳар як мамлакат тадбирҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1. Ба тариқи ҳақиқӣ ҷорӣ намудани ҳукуматҳои халқии ҷойдорӣ. Ҷорӣ намудани чунин ҳукуматҳо муассисаҳои ҳукмрон ва нақшавиро аз байн бурда, истифодаи пулакии сарватҳоро ҷорӣ менамояд. Ҳукумати халқии маҳаллӣ метавонад аз шахсони алоҳидаву муассисаҳои ифлоскунандаи табиат ҷарима ситонда, қисме аз маблағҳоро барои беҳбудии вазъи экологӣ масраф намояд.

2. Коргоҳе бояд ташкил кард, ки аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва таъмини иҷтимоӣ сатҳи зиндагӣ аз ягон муассисаи экспертизаи экологӣ мегузарондагӣ ба монанди бинокорон, таъмиргарон, мошинасозон ва ғайраҳо вобастагӣ надошта бошад. Чунин таҷрибаҳо дар мамлакатҳои гуногуни Ғарб монанди Шветсиё, Норвегиё, Итолиё ва дигарон ҷорӣ шудаанд, ки ҳоло дар самти беҳдошти вазъи муҳити зист натиҷаи дилхоҳ дода истодаанд.

3. Ташкил кардани мушоҳидаю омӯзиши васеъи экологӣ оиди вазъи муҳити атроф аз муйаян кардани саршумори моҳиёни обанбор то муайян кардани бемориҳо ва фавти одамон аз кӯдакони навзод то куҳансолон.

4. Барои баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ дар тамоми муассисаю, корхонаҳо, макотиби миёнаю олӣ, коркунони соҳаи маданият, иттифоқи нависандагон ва ғайраҳо ташкил намудани клубҳои экологӣ, аз қабили дӯстдорони табиат.

Аз таъсири эрозияи хок кам шудани ҳосил ва зарари онро ба таври мушаххас ба аҳолии шаҳру деҳот фаҳмондан. Бояд тазаккур дод, ки дар заминҳои каме эрозияшуда то 30-40%, ва миёна эрозияшуда то 50-60% ҳосилнокии зироатҳо кам мешавад. Зарари умумие, ки аз кам шудани ҳосили зироатҳои кишоварзӣ дар як сол мерасад ба 7-8 миллиард доллар баробар аст. Зараре, ки аз шуста шудани моддаҳои маъдании таркиби хок ба амал меояд ба 2,5 миллиард доллар расида бар он зарари паст шудани сифати хӯрока илова мегардад. Ҳисоб шудааст, ки ҳисороти умумии солонаи эрозияи аз боду об ба амал омада ба 11-15 миллиард доллар баробар шуданаш мумкин аст. Аз ин ҷост, ки бе муҳайё гардонидани вазъи мӯътадили экологӣ иқтисодиёти мутараққи буда наметавонад.

5. Қонунҳои зерини мушаххасро бояд ҷорӣ кард, ки ба нафъи табиат хизмат намоянд:

а) Қонун дар бораи ҳимояи табиат. б) қонун дар бораи ҳимояи ноҳияҳои алоҳидаи табиӣ. в) қонун доир ба истифодаи оқилонаи набототу ҳайвонот. г)қонун доир ба истифодаи энергияи ҳастаӣ ва бехатарии он ва ғайра.

Дар ҳамаи қонунҳои пешниҳодшуда бояд мафҳуми қонуншикании экологиро дохил карда, ба шахсони гунаҳкор ҷаримаи калон бастан ва ҳатто аз озодӣ маҳрум намудан пешбинӣ карда шавад.

Шӯроҳои маҳаллӣ гуфтугӯи ошкороро дар бораи қонуншиканиҳои экологӣ, тағйир ёфтани вазъи муҳити атроф, ҳама намудҳои ифлосшавӣ ва ғайраҳоро, дар байни аҳолӣ тавассути васоити ахбори умум таъмин намуда варақаю рӯзномаҳои экологӣ ташкил намоянд.

Муайян кардани чорабиниҳо оиди тайёр намудани мутахассисон-экологҳо ва ташкили омӯзиши экологӣ. Ташкил кардани курсҳои махсуси омӯзиши экологӣ барои ҳамаи тахассусҳои соҳаи хоҷагии кишоварзӣ ва саноатӣ. Ташкили курсҳои экологӣ барои корхонаҳои саноатӣ. Зиёд кардани чорабиниҳои байналхалқӣ оиди ҳимояи табиат сарватҳои он ва ғайра аз аҳамият холӣ нест.

Агар аз нуқтаи назари ташкилӣ ба ин корҳо нигоҳ кунем, мебинем, ки дар арсаи байналхалқӣ оиди масъалаҳои ҳимояи табиат нақши асосиро ташкилоти Миллали Муттаҳида, шахсан звенои экологии вай /ЮНЕSCO/ мебозад. Ташкилоту муассисаҳое, ки ба ин кор машғуланд зиёд ва гуногунпеша мебошанд. Масалан, ташкилоти байналхалқии бодуҳавосанҷҳо, ташкилоти агентии байналхалқӣ оиди истифодаи энергияи ҳастаӣ, ташкилоти байналхалқӣ оиди ташкили меҳнат, ташкилоти байналхалқии тансиҳатӣ ва ғайра.

Ҳамаи ташкилотҳои номбурда ва дигар ташкилоту муассисаҳои илмию ҳаракатҳои миллӣ дар якҷоягӣ механизми ҳимояи табиатро ташкил менамоянд, ки такягоҳи ташкилоти байналхалқии ҳимояиӣ табиат мегарданд. Шумораи давлатҳое, ки байни онҳо шартномаи ҳуқуқу ҳимояи табиатро имзо кардаанд, ба 140 мерасад. Аз ин шумора 55 мамлакат ба собиқ давлати Шӯравӣ ва қисман Тоҷикистон ҳамкор аст. Шартномаҳои муҳимми байналхалқӣ ин Шартномаи соли 1963 оиди манъ кардани озмоиши силоҳи ҳастаӣ дар атмосфера, коинот ва зери об;

- Созишномаи соли 1977 оиди манъ кардани истифодаи маводи зараррасони табиат бо роҳи ҳарбӣ ва дигарҳо;
- Созишномаи соли 1979 оиди ифлоскунии ҳаво ба воситаи нақлиёт;
- Созишномаи соли 1986 дар бораи ёрии байни якдигарии давлатҳо дар мавриди садамаҳои ҳастаӣ ё радиатсионӣ ва ғайра мебошанд.

Асоси кодекси ҳуқуқи экологии ҳар як фарди инсон фаъолият кардан ва дар ҳавои тоза зистан аст. Чунин суханҳо дар моддаи 3 изҳороти умумии ҳуқуқи инсон оварда шудаанд. Бояд ҳисоботи ҳар як давлат оиди фаъолияти худ доир ба ҳимояи табиат, дар бораи сар задани воқеъаҳои ногувори офати табиат ва рафъи онҳо барқарор карда шаванд. Барои ин корҳоро ба ҷо овардан пеш аз ҳама мубодилаи ахбори илмию техникии байналхалқии озод оиди проблемаҳои экологӣ зарур аст. Дар ҳамаи давлатҳо оиди омӯзиши экологии аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳиро дуруст ба роҳ мондан лозим аст.

Ғайр аз мушкилотҳои умумибашарии экологӣ дар сатҳи биосфера мушкилотҳои минтақавии гуногун низ мушоҳида мешавад.

Имконияти биосфера ва муҳити иҳотакарда беохир набуда, ҳадду интиҳо дорад. Ҳамаи компонентҳое, ки биосфераро ташкил медиҳад аз як тараф миёни якдигар алоқаманд бошанд, аз дигар тараф аз ҳам вобаста мебошанд. Аз ин рӯ, яке аз мушкилоти муҳимми ҳозираи экологӣ танзими биологӣ ва устувор нигоҳдории системаҳои экологию мувозинати онҳо мебошад.

То он вақте, ки шумораи аҳолии сайёра он қадар зиёд набуду таъсираш ба биосфера мӯътадил буд, гардиши моддаҳо мувозинати биогесенозҳоро мӯътадил нигоҳ медошт. Ҳоло бошад, аз сабаби зиёд шудани шумораи аҳолии сайёра ва истифодаи барзиёди сарватҳои табиӣ, таъсири инсон ба биосфера чунон афзудааст, ки вазъи мувозинати минтақавию глобалии сатҳи сайёраро зери хатар мондааст.

Ин дигаргуниҳо биосенозҳоро тағйир дода, мӯътадилии мувозинати онҳоро ноҷур месозанд. Барои исботи ин гуфтаҳо мисолҳо хеле зиёданд: Ба хотири нигоҳдории шумораи моҳиён дар обанборҳои як қатор мамлакатҳо саги обӣ (lutra lutra)-ро нест карданд. Вале натиҷааш тамоман баракс шумораи моҳиҳо кам шуд. Дар Ямайка яке аз зараррасонҳои найшакар калламушҳо мебошанд. Аз ин хотир, барои кам кардани шумораи калламушҳо соли 1872 бо онҷо мангуста (Herpestes)-ро оварданд ва хеҷ кас гумонбар набуд, ки мангуста баробари нест кардани калламушҳо бештари фаунаи таҳҷоиро низ нест менамояд. Ҳамагӣ дар муддати 10 соли фаъолият намудани мангуста дар биогеосенозҳои Ямайка тағйироти зиёде ба амал омад. Вале мисли пештара калламушҳо нашъунамои найшакарро халалдор намуда, шумораи ҳайвонҳои фоидаовари ин минтақаро кам кардан гирифтанд.

Дар натиҷаи нест намудани яке аз намудҳои паланг (Panthera pardus) дар баъзе минтақаҳои Африқои Шарқӣ афзоиши шумораи павионро баланд кард, ки ин ҳайвон душмани ашадии ҳайвонҳои хонагӣ гардид. Нест кардани койотов (Canis latrans) дар аёлоти Колорада сабаби афзудани заргӯшҳо гардид, ки ба фермерҳои он минтақа зиёни зиёд оварда истодааст.

Ҳоло дар баъзе мавзеъҳои Австралия шумораи фардҳои яке аз намудҳои кенгуру чунон афзудааст, ки бо фаророси торикӣ тамоми кӯчаҳои шаҳрро зер карда, сабаби

зиёд шудани садамаҳои автомобилӣ мегарданд ва алафҳои табииро нест менамоянд. Ин руйдод хатари ҷиддие барои инкишофи чорвопарварӣ дар он ҷо гаштааст.

Вақтҳои охир дар обҳои як қатор мамлакатҳои Африқои Ғарбӣ шумораи зиёди яке аз моҳиҳои заҳрнок - балиста (Balistes capricus) пайдо шудааст, ки доираи паҳншавии моҳиҳои хӯрданибоби қиматбаҳоро танг намудааст. Ин намуди моҳӣ ба як қатор давлатҳои Африқои Ғарбӣ мисли Того, Бенина, Гана, Гвинея, Гвинея-Биссау ва ғайра зиёни калон оварда истодааст. Яке аз сабабҳои чунин афзоиши зиёди моҳии балистаро олимон дар ифлосии обҳо аз партовҳои саноатию маишӣ мебинанд.

Тағйирёбии мувозинати табииро истифодаи заҳрхимикатҳо ба муқобили зараррасонҳои соҳаи кишоварзӣ низ мушоҳида менамоянд. Дар натиҷаи истифода намудани заҳрхимикатҳо дар қатори зараррасонҳои зироатҳои кишоварзӣ, намудҳои фоидаовар низ зиёд мебошанд. Дар ин ҳолат механизми худтанзимкунии табиӣ ноустуор шуда, шумораи намудҳои зиёновар меафзояд, ки бештари онҳо ба намуди нав мубаддал шуда, боз хатарноктар мешаванд. Номӯътадилшавии мувозинати табиии системаҳои экологӣ барои тансиҳатии худи одамон бештар хатари ҷиддӣ ба бор меорад. Инкишофи зиёди чорводорӣ дар як қатор мавзеъҳои Амрико сабаби афзудани шумораи як намуд куршабпаракҳои хунмак (Destodentidae) гардид, ки худ сабаби паҳншавии каслии хор миёни одамон гашт. Агар сабаби асосии ба амал омадани бемории билгарсиоз дар минтақаҳои зиёди Африқо обёрии саванаҳо ва бенақша буридани ҷангалҳо бошад, пас бемории вараҷаи тропикӣ зери таъсири арбовидус ба амал меояд.

Ҳамин тавр, мувозинати табиие, ки таи ҳазорсолаҳо дар ҷангалҳои тропикӣ мӯътадил буд, дар натиҷаи истифодаи ноокилонаи обу замин ва набототу ҳайвонот халалдор гашта, мушкилоти зиёдеро ба амал овард ва мӯътадилии биосфераро ноустувор кард. Дар натиҷаи истифодаи ноокилона ва муносибати бехирадонаи одамон тағйирёбии манзараҳои табиӣ афзудааст. Дар натиҷаи аз меъёри табиӣ зиёд чаронидани ҳайвонҳо дар минтақаҳои даштӣ ба амал омадани биогеосенозҳои биёбонӣ мушоҳида мешавад. Чунин тағйирёбии биогеосенозҳоро бештар дар манзараҳои Амрикои Ҷанубӣ, саванаҳои Африқо ва қисми зиёди даштҳои қитъаи Аврупо ва чарогоҳҳои тобистонаи Тоҷикистон мушоҳида менамоем..

Усулҳои муборизаи биологии зидди ҳашаротҳои зиёновар низ аҳамияти амалии зиёд дошта, ин усул на ба табиат зиёновар аст ва на ба одамон. Барои иҷрои он организмҳои зиндаро истифода менамоянд. Организмҳое, ки муқобили ҳашаротҳои зиёновар истифода мешаванд онҳоро пурра маҳв накарда, танҳо шумораашонро то он дараҷае кам мекунанд, ки зарари меовардагиашон ҳис карда намешавад. Ин усулро бештар барои кам кардани теъдоди хояндаҳо ва ҳашаротҳои зиёновар истифода мебаранд. Барои иҷрои ин кор ҳашароту парандаҳои дарранда ва муфтхӯрро зиёдтар ба кор мебаранд. Бо ёрии ин усул бештар дарахтони мевадиҳандаю зироатҳои гуногуни кишоварзиро нигоҳ медоранд. Ғайр аз ҳашаротҳои даррандаю муфтхӯр барои нест ё кам кардани насли ҳашаротҳои зиёновар, микроорганизмҳои махсусеро аз қабили бактерияҳо, занбурӯғҳо ва вирусҳо истифода менамоянд. Баробари ин барои маҳв намудани ҳашаротҳои зиёновар алафҳои бегонаро низ истифода менамоянд. Масалан, ба қитъаи Австралия гули ханҷарии опунсия (Opuntia)-ро оварданд, ки дар натиҷаи афзоиши баланди худ вай ба маҳв сохтани кирмаки шапалакҳои зиёновар мусоидат намуд.

Чорабиниҳои биологӣ оиди мубориза алайҳи ҳашаротҳои зиёновар истифодаи пурраи заҳрҳои кимиёвиро аз байн намебарад. Дар он мавзеъҳое, ки истифода намудани заҳрҳои кимиёвӣ имконпазир аст, онҳоро истифода менамоянд. Ҳоло бе истифодаи заҳрҳои кимиёвӣ маҳсули дилхоҳи зироатҳои кишоварзиро ба даст овардан имконнопазир аст, вале ҳадалимкон истифодаи онҳоро кам ва роҳҳои оқилонаи истифодаро пеша намудан зарур аст. Бояд зикр намоем, ки зери таъсири заҳрҳои кимиёвии васеъ истифодашаванда мувозинати табиат тағйир ёфта, дар қатори ҳашаротҳои зиёновар организмҳои фоидаовар ҳам нест мешаванд, ҳамчунин ин падида ба саломатии одамон низ зарароварр аст.

Яке аз масъалаҳои муҳимми экологӣ ба воситаи нишондодҳои биологии илман тасдиқшуда тоза намудани муҳит мебошад. Ҳар як организми зинда дар равиши фаъолияташ дар ифлос намудани табиат иштирок менамояд. Вале дар табиат

муносибати организмҳо тавре ташкил шудааст ки агар як намуд ба воситаи маводи ҷудо намудаи худ онро ифлос намояд, намуди дигар маводи ҷудо кардаи онро истифода намуда, безарар мегардонад. Аз ин рӯ, кулли маводҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти организмҳои зинда ба муҳит ҷудо мешавад, дар гардиши биологии моддаҳо иштирок менамояд. Ҳамин тариқ, дар биосенозҳои табиӣ аз ҷониби худи организмҳо тоза намудани муҳити зист амалӣ мегардад ва ин ҳодисаро тоза намудани биологӣ меноманд. Ҳоло ифлосшавии муҳит аз партовҳои истеҳсолии одамон хеле афзудааст. Аз ин рӯ, қобилияти худтанзимии муҳити табии маҳдуд гаштааст. Чунки бештари партовҳои истеҳсолии одамон ба гардиши биологии моддаҳо ворид нашуда дар сатҳи биосфера ғун мешаванд. Ҳамаи ҳодисаҳои ёдшуда бештар аз он сар мезананд, ки майдонҳои зиёди табиӣ барои қонеъ намудани талаботи ҳаррӯзаи одамон, ҳолати табиии худро гум менамоянд. Аз ин лиҳоз, одамон бояд имконияти худтанзимкунии ҳар як биосенозро дуруст аниқ намоянду нигоҳдорию истифодаи партовҳои истеҳсолии худро тавре ташкил намоянд, ки гардиши биологии моддаҳо мӯътадил монад. Барои мӯътадил ташкил намудани гардиши биологии моддаҳо ва тоза намудани муҳит, пеш аз ҳама, интихоби дурусти организмҳои тозакунанда, шумора муайяни фардҳо ва масрифнокии фаъолияти онҳо зарур аст. Дар ин ҷода донистани дараҷаи ифлосии ин ё он биосеноз ва умуман биосфера аз аҳамият холӣ нест. Ба ин кор корхонаҳои саноатӣ, технологияи коркарди кампартову бепартов низ алоқаи зич доранд.

Барои ҳалли бевоситаи ин масъалаҳо муайян намудани маҳсулнокии табиати зинда ва истифодаи оқилонаи сарватҳои он зарур аст. Ҳадаф аз ин ба танзим даровардани сарфу ҳосилшавии маҳсулоти таъинро дар асоси корҳои илмӣ ташкил кардан аст. Дар сурати зиёд будани сарф аз ҳосилшавӣ мувозинати табиӣ вайрон шуда, хароб гаштани табиат ба чашм мерасад.

Ҳалли мӯътадилу саривақтии ин масъала хеле мушкил аст, вале бе ҳалли ин проблема тараққии иҷтимоии мардум ва биосфера имконнопазир аст.

Ҳифзи ҳавои атмосфера мушкилоти худро дорад, чунки атмосфера ҳаҷман хеле бузург ва ҳавои он доимо дар ҳаракат мебошад. Аз баски ҳодисаҳои физикию кимиёвӣ дар атмосфера мисли биосфера мунтаззам мегузаранд, вай қобилияти худтанзимкунӣ ва нигоҳдории мӯътадили таркиби худро дорад. Дар нигоҳдории таркиби табиии атмосфера рустаниҳои сабз аҳамияти ҳалкунанда доранд. Рустаниҳои сабз миқдори зиёди гази карбонатро аз таркиби атмосфера фурӯ бурда, чанги зиёде болои узвҳои онҳо сидиментатсия мегарданд. Вале ҳаҷм ва суръати ифлосшавии атмосфера дар замони муосир аз имконияти худтозакунии вай хеле зиёд шудааст, бинобар он мудохилаи бевосита ва бетаъхири башар лозим аст, то ки мувозинат нигоҳ дошта шавад.

Тозагии ҳавои атмосфера силсилаи чорабиниҳое мебошад, ки саршавии ифлоскуниҳои хоҷагию саноатии ба амал омадаро огоҳ намуда, мӯътадил нигоҳдории сифати табиии ҳавои барои худи инсон ва кулли мавҷудоти зинда зарур бударо таъмин менамояд. Илми ҳозираи экология чорабиниҳои самарабахшеро оиди тозагии ҳавои атмосфера пешниҳод намудааст, ки дар вақтҳои наздик ба ҳалли мусбии ин мушкилот мусоидат намуда метавонанд.

Чорабиниҳои илман тозанигоҳдории таркиби ҳавои атмосфера ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, техникӣ, санитарию гигиенӣ ва ғайраро доро буда, роҳҳои иҷроиши онҳоро Бондаренко, (1985) ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудааст.

1. Кам намудани маводи ифлоскунанда бо роҳи конструксионию технологӣ. Ин усул ҷудо намудани маводи зарароварро дар худи сарчашмаҳои ифлоскунанда кам менамоянд.

2. Муьтадил сохтани таркиби сӯзишвориҳою карбюраторҳо ва бо истифодаи васеъи асбобҳои тозакунӣ кам намудани партовҳои зарарнок.

3. Ҷо ба ҷо гузории оқилонаи сарчашмаҳои ифлоскунанда ва зиёд намудани майдони кабудизорҳо.

4. Аз ҷониби муассисаҳои махсуси давлатию ҷамъиятӣ ташкил намудани назорати қатъии вазъи ҳавои атмосфера.

5. Бештар сӯзишвориҳои дуди зиёд доштаро ба сӯзишвориҳои камдуду бедуд ё неруи барқ иваз намудан.

6. Истифодаи васеи усулҳои нави мубориза зидди зараррасонҳои хоҷагии кишоварзӣ.

Ба чорабиниҳои конструктивию технологӣ он чорабиниҳое тааллуқ доранд, ки ба ташкили технологияи кампартову бепартов, истифодаи оптималии ашёи хом ва партовҳои истеҳсолӣ бахшида шудаанд.

Истифодаи сӯзишвории бедуду камдуд ва камсулфат низ ба чорабиниҳои технологии мӯътадил сохтани таркиби ҳавои атмосфера тааллуқ доранд. Ҳоло технологияи гуногуни истеҳсолӣ истифода шуда истодаанд, ки дар он ҷо пасмондаҳои зараровари истеҳсолӣ қариб вуҷуд надоранд.

Масалан, дар натиҷаи ҷорӣ намудани усули нави коркарди кислотаи сулфат бо роҳи таъсири ҳарорати баланд партовҳои заҳролуд ба таркиби атмосфера тамоман хориҷ намешаванд. Ҷорӣ намудани усули бекоксии истеҳсоли пӯлод ба пастшавии партовҳои он дар шакли пайвастагии ангидриди сулфат мусоидат намудааст. Ёдовар бояд шуд, ки ҷорӣ намудани технологияи нави истеҳсоли на ҳама вақт имконпазиранд. Аз ин рӯ, ҳоло воситаи асосии тозанигоҳдории ҳавои шаҳру деҳот аз партовҳои музири саноатӣ, сохтани иншоотҳои тозакунии биологӣ, техникӣ, кимиёвӣ, барқӣ ва ғайра мебошанд. Ғайр аз ин барои кам намудани аэрозолҳо филтрҳои барқиро бештар истифода намудан аз аҳамият холӣ нест.

Сарчашмаи асосии ифлосшавии ҳавои атмосфера нақлиёти заминӣ, обӣ ва ҳавоӣ мебошанд. Ҳоло вазифаи аввалиндараҷаи аҳли башар мӯътадил гардонидани дудбарояки нақлиёт аст. Дараҷаи ифлос намудани таркиби ҳавои атмосфера ба кори мӯътадили муҳаррик ва конструксияи сохти он вобаста мебошад. Дар сурати кори мураттаби муҳаррик ба таркиби ҳаво ҳаҷми ками гази оксиди карбон ворид мешавад. Роҳи дурусти ҳалли муаммои нигоҳдории тозагии ҳавои атмосфера сохтани автомобили нав, яъне автомобили газию барқӣ (газомобилу барқомобил) мебошад.

Барои пешгирӣ намудани мушкилоти экологӣ ва масъалаҳои он, пеш аз ҳама зарур аст, ки тарбияи экологиро тарбияи афзалиятнок шуморида, муносибати насли наврасро ба табиат ва захираҳои табиӣ тамоман дигаргун кардан лозим аст. Мушкилотҳои экологӣ ҳамон вақт бартараф карда мешавад, ки ҳар як фард дар ҷои худ нисбат ба ҳифзи табиат муносибати ҷиддӣ дошта бошад, захираҳои табиатро оқилона вабошуурона истифода барад, инчунин онро эҳтиёт кунад. Зеро ҳар яке мо нисбати табиат ва шароити зиндагӣ дар Саёраи Замин ҷавобгар мебошем. Ҳар як фард, алалхусус насли навраси ояндасози давлату ҷамъияти инкишофёфта ва ҷавобгӯи меъёрҳои байналмилалӣ чӣ будани рушди устувории кишвар, «иқтисодиёти сабз»-ро фаҳмида гирад ва бӯҳрони экологӣ ва сарчашмаҳои ассосии онро дарк карда тавонад.

Пешниҳодҳои мо дар оянда чунин мебошад, ки аз таҷрибаи омӯзгории худ гуфта метавонам, ки аз солҳои 79-уми асри қаблӣ сар карда, ба тартиб додани чунин машқу масъалаҳо машғул буда, тавассути мақолаҳои илмӣ –методии зиёде дар саҳифаҳои нашрияҳо, маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ ва собиқ Итиҳоди Шӯравӣ оид ба тарбияи экологӣ дар ҷараёни таълими биология ва химия ба нашр расонида, онро дастраси ҳамкасбони худ намудаам. Фақат дар соли 2014 зиёда аз 10-мақола дар мавзӯъҳои экологӣ, аз ҷумла масъалаҳои об, мушкилот ва баҳсҳои обӣ таълиф намуда, дар маҷҷалаҳо ва нашриёҳои «Омӯзгор», «Масъалаҳои маориф» «Маорифи Тоҷикистон» ва ғайра рӯи чоп овардаем.

**Китобнома:**


1. Давлатов А. Асосҳои экологӣ. – Душанбе: Матбуот, 2005.
2. Чернова Н.М. Былова А.М. Экология. 2 изд. М.: Просвишение, 1988.
3. Эмомалӣ Раҳмон. «Тоҷикистон дар остонаи асри XXI», «Независимая газета».- 7 декабри соли 2000


## ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА И ЕЁ РЕШЕНИЕ


***ЗУЛФОНОВ Б.***



Экологическая проблема в мире является одним из основных проблем современности, на ряду с угрозой оружия массового поражения. На ряду с этим, не соблюдение мер и не правильное использование природных ресурсов угрожает человечество всего мира. Автор в статье указывает её решение и роль Президента

Республики Таджикистан, Эмомали Рахмона в объявление 2003 год, международным годом «Чистой воды», который был одобрен Организацией Объединенных Наций.
***Ключевые слова:*** *Экологическая проблема, «Чистой воды», ресурс.*

## ECOLOGICAL PROBLEM AND HER(ITS) DECISION

***ZULFONOV B.***

The Ecological problem in the world is one of the main problems to contemporaneity on row with threat of the weapon mass the defeats. On row with this, not observance of the measures and not correct use natural resource threatens the mankind of the whole world. The Author in article indicates her(its) decision and role of the President of the Republic Tadzhikistan, Emomali Rahmona in announcement 2003, international year "Clean water", which was approved Organization United Nation.
***Keywords:*** *Ecological problem, "Clean water", resource.*

# ПИРИ МОРО ЛАҲНИ ГУФТОРАШ БАЗЕБ

***АМОНӢ С.,***
*мудири Бахши таҳсилоти ибтидоӣ*
*ва мактабҳои камнуфуси ПРМ АТТ*

Академик М. Лутфуллоев доир ба ҳифз ва пок нигоҳ доштани забони тоҷикӣ (дарӣ - форсӣ) асару мақолаҳои зиёде ба табъ расонидааст ва навиштаҳоеро чун «Олими забоншинос ва инсони комил», «Забон ва масъалаҳои таълими он», «Ҷумлаҳои сода дар забони дарӣ», «Наҳви забонӣ дарӣ» ва «Вожаҳои бегона дар соҳаи маориф» дар ин шумор метавон ёдовар шуд. Интихоби мавзӯъ, шеваи нигориш ва сабки баёни андеша барои муаллиф хеле муҳим арзёбӣ мегардад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, то хонандаи нозуктабъ хаста набошаду оинаи хиёлаш занги малол набандад. Пас аз варақгардонӣ чизе фаҳмаду чизе ёд бигирад.

Шахсияти устод Муҳаммадуллоҳи Лутф пеши хонандагони гиромӣ ниёз ба рӯйнамойӣ надорад, аммо осораш, ки дар ғояти рангҳову таровишҳост, моро водор месозад, ки дар канори андеша бошем ва хубиҳоеро ба намоиш бигузорем, ки мебинему эҳсос мекунем. Зеҳн ва хираду заковати устод, ки бо ҷавҳари азалӣ реша дар фарҳанги бумӣ, мероси қадиму навини илмию фарҳангӣ дорад, бо нигариш ва мӯшикофии вижае моро ба ҷаҳони маонӣ, ҳикмати асрҳо ва рисолати аслии инсонӣ-тарбия ошно месозад. Нигоҳи устод яксӯ нест, балки густурдаву зебост ва пероҳани назар чунон рангину дилнишин аст, ки олами тахайюлро ба шӯр меорад ва касро хушгӯю ба оянда хушбин месозад.

Устод дар он бахши навиштаҳо, ки барои кулли мактабиён ва падару модарон аст, ҳамеша саъй варзидааст, то матлаб барои хонанда ошкорою дастрас бошад. Таровиши андеша дар қалами устод чун борони раҳмати найсон ба мағзу устухони кас таровату ҳаловат мебахшад. Домани сухан дар паҳнои андеша шукуфарез аст. Розҳо бо дилрабоӣ дар чаманистони хаёл ҷилвагаранд. Пероҳани калом рангин буда, мувофиқи вазъу ҳол ва фаслу сол дигар мешавад ва шукуфаҳо мисли шероза доманашро зеб медиҳанд.

Устод донандаи хуби нозукиҳои забони асли модарист ва дар мавридҳои гуногун мувофиқи ҳол калимаю ибора ва таъбирҳоро устокорона ба кор мебарад, ки хонанда баробари дарёфти матлаби нависанда аз чунин устокориҳо ба завқ низ меояд.

Дастаи аввали чунин устокориҳо истифодаи калимаҳои гуфтугӯйӣ ба шумор мераванд, ки мо аслан ҳар рӯз мешунавем, вале гумон намекунем, ки дар лаҳзаҳои муносиб онҳо метавонанд нозукиҳоеро ифода намоянд, ки ҷиҳати дарки амиқи маънӣ нақши муҳим доранд.

Дар ин сафҳа сухан дар бораи баъзе хусусиятҳои сабки нигориши устод меравад ва ба гунаи мисол номаи охири ӯ «Дили бемор» (Душанбе- 2015, 80 саҳ.) баргузида шудааст, ки бозтобест аз нигоҳи муаллиф ба воқеияти иҷтимоии замон.

«Раиси маҳалла ,ки марди миёнақади ***габдалриш*** аст, тоқат намекунад:...». (С. 5) Тавре ки медонем, ***габдал*** маънии *гафс, анбӯҳ* ва *бисёр*-ро мефаҳмонад ва аслан дар гуфтори одамони одӣ мушоҳида мешавад. Муаллиф онро аз номи раиси маҳалла, ки намояндаи мардуми одист, истифода намудааст. Чунин калимаҳо дар ифодаи маънӣ нишонрас буда, зеҳни хонандаро ба воқеияти тасвир наздик мекунанд.

«– Чӣ ин қадар «фикри ман», «фикри ман» гуфта гапро ғоз медиҳӣ? Тезтар бигу, биравем, аз ахбори телевизор дер намонем, – тоқат накарда, ба суҳбат ҳамроҳ шуд Қобил, ки дар сари санге ***чунгак*** менишаст». (С. 5) Дар ин мисол вожаи ***чунгак*** низ гуфтугӯйӣ буда, ҳолати амал ва ҷойгиршавии ашёро ифода менамояд. Чун одам сари ду по шишта вазнро рӯйи зонуҳо бор мекунад, назар ба ҳолати рост истодан дар ин вазъ хасташавиро камтар эҳсос менамояд. Агар андаке мондашавии пойҳо ҳис карда шавад, онҳо дар ҳолати «фишор рӯйи панҷаҳо» ба навбат дам дода мешаванд. Ҳолати *чунгак* ҳамон вақт истифода бурда мешавад, ки агар замин барои нишастан нобоб (тар, намнок, нопок...) бошад. Дар болои санг низ баҳузур нишастан зарарнок аст. Аз ин рӯ, қаҳрамони мо рӯйи он ***чунгак*** нишастааст.

«Дар ҳамин ҷо ҳама одамони боақл ***гун*** шудаед, маслиҳат диҳед, чӣ кор кунем?» ***Ғун*** ба маънои *ҷамъ* ҳам дар забони адабӣ ва ҳам дар гуфтори одӣ истифода мешавад, вале нисбат ба ҷамъ камтар ба назар мерасад. Ҳарчанд ки дар ҷузъҳои *гунча, гунучин, гунҷоиш* ва ғайра мавриди истифода қарор дорад.

«Ту ташвиш накаш. … Як сол боз пули нафақаамро ***гунча кардам.*** Ана, дар саисхона як аспи ***бузӣ*** ҳам дорам». (С. 11) Дар ин ҷо низ ба маънии *ҷамъ кардан* хеле шинам афтодааст. Калимаи ***бузӣ***, ки аслан ифодагари сифати ашёст, бештар дар миёни мардум ба асп хос аст. Зеро медонем, ки дар мусобиқаҳои бузкашӣ ҳар гуна асп ба кор намеравад, балки аспе метавонад ширкат кунад, ки бардам, бақувват, чусту чолок ва озмудашуда аст ва онро ***аспи бузӣ*** мегӯянд.

«Бобои Сангин, ки навакак сари дартурхон нишаста, ***нолае*** ба даҳон бурда буд, карахт шуд». (С. 10). Калимаи ***нола*** аслан ***навола*** аст, ки ҳаммаънои *луқма, тика, бурда (бурида)* дониста мешавад, вале дар корбурди маҳал дар чунин шакл мавриди истифода қарор мегирад.

«– Биё, дар ин харак шинем, хеле ***бефараҳ*** шудам». (С. 14). ***Бефараҳ шудан***, ки маънии *хаста, монда, бемадор* шудан ва амсоли инҳоро мефаҳмонад, дар шакли *бефара* низ дар маҳалот мавриди истифода қарор дорад. Он дар мавриде ба кор бурда шудааast, ки академик Шарифӣ бо Ҳомид суҳбат дорад ва медонад, ки ин вожа барои гӯши Ҳомид хушоянд аст.

«Бобои Ҳомид, бигӯед, …чӣ хел Шамсро ба мактаби русӣ бурдед? – Бисёр ***эзмагӣ*** накунед, – мегуфт Ҳомид, – ин қиссаҳоро сониш ба чандин бор шунидаед» (С.18). ***Эзма*** одами хира ва якравро мегӯянд, ки барои хурду калон, таҳсилкардаву нохонда ҳам фаҳмост. Вале гап дар сари ин аст, ки ҳар як вожа оҳанг ва ҳамчун тир нишони худро дорад. Калимаи ***эзма*** баробари садо додан вокуниши хос дошта, ҷамоатро ба шӯр меорад. Бубинед, баъди бачаҳоро ***эзма*** гуфтани Бобои Ҳомид онҳо бештар шавқманд мешаванд, ки бобо барояшон қиссаҳои дилҳоҳашонро нақл намояд.

«Шамс ҳам бедор шуд. Дасту рӯ шӯстанд, ***таҳтул*** карданд» (С. 36). Дар ин ҷумла калимаи ***таҳтул*** ба маънои субҳона истифода шудааст, ки аслан дар гӯиши маҳалҳои ҷануби ватанамон роиҷ аст. Баъзан ин калима дар радифи ҳамраво ва ҳаммаъниҳои худ мисли *наҳорӣ, обчинак, ноништа* ба кор бурда мешавад.

*«*Рангу рӯйи Максим ***пуркида*** буд, бадан аз ҳарорат меларзид*»(С. 54).* Ҳарчанд ки ***пуркида*** моли шева аст, маънии он дар матн мутобиқи ҳол зуд фаҳмида мешавад. Хонанда медонад, ки дар ҳолати тарсу дард ранги рӯйи бемор парида, вазъаш ташвишовар мегардад. Ин ҳолатро *рангпаридагӣ ва баъзан пукидагӣ* ҳам мегӯянд.

«– Ин ***гардсӯз*** аст. Аз орду об мепазанд. Агар ба ҷойи об шир андозӣ, бамazzатар мешавад. Ин ширқатӣ аст. Шири буз. Ана, ҳо ҳамон бузи сафеди шохдор» (С.67). ***Гардсӯз*** ғизоест, ки аслан аксари хонаводаҳои тоҷик ҳангоми субҳона онро истеъмол мекунанд ва муаллиф тавре ки мебинед, онро худ сифат кардааст.

Гузашта аз ин, дар матни «Дили бемор» ибораҳоеро дидан мумкин аст, ки ҳамчунин дар ифодаи маънӣ ва баёни ҷолибу ҷозиб барои муаллиф имконоти фаровон фароҳам кардаанд.

«Даллол дасти фурӯшандаю харидорро гирифта, ***бурд барака*** эълон кард» (С.13). Дар бозорҳои фурӯши чорво ва ҳам мошин даллолҳо афроде ҳастанд, ки барои ба мувофиқа расонидани харидору фурӯшанда дасти онҳоро дошта, тезтар розӣ шаванд, гуфта, такидану афшондан мегиранд. Чун савдо пухт, барои ин хизматашон ҳаққи худро мерӯёнанд. Чунин даллолигариҳои касбӣ собиқаи тӯлонӣ дорад ва даллолон аслан мардуми ҳушёру чолоканд ва хирагӣ ҳам мекунанд. Баъзан барои манфиат шуда, харидорро фиреб ҳам медиҳанд. Ин фиреб дар шакли тавсифи аз ҳад зиёди моли фурӯхташаванда сурат мегирад, ки баъзан оқибатҳои нохӯш ҳам ба бор меорад.

Латифа: Афандӣ харашро ба бозор мебарад. Даллоле пайдо шуда, харро чунон тавсиф мекунад, ки Афандӣ ба суханҳои ӯ бовар карда, мегӯяд: «Агар харам чунин аст, онро ҳаргиз нахоҳам фурӯхт».

« ***Ба шумо ҳаёти зиндагӣ диҳад***, Ҳомидҷон, агар ҳа гӯйӣ, ман посбони боғ- ҳамон бобои Сорбонро гирифта, хостгорӣ меравем. Вай ***аҷали сухан***, дар ин корҳо ***устухон надорад***». (С.16) ***«Ба шумо ҳаёти зиндагӣ диҳад»-*** ифодаест, ки аслан барои ноаён кардани лаҳзаҳои нодаркори ист ҳангоми гуфтугӯ, ҷалб намудани таваҷҷуҳи шунаванда ба кор бурда мешавад, ва маънои сиҳату саломат бошед- ро дорад. Он гоҳо якҷоя бо

мадкашӣ низ истифода мешавад. Баъзеҳо ифодаҳои «*хуш, ки бошад»*, «*ин тавр ки бошад»*, «*ҳоло ҳамин тавр гӯй»* ва амсоли инҳоро ҳам ҳини суҳбату чақ-чақ корбаст мекунанд. Одамони донову гапдонро мегӯянд, ки ***ачали гап*** аст. Ин таркиб дар гуфтугӯи миёни хоссу ом хеле маъмул буда, ҳамчун ибораи рехта мавриди истифода қарор мегирад. Ҳамчунин ин гуна шахсонро ***дар гап устухон надорад*** ҳам мегӯянд, ки аслан ҳамравои якдигар буда, суханро оҳанг ва ҷозибаи хос медиҳанд.

Қаҳрамони мо – бобои Ҳомид ***сонеш ба*** гуфтанро дӯст медорад, ва бо ин хислаташ мақбулу писанди аҳли маҳал ва ёрону дӯстон гаштааст.

«Касе намедонад, ки солҳои охир дар гуфтору забонаш таркиби «***сониш ба***» чӣ хел часпид. Худаш ҳам намедонист. Пайхас ҳам намекард, ки чӣ хел ӯ дар аввал, мобайн ва охири ҳар ҷумлааш ин таркибро истифода мебарад. «Ҳамсоя***, сониш ба*** рӯзи якшанбе хонаи Миралӣ гузаред, духтарчаашро мебаровардааст, ***сониш ба***» (С.18) . ***Сонӣ***, ки аз арабӣ гирифта шудааст ва маънои дуюмро дорад, бештар ба сабки гуфтугӯӣ хос аст ва ҳамравои калимаи арабии *баъд* аст. Ин ду калима якҷоя истифода шуда, аломати сакта ва ҳарфи «де» дар калимаи *баъд* талаффуз намешавад. Инчунин ***сониш ба*** ба таври одӣ маънии «*дуюм», «баъд»*- ро далолат менамояд.

«Ба суҳбат овора шуда, ***роҳро хеле арра карданд***» (С.30) Аслан таъбири роҳро *арра кардан* ё *миёнабур кардан* маънии кӯтоҳ кардани онро далолат мекунад, вале дар матни мазкур ҳаминро мефаҳмонад, ки чӣ хел ду нафар суҳбаткунон дурии роҳро эҳсос накарданд ё чӣ хел расиданашонро нафаҳмиданд.

Ҳамин тариқ, истифодаи зарбулмасалу мақолҳо ва ибораҳои рехта дар матни асар боиси таровати хоси баён гардида, даррасии матлаб ва маъниро осон намудааст.

Падидаи дигаре, ки дар «Дили бемор» ба мушоҳида мерасад, насри қофиядорест, ки аз дараҷа ва завқи муаллиф паём дода, забонро муъҷаз ва баёнро дилчаспу гуворо менамояд. Насри нисбатан равону мавзунро дар адабиёти пешин бо номи насри мусаҷҷаъ арҷ мегузоштанд ва осори Саъдиву Ҷомиро намунаи олии он метавон донист. Чун устод Муҳаммадуллоҳи Лутф ба завқ аз ин сарчашмаи ноб сероб аст, тавонистааст, ки бо барчидани калимоти зебову ҳамоҳанг хонандаи азизро аз зебоиҳои сухан бархурдор сохта, дар яъсу шодӣ ӯро шарики қаҳрамонони хеш гардонад. Чунин тарзи баён ва нигориш баракати суханро беш намуда, чу бороне ба ҷисму ҷон меборад ва мазраи ҷону дилро сабз мегардонад.

«Дилоро назар кард, Қумриро дар оғӯши Борон дид. **Ҳар ду** ***ноз мекарданд, дар осмони ҳафтум парвоз мекарданд. Дилоро ақиб гашт, либосҳояшро пӯшиду ҷигаркабоб рафт, гиристу ду дида селоб рафт. Дунё дар назараш танг шуд, ин чӣ расвоию нанг шуд»*** (С.32) . Дилоро, ки бо ҳазорон орзую ҳавас шавҳар намудааст, худро хушбахт медонад, вале чун дугонааш Қумриро дар оғӯши шавҳари ношукри худ мебинад, дилаш аз зиндагӣ сард мегардад ва бидуни ҷангу ҷанҷоли дар чунин лаҳзаҳо хос ба гунае, ки муаллиф ба қалам додаст, онҳоро тарк мегӯяд. Ӯ зани хеле оқил аст, ки вазъиятро тафс надода, аз баҳри чунин шавҳари ҳавасбоз ва дугонаи хиёнаткор мегузарад.

***«…Нисфи шаб Борон омад, на масту на ҳушёр омад. Шалпару беҳолу бемадор омад.*** Дузди зӯр соҳиби гова бастагӣ барин зӯрию қайсарӣ кардан гирифт. «Ҳақ надоштӣ, партофта биёӣ маро! Ба қадри меҳмонии Қумрӣ нарасидӣ! Охир ӯ дугонаи ту буд!» Дилоро тоқат накард.

***– Шаккокӣ накун, бехалаф, бенангу номӯсу холӣ аз магзу ҳадаф. Бирав назди Қумрӣ, ку- ку кунад мисли қумрӣ. Ман дигар тоқати дидан надорам туро!***

***Борон гӯё ин суханро интизор буд, ҳама вуҷудаш аз кина саршор буд, таъна зад:***

***– Ту зани нозо, безурриёт, ду сол боз намезоӣ, ман ҷудо мешавам аз ту.»*** (С.32-33)

***«Ҳай чайлаи боб шуд, ҷойи истироҳату хоб шуд.***

***Дар ҳамин ҷо дарсу китоб мехонданд, дар ҳамин ҷо шеър азёд мекарданд. Нақшаҳо мекашиданд кӯдакона, татбиқ мекарданд бесаброна. Яке худро дар хилъати сафеди табиб медид, дигаре тайи каш пури дафтару китоб муаллими ҳабиб медид. Орзуҳо ширин буданд, нозанину қандин буданд. Максиму Шамс як себу ду кафон буданд.»*** (С.48)

Шамсу Максим ду кӯдаки ғарқи ҷаҳони наврасӣ ва фориғ аз савдои рӯзгор, дар оғӯши табиат, дар чайлаи сохтаи худ гӯё дар қасри бузурге қарор доранд, ки ҳама кор ба коми эшон аст. Ҳарчанд ки Максим дарди дил дорад, вале ҳузури Шамс барои ӯ муҳим арзёбӣ мешавад. Ин дӯстӣ печиши тору пӯдест, ки бе якдигар ҳастиро гум мекунанд. Ин дӯстӣ ва ин гуна орзушиканиҳои кӯдакона дар тасвири муаллиф

тавассути сабку шеваи мавзуну рангин хеле ҷолиб аст ва кӯдакии мову шуморо пеши назар меорад.

***«Ин чӣ гуна кишвар аст, дили сиҳат доштан ҳам дарди сар аст.»***

Гумон мекунам, ки барои хонандаи закӣ ин ҳам наср ва ҳам шеър аст. Шеъре, ки дар ҳадди нафосат, мантиқ ва балоғат гуфта шудаасту саршори панду ҳикмат аст.

***«Узр хост, тавбаҳо кард, сари Шамс гирифту гиряҳо кард. Раҳми Шамс омад. Дили софу поки кӯдаки тоҷик сӯхт. Ба ёд овард: бо Максим ҳар ду аҳди бародарӣ карда буданд, агар ҷон лозим шавад, худгузарӣ карда буданд.»*** (С.57).

***«Ашк рехт - шашқатор, баргирифт дар канор»*** (С.65).

***«– Ду бузгола, – овоз баровард аз хона Соро, – яке сафедак, дигаре алояк. Ҳар ду ҳам балояк»*** (С.67).

***– Ин донишгоҳи тиб аст, бар ҳамагон ҳабиб аст. Машҳур дар дунёст, ба номи Абӯалӣ ибни Синост…***

***Дар даҳлези дармонгоҳи бемориҳои дил модари Шамсро диданд, ки ҳама ҷоро суфраю пок мекард, тоза аз чангу хок мекард.***

***– Ташаккур, устод! Басе шодам, аз ҳар гуна ғам озодам.***

***– Шумо, хола, бе қофия намегӯед сухан.***

***– Мерос аз падари Шамс мондааст. «Сониш ба» мегуфту аз худу аз дигарон соз мекард, қиссаҳо огоз мекард. Зиёд намегуфт, кам мегуфт,ҳай шинам мегуфт.»*** (С.68-69.)

***«– Чӣ ин қадар «фикри ман», «фикри ман» гуфта гапро гоз медиҳӣ? Тезтар бигу, биравем…*** (С.5).

Ба гунае ки мебинем, дар ин порчаҳо сухан гулчин гашта, маонӣ оганда ба латофату балоғат, чун ҷавҳари хиради модарзод сари ҳар шоху навдаи ниҳоли ҳикмат мисли шукуфаҳои «Дили бемор» сурху сапеду арғувонӣ домани ғунча раҳо кардаанд. Ҳар яке олудаи ғаму шодӣ ва баёнгари олами ботину рангини одами хокӣ дар чаманистони хаёлу андешаи устод шарҳи маънӣ мешаванд. Шабнами ашк аз нӯги мижгони қалам рӯйи сафҳа рехта, таровати сапедадам, созу навои андалеб, накҳати ёсу раёҳин, насими фораму атрогини муҳаббат ва арғушти шоху барги долу дарахтро ба ҳам овардааст. Килки баёни устод ба зебонигорӣ одат кардааст ва сеҳри он даракест аз нигоҳи ошиқона, шоирона, орифона ва олимонаи ӯ ба рӯзгори одамон, ки сапед асту сиёҳ.

*Пири моро лаҳни гуфтораш базеб,*
*Шеваи иншои пиндораш базеб.*
*Чун фаришта, чун малоик бетамаъ,*
*Шеваи гуфтору рафтораш базеб.*

**Китобнома***:*


1. Лоиқ Шералӣ. Аввалу охири ишқ. «Маркази фарҳангии арабӣ». Душанбе-1994, с.112
2. Муҳаммадуллои Лутф. «Дили бемор», Нашриёти «Сифат», Душанбе-2015, 80 саҳ.
3. Пандномаи Анӯшервон. «Маориф ва фарҳанг», 2008, С.28


## КРАСНОРЕЧИВЫЙ НАШ УЧИТЕЛЬ


***АМОНИ С.***



Наш учитель Мухаммадулло Луттфуллоев является хорошим знатоком тонкостей родного таджикского языка. Выбирая слов и их назначение по тексту, всегда ему удаётся точно описать обстоятельства и вызвать у читателя чувство удовлетворенности и радости.



***Ключевые слова:*** *Больное сердце, Родина, таджик, природа, река, лекарь, солдат нация, друг, брат.*


## ELOQUENT OUR TEACHER


***AMONI S.***



Our teacher Muhammadullo Luttfulloev is a good connoisseur of the subtleties of the native Tajik language. Choosing words and their purpose in the text, it always manages to accurately describe the circumstances and cause the reader a sense of satisfaction and joy.



***Key words:*** *A bad heart, Homeland, Tajik, nature, river, doctor, soldier, nation, friend, brother.*

## БА МАЪЛУМОТИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи илмии «Илм ва инноватсия» мақолаҳое чоп карда мешаванд, ки онҳо дорои натиҷаи таҳқиқотҳои илмӣ оид ба илмҳои педагогӣ, равоншиносӣ, табиӣ, иқтисодӣ, гуминатарӣ, адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ мебошанд. Ҳангоми ирсоли мақолаҳо муаллифон бояд қоидаҳои зеринро риоя намоянд:

Ҳаҷми мақола якҷоя бо матн, расмҳо,ҷадвал, диаграмма, графика, рӯйхати адабиёт ва матни аннотатсия бо забонҳои русӣ ва англисӣ набояд аз 10 саҳифаи чопи компютерӣ зиёд бошад.

Мақола бояд дар системаи Microsoft Word омода карда шавад. Мақола дар компютер ҳуруфчинӣ гардида (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, фосилаи байни сатрҳо  -1см .,ҳошияҳо: боло  -3см, поён -2,5см, чап -3см, рост -2см;), ҳамаи саҳифаҳо бояд ракамгузорӣ кард шаванд.

Дар саҳифаи якум  унвони мақола, дар сатри дуюм ному насаби муаллиф (муаллифон) нишон дода мешавад. Дар сатри сеюм номгӯи муассасаи таълимӣ, суроға ва e-mail. Баъд аз як фосила матни асосии мақола оғоз меёбад. Дар охири мақола баъд аз рӯйхати адабиёт аннотатсияҳо бо забонҳои русию англисӣ ва калидвожаҳо (8-10 калима) оварда мешавад.

Рӯйхати адабиёт бо тартиби умумӣ баъд аз матни мақола оварда мешавад. Қоидаҳои тартибдиҳии рӯйхати адабиёт бояд риоя карда шаванд.

Мақолаҳои илмие, ки ба  маҷалла супорида мешаванд, бояд хулосаи экспертӣ, маълумотномаи муаллифӣ (барои мақолаҳои силсилаи табиӣ) ва тақризи мутахассисони соҳаро оид ба имконияти чопи он дошта бошанд.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва ислоҳ намоянд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи зерин ҷавобгӯ нестанд, бо пешниҳоди ҳайати таҳририяи маҷалла ба муаллифон  баргардонида мешаванд.

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Наука и инновация» печатаются статьи, содержащие результаты проведенных исследований по  педагогическим наукам.

При направлении  статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

1.Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотации на таджикском, русском, персидском и английском языках.

2.Статья должна быть подготовлена в системе Microsot Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура  Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее-2,5 см, левое -3см, правое-2см:), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилия автора (авторов). Ниже название организации, адрес. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи приводятся ключевые слова (до 10 слов на тадж. рус. и анг.яз.).

Ссылки на цитируемую литературу даются в скобках, например (12.с.42). Список литературы приводится общим списком после ключевого слова (под заголовком «Литература») в порядке упоминания в тексте.

К статье прилагается разюме на таджикском,   русском и английском языках с указанием названия статьи. Текст разюме приводится в конце статьи после списка использованной литературы.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

**Масъули чоп**: ***Н. МУҲАММАД***

**Муҳаррири матни русӣ**: ***ҶОНМАҲМАДОВА Г.Ш.***

**Муҳаррири матни англисӣ**: ***ЛУТФУЛЛОЕВА П.***

**Ҳуруфчини компютерӣ:** ***Р. МУЗОФИРОВА***

**Саҳифабанд:** ***Р. ҲАЙДАРОВ***

**Ответственый секретарь**: ***Н. МУХАММАД***

**Редактор русского текста:** ***ДЖОНМАХМАДОВА Г.Ш.***

**Редактор английского текста:** ***П.ЛУТФУЛЛОЕВА***

**Компьютерный набор:** ***Р. МУЗОФИРОВА***

**Верёстка:** ***Р. ХАЙДАРОВ***

*Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Пажӯҳишгоҳи рушди маориф,*
*шаҳри Душанбе, хиёбони С. Айнӣ, 45*

*Институт развития образования АОТ, г. Душанбе, пр.С. Айни,45*

*Ба матбаа ** супорида шуд. Ба чопаш *** имзо шуд.Когази офсетӣ. Андозаи 60x84 1/16*
*11,5 ҷузъи чопӣ. Теъдод 100 нусха. Супориши №*

*Дар нашриёти «Сифат» чоп шудааст.*
*ш. Душанбе, хиёбони С. Айнӣ, 45*